КДБА

Кумитаи Доимии Байниагентӣ

# Роҳнамои КДБА оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда






# Роҳнамои КДБА оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда

КДБА

Кумитаи Доимии Байниагентӣ

© Кумитаи доимии байниагентӣ 2007

Кумитаи доимии байниагентӣ (КДБА) дар соли 1992 дар натиҷаи Қатъномаи 46/182 ассамблеяи генералӣ, ки барои таҳкими ҳамоҳангии кӯмаки башардӯстона қабул гардид, таъсис ёфтааст. Қатънома КДБА-ро ҳамчун механизми ибтидоии тасмимгирии байниагентӣ барои амалҳои ҷавобӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ва офатҳои гуногуни табиӣ таъсис додааст. КДБА аз ҷониби роҳбарони як қатор ташкилотҳои башардӯстонаи вобаста ва ё новобаста аз СММ ташкил шудааст. Барои маълумоти бештар оид ба КДБА, лутфан ба вебсайти он муроҷиат намоед:
http://www.humanitarianinfo.org/iasc

Ин нашрияи КДБА бо забонҳои гуногун пешниҳод мегардад ва дар вебсайти КДБА дастрас мебошад: http://www.humanitarianinfo.org/iasc/content/products
Акси саҳифаи муқова: © Кумитаи наҷоти Байналмилалӣ
Манбаъ:
Кумитаи доимии байниагентӣ (КДБА) (2007). Роҳнамои КДБА оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда. Женева: КДБА.
Барои илова ё пешниҳодот доир ба такмили ин нашрия, луфтан ба суроғаи зерин паёми электронӣ фиристед: iaschpss@interaction.org.

Роҳнамои мазкур мустақилона аз ҷониби Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон бо дастгирии Хазинаи кӯдакони Сомони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) тарҷума карда шуд. Чопи мазкур нашри расмии Кумитаи доимии байниагенӣ (КБДА) ба шумор намеравад.
Роҳнамои КДБА оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ба забони тоҷикӣ дар соли 2014 аз ҷониби Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон ба нашр расид. Тарҷумаи матн аз забони англисии “IASC Guidelines on Mental Health and Psychosocial Support in Emergency Settings” буда, ки бори аввал соли 2007 таҳти феҳристи чопии ISBN 978-1-4243-3444-5 ба нашр расидааст.
Маълумот барои тамос: Дафтари ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Бохтар 37/1, телефонҳо: +992 44 600 01 90/91/92/94/95, почтаи электронӣ: Dushanbe@unicef.org

## Сарсухан

Кумитаи доимии байниагентӣ (ҚДБА) ин роҳнаморо барои ёрӣ расонидан ба фаъолони кӯмаки башардӯстона оиди банақшагирӣ, таъсис додан ва ҳамоҳанг намудани маҷмӯи ҳадди ақали аксуламали бисёрсоҳавӣ барои ҳифз ва таҳкими солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоии одамон ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда ба табъ расонидааст.

Одамони таҳти таъсири ҳолатҳои фавқулодда қарордошта, доимо азоби ғайримуқаррариро аз сар мегузаронанд. Фаъолони кӯмаки башардӯстона барои ҳифз ва таҳкими солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоии одамон дар давоми ҳолатҳои фавқулодда ва баъд аз он хеле фаъол ҳастанд. Норасоии аз ҳама муҳим, ба ҳар ҳол, набудани чорчӯбаи бисёрсоҳавии байниагентӣ мебошад, ки ҳамоҳангсозии муассирро дастрас намуда, равишҳои фоидаоварро муайян мекунад, тамоюлҳои нисбатан зарароварро аломатгузорӣ ва ошкор месозад ва муайян менамояд, ки чӣ тавр равияҳои гуногун дар солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ якдигарро такмил медиҳанд.

Роҳнамо тавсияҳои заруриро дар бораи тарзи осонсозии ҳамгароӣ дар ҳолатҳои хеле шадиди мушкилиҳои пешомадаи солимии равонӣ ва беҳбудии равонию иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод менамояд.

Ман мехостам ба аъзоёни гурӯҳи кории ҚДБА оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ва махсусан аъзоёни ҳайати роҳбарикунандаи гурӯҳи корӣ, ТУТ ва ҳамкорон барои ноил гардидан ба тавофуқи умумӣ оид ба аксуламали ҳадди ақал дар ин соҳаи муҳими кӯмаки башардӯстона миннатдорӣ баён намоям.

Ман ба ҳамаи онҳое, ки дар кӯмакрасонии башардӯстонаи таҳияи ин роҳнамо саҳм доштанд муроҷиат менамоям.

**Касидис Рочанакорн (имзо)**
Раис, Гурӯҳи кории кумитаи доимии байниагентӣ
Директор, ОСНА Женева

# Сипосгузорӣ

Гурӯҳи кории кумитаи доимии байниагентӣ дар бораи солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ба ҳамаи онҳое, ки дар таҳияи ин роҳнамо ҳамкорӣ карданд ташаккури худро баён мекунад. Ва махсусан ба агентиҳои зерин, ки аъзои гурӯҳи корӣ буданд ва кормандони онҳо дар таҳияи ин роҳнамо саҳм доштанд изҳори миннатдорӣ менамоянд:

Фаъолият бар зидди гуруснагӣ (ACF) Ҳамкорӣ (Аъзоёни ҳайати роҳбарӣ), тавассути:

- Салиби сурхи Амрико (ARC)
- Фонди кӯдакони масеҳӣ (CCF)
- Комиссияи байналмилалии муҳоҷирати католикон (ICMC)
- Гурӯҳи Байналмилалии Тиббӣ (ImC)
- Кумитаи наҷоти Байналмилалӣ (IrC)
- Ҳайати Шафқат
- Наҷоти кӯдакони ИМА (SC-USA)

Шабакаи байниагентӣ оид ба таълиму тарбия дар ҳолатҳои фавқулодда (INEE)

Анҷумани байналмилалии агентиҳои ихтиёрӣ (ICVC), тавассути:

- Фаъолияти кӯмаки байналмилалӣ
- Ҳифзи Австрия
- Шабакаи солимии-TPO
- Табибони ҷаҳон (Médicos del Mundo MdM-Испания)
- Табибон бидуни марз, Голландия (ТБ-Голландия)
- Оксфам, Британияи Кабир
- Боварӣ ба таълиму тарбияи Муҳоҷирон (RET)
- Наҷоти кӯдакони Шоҳигарии Муттаҳида (SC-UK)

Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои салиби сурх ва ҳилоли аҳмар (IFRC)

Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират (IOM)

Идораи ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстона (OCHA)

Хазинаи кӯдакони СММ (UNICEF)

Комиссарияти Олии СММ оид ба муҳоҷирон (UNHCR)

Фонди аҳолии СММ (UNFPA)

Барномаи озуқаи ҷаҳонӣ (WFP)

Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) (Аъзои ҳайати роҳбаркунанда)

Ба шӯъбаи солимии равонии ТУТ (аз ҷониби ҳукумати Италия сармоягузорӣ мешавад) барои маводи истифодашуда ва Фонди кӯдакони масеҳӣ барои дастрас намудани кормандони касбу кори гуногун барои таҳияи ин лоиҳа миннатдорӣ баён менамояд.

Гурӯҳи корӣ барои пешниҳодҳои доир ба версияҳои

қаблии ҷадвал ва/ё лавҳаҳои фаъолияти интихобшуда пешниҳоднамудаи доварон аз ташкилотҳои зерин миннатдор аст:

Ташкилотҳои ғайриҳукматӣ: Шабакаи рушди Оғохон; Фонди Антарес; Салиби сурхи Австрия; Ниёзҳои аввалия; Ғамхории ИМА; Фонди кӯдакони Афғонистон; Кӯмаки калисои Шведсия; Хадамоти ҷаҳонии калисо; Хадамоти Байналмилали ҷомеа ва оила; Кӯдакони муҳоҷири ҷаҳон; Фонди ҷаҳонӣ; Дастовардҳои ҷаҳонии равонию иҷтимоӣ; Монеаи Байналмилалӣ; Институти Ҳедингтон; Созмони мониторинги ҳуқуқи инсон; Фонди таъсир; Фонди байналмилалии ҳолати шадиди фишори равонӣ; Шӯрои байналмилалии барқарорсозии қурбониёни шиканҷа; Хадамоти Муҳоҷирати Юсувӣ; Табибони бидуни марзи Швейтсария; Табибони бидуни марзи Испания; Шӯрои муҳоҷирати Норвегия; Ҷомеаи ҳилоли аҳмари Фаластин; Мардум дар кӯмак; Барномаи равонию иҷтимои "Чиапас"; Равоншиносони ҷаҳонӣ; Фонди ПУЛИҲ Индонезия; Муҳоҷирони Байналмилалӣ; Маркази Сагадз Гоа; Институти Африкаи ҷанубӣ доир ба стрессҳои осебовар; Марҳилаҳои машварати иҷтимоӣ; Хадамоти муҳоҷирони масеҳии Танганйика; Фонди сайёраи одамон; Фонди кӯдакон ва ҷанг; Ҷомеаи ҳилоли аҳмари Туркия; Кӯдаки ҷанг - Голландия. Донишгоҳҳо: Донишгоҳи Бирзеити Соҳили ғарбӣ; Донишгоҳи Бостон; Донишгоҳи Колумбия; Донишгоҳи Гарвард; Донишгоҳи Ҷонс Ҳопкинс; Институти Каролинска; Донишгоҳи иёлати Кент; Коллеҷи Кингс; Мактаби тандурустӣ ва тибби тропикии Лондон; Донишгоҳи Нортумбрия; Коллеҷи Помона; Донишгоҳи иёлати Сан Хосе; Донишгоҳи иёлати Ню-Йорк; Донишгоҳи хадамоти формаи якхелаи илмҳои тандурустӣ; Донишгоҳи Коломбо; Донишгоҳи Женева; Донишгоҳи Ҷаффна; Донишгоҳи Лунд; Донишгоҳи Мериленд; Донишгоҳи Мелбурн; Донишгоҳи Ню Соуз Велз; Донишгоҳи Оксфорд; Донишгоҳи Пенсилвания; Донишгоҳи Дакотаи ҷанубӣ; Донишгоҳи Вестерн Сидней; Донишгоҳи Филиппин; Донишгоҳи Виктория; Донишгоҳи Вриҷеи Амстердам; Донишгоҳи Вгенинген.

Дигарон (масалан, анҷуманҳои касбӣ, агентиҳои ҳукуматӣ, Консортсиумҳо, шабакаҳо): Анҷумани равонии Амрико; Анҷумани равоншиносии Амрико; Шабакаи коҳиши зарари Осиё; Қувваҳои хадамоти солимии рӯҳии Канада;

Хуҷраҳои тиббии изтирорӣ ва равонӣ – САМУ Париж; Маркази тиббии Саинт Анне; Маркази мониторинг ва пешгирии беморӣ (CDC); Консортсиуми созмонҳои башардӯстонаи Шри Ланка; Гурӯҳи машваратии муроқибати зуддҳангом дар кӯдакӣ; Шӯъбаи хизматрасониҳои инсонӣ, Мелбурн; Анҷуманҳои федератсияи равоншиносони Аврупо; Ташкилоти ғизо ва кишоварзии СММ (FAO); Маркази юнонии солимии равонӣ; Гурӯҳи Барқарорсозии бармаҳали ҚДБА; гурӯҳи солимии ҚДБА; ҚДБА, Гурӯҳи ҳамоҳангсозии истиқоматгоҳ ва идоранамоии истиқоматгоҳ; Шабакаи Ибороамрикоии Эко-Биоэтикии таълиму тарбия, Илм ва Технология; Иттиҳодияи байналмилалӣ оид ба солимии рӯҳии кӯдакону наврасон ва мактабҳо; Анҷумани байналмилалии равондармонии кӯдакону наврасон ва касбҳои ягона; Ҷомеаи байналмилалии омӯзиши стрессҳои осебовар; Ҳамкорӣ: Маҷаллаи байналмилалии солимии равонӣ, Кори равонию иҷтимоӣ ва машварат дар минтақаҳои даргирии мусаллаҳона; Воҳиди кӯмаки равонӣ ва ҳамоҳанги Мангров; Вазорати тозагии Эрон; Вазорати тандурустии Шри Ланка; Равоншиносони салоҳиятдории иҷтимоӣ; Гурӯҳи кории равоншиносӣ; Амалиёти кӯмаки равонӣ барои кӯдакони гирифтори СПИД, Фақр ва даргирӣ (ТКРМ); Ташкилоти таълиму тарбия, илм ва фарҳанги СММ (ЮНЕСКО); Агентии Рушди байналмилалии ИМА; Анҷумани ҷаҳонии тавонбахшии равонӣ; Федератсияи ҷаҳонии солимии равонӣ; Федератсияи ҷаҳонии Табибони касбӣ; Анҷумани ҷаҳонии равоншиносон.

Гурӯҳи корӣ ба Кумитаи наҷотдиҳии байналмилалӣ ва Фонди Терра дес Ҳоммес барои чопи бастаи саломатӣ, ба ҚДБА, UNICEF, UNHCR ва IFRC барои сармоягузорӣ ва чопи ин роҳнамо ташаккур баён менамояд.

# Ҷадвали мундариҷа


**Сарсухан ……………………………………………………………iii**

**Сипосгузори.....................................................................................iv**

**Фасли 1. 1 Муқаддима**

Пешгуфтор……………………………………………………….……1

Солимии равонӣ ва таъсири равонии ҳолатҳои фавқулода……......2

Роҳнамо………………………………………………………………6

Тарзи истифодаи ин ҳуҷҷат……………......……………………........…9

Принсипхои асосӣ...........................................................................11

Саволҳое, ки бештар пурсида мешаванд………………......…… 19

**Фасли 2. Ҷадвали фаъолиятҳо…………...................……………23**

**Фасли 3. *Лавҳаҳои* фаъолият барои ироаи аксуламали ҳадди ақал…..................................................................................................… 37**

**Ҳамоҳангсозӣ**

1.1: Таъсис додани ҳамоҳангсозии байнисоҳавии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ………………………………..…40

**Баррасӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ**

2.1: Тарзи баррасии масъалаҳои солимии равонӣ ва масъалаҳои психологию иҷтимоӣ....................................................................................... 45

2.2: Ташкили системаҳои мониторинг ва баҳогузорӣ дар иштироки якҷоя………………............................................................................... 54

**Стандартҳои ҳифз ва ҳуқуқи инсон**

3.1: Истифодабарии чорчӯбаи ҳуқуқи инсон дар солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ……………..........................…………59

3.2: Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба хатарҳо ва нокомиҳо тавассути низоми ҳифзи иҷтимоӣ…...........……65

3.3: Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба хатарҳо ва зӯроварӣ тавассути ҳифзи қонунӣ……………........………73

**Захираҳои инсонӣ**

4.1: Муайянсозӣ, бакорҷалбнамоӣ ва вазифадор намудани ихтиёриёне, ки бо фарҳанги маҳаллӣ ошно ҳастанд……..........………80
4.2: Ҷорӣ намудани кодексҳои кормандон бо роҳнамои одобу рафтор……….........................................................................……. 85
4.3: Ташкили ҷаласаҳои шиносоӣ ва омӯзишҳо барои кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ………............................................................…… 90
4.4: Пешгирӣ ва идоракунии мушкилоти марбут ба солимии равонӣ ва беҳбудии психологиву иҷтимоӣ дар байни кормандон ва ихтиёриён………………...............................................…………….. 97

**Сафарбарсозии ҷомеа ва кӯмак**

5.1: Осонсозии шароитҳои сафарбарнамоии ҷомеа оид ба азхудкунӣ ва мониторинги ҳолати фавқулодда ва амалҳои ҷавобӣ дар ҳамаи бахшҳо……………………….................................................…… 104
5.2: Осонсозии равиши худкӯмакрасонӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ…..….111
5.3: Осонсозии шароитҳои мувофиқи фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ барои таҷрибаҳои барқарорсозӣ…......................................……118
5.4: Осонсозии пуштибонии кӯдакони хурдсол (0-8 сола) ва парасторони онҳо……….....................................................…… 123

**Хизматрасониҳои тиббӣ**

6.1: Шомил сохтани равишҳои махсуси психологӣ ва иҷтимоӣ барои таъмини солимии умумӣ………..............................................…130
6.2: Таъмини дастрасӣ ба нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти шадиди равонӣ ………….......................................…………138
6.3: Ҳифз ва нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти шадиди равонӣ ва дигар мушкилиҳои равониву асабӣ, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд...................................................148
6.4: Гирифтани маълумот аз системаҳои тиббии маҳалливу анъанаӣ ва дар ҳолатҳои мувофиқ ҳамкорӣ намудан бо онҳо……..........……153
6.5: Ба ҳадди ақал расонидани зарари алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодаи дигар маводҳо……….................................……160

**Маориф**

7.1: Мустаҳкамкунии дастрасӣ ба таълиму тарбияи бехатар ва кӯмакрасон……….......................................................................... 167

**Паҳн намудани иттилоот**
8.1: Маълумотдиҳӣ ба аҳолии зарардида дар бораи ҳолати фавқулодда, кӯшишҳои имдодӣ ва ҳуқуқҳои онҳо ……………..…… 176
8.2: Таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил………...............................................… 182

**Амнияти ғизоӣ ва озуқа**
9.1: Ворид намудани ҷанбаҳои хоси иҷтимоӣ ва психологӣ (кӯмаки бехатар барои ҳама бо назардошти таҷрибаҳои фарҳангӣ ва нақши оиладорӣ) дар таъмини ғизо ва тағзия…..............................................188

**Банақшагирии паноҳгоҳ ва маҳал**
10.1: Ворид намудани ҷанбаҳои хоси иҷтимоӣ (кӯмаки бехатар, олӣ, аз нигоҳи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ) ҷиҳати банақшагирӣ ва таъмин намудани паноҳгоҳ ба ҳамоҳангсозии мувофиқ……........…194

**Об ва Ҳолати санитарӣ**
11.1: Ворид намудани ҷанбаҳои хоси иҷтимоӣ (дастрасии бехатар ва аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ барои ҳама) барои таъмини об ва ҳолати санитарӣ………………………...............................................…… 200

ФАСЛИ 1

# Муқаддима

# Пешгуфтор

Даргириҳои мусаллаҳона ва офатҳои табиӣ ба одамони гирифтори мушкилоти равонӣ таъсири бузурги равонӣ ва иҷтимоӣ мерасонанд. Таъсироти иҷтимоиву психологии ҳолатҳои фавқулодда метавонанд шадид аммо кӯтоҳмуддат бошад, вале онҳо ҳамчунин метавонанд солимии равонӣ ва некуаҳволии психологиву иҷтимоии аҳолиро ба муддати дароз тахти таъсир қарор диҳанд. Ин таъсирот метавонанд ба сулҳ, ҳуқуқҳои инсон ва рушд хатарнок бошанд. Бинобарин, яке аз ҷанбаҳои афзалиятноки кор дар ҳолатҳои фавқулодда ҳифз ва таҳкими солимии равонӣ ва некуаҳволии психологиву иҷтимоии одамон мебошад. Дастёбӣ ба ин афзалият ҳамоҳангии амалҳои тамоми фаъолони кӯмаки башардӯстонаи ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматиро талаб менамояд.

Яке аз камбудиҳои асосӣ, ба ҳар ҳол, мавҷуд набудани як чорчӯбаи бисёрсоҳавӣ ва байнисохторӣ мебошад, ки ҳамоҳангсозии таъсиргузорро дастрас намуда, таҷрибаҳои фоидаоварро муайян мекунад, равишҳои нисбатан зарароварро коҳиш медиҳад ва чигуна таҳким бахшидан ба солимии равонӣ ва кӯмаки иҷтимоиву равонӣ аз ҷониби равишҳои гуногунро аён менамояд. Ҳадафи ин ҳуҷҷат муайян кардани ин камбудиҳо мебошад.

Ин роҳнамо нуқтаи назари муҳаққиқони соҳибтаҷрибаро аз минтақаҳои гуногуни ҷуғрофӣ, низомҳо ва соҳаҳо инъикос менамояд ва як раҳёфти навини аз таҷрибаҳои муваффақи муҳаққиқон асосёфтаро намоиш медиҳад. Ақидаи асосӣ дар атрофи онҳо ин мебошад, ки дар марҳилаи зудҳангоми ҳолати фавқулодда, дастгириҳои иҷтимоӣ барои ҳифз ва дастгирии солимии равонӣ ва некуаҳволиии иҷтимоиву психологӣ зарурӣ мебошанд. Илова бар ин, роҳнамо фаъолиятҳои психологӣ ва равонии интихобшударо барои мушкилоти махсус тавсия медиҳад.

**Дар ин ҳуҷҷат истилоҳи мураккаби солимии равонӣ *ва дастгирии иҷтимоиву психологӣ* барои шарҳ додани ҳамагуна кӯмаки дар сатҳи маҳал ва ё берун аз он расонидашавандаи ба ҳифз ва ё таҳкими сиҳатии равонӣ ва ё пешгириию муолиҷаи мушкилоти равонӣ нигаронидашуда, мавриди истифода қарор мегирад.** Ҳарчанд ки истилоҳҳои солимии равонӣ ва дастгирии иҷтимоиву психологӣ хеле ба ҳам наздик ва алоқамананданд, онҳо бахри инъикоси гуногунии равишҳои дастгиирӣ, барои кормандони нав ба кор ҷалбшуда истифода шудаанд.

Созмонҳои кӯмакрасони берун аз соҳаи тандурустӣ ба ифодаи дастгирии некӯаҳволии психологиву иҷтимоӣ бештар майл доранд. Сохторҳои соҳаи тандурустӣ, дар навбати худ ифодаи солимии равониро, ки собиқаи таърихӣ дорад, бештар меписанданд ва ҳамчунин истилоҳҳои офиятбахшии иҷтимоиву равонӣ ва дармонбахшии иҷтимоиву равониро барои шарҳ додани фаъолиятҳои ғайрибиологии ба одамони дорои мушкилоти равонӣ нигаронидашуда истифода мебаранд. Фаҳмиши дақиқи ин истилоҳот дар байни ташкилотҳои кӯмакрасон, низомҳо ва кишварҳо ва ҳатто дар дохили онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳамчун ҳуҷҷати мазкур роҳнамои байнисоҳавӣ ва байнисохторӣ буда, истилоҳи мураккаби солимии равонӣ ва дастгирии иҷтимоиву психологӣ (СРДПИ) ҳамчунин барои то ҳадди имкон муттаҳид кардани як гурӯҳи васеи фаъолон мебошад ва ба зарурати гуногунсозӣ, равишҳои мукаммал дар дастгириҳои мувофиқ таъкид менамояд.

Далели илмӣ, ки таъсирбахш будани солимии равонӣ ва дастгириҳои психологиву иҷтимоиро дар ҳолатҳои фавқулодда собит намояд, ҳоло ҳам каманд. Аксарияти таҳқиқот дар ин самт чандин моҳ ё сол баъд аз ба охир расидани марҳилаи шадиди ҳолати фавқулодда анҷом дода шудаанд. Дар ҳолати рушди ин соҳа, асоси таҳқиқот густариш ёфта, ҳамчунин асоси таҷрибаи соҳавии муҳаққиқон низ мустаҳкам мегардад. Барои фаро гирифтани раҳёфтҳои навин ин дастур бояд ба таври мунтазам навсозӣ шавад.

## Солимии равонӣ ва таъсири равонии ҳолатҳои фавқулодда

### Мушкилот

Ҳолатҳои фавқулодда доираи васеи мушкилоти азсаргузаронидашудро дар сатҳи шахс, оила, ҷомеаи маҳал ва умуман иҷтимоъ ба вуҷуд меорад. Дар ҳар сатҳ, ҳолатҳои фавқулодда ба таври оддӣ кумакҳои муҳофизатиро таҳти таъсир қарор дода, хатари мушкилоти гуногунро афзоиш медиҳанд ва тамоюл ба тақвияти мушкилоти қаблан вуҷуддоштаи аз ноадолатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ асосёфта дорад. Масалан, офатҳои табиӣ аз он ҷумла обхезиҳо одатан бештар, ба мардуми фақир зарар мерасонанд, яъне ба онҳое, ки маҷбуранд дар ҷойҳои нисбатан хатарнок зиндагӣ кунанд.

Солимии равонӣ ва мушкилоти психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда бо ҳам алоқамандии зиёд доранд ва ҳатто

метавонанд аз лиҳози табиати иҷтимоӣ ё психологӣ асосӣ бошанд. Мушкилоти нисбатан асосии табиати иҷтимоидошта иборат аст аз:

• Мушкилоти иҷтимоии қаблан (пеш аз ҳолати фавқулодда) низ вуҷуддошта (масалан, фақри шадид; мансубият ба гурӯҳи табъиз ва ё ҷудошудаи аҳолӣ; зулми сиёсӣ);

• Мушкилоти иҷтимоии дар асоси ҳолати фавқулодда сарзада (масалан, ҷудошавии оила; барҳам хӯрдани шабакаҳои иҷтимоӣ; вайрон шудани сохторҳои ҷомеъа, захираҳо ва боварӣ; афзоиши зӯровариҳои заминаи гендеридошта); ва

• Мушкилоти иҷтимоии кӯмаки башардӯстона (масалан, сустшавии сохторҳои ҷомеа ё механизмҳои дастгирии анъанавӣ).

Ба ҳамин монанд, мушкилоти асосии табиати психологидошта иборатанд аз:

• Мушкилоти қаблан вуҷуддошта (масалан, вайроншавиҳои равонӣ; майзадагӣ);

• Мушкилоти дар асоси ҳолати фавқулодда бавуҷудомада (масалан, ғаму ғусса, азоби ғайрипатологӣ; фишори равонӣ ва мушкилоти изтиробӣ, аз ҷумла вайроншавиҳои стрессии баъди осеб (ВСБО)); ва

• Мушкилоти вобаста ба кӯмаки башардӯстона (масалан, изтироб аз сабаби норасоии иттилоот дар бораи таъмини ғизо).

Бинобар ин, солимии равонӣ ва мушкилоти психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда бештар аз таҷрибаи кор бо ВСБО -ро дар бар мегирад.

**Одамони гуруҳи ба хатар ҳассос**

Ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда, на дар ҳама мушкилоти ҷиддии равонӣ инкишоф меёбад. Аксари одамон мутобиқшавиеро нишон медиҳанд, ки қобилияти нисбатан хуби муқобилият дар ҳолатҳои бадбахтӣ мебошад. Омилҳои гуногуни баҳамалоқаманди иҷтимоӣ, психологӣ ва биологӣ мавҷуданд, ки ҳам ба инкишофи мушкилоти равонии одамон таъсир расонда, ҳам ба омодагӣ ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо бадбахтӣ мусоидат мекунанд.

Вобаста ба мӯҳтавои ҳолати фавқулодда, гурӯҳҳои ҷудогонаи одамон нисбати хатари иҷтимоӣ ва/ё мушкилоти равонӣ ҳассосияти баланд доранд. Ҳарчанд ки аксарияти шаклҳои асосии дастгирӣ бояд ба таври умумӣ ба аҳолии аз ҳолати фавқулодда зарардида дастрас бошад, барномарезии хуб дар ин самт шахсонеро фаро мегирад, ки онҳо таҳти хатари бештар қарор доранд ва онҳоро бояд

дар ҳар як ҳолати фавқулоддаи ба амал омада муайян созанд (ниг. фасли 3, *Лавҳаи фаъолияти 2.1.*).

Ҳамаи зергурӯҳҳои аҳолӣ вобаста ба хусусияти бӯҳрон метавонад шадидан дар хатар бошад. Мавридҳои зерин гурӯҳҳои одамонеро нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои мухталифи фавқулодда ба таъсири хатари мушкилоти гуногун бештар ҳассос мебошанд:

• Занон (масалан, занони ҳомила, модарон, модарони танҳо, занҳои бева ва дар баъзе маданиятҳо, занони болиғи оиладорнашуда ва духтарони ҷавон);

• Мардон (масалан, собиқадорони ҷанг, мардони бекор, ки воситаҳои нигоҳубини оилаи худро аз даст додаанд, мардҳои ҷавони дар хатари боздошт, дуздӣ ё гирифтори ҳадафҳои зӯроварӣ қарордошта);

• Кӯдакон (аз тифлони навзод то ҷавонони то 18 сола), аз он ҷумла кӯдакони ҷудошуда ё танҳо (аз он ҷумла ятимон), кӯдакони ба қувваҳои ё гурӯҳҳои мусаллаҳ ҷалбшуда, кӯдакони мавриди хариду фурӯш қарордошта, кӯдакони дар низоъ бо қонун, кӯдакони машғул бо кори хатарнок, кӯдакони дар кӯчабуда ва кӯдакони дучори норасоии тағзия (микронутриентҳо) /кӯдакон гирифтори фишор;

• Пиронсолон (махсусан онҳое, ки онҳо аъзоёни оила ва парасторони худро аз даст додаанд);

• Одамони камбизоат;

• Муҳоҷирон, муҳоҷирони дохилӣ ва муҳоҷирони иҷборӣ (махсусан занон ва кӯдакони дуздидашуда ва ё бе ҳуҷҷатҳои шахсӣ);

• Одамоне, ки шадидан гирифтори ҳодисаҳои фишори равонӣ/осеби равонӣ шудаанд (масалан, одамоне, ки аъзоёни наздики оила, моликият ё ашёи рӯзғори худро гум кардаанд, наҷотёфтагони таҷҷовуз ба номус ва шиканҷа, шоҳидони ҷиноятҳо ва ғ.);

• Одамоне, ки қаблан гирифтори нотавонмандиҳоои иҷтимоӣ ё мушкилоти вазнини ҷисмӣ, асабӣ ё равонӣ буданд;

• Одамон дар муассисаҳои будубоши доимии умумӣ (ятимон, куҳансолон, гирифторони нотавонмандӣ ё мушкилоти асабӣ/равонӣ);

• Одамоне, ки таҳқири вазнини иҷтимоиро аз сар гузаронидаанд (масалан, далитҳо, шахсони ба танфурӯшӣ машғулбуда, одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, наҷотёфтагони зӯроварии ҷинсӣ);

• Одамони гирифтори хатари зӯровarии махсуси ҳуқуқҳои инсон (масалан, фаъолони сиёсӣ, ақалиятҳои нажодӣ ё забонӣ, одамон дар муассисаҳои будубоши умумӣ ё боздоштгоҳ, одамоне, ки аллакай бо зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон рӯбарӯ шудаанд).

**Қобили тазаккур аст, ки:**

• Дар дохил ва атрофи ҳар кадоме аз гурӯҳҳои дар боло зикршуда хатарҳо, мушкилот ва захираҳои гуногун мавҷуданд.

• Баъзе одамони мансуб ба як гурӯҳи ба хатар ҳассос метавонанд онро нисбатан бо хубӣ паси сар намоянд.

• Баъзе гурӯҳҳо (масалан, ҷанговарон) метавонанд ҳангоми як ҳолат гирифтори мушкилоти нисбатан душвор (масалан, сӯистифода аз мавод) ва дар ҳолати дигар гирифтори мушкилоти нисбатан сабук (масалан, гуруснагӣ) шаванд.

•Баъзе гурӯҳҳо ҳангоми бартарӣ доштан дар як ҳолати фавқулодда метавонанд дар ҳолати дигар нисбати хатар бештар ҳассос бошанд.

• Дар ҳолате ки як гурӯҳ гирифтори ҳолати хатарноканд, дигар гурӯҳҳо метавонанд онро нисбатан хуб паси сар кунанд (Лоиҳаи соҳавӣ, 2004).

Барои муайян намудани одамони «ба хатар ҳассос» онҳо набояд ҳамчун қурбониёни таъсирпазир ба ҳисоб раванд. Ҳарчанд ки одамони гирифтори хатар ниёз ба дастгирӣ доранд, онҳо дар худ зарфиятҳо ва шабакаҳои иҷтимоиеро доро ҳастанд, ки барои дастгирии оилаҳои худ ва фаъол будан дар ҳаёти иҷтимоӣ, динӣ ва сиёсӣ саҳм мегузоранд.

**Захираҳо**

Гурӯҳҳои гирифторшуда барои дастгирии солимии равонӣ ва некӯаҳволии иҷтимоиву психологӣ имконият ва захираҳои гуногун доранд. Табиати захираҳо ва захираҳои дастрас вобаста ба синну сол, ҷинсият, ҳолати иҷтимоиву маданӣ ва вазхи фавқулодда фарқ мекунад. Камбудии асосӣ дар фаъолият оид ба солимии равонӣ ва некӯаҳволии иҷтимоиву психологӣ инкор кардани ин захираҳо ва танҳо ба нуқсону камбудиҳо, фишори равонӣ ва патологияи гурӯҳи зарардида мутамарказ шудан мебошад.

Шахсони гирифторшуда захираҳои гуногун, аз он ҷумла маҳорати ҳалли мушкилот, барқарорсозии робита, мусолимат ва пешбурди зиндагиро доранд. Мисолҳои бараълои захираҳои

иҷтимоӣ оилаҳо, роҳбарони ҳукумати маҳаллӣ, пешвоёни ҷомеа, табибони мардумӣ (дар аксарияти ҷомеаҳо), солимии ҷомеаи кормандон, мураббиён, гурӯҳҳои занон, маҳфилҳои ҷавонон ва гурӯҳҳои барномарезӣ дар ҷомеа аксарияти онҳоро дар бар мегирад. Ҷомеаҳои гирифтор метавонанд захираҳои иқтисодӣ дошта бошанд, аз он ҷумла пасандозҳо, замин, зироат ва ҳайвонот; захираҳои таълиму тарбия, аз он ҷумла мактаб ва мураббиён; ва захираҳои саломатӣ, аз он ҷумла марказҳо ва кормандони тиб. Захираҳои динӣ ва маънавии асосӣ, ки аз пешвоёни динӣ, табибони маҳаллӣ, равишҳои намозу ибодат ва равишҳои фарҳангӣ аз он ҷумла маросимҳои бахоксупорӣ иборат мебошад.

Барои банақшагирии амалҳои ҷавобии мувофиқ ба ҳолати фавқулодда донистани хусусияти захираҳои маҳаллӣ муҳим мебошад, ки оё онҳо фоидаоваранд ё зараровар ва меъёре, ки одамони зарардида ба онҳо дастрасӣ дошта метавонанд ё не. Асосан, баъзе равишҳои маҳаллӣ, ки барои нигоҳубин дар аксарияти муассисаҳои будубоши умумии зиндонӣ ҳамчун равишҳои анъанавӣ ва фарҳангӣ истифода мешаванд, метавонанд зараровар бошанд ва ба принсипҳои ҳуқуқи инсон таъсири бад расонида метавонанд (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.3, 6.3 ва 6.4).

## Роҳнамо

### Ҳадафи ин роҳнамо

Ҳадафи асосии ин роҳнамо мусоидат намудан ба фаъолони кӯмаки башардӯстона ва ҷомеаҳо барои ба нақша гирифтан, таъсис додан ва ҳамоҳанг кардани як маҷмӯаи ҳадди ақали бисёрсоҳавии амалҳои ҷавобӣ барои ҳифз ва беҳбуд бахшидани солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоии одамон ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда мебошад. **Дар роҳнамо диққати асосӣ ба иҷро шудани аксуламали ҳадди ақал, ки ниҳоят зарур аст ва аксуламали аввалиндараҷа, ки дар ҳолати фавқулодда бояд ҳарчӣ зуддар иҷро шаванд, равона карда мешавад.** Аксуламали ҳадди ақал аввалин корҳое мебошанд, ки бояд ҳатман иҷро шаванд; онҳо аввалин марҳилаҳои зарурие мебошанд, ки заминаи талашҳои минбаъдаи васеъ ва бештарро ташкил медиҳанд, ки зарурӣ буда метавонанд (аз он ҷумла дар давоми марҳилаи барқарорсозӣ ва азнавсозии бармаҳал).

Барои такмили додани таваҷҷӯҳ ба аксуламали ҳадди ақал, роҳнамо ҳамчунин стратегияҳои муайянро барои солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ асосан пеш аз марҳилаи шадиди ҳолати фавқулодда ва баъд аз он дар назар мегирад. Ин марҳилаҳои «пешакӣ» (омодагӣ ба ҳолати фавқулодда) ва «баъдӣ» (аксуламали умумӣ) як мӯҳтавоеро барои аксуламали ҳадди ақал ба вуҷуд оварда, таъкид мекунад, ки аксуламали ҳадди ақал танҳо нуқтаи оғоз барои дастгириҳои нисбатан васеъ мебошад (ниг. фасли 2).

Ҳарчанд ки роҳнамо барои кишварҳои дорои сатҳи даромади паст ва миёна навишта шудааст (ва аъзоёни агентиҳои Кумитаи доимии байниагентӣ (КДБА) дар он ҷо кору фаъолият менамоянд), чорчӯбаи умумӣ ва аксарияти қисмҳои роҳнамо ҳамчунин барои сатҳи густурдаи ҳолатҳои фавқулодда дар кишварҳои сатҳи даромадашон баланд низ истифода мешавад.

**Истифодабарандагони роҳнамо**

Ин роҳнамо барои истифодабарии тамоми фаъолони кӯмаки башардӯстона, аз он ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мақомоти ҳукуматӣ, ташкилотҳои СММ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ) ва ҷамъиятҳои кумакрасони сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ дар ҳолатҳои фавқулодда фаъол тарҳрезӣ шудааст.

Ин роҳнамо танҳо ба агентиҳои инфиродӣ ё лоиҳаҳо нигаронида нашудааст. **Иҷро шудани роҳнамо ҳамкории ҷиддии байни фаъолони гуногуни кӯмаки башардӯстонаро талаб менамояд: ва танҳо ҷомеа ё сохтори алоҳида имконияти иҷро кардани аксуламали ҳадди ақали зарурииро ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда надорад.**

Роҳнамо бояд ба ҳамаи фаъолони кӯмаки башардӯстона барои ташкил намудани дастгириҳои зарурии дастаҷамъӣ дастрас бошад. Аҳамияти махсуси он дар ҳамаи марҳилаҳо ба таври фаъол ҷалб намудани ҷомеаҳо ва мақомоти маҳаллӣ мебошад, ки иштироки онҳо барои фаъолияти муваффақона ва ҳамоҳанг, баланд бардоштан ва устувор гардонидани захираву имконоти маҳаллӣ зарур мебошад. Барои баланд бардоштани ҳавасмандии фаъолони маҳаллӣ, роҳнамо бояд ба забон(ҳо)и маҳаллии ҳамон минтақа тарҷума карда шавад.

Ин роҳнамо танҳо солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологию иҷтимоии кормандонро дар назар надорад. Лавҳаҳои фаъолиятии гуногун дар роҳнамо дастгириҳои иҷтимоии алоқаманд ба соҳаҳои асосии башардӯстона, аз он ҷумла идоранамоии офати табиӣ,

ҳуқуқҳои инсон, амният, солимии ҷомеа, таълиму тарбия, об ва ҳолати санитарӣ, амнияти ғизоӣ ва тағзия, паноҳгоҳ, идоранамоии бошишгоҳи муваққатӣ, рушди ҷомеа ва робитаҳои умумиро муайян менамояд. Мутахассисони соҳаи солимии равонӣ хеле кам дар ин замина фаъолият мебаранд, вале барои истифодаи ин ҳуҷҷат ва ҳимояи гурӯҳҳои ҷамъиятӣ ва ҳамкорон аз дигар низомҳо ташвиқ мешаванд, то ин ки оид ба фаъолияти мувофиқ барои муайян кардани омилҳои ба солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоӣ таъсиргузор, боварӣ ҳосил намоянд. Ба ҳар ҳол, дастгириҳои клиникӣ ва махсусгардонидашудаи шаклҳои психологӣ ё психиатрии зикршуда дар роҳнамо бояд танҳо таҳти мониторинги роҳбарии мутахассисони соҳаи солимии равонӣ иҷро шавад.

**Шарҳи умумии роҳнамо**

Сохтори ин Роҳнамои КДБА дар баробари ду ҳуҷҷати қаблии КДБА: Роҳнамо оид ба Дахолати оид ба ВМНО/АМНБ дар ҳолатҳои фавқулодда (КДБА, 2003) ва Роҳнамо дар бораи дахолатҳо оид ба пешгирии зӯроварӣ дар заминаи гендеридошта дар ҳолатҳои фавқулодда (КДБА, 2005) дар як самт қарор дорад. Ҳамаи ин се ҳуҷҷати КДБА як равишро дар бар мегиранд, ки унсурҳои фаъолияти созмонҳои гуногунро оид ба амалҳои мухталиф дар давоми марҳилаҳои гуногуни ҳолатҳои фавқулодда шарҳ медиҳад ва маҷмӯаи лавҳаҳои фаъолият, ки тарзи иҷрои аксуламали ҳадди ақалро ба объектҳо шарҳ медиҳад, дар сутуни мобайнии ҷадвал (Аксуламали ҳадди ақал) шарҳ дода шудааст. Роҳнамои мазкур 25 адад чунин лавҳаҳои фаъолиятро дар бар мегирад (ниг. фасли 3).

Ҷадвал (дар фасли 2 пешниҳодшуда) шарҳи умумии дахолатҳои тавсияшударо фаро мегирад ва дастгириро барои ҳифз ва беҳбуд бахшидан ба солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоӣ пешниҳод менамояд. Се сутуни ҷадвал мавридҳои зеринро муайян мекунанд:

- Марҳилаҳои омодагӣ ба ҳолати фавқулодда, ки бояд пеш аз рух додани ҳолатҳои фавқулодда амалӣ шаванд;
- Аксуламали ҳадди ақале, ки бояд дар давоми марҳилаи ҳолати фавқулоддаи шадид иҷро шаванд; ва
- Аксуламали умумие, ки пас аз иҷро шудани аксуламали ҳадди ақал бояд иҷро шаванд. Ба таври оддӣ, ин дар давоми барқароршавии устувор ва зудҳангоми марҳилаҳои ҳолати фавқулодда амалӣ мегардад.

Лавҳаҳои фаъолият ба аҳамияти амалиёти бисёрсоҳавӣ ва ҳамоҳанг таъкид менамояд. Аз ҳамин сабаб ҳар лавҳаи фаъолият (гипер¬-)пайвандҳоро дар бар мегирад, ки бо матни пурранги алоқаманд бо лавҳаҳои фаъолият дар дигар мавзӯҳо/соҳаҳо муайян карда шудааст.

Ҳар лавҳаи фаъолият иборат аст аз як асос/пешгуфтор; тавсифи амалиётии асосӣ; нишондиҳандаи интихобшудаи равандҳои намунавӣ; як мисоли мувофиқи амалӣ дар бораи ҳолатҳои фавқулоддаи қаблӣ; ва як рӯйхати манбаи маводҳо барои иттилооти минбаъда. Тақрибан ҳамаи манбаи маводҳои рӯйхатшуда тавассути интернет дастрас буда, ҳамчунин CD-ROM –и иловагиро дар бар мегиранд.

**Тарзи истифодаи ин ҳуҷҷат**

Аз аввал то охир хондани ин ҳуҷҷат дар давоми ҳолати фавқулодда шояд номумкин бошад. Онро ба таври интихобӣ хондан мумкин аст, яъне бо тамаркуз ба объектҳое, ки алоқамандии бештар ба ӯҳдадориҳо ва имкониятҳои хонанда доранд. Беҳтарин тарз барои оғози кор хондани матрикс ва мавқеъгирӣ ба сутуни марказии аксуламали ҳадди ақал ва мустақиман гузаштан ба лавҳаҳои фаъолияти вобаста мебошад. Мавриди тазаккур аст, ки ҳеҷ яке аз агентиҳо танҳо барои иҷрои тамоми қисмҳои роҳнамо пешбинӣ нашудаанд.

Ҳадафи роҳнамо мустаҳкамкунии аксуламали башардӯстона ба ҳолати фавқулодда тавассути ҳамаи фаъолон, аз омодагӣ ба ҳолати фавқулодда то ҳамаи марҳилаҳои аксуламали банақшагирии барнома, иҷро кардан ва арзёбии он мебошад. Онҳо махсусан барои истифода ҳамчун як воситаи мустаҳкамкунии ҳамоҳангӣ ва ҳифз фоидаовар мебошанд.

**Ҳамоҳангсозӣ**

Дар ҳолатҳои фавқулодда, ҳамоҳангисозии кӯмак яке аз вазифаҳои муҳим, вале баҳсбарангез мебошад. Ин ҳуҷҷат роҳнамоии муфассалро оид ба ҳамоҳангсозӣ пешниҳод намуда (ниг. Лавҳаи фаъолияти 1.1) воситаи муфид барои ду ҷанбаҳои дигар мебошад. Якум, он барои як гурӯҳи ҳамоҳангсозии ҳамкор оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ барои роҳандозӣ ҳангоми амалҳои ҷавобӣ ба аввалин ҳолати фавқулодда мебошад. Меъёри он ба таври дуҷониба ва мукаммал таъмин намудани солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар

дохил ва берун аз соҳаи тандурустӣ мебошад (ҳатто агар дар гузашта онҳо дар соҳаҳои саломатӣ ва ҳифз ба таври ҷудогона аз ҷониби фаъолон ташкил мешуданд). Аз сабаби он, ки ҳар яки онҳо барои дигарӣ аҳамияти ҳаётӣ доранд, ҳамоҳанг кардани ҳарду хеле муҳим аст. Агар ягон гурӯҳи ҳамоҳангӣ вуҷуд надошта бошад ё агар гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии солимии равонӣ ва психологӣ-иҷтимоӣ ҷудо аз ҳам бошанд, роҳнамо метавонад барои тарафдорӣ аз ташкили як гурӯҳи умумӣ барои ҳамоҳанг кардани аксуламали СРДПИ истифода шавад.

Дуюм, роҳнамо ва бахусус фадвали пешниҳодшуда нуқтаҳои муроҷиатро таъмин мекунад, ки метавонад барои муқоисаи меъёри истифоданамудаи аксуламали ҳадди ақал дар ҷомеаи номбурда истифода шавад. Ҳар як объекти рӯйхатшуда дар ҳолати иҷро нашудан, камбудиҳоеро нишон медиҳанд, ки бояд муайян шаванд. Дар робита ба ин ҷадвали пешниҳодшуда ба гурӯҳи ҳамоҳанг як роҳнамои фоидаовареро пешниҳод менамояд.

**Фаъолиятҳои ташвиқотӣ барои дастгириҳои беҳтар**

Ҳамчун як абзори муҳфизат роҳнамо барои ривоҷдиҳии талабот ба намудҳои махсуси амалҳои ҷавобӣ фоидаовар мебошанд. Зеро онҳо меъёр ва нуқтаи назари муҳаққиқони гуногунро аз тамоми ҷаҳон инъикос мекунад, роҳнамо аз ҷониби аксарияти агентиҳо ва фаъолони башардӯстона дастгирӣ мешаванд. Аз ҳамин сабаб, онҳо як воситаи ташвиқотиро оид ба ҳаллу фасл намудани камбудиҳо ва ҳамчунин оид ба ривоҷдиҳии аксуламали тавсияшуда– барои аксуламали ибтидоӣ ва ҳадди ақал – ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда пешниҳод мекунанд. Масалан, дар ҳолатҳое, ки барномаҳои соҳавӣ бе иштироки ҳамҷоя таъсис меёбанд, роҳнамо метавонад ҳамчун замина барои собит намудани иштироки якҷояи ҷонибҳои дахлдор ва нафъи он истияода бурда шавад. Ҳамин тавр, агар кӯдакони хурдсол тахти хатар бошанд ва дастгирӣ нашаванд, барои ҳифзи таъсиси дастгириҳои рушди зудҳангоми кӯдак лавҳаи фаъолияти 5.4 метавонад истифода шавад.

Кор бо шарикон барои рушди мувофиқи солимии равонӣ ва дастгирии психоогиву иҷтимоӣ қисми муҳими ҳифз мебошад. Муколама бо шарикон, ҳам кормандони ТҒҲ ва ҳам ҳукумат ё СММ, метавонад барои ҳидоят кардани онҳо ҳангоми зарурат оид ба равишҳои зикршуда дар ҳуҷҷати мазкур кӯмак намояд. Роҳнамо ҳамчунин барои ҳифз дар дигар равишҳо истифода шавандо. Масалан, ворид кардани як сутуни аксуламали умумӣ дар ҷадвал

барномарезии дарозмуддатро осон менамояд (масалан, барои рушди хизматрасониҳои солимии равонӣ дар дохили низоми тандурустии кишвари муайян).

Ба ҳар ҳол, **ин роҳнамо набояд ба мисли як китобча оид ба пухтупаз истифода шавад.** Ҳарчанд ҷадвали пешниҳодшуда фаъолиятҳоеро, ки бояд аксуламали ҳадди ақал дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод мекунад, барои амиқан муайян сохтани эҳтиёҷотӣ асосӣ таҳлил вазъи ҳолат дар сатҳи маҳал бояд гузаронида шавад то ин ки афазалиятҳоро дар ин самт мушаххас намуда, амалҳои ҷавобии аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мувофиқ расонида шавад.

Роҳнамо барои иҷро шудан шарҳи муфассал намедиҳад, вале бештар як рӯйхати амалиёти асосиро бо тавзеҳоти муфассал ва захираҳои маводи минбаъдаро оид ба иҷрошавӣ дар бар мегирад.

**Принсипҳои асосӣ**

**1. Ҳуқуқҳои инсон ва баробарӣ**

Фаъолони кӯмаки башардӯстона бояд ҳуқуқҳои инсонӣ ҳама нафарони таҳти таъсирро риоя намоянд ва шахсон ва гурӯҳҳои зери хатари зӯровариҳои шадиди ҳуқуқҳои инсон қарордоштаро ҳифз кунанд. Фаъолони кӯмаки башардӯстона ҳамчунин бояд баробарӣ ва нагузоштани фарқиятро риоя намоянд. Бинобарин онҳо бояд барои ба ҳадди аксар расонидани адолат дар имконпазирӣ ва дастрасӣ ба солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ дар байни одамони гирифторшуда, байни ҷинсҳо, гурӯҳҳои синну солӣ, гурӯҳҳои забонӣ, гурӯҳҳои нажодӣ ва маҳаллӣ, тибқи талаботи муайяншуда мақсад гузоранд.

**2. Иштирок**

Фаъолияти башардӯстона бояд иштироки одамони гирифторшудаи маҳаллиро барои аксуламали башардӯстона ба ҳадди аксар расонанд. Ҳангоми аксар ҳолатҳои фавқулодда, шумораи хеле зиёди одамон ба қадри кофӣ барои иштирок дар бартарафсозӣ ва барқарорсозӣ талош менамоянд. Аксарияти кӯмакҳои асосии солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ нисбат ба агентиҳои хориҷӣ бештар аз ҷониби худи ҷамъиятҳои гирифтор амалӣ мешаванд. Ҷомеаҳои гирифтор ҳам одамони овора ва ҳам мизбон ба таври оддӣ иборат аз якчанд гурӯҳҳое мебошад, ки метавонанд бо ҳамдигар мусобиқа намоянд. Ишитрок ба зергурӯҳҳои мухталифи аҳолии маҳаллӣ ҷиҳати

тасмим гирифтани ҳолатҳое, ки ба ҳаёти онҳо таъсир дорад кӯмак мерасонад ва барои дарк намудани соҳибияти ҳолат аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ мусоидат мекунад, ки ин барои ноил гардидан ба лоиҳаи сифатнок, баробарӣ ва устуворӣ хеле муҳим аст. Аз марҳилаи ибтидоии ҳолати фавқулодда, аҳолии маҳаллӣ бояд бештар дар баррасӣ, тарҳрезӣ, иҷро шудан, мониторинг ва арзёбии кӯмакрасонӣ шомил шаванд.

**3. Зарар нарасонидан**

Кӯмаки башардӯстона яке аз воситаҳои муҳими расонидани кӯмак ба одамони таҳти таъсири ҳолатҳои фавқулодда қарордошта мебошад, вале кӯмак метавонад ҳамчунин боиси зарари пешбининашуда шавад (Андерсон, 1999). Кор дар бораи солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ имкон дорад, ки боиси зарар дар ин масъалаҳои муомилаи нисбатан ҳассос гардад. Ҳамчунин, ин кор далелҳои илмии густурда надорад, ки барои баъзе тартиботи дигар дастрас бошад. Фаъолони кӯмаки башардӯстона метавонанд хатари зарарро бо роҳҳои гуногун коҳиш диҳанд, аз он ҷумла:

- Иштирок дар гурӯҳҳои ҳамоҳанг барои омӯзиш аз дигарон ва барои ба ҳадди ақал расонидани тақлидкорӣ ва тафовут дар амалҳои ҷавобӣ;
- Таҳрезии фаъолиятҳо дар асоси иттилооти кофӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 2.1);
- Анҷом додани арзёбӣ ва шаффофият дар баррасии дақиқ ва баррасии сатҳӣ;
- Густариш додани мизони ҳассосият ва салоҳияти фарҳангӣ дар минтақаҳое, ки дар он онҳо дахолат/кор менамоянд;
- Навсозӣ шудан дар асоси далелҳо оид ба равишҳои таъсирбахш; ва
- Густариш додани фаҳмиш ва ба таври доимӣ инъикос намудани мавзӯҳо оид ба ҳуқуқҳои башар, робитаи байни шахсони аз беруномада ва одамони гирифтор ба ҳолати фавқулодда дар сатҳи маҳал ва баҳогузории равишҳои мушорикатӣ.

**4. Амалӣ намудани дастрасии захира ва имкониятҳо**

Чӣ тавре ки дар боло зикр шуд, ҳама гурӯҳҳои зарардида имконият ё захираҳоро барои таҳкими солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоӣ доранд. Қоидаи асосӣ аз он

иборат аст, ки ҳатто дар марҳилаҳои ибтидоии ҳолати фавқулодда истифодаи имкониятҳои маҳаллӣ, дастгирии худкумакрасонӣ ва мустаҳкамкунии захираҳо аллакай мавҷуданд. Барномаҳои ба таври хориҷӣ амалишуда аксаран боиси СРДПИ-и номуносиб шуда, пойдории маҳдуд хоҳанд дошт. То ҳадди имкон, бояд ҳам имкониятҳои ҳукуматӣ ва ҳам имкониятҳои аҳолӣ ривоҷ дода шаванд.

Дар ҳар қабати аҳром (ниг. расми 1), мувофиқан вазифаҳои асосӣ барои муайянсозӣ, фаъол кардан ва мустаҳкамкунии маҳорат ва имкониятҳои шахс, оила, ҷамъият ва иҷтимоъ нишон дода шудаанд.

**5. Дастгирии муттаҳидшудаи системаҳо**

Фаъолиятҳо ва барномарезӣ бояд то ҳадди имкон муттаҳид карда шаванд. Зиёдшавии хизматрасониҳои якнафара, аз он ҷумла онҳое, ки танҳо бо наҷотёфтагони таҷовуз ё танҳо бо одамони дорои ташхиси махсус, аз он ҷумла ВСБО сарукор доранд, метавонанд як системаи ногуҳибини ҷудогонаро эҷод намоянд. Фаъолиятҳое, ки ба системаҳои васеътар муттаҳид карда шудаанд (масалан, механизмҳои мавҷудбудаи дастгирии ҷомеа, системаҳои мактабии расмӣ ва ғайрирасмӣ, хадамоти тиббии умумӣ, хадамоти солимии равонии умумӣ, хадамоти иҷтимоӣ ва ғ.) бештар ба ҷалби одамони нисбатан муқовим, ки камтар мавриди стигма қарор гирифтаанд, кӯшиши менамоянд.

**6. Дастгириҳои чандқабата**

Дар ҳолатҳои фавқулодда, одамон бо роҳҳои гуногун таҳти таъсир қарор мегиранд ва ба намудҳои гуногуни таъминот ниёз доранд. Равиши асосӣ барои ташкили солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ, рушд додани системаи серқабати дастгириҳои мукаммал мебошад, ки талаботи гурӯҳҳои гуногунро қонеъ мегардонад. Инро метавон тавассути як накшаи аҳромшакл намоиш дод (ниг. расми 1). Ҳамаи қабатҳои аҳром муҳиманд ва бояд ба таври ҳамзамон ва хеле хуб иҷро шаванд.

**1. Хадамоти асосӣ ва амният.** Некӯаҳволии ҳамаи одамон бояд тавассути (аз нав) таъсис додани амният, сиёсат ва хадамоти дуруст ҳифз шавад, ки талаботи асосиро дар бар мегиранд (ғизо, паноҳгоҳ, об, нигоҳубини асосии саломатӣ, мониторинги бемориҳои сироятӣ). Ҳангоми аксар ҳолатҳои фавқулодда, мутахассисони соҳаҳои ғизо, саломатӣ ва паноҳгоҳ хадамоти

асосиро таъмин менамоянд. Аксуламали СРДПИ ба эҳтиёҷот барои хизматрасониҳои асосӣ ва амният метавонанд инҳо бошанд: тарафдорӣ аз он, ки ин хадамот аз ҷониби фаъолони ӯҳдадор амалӣ мешаванд; ҳуҷҷатгузорӣ ва таъсири он ба солимии равонӣ ва некӯаҳволии психологиву иҷтимоӣ; ва таъсири фаъолони кӯмаки башардӯстона барои иҷрои онҳо ба тавре, ки солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоиро густариш диҳад. Ин хадамоти асосӣ бояд бо равишҳои мушорикатӣ, бехатар ва аз лиҳози иҷтимоӣ мувофиқ иҷро шаванд ва шарафи одамони маҳаллиро ҳифз намуда, дастгириҳои иҷтимоии маҳаллиро мустаҳкам кунад ва шабакаҳои иҷтимоиро фаъол намоянд (ниг. Лавҳаи фаъолияти 5.1).

**Ҷадвали 1.** Аҳроми дахолат ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда. Ҳар як қабат дар поён шарҳ дода шудааст.




**2. Дастгириҳои ҷомеа ва оила.** Қабати дуюм амалҳои ҷавобӣ ба ҳолати фавқулоддаро барои шумораи камтари одамон намоиш медиҳад, ки тавоноии ҳифзи солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоии худро доранд, агар онҳо ба дастгириҳои асосии ҷомеа ва оила дастрасӣ дошта бошанд. Ҳангоми аксар ҳолатҳои фавқулодда, барҳам хӯрдани оила ва шабакаҳои ҷамъиятӣ аксаран аз сабаби гум шудан, тағйири макон, ҷудошавии оила, тарс аз ҷомеа ва нобоварӣ рух медиҳад. Илова бар ин, ҳатто агар оила ва шабакаҳои ҷомеавӣ алоқаи худро нигоҳ доранд ҳам одамони ба ҳолатҳои фавқулодда гирифторшуда аз кӯмак дар дастрасӣ ба дастгириҳои бештари ҷомеа ва оила баҳра мебаранд. Аксуламали фоидаовар дар ин қабат пайгирии оила ва ҳамроҳшавиро дар бар мегирад, ки ба он хизматрасониҳои дигар, аз ҷумла азодорӣ ва маросимҳои табобати

гурӯҳӣ, иртиботи дастаҷамъӣ оид ба равишҳои муборизаи мувофиқ бо фишор, барномаҳо барои эҳтиёти волидон, фаъолиятҳои омӯзишии расмӣ ва ғайрирасмӣ, фаъолиятҳои тарзи зиндагӣ ва фаъолшавии шабакаҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла аз ҷониби гурӯҳҳои занон ва маҳфилҳои ҷавонон ҳамроҳ мешавад.

**3. Дастгириҳои мақсаднок ва ғайритахассусӣ.** Қабати сеюм дастгириҳои заруриро барои шумораи нисбтаан хурди одамон намоиш медиҳад, яъне касоне, ки ба таваҷҷӯҳи бештари шахсон, оила ё дахолати гурӯҳӣ аз ҷониби кормандони омӯзонидашуда ва роҳнамокунанда ниёз доранд (аммо шояд онҳо ҳатто тулии як сол ҳам таҳти мониторинги махсус қарор нагирифта бошанд). Масалан, наҷотёфтагони зӯроварӣ асоси гендеридошта шояд ниёз ба дастгирии омехтаи эмотсионалӣ ва маишӣ аз ҷониби ҷомеаи хизматчиён дошта бошанд. Ин қабат ҳамчунин аввалин кӯмаки равонӣ (АКР) ва нигоҳубини асосии солимии равонӣ аз ҷониби масъулони нигоҳубини ибтидоии саломатиро дар бар мегирад.

4. Хадамоти махсусгардонидашуда. Қабати болоии аҳром дастгириҳои иловагиро барои фоизи хурди аҳолӣ намоиш медиҳад, ки новобаста ба дастгириҳои дар боло зикршуда азоби онҳо тоқатфарсо буда, эҳтимол дар вазифаҳои рӯзмарраи худ мушкилоти ҷиддӣ доранд. Ин кӯмак бояд дастгириҳои психологӣ ё психъиатриро барои одамони гирифтори мушкилоти вазнин равонӣ дар бар гирад, ҳатто дар ҳар замоне ки талаботи онҳо аз имкониятҳои хадамоти солимии мавҷудбудаи ибтидоӣ/ умумӣ бештар бошад. Чунин мушкилот ҳам ба (а) хизматрасониҳои махсусгардонидашудаи муроҷиатӣ дар ҳолати мавҷуд будан, ё (б) оғози омӯзиши дарозмуддат ва мониторинги ибтидоӣ/ҳифзи таъминкунандгони солимии умумӣ ниёз доранд. Ҳарчанд ки хадамоти махсусгардонидашуда танҳо барои фоизи хурди аҳолӣ зарурӣ мебошанд, ҳангоми аксар ҳолатҳои фавқулодда ин гурӯҳ аз ҳазорон нафар иборат аст.

Ягонагии тамоми ҳолати фавқулодда ва гуногунии маданияту ҳолатҳои иҷтимоӣ-таърихӣ онро барои шиносоии муқаррароти таҷрибаи хуби умумиҷаҳонӣ ҳамрадиф менамояд. Бо вуҷуди ин, таҷриба аз аксар ҳолатҳои фавқулоддаи гуногун нишон медиҳад, ки баъзе фаъолиятҳо тавсия дода мешаванд, дар ҳолате ки фаъолиятҳои дигар бояд ба таври оддӣ пешгирӣ карда шаванд. Инҳо дар поён ҳамчун фаъолиятҳое, ки «бояд иҷро шаванд» ва «набояд иҷро шаванд» муайян шудаанд.

| Боядҳо | Набоядҳо |
|---|---|
| Таъсиси гурӯҳи ягонаи ҳамоҳанг доир ба солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ. | Набояд гурӯҳҳои ҷудогона доир ба солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ, ки бо якдигар мутобиқ ё ҳамоҳанг нестанд таъсис дода шаванд. |
| Дастгирии як аксуламали ҳамоҳанг, иштирок дар маҷлисҳои ҳамоҳангсозӣ ва илова намудани фаъолятҳои дигарон барои такмили кор. | Набояд ба таври ҷудогона ё бидуни муайян кардани он ки чӣ таври кори як нафар бо кори дигарон мутобиқат мекунад коре карда шавад. |
| Ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот барои муайян кардани он ки оё иҷрои амали ҷавобӣ лозим аст ва агар лозим бошад, кадом намуди амалҳои ҷавобӣ. | Таҳқиқоти дубора гузаронида нашавад ва иттилои пешакӣ бе таҳлили вазъ қабул карда нашавад. |
| Мутобиқ кардани воситаҳои арзёбӣ ва мӯҳтавои маҳаллӣ. | Воситаҳои арзёбиеро, ки ба шароити макҳаллӣ ва ҳолатҳои фавқулодда тасдиқ нашудаанд, истифода набаред. |
| Тасдиқи он, ки одамон бо роҳҳои гуногун таҳти таъсири ҳолатҳои фавқулодда қарор мегиранд. Аксарияти одамони пурустовор метавонанд беҳтар кор кунанд, дар ҳоле ки дигарон метавонанд шадидан таҳти таъсир қарор гирифта, шояд ба дастгириҳои махсусгардонидашуда ниёз дошта бошанд. | Набояд фарз карда шавад, ки ҳамаи нафарони гирифтори ҳолати фавқулодда осеби равонӣ доранд, ё, одамоне ки устувор ба назар мерасанд, ба дастгирӣ ниёз надоранд. |
| Пурсидани саволҳо бо забон(ҳо)и маҳаллӣ ва бо рафтори бехатар, эҳтиёткорона, ки махфӣ буданро ҳифз менамояд. | Набояд баррасиҳо такрорӣ бошанд ва саволҳои азобдиҳанда набояд бе таъмини дастгирии минбаъда пурсида шаванд. |
| Таваҷҷӯҳ намудан ба фарқиятҳои ҷинсӣ. | Набояд фарз карда шавад, ки ҳолатҳои фавқулодда ба мардон ва занон ба таври яксон таъсир мерасонад, ё ин ки барномаҳои барои мардон тарҳрезишуда ҳамон тавр ба занҳо низ кӯмак расонида ё дастгирӣ намуда метавонанд. |

| Боядҳо | Набоядҳо |
|---|---|
| Санҷиши маълумотҳои иловагӣ ҳангоми ба кор қабул кардани кормандону ихтиёриён ва сохтани ҳайати кормандони нав аз ҷамъияти маҳаллӣ ва/ё гирифторшуда. | Набояд равишҳое, ки сохторҳои мавҷудбудаи маҳаллиро шадидан заиф мекунанд истифода шаванд. |
| Баъд аз машқҳо оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ, таъмин кардани мониторинг ва баррасии минбъда барои боварӣ ҳосил намудан ба он, ки фаъолиятҳо дуруст иҷро шудаанд. | Набояд равишҳои яквақта, мустақил ё хеле кӯтоҳ, агар одамони барои фаъолиятҳои омехтаи равоншиносӣ омода нашуда бошанд, бидуни такроркунӣ истифода шаванд. |
| Осонсозии рушди барномаҳои азхуднамуда, идорашаванда ва иҷрошаванда аз ҷониби ҷомеа. | Набояд як тамилаи хайрхоҳонае, ки ба одамон дар ҷомеа ҳамчун хизматрасонии манфиатҷӯёна таҳдид менамояд, истифода шавад. |
| Эҷод кардани имкониятҳои маҳаллӣ, дастгирии худкӯмакрасонӣ ва мустаҳкамкунии захираҳое, ки алакай дар гурӯҳҳои таҳти таъсир мавҷуданд. | Набояд таъминоте, ки ӯҳдадориҳо ва имкониятҳои маҳаллиро аз байн мебаранд ё инкор мекунанд, ташкил ёбанд. |
| Омӯзиши он, ки таҷрибаҳои фарҳангии маҳаллӣ барои дастгирии одамони маҳаллӣ дар кадом маврид беҳтар истифода мешаванд. | Набояд фарз карда шавад, ки ҳамаи равишҳои фарҳангии маҳаллӣ фоидаоваранд ё ҳамаи одамони маҳаллӣ равишҳои махсусро тарафдорӣ менамоянд. |
| Истифодабарии равишҳои берун аз фарҳанг дар ҷойҳое, ки иҷрои онҳо мувофиқ аст. | Набояд фарз карда шавад, ки равишҳои хориҷӣ нисбатан беҳтаранд ва одамони маҳаллӣ набояд маҷбур карда шаванд, ки аз таҷриба ва бовариҳои дастгирикунандаи маҳаллӣ даст кашанд. |
| Ташкил кардани имкониятҳои ҳукумат ва муттаҳид кардани ҳифзи солимии равонӣ барои наҷотёфтагони ҳолати фавқулодда дар хадамоти тиббии умумӣ ва дар ҳолати имкон, дар хадамоти солимии равонии ҷомеа. | Хадамоти солимии равонии мувозӣ барои зерҷомеаҳо набояд эҷод карда шаванд. |

| Бояддҳо | Набояддҳо |
| --- | --- |
| Ташкил намудани дастрасӣ ба як меъёри таъминот, аз он ҷумла аввалин кӯмаки равонӣ, ба одамони гирифтори азоби нороҳатии шадид пас аз дучор шудан бо омили шадиди фишори равонӣ. | Дар ҳолати дахолати бармаҳал баъди сар задани муноқиша ва ё ҳолатҳои фавқулодда танҳо як маротиб ҷаласаи кӯмаки равноӣ ба аҳолӣ дар шакли гурӯҳӣ назузаронед, яъне кӯмаки равонӣ бояд давомнок бошад. |
| Ба кормандони ёрии аввалия ва умумии тиббӣ барои додани таҷрибаҳои хуби додани доруворӣ ва расонидани кӯмаки аввалияи равонӣ омӯзиш гузаронед. | Набояд дорувории психотропӣ ё дастгирии психологӣ бидуни омӯзиш ва мониторинг таъмин гарданд. |
| Истифодабарии маводҳои дорувории умумӣ, ки дар рӯйхати маводи дорувории тавсияшавандаи кишвар мавҷуданд. | Набояд аз маводи дорувории нав истифода бурда шавад, дар ҳоле, ки маводи дорувории брендӣ ба таври васеъ истифода нашудаанд. |
| Таъсис додани системаҳои таъсиргузор барои ҳифзи одамоне, ки шадидан таҳти таъсир қарор гирифтаанд. | Набояд одамони гирифтори мушкилоти равонӣ бидуни таъмини ҷойи мувофиқ ва барои хизматрасониҳо дастрас аз назар гузаронида шаванд. |
| Кор карда баромадани роҳи ҳалли нигоҳубини одамоне, ки таҳти хавфи ба муассисаҳои буду боши доимӣ фиристода шудан қарор доранд. | Одамонро ба муассисаҳои буду боши доимӣ нафиристонед (бо истисноӣ ҳолатҳое ки он муваққатӣ ва ҳамчун чораи охирин истифода бурда шавад). |
| Истифодабарии кормандони соҳаи робита бо ҷомеаи созмонҳо барои ривоҷ додани робитаҳои дуҷониба дар байни аҳолии зарардида, аз ҷумла бо ҷаҳони берун. | Набояд кормандони соҳаи робита бо ҷомеа танҳо барои барқарор кардани робита бо ҷаҳони берун истифода шаванд. |
| Истифодабарии воситаҳо аз ҷумла расонаҳои хабарӣ барои таъмини дақиқи иттилоот, ки фишори равониро коҳиш медиҳад ва дастрасии одамонро ба хадамоти башардӯстона дастрас мекунад | Дар расонаҳои хабарӣ набояд ахборе пахш карда ё намоиш дода шаванд, ки ба ҳиссиёти одамони таҳти таъсир қарордошта таъсири манфӣ мегузоранд. |
| Ҷустуҷӯ кардани роҳҳо барои муттаҳид сохтани ҷанбаъҳои психологию иҷтимоӣ, ки ба ҳамаи соҳаҳои кӯмакрасонии башардӯстона алоқаманд ҳастанд. | Дар ҳолати вуҷуд надоштани аксуламали бисёрсоҳавӣ набояд танҳо ба фаъолиятҳои клиникӣ рӯ оварда шавад. |

# Саволҳое, ки бештар пурсида мешаванд

**1.Солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ чӣ маъно дорад?**

Солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (СРДПИ) як истилоҳи мураккабе мебошад, ки дар ин роҳнамо барои тавсифи ҳамагуна дастгирии маҳаллӣ ё беруна истифода мешавад ва ҳадаф аз он ҳифз ё ривоҷ додани солимии равонӣ ва/ё пешгирӣ ё дармони мушкилии равонӣ мебошад.

**2. Чаро роҳнамо истилоҳҳои ба ҳам наздики солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоиро истифода мебарад?**

Барои аксари кормандони соҳаи кӯмакрасонӣ ин истилоҳҳои ба ҳам наздик равишҳои нисбатан мусаҳил ва мукаммалро ифода мекунанд. Агентиҳои берун аз соҳаи тандурустӣ бештар дар бораи дастгирии некӯаҳволии психологию иҷтимоӣ сӯҳбат мекунанд. Онҳое, ки дар соҳаи тандурустӣ фаъолият мекунанд бештар дар бораи солимии равонӣ сӯҳбат мекунанд, вале аз лиҳози таърихӣ ҳамчунин истилоҳҳои офиятбахшии равонӣ ва дармонбахшии равонӣ барои тавсиф додани фаъолиятҳои ғайрибиологӣ барои одамони гирифтори мушкилоти равонӣ истиофда мешавад. Маъноиа дақиқи ин истилоҳҳо дар дохили ташкилотҳои кӯмакрасон, системаҳо ва кишварҳо фарқ мекунад.

**3. Оё ин роҳнамо танҳо барои ҳифзи солимии равонии мутахассисон аст?**

Не, ин дастур роҳнамое мебошад, ки дар он чӣ тавр гурӯҳи васеъи фаъолон дар соҳаҳои гуногун метавонанд солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоиро ҳифз намоянд ва беҳбуд бахшанд, шарҳ дода шудааст. Ба ҳар ҳол, баъзе лавҳаҳои фаъолияти фаъолиятҳои клиникиеро низ дар бар мегиранд, ки бояд танҳо таҳти роҳбарии мутахассисони соҳаи солимии равонӣ иҷро шаванд.

**4. Чаро ин роҳнамо соҳаҳоеро дар бар мегирад, ки таҳти мониторинги анъанавӣ ё баррасии мутахассисони соҳаи солимии равонӣ нестанд?**

Тавофуқи байниагентие вуҷуд дорад, ки масъалаҳои психологию иҷтимоӣ ҳамаи соҳаҳои фаъолияти башардӯстонаро дар бар мегирад, зеро тарзи пешниҳоди кӯмак (масалан, бо/бе таъсир ба шарафу номуси одамон) ба солимии равонӣ таъсир мерасонад. Як ҳошияи мутавозиро метавон байни талошҳои бисёрсоҳавӣ барои назорат кардани сатҳи фавт. Сатҳи фавт на танҳо бо амалёти эмгузаронӣ ва ҳифзи саломатӣ таҳти таъсир қарор мегирад, балки ба амалиёт дар соҳаҳои об ва ҳолати санитарӣ, озуқа, амнияти ғизоӣ ва паноҳгоҳ ҳам алоқамандии зич дорад. Ҳамин тариқ ҳолати равонии одамон дар сурати ҷойгир будани шумораи аз ҳад зиёди одамон дар паноҳгоҳҳо зери таъсир қарор мегирад ва ҳолати санитарӣ занонро таҳти хавфи зӯроварии ҷинсӣ қарор медиҳад.

**5. Роҳнамо ба аксуламали ҳадди ақал ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда нигаронида шудааст, вале ҳолати фавқулодда чист ва аксуламали ҳадди ақал чӣ маъно дорад?**

Ҳуҷҷатҳои солонаи Раванди Ҳамҷояшудаи Дархости (РҲД) КДБА (www.reliefweb.int) мисолҳои фоидовареро таъмин менамояд, ки дар он КБДА онҳоро ҳамчун ҳолати фавқулодда ба назар гирфтааст. Он ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи даргириҳои мусаллаҳона ва офатҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд, (аз он ҷумла бӯҳронҳои ғизоӣ) ки дар он гурӯҳҳои бузурги одамон гирифтори хатари шадиди марг, азоби густарда ва/ё аздаст додани шарафу номуси худ ҳастанд.

Аксуламали ҳадди ақал зарурист ва ҳамчун аксуламали афзалиятнок, ки бояд дар ҳолати фавқулодда ҳарчӣ зуддар амалӣ шаванд, дар назар гирифта шудаанд. Аксуламали умумӣ бояд танҳо замоне иҷро шавад, ки дастрасии аҳолӣ ба аксуламали ҳадди ақал таъмин шуда бошад.

**6. Ин роҳнамо якхелаанд. Чӣ тавр як фаъоли башардӯстона (созмон, ҷомеа) метавонад ҳама чизро анҷом диҳанд? Оё тамоми лавҳҳои фаъолият дар ҳолатҳои фавқулодда бояд иҷро шаванд?**

Ҳеҷ кадоме аз ҷомеа ё сохтор ҳамчун дорандаи имконияти иҷрои ҳамаи фаъолиятҳои аксуламали ҳадди ақал ҳангоми рух додани ҳолати фавулода пешбинӣ нашудааст. Роҳнамо танҳо ба фаъолони инфиродӣ ё лоиҳаҳо нигаронида нашудааст. Зеро ин роҳнамо байнисохторӣ мебошанд ва барои иҷро шудани унсурҳои гуногуни онҳо аз ҷониби фаъолони гуногун ба фаъолияти ҳамоҳанг ниёз доранд. Илова бар ин, фаъолиятҳое, ки дар роҳнамо ҳамчун аксуламали ҳадди ақал шарҳ дода шудаанд, дар аксарияти ҳолатҳо, вале на дар ҳамаи ҳолатҳои фавқулодда аксуламали ҳадди ақал ба ҳисоб мераванд. Таҳлили ҳолати маҳалл барои муайян кардани афзалиятнокии фаъолиятҳо бо назардошти мӯҳтавои маҳаллӣ ва ҳамчунин дар замонҳои гуногун зарурӣ мебошанд.

**7. Чаро барои иҷро шудани фаъолиятҳо ҷадвали замонӣ вуҷуд надорад?**

Ҳарчанд ки кӯмаки башардӯстона баъд аз рух додани баъзе офатҳои табиӣ (масалан, заминҷунбиҳо, тӯфонҳо) то ҳадде пешбинишаванда аст, аксарияти ҳолатҳои фавқулодда, аз он ҷумла онҳое, ки дар натиҷаи даргирии мусаллаҳона рух медиҳанд, пешбининашавандаанд ва ба ҷадвали замонӣ мутобиқат намекунанд. Ҳамчунин, аксарияти ҳолатҳои фавқулоддаи омехта чандин сол идома меёбанд.

**8. Нақши шахсон, гурӯҳҳо ё ҷомеаҳои ба ҳолати фавқулодда гирифторшуда барои иҷрои унсурҳои роҳнамоҳо чигуна аст?**

Ҳарчанд ки ҳуҷҷат аз ҷониби ташкилотҳои кӯмакрасон ва бо забони кӯмаки башардӯстона навишта шудааст, одамони гирифторшуда бояд бо бештарин меъёри эҳтимолӣ дар тарҳрезӣ ва иҷро шудани ҳама кӯмакҳо шомил шаванд ва бояд то ҳадде ки имкон дорад нақши асосӣ дошта бошанд (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.1 ва 5.2). Аз ҳамин сабаб,

роҳнамо бояд ба забонҳои маҳаллии ҳамон минтақа тарҷума карда шаванд.

**9. Чаро роҳнамо ба стрессҳои осебовар ва вайроншавиҳои стресcии баъдиосебӣ (ВСБО) нигаронида нашудаанд?**

Намудҳои мушилоти иҷтимоӣ ва равонӣ, ки одамон дар ҳолатҳои фавқулодда метавонанд азсар гузаронанд, хеле гуногун мебошанд (ниг. банди 'Мушкилот' дар саҳ. 2). Мутамарказ шудан ба стрессҳои осебовари пас аз ҳодиса метавонанд боиси ба инобат нагирифтани дигар мушкилоти асосӣ оид ба солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ шаванд. Дар байни агентиҳо ва мутахассисон оид ба ҷанбаҳои мусбат ва манфии мутамарказ шудан стрессҳои осебовар ақидаҳои гуногун мавҷуданд.

Роҳнамои мазкур бо мақсади таъмини як равиши мутавозуни тавсияшуда оид ба фаъолиятҳои ҳадди ақал ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод мегарданд. Роҳнамо дар бар мегиранд: (а) ҷониби кормандони гуногуни ҷомеа расонида шудани аввалин кӯмаки равонӣ ба одамони гирифтори мушкилоти осеби шадиди равонӣ (ниг. *Лавҳаҳои* фаъолияти 4.3, 4.4, 5.2 ва 6.1) ва (б) нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, аз он ҷумла ВСБО-и вазнин, танҳо аз ҷониби кормандони ботаҷриба ва мониторингшуда (ниг. *Лавҳаи* фаъолияти 6.2).

**10. Оё ин ҳуҷҷат ҳадафи танзими стандартҳоро дорад? Алоқамандии байни ин роҳнамо ва китобҳои роҳнамои соҳавӣ дар чист?**

Ин ҳуҷҷат роҳнамоеро барои аксуламали ҳадди ақал пешниҳод мекунад, вале стандартҳоро барои аксуламали ҳадди ақал танзим намекунад. Ин ҳуҷҷат ҳамчунин бо стандартҳои *лоиҳаи* соҳавии (2004) мутобиқ аст. Иҷро кардани роҳнамо барои кӯмак ба дастёбии стандартҳои соҳавӣ алоқаманд мебошад, аз он ҷумла стандарти ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии саломатӣ.

**11. Ин роҳнамои байнисоҳавии КДБА ба равиши гурӯҳи КДБА чӣ алоқамандӣ дорад?**

Равиши гурӯҳии КДБА механизми нави КДБА мебошад, ки барои беҳбуд бахшидани ҳамоҳангӣ ва омодагии умумии соҳаҳо дар назар гирифта шудааст. Дар ҳолати зарурӣ дар ҳолати фавқулодда, гурӯҳҳо барои ҳаллу фасл намудани камбудиҳо (ниг. http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/cluster). Гурӯҳҳои КДБА-и зерин ба ин роҳнамои солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ алоқамандӣ доранд: ҳамоҳангсозии боишигоҳ ва идоранамоии бошишгоҳ; барқароршавии зудҳангом; таълиму тарбия; паноҳгоҳ дар ҳолати фавқулодда; саломатӣ; озуқа; ҳифз; ва об, тозагӣ ва ҳолати санитарӣ.

Дар давоми ҳолати фавқулодда, ҳар гурӯҳ бояд масъулияти иҷро кардани фаъолиятҳои дар ин роҳнамо зикршударо, ки ба мавзӯи кории

он алоқаманд ҳастанд, ба ӯҳда гирад. Илова бар ин, дар ҳаргуна ҳолати фавқулоддаи бузург, бояд як гурӯҳи ҳамоҳангсозии байнисоҳавӣ, байниагентии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ таъсис дода шавад ва ҳадафи он бояд ҳифзи мутобиқат бо ронамоии дар ин ҳуҷҷат зикршуда бошад (ниг. Лавҳаи фаъолияти 1.1 дар бораи ҳамоҳангӣ).

**12. КДБА чист?**

Кумитаи доимии байниагентӣ (КДБА), аз ҷониби анҷумани умумии СММ таъсис ёфтааст ва як навъ форуми байнисохторӣ барои ҳамоҳангӣ, рушди сиёсат ва тасмимгирӣ аз ҷониби роҳбарони асосии созмонҳои башардӯстона (Агентиҳои СММ, Ташкилотҳои Салиби сурх ва Ҳилоли аҳмар ва консортсиюми ташкилотҳои ғайриҳукуматии башардӯстона мебошад.

Ниг. http://www.humanitarianinfo.org/iasc/content/about/default.asp.

## Адабиёт

1. Андерсон, М. (1999). Зарар нарасонидан: Чӣ тавр кӯмак сулҳ ё ҷангро дастгирӣ менамояд. Боулдер, СО: Линне Рейнер.

2. КДБА (2003). Роҳнамо оид ба дахолатҳои ВНМО/ АМНБ дар ҳолатҳои фавқулодда. Женева: КДБА.

http://www.humanitarianinfo.org/iasc/content/products/docs/FinalGuidelines17Nov2003.pdf

3. КДБА (2005). Роҳнамо оид ба дахолат ба зӯроварии ҷинсӣ дар ҳолатҳои башардӯстона. Женева: КДБА.

http://www.humanitarianinfo.org/iasc/content/products/docs/tfgender_gbvguidelines2005.pdf

4. Лоиҳаи соҳавӣ (2004). Низомномаи башардӯстона ва стандартҳои ҳадди ақал дар амалҳои ҷавобӣ ба офати табиӣ. Женева: Лоиҳаи соҳавӣ.

http://www.sphereproject.org/handbook/

ФАСЛИ 2

# Ҷадвали фаъолиятҳо

Ин фасл як равишеро пешниҳод менамояд (дар саҳифаҳои зерин нишон дода шуда, ҳамчунин дар формати лавҳа дастрас мебошад), ки роҳнамоиҳоро доир ба амалиёти асосӣ баҳри ҳифз варивоҷдиҳии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда пешниҳод менамояд. Ҷадвал 11 сатрро дар бар мегирад, ки вазифаҳои алоқаманд ва соҳаҳои фаъолияти башардӯстонаро шарҳ медиҳанд. Бо мақсади мантиқӣ ва фаҳмо будан сатрҳои ҷадвал ба вазифаҳои ҷудогона, вазифаҳои асосии соҳаҳои солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ ва ҷанбаъҳои иҷтимоӣ дар соҳаҳои махсус гурӯҳбандӣ шудаанд. Илова бар ин, ҷадвал се сутунеро дар бар мегирад, ки намудҳои амалҳои ҷавобиро шарҳ медиҳад:

**1. Омодагӣ ба ҳолати фавқулодда**

Сутуни чапи ҷадвал фаъолиятҳои барои омодагӣ ба ҳолати фавқулодда тавсияшударо ба таври хулоса шарҳ медиҳад. Амалӣ намудани ин фаъолиятҳо боиси ҳарчӣ зудтар иҷро шудани аксулмалҳои ҳадди ақал мегардад.

**2. Аксуламали ҳадди ақал**

Фаъолиятҳое, ки бояд дар давоми ҳолатҳои фавқулодда иҷро шаванд, дар сутуни мобайнии ҷадвал шарҳ дода шудаанд. Аксуламали ҳадди ақал ҳамчун аксуламали афзалиятнок муайян шудааст, ки дар ҳолати фавқулодда бояд ҳарчӣ зудтар иҷро шаванд. Ин амалҳои ҷавобӣ метавонанд ҳамчун таъмини дастгириҳои ҳадди ақал ба назар расанд, ки одамони гирифтор дар он ба инобат гирифта шудаанд. Барои ҳар як амали дар ин сутуни мобайнӣ рӯйхатшуда, як лавҳаи фаъолияти вобаста дар фасли 3 мавҷуд аст, ки фаъолиятҳои ҳадди ақалро дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда ташкил медиҳад.

**3. Аксуламали умумӣ**

Сутуни тарафи рости ҷадвал як хулосаи фаъолиятҳои асосии тавсияшударо, ки қисми аксуламали умумиро ташкил менамояд, шарҳ медиҳад. Ин фаъолиятҳо бояд танҳо замоне дуруст ҳисобида шаванд, ки аксарияти ҷомеа дар он шомил шаванд ва аксуламали ҳадди ақали муайяншудаи маҳаллиро дарёфт намоянд. Ин фаъолиятҳо бештар дар давоми марҳилаи пойдорсозӣ ва давраи ибтидоии эҳёшавӣ баъд аз ҳолати фавқулодда амалӣ мешаванд.

**Солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (СРДПИ) дар ҳолатҳои фавқулодда: Ҷадвали фаъолиятҳо**

| Вазифа ё соҳа | Омодагӣ ба ҳолати фавқулода |
|---|---|
| Қисми А. вазифаҳои умумӣ дар байни соҳаҳо | |
| 1. Ҳамоҳангӣ | • Шиносоии ташкилотҳои дорои шароит ва шахсони асосии масъул<br>• Рушди сиёсати сохторӣ ва байниагентии миллӣ ва нақшаҳо барои амалҳои ҷавоби СРДПИ дар ҳолатҳои фавқулодда<br>• Муайян кардани механизмҳои ҳамоҳангӣ, нақшҳо ва ӯҳдадориҳо дар сатҳҳои маҳаллӣ, минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ<br>• Шиносоии нуқтаҳои меҳварии СРДПИ барои ҳолатҳои фавқулодда дар ҳар минтақа ва аз агентиҳои гуногун<br>• Ҷамъоварии мавод барои СРДПИ, аз он ҷумла барои ҳамоҳангсозии СРДПИ<br>• Муттаҳид кардани ҷанбаъҳои СРДПИ ба ҳамаи нақшаҳои соҳавии омодагӣ ба ҳолати фавқулодда<br>• Дастгирӣ кардани СРДПИ дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти башардӯстона |
| 2. Баррасӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ | • Сохтани имкониятҳо барои баррасӣ, мониторинг ва арзёбии СРДПИ<br>• Баррасӣ ва ҳосил кардани иттилоот дар бораи имкониятҳо ва осебпазириҳои мардум<br>• Дастрас намудани имконияти аксуламали ташкилотҳо оид ба СРДПИ дар ҳолати фавқулодда<br>• Рушди нақшаҳо ва воситаҳои байни гентии аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ ва баррасии зудҳангом оид ба ҳолатҳои фавқулодда<br>• Татбиқ ва паҳн кардани иттилоот ва воситаҳои баррасӣ<br>• Рушд додан ё мутобиқ кардани стратегияҳо, нишондиҳандаҳо ва воситаҳо барои мониторинг ва баҳогузорӣ<br>• Баррасии аксуламали қаблии СРДПИ ва муайян кардани равишҳо, даъвоҳо ва фарқиятҳо |

| | |
|---|---|
| 3. Стандартҳои муҳофизат ва ҳуқуқи башар | • Ривоҷ додани ҳуқуқҳои инсон, қонуни башардӯстонаи байналмилалӣ ва равишҳои вобастаи мувофиқ<br>• Баррасии сиёсат ва қонунҳои мавҷудбудаи алоқаманд бо муҳофизат<br>• Рушди механизмҳо барои мониторинг, гузориш додан ва ҷустуҷӯи ҷуброни зарар барои зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон<br>• Кор бо одамони таҳти таъсир қарордошта барои дарёфти афзалиятҳо, рушди имконият ва стратегияҳо барои ҳифз ва амният<br>• Машқ додани қувваҳои мусаллаҳ дар заминаи стандартҳои ҳифзи байналмилалӣ<br>• Иҷрои стратегияҳо барои пешгирии зӯроварӣ, аз он ҷумла дар асоси зӯроварии ҷинсӣ |

| **Аксуламали ҳадди ақал**<br>*(Онро ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда ва ҳамчун қисми аксуламали умумӣ метавон истифода бурд)* | **Аксуламали умумӣ**<br>*(аксуламали иловагии таъсиргузор барои марҳилаи пойдорӣ ва барқароршавии зуҳангом)* |
|---|---|
| 1.1 Таъсис додани ҳамоҳангии байнисоҳавии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ | • Рушди ҳамоҳангсозии қобили таҳаммули сохторҳо, аз он ҷумла ҳукумат ва саҳмдорони ҷомеаи шаҳрвандӣ<br>• Рушди нақшаҳои стратегии байнисохторӣ ва ривоҷ додани барномарезии муштараки СРДПИ ва ҷамъоварии кӯмаки молӣ<br>• Баланд бардоштани мубодилаи иттилоот дар байни фаъолони кӯмаки башардӯстона<br>• Пайваст кардан фаъолияҳои СРДПИ дар ҳолати фавқулодда фаъолиятҳо бо фаъолиятҳои рушд<br>• Муттаҳид кардани фаъолиятҳои СРДПИ бо сиёсатҳо, нақшаҳо ва барномаҳои миллӣ ва боварӣ аз он, ки барномаҳо сиёсатҳо, нақшаҳо ва имкониятҳои мавҷудбударо истифода мебаранд |
| 2.1 Тарзи баррасии масъалаҳои солимии равонӣ ва масъалаҳои психологиву иҷтимоӣ<br>2.2 Ташкили системаҳои мушорикатӣ барои мониторинг ва баҳогузорӣ | • Роҳандозӣ кардани баррасиҳои доимӣ ва иҷрои минбаъда ва то ҳадди кофӣ ба таври амиқ таҳлил кардани вазъият<br>• Мониторинг ва баҳогузории барномаҳо оид ба фаъолиятҳои пешбинишуда бо нишондиҳандаҳои қаблан муайяншуда<br>• Мониторинг ва баҳогузории фаъолиятҳои СРДПИ оид ба ин роҳнамо<br>• Паҳн кардани натиҷаҳо ва ҷаласаҳо оид ба фаъолиятҳои баррасӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ<br>• Рушди нишондиҳандаҳои байнисохторӣ барои кори СРДПИ дар марҳилаи тарҷума |
| 3.1 Истифодабарии чорчӯбаи ҳуқуқи инсон дар солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ | • Мустаҳкамкунии имкониятҳои миллӣ барои баланд бардоштани сатҳи огоҳкунӣ оид ба мониторинг, гузориш додан, пешгирӣ ва ҷустуҷӯӣ ҷуброни зарар барои зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон ва қонуни башардӯстона |

| | |
|---|---|
| 3.2 Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ аз хатарҳо ва  нокомиҳо тавассути ҳифзи иҷтимоӣ<br>3.3 Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ аз хатарҳо ва хушунат тавассути ҳифзи қонунӣ | • Мустаҳкамкунии масъулият оид ба зӯровариҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон<br>• Мустаҳкамкунии имкониятҳо барои ҳифзи иҷтимоӣ<br>• Баррасӣ иттилоот ва муайян намудани фарқиятҳо дар хизматрасониҳо барои одамони дорои талаботи махсус (гурӯҳҳои ба хатар ҳассос)<br>• Ба низом даровардани омӯзиш барои кормандонм соҳаи ҳифз дар ҳамаи соҳаҳо, аз он ҷумла қувваҳои мусаллаҳ ва системаи адлия<br>• Дастгирии барқароршавии бехатари ҷомеа барои одамони таҳти таъсири ҳама гуна шаклҳои зӯроварӣ қарордошта<br>• Маҳдуд кардани дастрасии осон ба нӯшокии спиртӣ дар бошишгоҳҳо<br>• Иҷрои марҳилаҳо барои пешгирии қочоқи инсон<br>• Таъмини дасгирии мувофиқи психологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, таълиму тарбиявӣ ва тиббӣ ба қурбониёни зӯровариҳо ва оилаи онҳо ва ба шоҳидон, аз он ҷумла шоҳидони судӣ<br>• Кӯмак ба системаи адлия барои иҷрои қонунҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ |

| Вазифа ё соҳа | Омодагӣ ба ҳолати фавқулода |
|---|---|
| 4. Захираҳои инсонӣ | • Ба нақша гирифтани имконияти мавҷудбудаи захираҳои инсонӣ ва захираҳои омӯзишӣ, аз он ҷумла дар байни аҳолии маҳаллӣ<br>• Баланд бардоштани сатҳи огоҳонӣ доир ба эҳтиёҷ нисбати кормандоне, ки бо фарҳанг ва забони маҳаллӣ ошно ҳастанд<br>• Машқ додани ҳамаи кормандон оид ба стандартҳои ҳифзи байналмилалӣ ва низомномаи фаъолият<br>• Гузаронидани омӯзиш барои кормандони соҳаҳои гуногун оид ба тарзи муттаҳид кардани СРДПИ бо кор дар ҳолати фавқулодда тибқи ин роҳнамо<br>• Вусъат додани ҳавзаи дастрасӣ ба кормандони ҳолати фавқулодда, ки оид ба СРДПИ машқ дидаанд<br>• Тақвият додани муассисаҳои будубоши умумии таълимиву тарбиявӣ барои муттаҳид кардани омӯзиши СРДПИ бо барномаҳои касбӣ<br>• Вусъат додани СРДПИ дар ҷаласаҳои омодагӣ ба ҳолати фавқулодда дар тамоми ҷаҳон<br>• Рушди сиёсатҳо ва нақшаҳои ташкилотӣ барои пешгирӣ ва идоранамоии мушкилоти СРДПИ дар кормандони соҳаи кӯмакрасонӣ<br>• Рушди сиёсатҳои ташкилотӣ барои ба ҳадди аксар расонидани амнияти корманд ва бехатарӣ дар соҳа |
| Қисми Б. Соҳаҳои асосии саломатии рӯҳӣ ва кумаки равонӣ | |
| 5. Сафарбарсозии ҷомеа ва кӯмак | • Роҳандозӣ кардани банақшагирии якҷоя ва ташхиси мӯҳтавои ҷомеаҳои маҳаллӣ (ҳолати ҷорӣ, захираҳо, бахшҳо, хизматрасониҳо ва равишҳо)<br>• Роҳандозӣ кардани ташхиси хатар, рушди нақшаи аксуламали ҷомеа, аз он ҷумла системаи огоҳкунандаи зудҳангом ва мустаҳкамкунии имкониятҳои маҳаллӣ барои иҷрои чунин нақшаҳо<br>• Рушди механизмҳо барои ба ҳаракат даровардани захираҳои дохилии СРДПИ ва муттаҳидшавии захираҳои хориҷӣ |

| | |
|---|---|
| | • Машқ додан ва мониторинги ҷомеаи кормандони мавҷудбуда оид ба тарзи таъмини мувофиқи дастгирии СРДПИ дар ҳолати фавқулодда<br>• Рушди фаъолиятҳои дасгирии иҷтимоии азхуднамуда ва идоракунандаи ҷомеа<br>• Рушди нақшаҳои ҷомеа нақшаҳо дар бораи ҳифз ва ҳифзи давраи рушди зудҳангоми кӯдакон дар ҳолатҳои фавқулодда |

| **Аксуламали ҳадди ақал**<br>*(Онро ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда ва ҳамчун қисми аксуламали умумӣ метавон истифода бурд)* | **Аксуламали умумӣ**<br>*(аксуламали иловагии таъсиргузор барои марҳилаи пойдор ва барқароршавии зуҳангом)* |
|---|---|
| 4.1 Муайянсозӣ ва ба кор ҷалб кардан ва вазифадор намудани ихтиёриёне, ки бо фарҳанги маҳаллӣ ошно ҳастанд<br>4.2 Ҷорӣ намудани кодексҳои кормандон бо роҳнамои тарзи рафтор<br>4.3 Ташкили ҷаласаҳои шиносоӣ ва омӯзишҳо барои кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ<br>4.4 Пешгирӣ ва идоракунии мушкилот дар бораи солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ дар байни кормандон ва ихтиёриён | • Таҳия кардани доираи фаъолиятҳо ва малакаҳо, ки аз лиҳози маҳаллӣ алоқаманд аст<br>• Ба расмият даровардан, мониторинг ва амалӣ намудани низомномаи роҳандозӣ ва стандартҳои ахлоқӣ, мустаҳкамкунии онҳо то ҳадди зарурӣ<br>• Ба нақша гирифтани таҳия ва меъёри омӯзишҳои гирфташуда<br>•Густариш додани омӯзишҳо ва назоратбарӣ ва ба таври сохторӣ баланд бардоштани сатҳи малакаи корӣ<br>• Баррасии амалҳои ҷавобӣ ба масъалаҳои СРДПИ дар кормандон ва ҳамкорӣ оид ба сиёсатҳои СРДПИ ташкилотҳо барои кормандон ва ихтиёриён |
| 5.1 Осонсозии шароитҳои сафарбаркунии ҷомеа оид ба азхудкунӣ ва мониторинги амалҳои ҷавобӣ дар ҳолати фавқулодда дар ҳамаи бахшҳо | • Осонсозии мустаҳкамкунии азхудкунии амалҳои ҷавобӣ аз ҷониби ҷомеа<br>• Мустаҳкамкунии воситаҳои рӯзғор ва дастгирии иҷрошавии рушди иқтисодии ҷомеа |

| | |
|---|---|
| 5.2 Осонсозии равиши худкӯмакрасонӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ<br>5.3 Осонсозии шароитҳо барои равишҳои табобати мувофиқ ва умумии фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ<br>5.4 Осонсозии пуштибонии кӯдакони хурдсол (0-8 сола) ва парасторони онҳо | • Осонсозии мустаҳкамкунии азхудкунии амалҳои ҷавобӣ аз ҷониби ҷомеа<br>• Мустаҳкамкунии воситаҳои рӯзғор ва дастгирии иҷрошавии рушди иқтисодии ҷомеа<br>• Таъмини ҷой барои қурбониён ва наҷотёфтагони барои ҳалли масъалаҳои барқароршавӣ (иқтисодӣ, судӣ, намунавӣ) ки аз ҷониби тарафҳои ӯҳдадор муайян мегарданд<br>• Ба роҳ мондани сабти хотираҳои таърихӣ, ки чӣ тавр ҷомеа ҳолати фавқулоддаро паси аср намуд<br>• Баррасии сафарбаркунии ҷомеа ва ба роҳ андохтан, густариш ва беҳтар намудани сифати кӯмакрасонии иҷтимоӣ ва кӯмак ба худ дар ҷомеа<br>• Мустаҳкамкунии системаи СРДПИ, аз он ҷумла механизмҳои муроҷиатӣ<br>• Пайгирӣ кардани эҳтимолиятҳо оид ба барҳам додани ятимхонаҳо, ҳабсхонаҳо ва осонсозии ҳифзи алтернативӣ дар ҷомеа<br>• Рушди барномаҳои қатъномаи даргирӣ ва сулҳпарварӣ<br>• Осонсозии муттаҳидшавии кӯдакони ба меҳнат ҷалбшуда дар ҷомеа ё истифодашуда тавассути қувваҳои мусаллаҳ ё гурӯҳҳо<br>• Аз хок баровардани ҷасадҳои дар қабрҳои дастаҷамъӣ гӯронидашуда бо як рафтори аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ, ҳифзи хешовандон ва дӯстон<br>• Баргузор кардани баҳсҳо дар бораи равишҳои анъанавии фоидаовар ва зароровар<br>• Фароҳам овардни имкониятҳо барои таъмини сифати нигоҳубини кӯдакони хурдсол ва парасторони онҳо |

| Вазифа ё соҳа | Омодагӣ ба ҳолати фавқулода |
|---|---|
| 6. Хизматрасонии тандурустӣ | • Мустаҳкамкунии имкониятҳои миллии системаҳои саломатӣ барои таъмини СРДПИ дар ҳолатҳои фавқулодда<br>• Ба нақша гирифтани захираҳо ва равишҳои расмию ғайрирасмӣ<br>• Ривоҷ додани системаҳои иттилоотӣ дар асоси ҷинсият ва синнусол, ки иттилооти заруриро оид ба солимии равонӣ дар бар мегирад |

| | |
|---|---|
| | • Машқ додани кормандон оид ба нигоҳубини клиникии аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ барои наҷотёфтагони зӯровариҳои гендерӣ ва дигар намуди зӯровариҳо<br>• Мақсаднок кардани кормандони соҳаи тандурустӣ ба самти аввалин кӯмаки равонӣ<br>• Ба сатҳи рӯйхати маводи дорувории зарурии намунаи ТУТ овардани рӯйхати доруворӣи зарурӣ дар сатҳи маҳал  ва омода кардани маводҳои доруворӣи зарурии психотропӣ, ки барои ҳолатҳои фавқулодда заруранд<br>• Рушд додани нақшаҳои омодагӣ ба ҳолати фавқулодда барои муассисаҳои будубоши умумӣ<br>• Иҷрои стратегияҳо барои коҳиши фарқгузорӣ ва таҳқири одамони гирифтори бемории равонӣ ва/ё нотавонии равонӣ<br>• Рушди имконият барои пешгирӣ ва муайян кардани зарари алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодаи дигар маводҳо |
| 7. Таълиму тарбия | • Ба нақша гирифтани захираҳои мавҷудбуда барои равишҳои расмию ғайрирасмӣ<br>• Муайян кардани сатҳи таълиму тарбия ва имконоти фаннию касбӣ барои духтарон, писарон ва калонсолоне, ки шояд имкони тълиму тарбияро аз даст додаанд<br>• Истифодаи равишҳои иштироки ҳамҷоя, машқ додан ва мониторинги мураббиҳо оид ба кӯмаки асосии равонӣ, ҳуқуқи кӯдакон, равишҳои мушорикатӣ, тартиби мусбат ва низомномаи роҳандозӣ<br>• Мустаҳкамкунии имкониятҳои миллии системаҳои таълиму тарбия барои СРДПИ дар мактаб ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда<br>• Таъсис додани нақшаи бӯҳронии умумӣ ва психологияю иҷтимоӣ барои мактабҳо<br>• Мустаҳкамкунии имкониятҳои таълиму тарбия дар ҳолати фавқулодда, муайянкунии масъалаҳои асосии ҳифз дар барномаи таҳсилӣ |
| 8. Паҳн намудани иттилоот | • Ба нақша гирифтани захираҳои мавҷудбудаи алоқаманд бо иттилоот ва норасоиҳо дар захираҳо<br>• Таълим додани кормандон дар бораи паҳлӯҳои ахлоқии ҷамъоварии иттилоот |

| | |
|---|---|
| | • Дастрас намудани иттилоот ба мухотабони гуногун<br>• Омода кардани як стратегияи “хатари иртиботӣ” барои нашр кардани иттилооти зарурӣ дар давоми ҳолатҳои фавқулодда<br>• Таҳия кардани иттилоот оид ба тарзи пешгирии мушкилот, аз он ҷумла парешоншавии оила дар ҳолатҳои фавқулодда<br>• Дастгирӣ кардани мубориза бар зидди истифодабарии тасвирҳои зараровар ва таҳияи иттилооти номуносиб дар расонаҳои хабарӣ<br>• Ҳамроҳ кардани саҳмдорони асосӣ дар густариши санҷиши пилотӣ ва маълумотдиҳӣ дар бораи муборизаи мусбат бо фишор |
| Қисми В. мулоҳизаҳои иҷтимоӣ дар мавзӯҳои соҳавӣ | |
| 9. Амнияти ғизоӣ ва озуқа | • Муайян кардани шакли рафтор, эътиқодот ва меъёрҳои асосии қаблан дар байни аҳолӣ мавҷудбуда оид ба омодасозии ғизо<br>• Мониторинги дастрасӣ ба микронутриентҳо, ки ба рушди равонии кӯдак таъсир мерасонанд<br>• Банақшагирӣ ва рушди таҳияи баробар тибқи талабот |
| 10. Банақшагирии паноҳгоҳ ва маҳал | • Банақшагирии самтҳои иҷтимоии захираҳои мавҷудбуда, фарқиятҳо, равишҳо ва гурӯҳҳои ба хатар ҳассос оид ба банақшагирии паноҳгоҳ ва маҳал<br>• Роҳандозӣ кардани тадқиқот оид ба бехатарӣ ва мувофиқ будани маҳалҳои асосӣ<br>• Банақшагирӣ барои таъмини маҳалли зист дар ҳолати фавқулодда барои ҳама одамон (бо ба таври мувофиқ мавриди ҳадаф қарор додани одамони таҳти таъсир қарордошта) ба тавре ки бехатарӣ, шараф, ҳаёти шахсӣ ва тавонмандсозиро таъмин менамояд<br>• Банақшагирии пешгирӣ аз ба муддати дароз дар паноҳгоҳ қарор гирифтани одамон<br>• Нақшакашӣ барои гармидиҳии маҳалҳои зист (дар ҳолатҳои фавқулодда аз он ҷумла дар иқлимҳои сард) |

| | |
|---|---|
| 11. Об ва ҳолати санитарӣ | • Банақшагирии самтҳои иҷтимоии захираҳои мавҷудбуда, мушкилиҳо ва гурӯҳҳои ба хатар ҳассос оид ба об ва ҳолати санитарӣ<br>• Нақшакашӣ оид ба таъмини об ва ҳолати санитарӣ барои ҳамаи одамон (бо ба таври мувофиқ мавриди ҳадаф қарор додани одамони таҳти таъсир қарордошта) ба тавре ки бехатарӣ, шараф, ҳаёти шахсӣ ва ҳалли мушкилот бе зӯроварӣ таъмин шавад |

| **Аксуламали ҳадди ақал**<br>*(Онро ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда ва ҳамчун қисми аксуламали умумӣ метавон истифода бурд)* | **Аксуламали умумӣ**<br>*(Аксуламали иловагии таъсиргузор барои марҳилаи пойдор ва барқароршавии зуҳангом)* |
|---|---|
| 6.1. Шомил сохтани равишҳои махсуси психологӣ ва иҷтимоӣ дар таъмини ҳифзи солимии умумӣ<br>6.2. Таъмини дастрасӣ ба нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин<br>6.3. Ҳифз ва нигоҳубини одамон гирифтори мушкилоти равонии вазнин ва дигар нотавониҳои равонӣ ва асабӣ, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд<br>6.4. Омӯзиш дар бораи дар куҷо мувофиқ будани ҳамкорӣ бо системаҳои тандурустии маҳаллӣ, табиӣ ва анъанавӣ<br>6.5. Ба ҳадди ақал расонидани зарари алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодаи дигар маводҳо | • То ҳадди кофӣ ташкил намудани барқарорсозии сиёсат ва қонунгузорӣ оид ба солимии равонӣ<br>• Рушди дастрасии ҳифзи солимии равонӣ барои ҳудуди васеи мушкилоти равонии вобаста ба ҳолати фавқулодда ва аз пеш мавҷудбуда тавассути ҳифзи солимии умумӣ ва хизматрасониҳо оид ба солимии равонӣ дар ҷомеа<br>• Кор кардан барои ҳосил кардани боварӣ аз пойдориии хизматрасониҳои нави таъсисёфта оид ба солимии равонӣ<br>• То ҳадди кофӣ идома додани озуқа дар алоқамандиҳои муштарак бо системаҳои табобатии маҳаллӣ<br>• Барои одамони дар муассисаҳои будубоши умумии равонӣ буда, осон намудани тартиботи мувофиқи зиндагии алтернативӣ дар ҷомеа<br>• Роҳандозӣ кардани баррасиҳои доимӣ оид ба дастрасӣ ва сифати ҳифзи солимии равонӣ<br>• Вусъат додани талошҳо барои пешгирии зарари алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодаи дигар маводҳо |

| | |
|---|---|
| 7.1. Мустаҳкамкунии дастрасӣ ба таълиму тарбияи бехатар ва эҳтиёткорона | • Вусъат додани имкониятҳои таълимиву тарбиявӣ барои духтарон ва писарони наврас, аз он ҷумла омӯзиши касбӣ ва оғози соатҳои дарсӣ барои калонсолон<br>• Боварӣ ҳосил намудан он, ки баномаҳои таълимӣ бо масъалаҳои фарҳангӣ, гуногунӣ ва ҷинсият мутобиқ ҳастанд<br>• Мониторинг ва беҳбуд бахшидани сифати таълиму тарбия<br>• Вусъат додани имкониятҳои таълиму тарбиявӣ барои духтарон ва писарон ва оғози соатҳои дарсӣ барои калонсолон<br>• Таъмини тарзи зиндагӣ ва дигар дастгириҳои зарурӣ барои амалӣ намудани иштирок дар таълиму тарбия ва пешгирии хориҷшавӣ аз мактаб<br>• Вусъат додани имкониятҳо барои кӯмаки равонӣ дар танзимоти таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ<br>• Мустаҳкамкунии пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба зӯроварӣ ва дигар шаклҳои таҷовуз ва истифодабарӣ дар мактабҳо<br>• Муттаҳид кардани сулҳпарварӣ ва маҳоратҳои зиндагӣ дар таълиму тарбия |
| 8.1. Маълумотдиҳӣ ба аҳолии зарардида дар бораи ҳолати фавқулодда, талошҳои бартарафсозӣ ва ҳуқуқи онҳо<br>8.2. Таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар бораи равишҳои муборизаи мусбат бо фишор | • Дастгирии системаҳои боваринок ва дастраси паҳн намудани дақиқи иттилоот<br>• Мустаҳкамкунии иштироки ҷомеа дар қонунӣ кардан ва паҳн намудани иттилоот<br>• Таъмини дастрасии доимӣ ба иттилоот дар бораи дастрасии кӯмакрасонӣ<br>• Роҳандозӣ кардани пахши иттилоот дар бораи ҳифзи одамони гирифтори мушкилотӣ солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ<br>• Мониторинг ва баҳогузории истифодабарии воситаҳои иртиботӣ |
| 9.1. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва психологиро дар бар мегирад (кӯмаки бехатар ба ҳамагон, таҳлили равишҳои фарҳангӣ ва нақши оиладорӣ) дар таъмини ғизо ва озуқа | • Баррасӣ ва ташкил намудани таҳлилҳои доимӣ дар бораи ҷанбаъҳои иҷтимоӣ ва психологӣ дар таъмини амнияти ғизоӣ ва озуқа<br>• Тақвият ва дастгирии таъмини худ бо ғизо |

| | |
|---|---|
| 10.1. Ҷанбаъҳои махсуси иҷтимоиро фаро мегирад (кӯмаки бехатар, олӣ, аз лиҳози фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ) дар банақшагирии паноҳгоҳ ба таври ҳамоҳанг | • Баррасӣ ва ташкил намудани таҳлилҳои доимии иҷтимоӣ дар банақшагирии паноҳгоҳ ва маҳал<br>• Муайянкунии масъалаҳои баробарӣ дар таъмини замин ва дар қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқ ба замин<br>• Ташкили имкониятҳои ҷомеа ва ҳукумат барои муттаҳидсозии ҷанбаъҳои иҷтимоӣ барои ба муддати дароз банақшагирии паноҳгоҳ ва маҳал |
| 11.1. Ворид намудани ҷанбаҳои хоси иҷтимоӣ (дастрасии бехатар ва аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ барои ҳама) барои таъмини об ва ҳолати санитарӣ | • Баррасӣ ва ташкил намудани таҳлилҳои доимии ҷанбаъҳои иҷтимоӣ дар таъмини об ва ҳолати санитарӣ<br>• Ташкили имкониятҳои ҷомеа ва ҳукумат барои муттаҳидсозии ҷанбаъҳои иҷтимоӣ оид ба дастгириҳои дарозмуддати об ва ҳолати санитарӣ |

ФАСЛИ 3

# Лавҳаҳои фаъолият барои иҷроаи аксуламали ҳадди ақал

**Ин фасл лавҳаҳои фаъолият барои аксуламали ҳадди ақалро дар бар мегирад. Дар ин ҷо як лавҳаи фаъолият барои ҳар амали иҷрошуда дар сутуни мобайнии ҷадвал (аксуламали ҳадди ақал) мавҷуд аст, ки дар фасли 2. пешниҳод шудааст.**

| Вазифа ё соҳа | Унвони лавҳаи фаъолият |
|---|---|
| **A. Вазифаҳои умумӣ дар байни соҳаҳо** | |
| 1. Ҳамоҳангӣ | 1.1. Ташкили ҳамоҳангии дастгириҳои байнисоҳавии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ |
| 2. Баррасӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ | 2.1. Роҳандозӣ кардани баррасиҳои масъалаҳои солимии равонӣ ва масъалаҳои равонӣ - иҷтимоӣ-иҷтимоӣ |
| 3. Стандартҳои муҳофизат ва ҳуқуқҳои инсон | 3.1. Истифодабарии чорчӯбаи ҳуқуқи инсон дар солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ |
| | 3.2. Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба хатарҳо ва нокомиҳо тавассути сохтори ҳифзи иҷтимоӣ |
| | 3.3. Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба хатарҳо ва ҳолатҳои зӯроварӣ тавассути ҳифзи қонунӣ |
| 4. Захираҳои инсонӣ | 4.1. Муайянсозӣ ва ба кор ҷалб кардан ва вазифадор намудани ихтиёриёне, ки бо фарҳанги маҳаллӣ ошно ҳастанд |
| | 4.2. Ҷорӣ намудани кодексҳои кормандон бо роҳнамои тарзи рафтор |
| | 4.3. Ташкили ҷаласаҳои шиносоӣ ва омӯзишҳо барои кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ |
| | 4.4. Пешгирӣ ва идоракунии мушкилот дар бораи солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар байни кормандон ва ихтиёриён |
| **B. Соҳаҳои асосии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ** | |
| 5. Сафарбарсозии ҷомеа ва кӯмак | 5.1. Осонсозии шароитҳои сафарбарсозии ҷомеа оид ба азхудкунӣ ва мониторинги ҳолати фавқулодда ва амалҳои ҷавобӣ дар ҳамаи бахшҳо |
| | 5.2. Осонсозии равиши кӯмак ба худ ва кӯмаки иҷтимоӣ |
| | 5.3. Осонсозии шароитҳои мувофиқи фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ барои таҷрибаҳои барқарорсозӣ |

| Вазифа ё Соҳа | Унвони лавҳаи фаъолият |
|---|---|
| 6. Хизматрасониҳои тиббӣ | 6.1. Шомил сохтани равишҳои махсуси равоншиносӣ ва иҷтимоӣ барои таъмини солимии умумӣ<br>6.2. Таъмини дастрасӣ ба нигоҳубини одамони гирифтор ба мушкилоти равонии вазнин<br>6.3. Ҳифз ва нигоҳубини одамон гирифтори мушкилоти равонии вазнин ва дигар нотавониҳои равонӣ ва асабӣ, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд |
| 7. Таълиму тарбия | 7.1. Мустаҳкамкунии дастрасӣ ба таълиму тарбияи бехатар ва кӯмакрасон |
| 8. Паҳн намудани иттилоот | 8.1. Маълумотдиҳӣ ба аҳолии зарардида дар бораи ҳолати фавқулодда, кӯшишҳои имдодӣ ва ҳуқуқҳои онҳо<br>8.2. Таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар бораи усулҳои мусбии барқароршавӣ |
| **C. Ҷанбаъҳои иҷтимоӣ дар мавзӯҳои соҳавӣ** | |
| 9. Амнияти ғизоӣ ва озуқа | 9.1. Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва равоншиносиро фаро мегирад (кӯмаки бехатар ба ҳамагон, таҳлили равишҳои фарҳангӣ ва нақши оиладорӣ) дар таъмини ғизо ва тағзия (таъминоти микронутриентҳо) |
| 10. Банақшагирии паноҳгоҳ ва маҳал | 10.1. Ҷанбаҳои махсуси иҷтимоиро (кӯмаки бехатар, арзанда ва аз лиҳози фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мувофиқ) дар банақшагирии паноҳгоҳ ва ҳамоҳангсозӣ дар бар мегирад |
| 11. Об ва ҳолати санитарӣ | 11.1. Ворид намудани ҷанбаҳои хоси иҷтимоӣ (дастрасии бехатар ва аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ барои ҳама) барои таъмини об ва ҳолати санитарӣ |

# Лавҳаи фаъолияти 1.1

## Таъсис додани ҳамоҳангсозии байнисоҳавии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ

**Соҳа:** Ҳамоҳангсозӣ
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Барномарезии таъсиргузори солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (СРДПИ) ҳамоҳангиро дар байни фаъолони гуногуни байнисоҳавӣ талаб менамояд, чунончӣ ҳамаи иштирокчиёни аксуламали кӯмаки башардӯстона барои ривоҷ додани солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ ӯҳдадор ҳастанд. Ҳамоҳангӣ дар СРДПИ бояд соҳаҳои тандурустӣ, таълиму тарбия, ҳифз ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунин, намояндагони ҷомеаҳои гирифторшударо дар бар гирад. Он ҳамчунин бояд бо соҳаҳои ғизо, амният, паноҳгоҳ ва об ва ҳолати санитарӣ якҷоя бошад.

Ҳамоҳангсозӣ намудан барои ҳолатҳои зеирен кӯмак мерасонад: (а) тамоми ҷанбаҳои кӯмаки башардӯстона тавре ба роҳ монда мешаванд, ки масъалаҳои кӯмаки саломатии рӯҳӣ ва равониву иҷтимоӣ тарғиб карда мешаванд; (б) Дастгириҳои махсуси солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар аксуламали башардӯстона илова карда шудаанд. Барои иҷрои ин кор, фаъолони соҳаи СРДПИ бояд дар бораи як стратегияи умумӣ ва тақсими меҳнат ба тавофуқ расанд, ки ба таври баробар ҷомеаҳои гирифтори ҳолати фавқулоддаро дастгирӣ мекунад. Ҳамоҳангсозии заиф метавонад боиси барномарезии бетаъсир, нокофӣ ё ҳатто зараровар гардад.

Дар муайянкунии ҳамоҳангсозии мувофиқ чанд мушкилии асосӣ мавҷуданд. Алоқаманд кардани фарқияти байни барномарезии ‘солимии равонӣ’ ва ‘психологиву иҷтимоӣ’ (аксаран алоқаманд бо соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ) мушкилии асосӣ дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда мебошад. Ҳамоҳангӣ махсусан бо шомил сохтани шумораи зиёди фаъолон дар ҳолатҳои фавқулоддаи сатҳи баланд амалӣ карда мешавад. Одамони ба ҳодисаҳои фавқулодда гирифтор метавонанд аз ҷониби шахсони бисёри аз берун омада рӯ ба рӯ шаванд ва саҳми аҳолии маҳаллӣ барои расонидани кӯмак дар робита бо солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ маҳдуд шуда бошад. Ба вуҷуд овардани дарки умумӣ дар байни фаъолони дорои нуқтаҳои назари гуногун дар бораи СРДПИ (барои мисол, ҳукуматҳои маҳаллӣ, донорҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҷомеҳои маҳаллӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ) ва иҷрои саривақтии ҳуҷҷатҳои муайян оид ба мушкилотҳои ҷойдошта барои ҳамоҳангсозии таъсиргузор муҳим мебошанд.

## Амалҳои калидӣ

### 1. Фаъол кардан ё таъсис додани гурӯҳи ҳамоҳанги байнисоҳавии СРДПИ.

- Ташкил додани як гурӯҳ барои ҳамоҳангсозии фаъолияти СРДПИ ва рушди муштараки як нақша оид ба тарзи иҷро ва аз ҷониби кӣ амалӣ шудани он муҳим аст. Ташкили танҳо як гурӯҳи ҳамоҳангсозии байнисоҳавии СРДПИ, аз он ҷумла фаъолони ба таври анъанаӣ алоқаманд бо соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ тавсия дода мешавад. Ин беҳтарин равиши таъсиргузор барои коҳиш додани фаъолиятҳои ҷудогона ва муайян шудани ҳамаи паҳлӯҳои СРДПИ, ҳамчун дастгирӣ аз ҷониби ҷомеа барои дармони мушкилоти вазнини равонӣ мебошад, ки ба таври умумӣ муйян шудааст. Ба ҳар ҳол, ин барои ташкили зергурӯҳҳо барои муайян кардани масъалаҳои махсус (масалан, кӯмаки равонӣ дар мактабҳо, ҳифзи солимии равонӣ дар хизматрасониҳои тиббӣ) метавонад фоидаовар бошад. Гурӯҳи ҳамоҳангсозии СРДПИ бояд бо ҳамаи соҳаҳои алоқаманд ё гурӯҳҳои КДБА ҳамоҳаг бошад ва муайян намояд, ки фаъолиятҳои онҳо солимии равонӣ ва дастгирии иҷтимоиву равониро беҳбуд бахшида метавонад ва фаъолитҳои алоқаманди СРДПИ дар ин гурӯҳҳо амалӣ шудаанд.
- Ҳамроҳ кардани намояндагони гурӯҳи ҳамоҳангсозии СРДПИ аз вазоратҳои асосии ҳукумат (аз он ҷумла вазоратҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф), агентиҳои СММ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ. Иштирокчиён аз дигар ташкилотҳо, аз он ҷумла вазоратҳои давлатӣ, муассисаҳои будубоши умумии касбӣ ва донишгоҳҳо, ташкилотҳои динӣ ё шаҳрвандӣ ва ҳаракатҳои Салиби сурх/Ҳилоли аҳмар ҳангоми фаъоли будани онҳо дар соҳаи СРДПИ бояд ҳамроҳ карда шаванд. Машварат бо ҷомеа ва воридшавӣ бояд дар ҳамаи самҳои ҳамоҳангӣ тақвият дода шавад.
- То ҳадди имкон истифодабарии гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии мавҷудбуда. Дар ҳолати набудани онҳо бояд гурӯҳҳои дорои як вазифа ташкил дода шаванд. Гурӯҳи ҳамоҳангсозии СРДПИ бояд бо бахшҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва тандурустӣ ва то ҳадди имкон бо ҳаргуна механизмҳои иловагии ҳамоҳангсозии миллӣ, аз он ҷумла вебсайтҳои вобаста (масалан, Маркази иттилоотии кӯмакрасон, www.humanitarianinfo.org) ҳамоҳанг карда шавад.
- Ташкил додани гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии СРДПИ дар сатҳи зермиллӣ ва/ё миллӣ. Илова бар ин, тақвияти додугирифти иттилоот байни ташкилотҳо дар сатҳи байналмилалӣ. Байни гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии миллӣ ва зермиллӣ бояд иртибот вуҷуд дошта бошад ва шарҳи муфассали нақшаҳои вобастаи онҳо пешниҳод гардад.
- Гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии СРДПИ бояд то ҳадди имкон аз ҷониби як ё якчанд ташкилоти миллӣ ва бо дастгирии муносиби техникӣ аз

ташкилотҳои байналмилалӣ идора карда шаванд. Ташкилотҳои асосӣ бояд дар бораи СРДПИ ва равандҳои ҳамоҳангсозии дарбаргиранда маълумот ва таҷриба дошта бошанд (масалан, канорагирӣ аз бартарии як равиш/соҳаи махсус ё дар ҳолатҳои даргирии мусаллаҳона, ки аз ҷониби фаъолони асосӣ ҳамчун қисми ҷудонопазир ба ҳисоб меравад).

• Кор дар самти коҳиш додани фарқиятҳои нерӯ байни аъзоёни гурӯҳи ҳамоҳангӣ ва барои осонсозии иштироки гурӯҳҳои ғайринамоянда ё на он қадар қавӣ (масалан, тавассути истифодаи забонҳои маҳаллӣ ва мулоҳизаи сохтор ва ҷойгиршавии маҷлисҳо).

• Ҳамаи ташкилотҳо барои ҳамоҳанг кардани аксуламали худ масъулияти якхела доранд (Ин Роҳнамои пешниҳодкардаи КДБА оид ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда бо меъёри 'зарар нарасонидан' мухолифат намекунад). Ташкилотҳо бояд ҳатман кӯшиш намоянд, ки намояндагони онҳо барои иштироки таъсиргузор дар ҳамоҳангӣ мақоми баланд, маълумот ва маҳорат дошта бошанд.

## 2. Ҳамоҳангсозии банақшагирии барнома ва иҷрои он.

• Гурӯҳи ҳамоҳангӣ барои ҳамоҳангсозии банақшагирии барнома ва иҷроиши он мутобиқи ин роҳнамо ӯҳдадор мебошад. Дар ин ҷо ҳамчунин бояд боварӣ ҳосил шавад, ки фаъолиятҳои ҳадди ақали СРДПИ то ҳадди кофӣ дар ҳолати маҳаллӣ амалӣ мегардад ва онҳо ба таври баробар ва ҳамзамон ба ҷомеаҳои гирифтори ҳолати фавқулодда дастрасӣ доранд.

• Осонсозии раванди байнисоҳавӣ, барномарезии стратегии СРДПИ-и байниагентӣ иборат аст аз:

• Ҳамоҳангсозии баррасиҳо ва бозёфтҳои иртиботӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.1*);

• Ташкил намудани барномарезии мувофиқ бо афзалиятҳи ҷуғрофӣ;

• Муайянсозӣ ва кор барои бартараф кардани фарқиятҳо дар амалҳои ҷавобӣ;

• Кафолат додани тақсимоти вазифавии кор дар байни фаъолон;

• Мусоидат ба ҳамкории байнисохторӣ дар бораи фаъолиятҳои муштарак (аз он ҷумла механизмҳои мурочиатӣ ё равишҳои муштарак);

• Ҳамоҳангсозии паҳн намудани иттилоот дар бораи ҳолати фавқулодда, талошҳо барои бартарафсозӣ, ҳуқуқҳо ва ҳифзи худ дар байни аҳолии зарардида (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти 8.1 ва 8.2*);

• Ҳуҷҷатгузорӣ ва додугирифти иттилоот дар равишҳои сохторӣ, маводҳо ва сабақҳои омӯхташуда;

• Мониторинг ва баҳогузорӣ ва паҳн намудани натиҷаҳои бадастомада (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.2*).

То ҳадди имкон, як нақшаи стратегии байниагентӣ бояд рушд ёбад.

## 3. Рушддиҳӣ ва паҳн намудани роҳнамо ва ҳамоҳанг кардани фаъолиятҳои тарғиботӣ.

• Гурӯҳи ҳамоҳангсозии СРДПИ бояд раванди мутобиқати ин ва дигар роҳнамои алоқамандро бо мӯҳтавои маҳаллӣ амалӣ намояд. Он дар ҳолати зурурат бояд роҳнамо/сиёсатҳои иловагии СРДПИ-ро густариш диҳад. Ин раванд то ҳадди имкон бояд ҳамаро дар бар гирад. Механизмҳо барои кафолати огоҳии васеъ ва ӯҳдадориҳо ба роҳнамо ва сиёсатҳо бояд густариш ёбанд (масалан, тасдиқи расмӣ аз ҷониби мақомоти миллӣ ва ташкилотҳое, ки дар заминаи СРДПИ кор мекунанд).

• Гурӯҳ бояд ҳифзи СРДПИ-ро ҳамоҳанг намояд. Фаъолиятҳои ҳадди ақал иборатанд аз:

(1) тавофуқ оид ба масъалаҳои асосии пешбурди тарғибот бо муайянсозии омилҳое, ки таъсири бештар ба СРДПИ доранд ва онҳо метавонанд бо роҳи ташвиқот тағйир ёбанд; (2) шиносоии саҳмдорони асосӣ аз он ҷумла ҳукумат, гурӯҳҳои мусаллаҳ, расонаҳои хабарӣ, донорҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, сиёсатгузорон ва дигар мақомоти ҳамоҳангсозӣ ва рушди паёмҳои асосии ҳадафманд барои ҳар кадоми онҳо; ва (3) муайян кардани нақшҳо ва ӯҳдадориҳо барои ҳифз тавассути ташкилотҳои гуногун.

## 4. Сафарбаркунии захираҳо.

• Ҳамоҳангсозии ҷамъоварии кӯмаки молӣ кафолатҳоеро дар бар мегирад, ки СРДПИ ба Раванди Ҳамҷояшудаи Дархости (РҲД) КДБА мувофиқ карда шудааст, аз ҷумла ҷиҳати сафарбаркунии маблағгузориҳо барои фаъолиятҳои ҳамоҳангсозӣ ва тарғибу ташвиқоти якҷоя барои дарёфти маблағ аз донорҳо.

## Захираҳои асосӣ


1. Гурӯҳи кории байнигентӣ оид ба кӯдакони ҷудошуда ва танҳо (2005). Нигоҳубин ва ҳифзи равонӣ-иҷтимоии кӯдакони гирифторшуда бо офати сунамӣ: Принсипҳои роҳнамоии байниагентӣ.

http://www.iicrd.org/cap/node/view/383

2. Мангров: Воҳиди кӯмаки равонӣ ва ҳамоҳангӣ, Баттикалоа, Шри Ланка.

http://www.themangrove.blogspot.com/

3. Ҳамоҳангсозии солимии психологию иҷтимоӣ/равонӣ. Гузориши ниҳоии ҷаласаи мутахассисони байниҳукуматӣ, Замимаи V, Ҷакарта, 4-5 апрели соли 2005.

http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html

4. Оинномаи Фаластин оид ба ҷорӣ намудани фаъолиятҳои психологиву иҷтимоӣ, 4 октябри соли 2001.

http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html
5. Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (2003). Солимии равонӣ дар Ҳолатҳои фавқулодда: Ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии тандурустии одамони бо омилҳои фишори равонии шадид рӯбурӯшуда. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/mental_health/media/en/640.pdf

**Нишондиҳандаи раванди намунавӣ**

- Як гурӯҳи ҳамоҳангсозии СРДПИ дар сатҳи маҳаллӣ ва/ё миллӣ таъсис ёфтааст, ки фаъолони соҳаҳои гуногунро муттаҳид менамояд, аз он ҷумла саломатӣ, ҳифз ва таълиму тарбия.

**Мисол: Акеҳ, Индонезия, 2005**

- Дар давоми амалиёти башардӯстона дар моҳи декабри соли 2004 ҳангоми рух додани сунамӣ, мақомоти соҳаи тандурустии вилоят аз ҷониби ду ташкилоти СММ ба таври муштарак барои ҳамоҳангсозии ҳамаи кӯшишҳои алоқаманд бо солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ кӯмак дарёфт намуданд.
- Як гурӯҳи кории байниагентии психологию иҷтимоӣ дар Акеҳ таъсис дода шуд. Зиёда аз 60 агентиҳо, ки дар соҳаҳои иҷтимоӣ, саломатӣ ва ҳифз фаъолият мекарданд, дар маҷлисҳои ҳафтагӣ иштирок карданд. Гурӯҳи психологию иҷтимоӣ ба ҳарду гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии тандурустӣ ва ҳифзи кӯдакон гузориш дод.
- Гурӯҳи кории байниагентии психологию иҷтимоӣ дар Акеҳ «Принсипҳои барномаи психологию иҷтимоиро барои Акеҳ, Индонезия» омода кард, ки ба таври васеъ роҳандозӣ ва истифода гардид.

# *Лавҳаи фаъолияти 2.1*

## Тарзи баррасии масъалаҳои солимии равонӣ ва масъалаҳои психологию иҷтимоӣ

**Соҳа:** Баррасӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

### Пешгуфтор

Баррасиҳои солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (СРДПИ) дар ҳолатҳои фавқулодда мавридҳои зеринро таъмин мекунад: (а) фаҳмиши ҳолати фавқулодда; (б) ташхиси таҳдидҳо ва имкониятҳо барои солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ; ва (в) ташхиси захираҳои алоқаманд барои муайян кардан, дар машварат бо саҳмдорон, ки оё амалҳои ҷавобӣ лозим ҳаст ё не ва, агар лозим бошад, хусусияти амалҳои ҷавобӣ.

Баррасӣ бояд ҳуҷҷатгузории таҷрибаҳои одамонро дар ҳолати фавқулодда, тарзи мувофиқати онҳо бо он ва таъсири он ба солимии равонӣ/дастгирии психологиву иҷтимоии онҳо. Ин бояд тарзи аксуламали шахсон, ҷомеаҳо ва ташкилотҳо ба ҳолати фавқлодаро дар бар гирад. Он дар баробари талабот ва мушкилот бояд захираҳоро муайян намояд. Захираҳо мубоританзаи шахс бо фишор ё маҳоратҳои зандагӣ, механизмҳои дастгириҳои иҷтимоӣ ва имкониятҳои ҳукумат ва ташкилотҳои ғайриҳукуматиро дар бар мегирад. Фаҳмиши тарзи дастгирии одамони гирифтор барои дақиқтар муайян кардани талаботи СРДПИ зарурӣ мебошад. Баррасӣ ҳамчунин бояд қисми раванди давомноки ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот дар ҳамкорӣ бо саҳмдорони асосӣ, махсусан одамони гирифтор, бо мақсади барномарезии беҳтар бошад.

### Амалиёти асосӣ

#### 1. Ҳосил кардани боварӣ ба ҳамоҳанг будани баррасиҳо.

- Ҳамоҳанг кардани баррасиҳо бо дигар ташкилотҳое, ки масъалаҳои психологию иҷтимоӣ/солимии равониро муайян мекунанд. Ҳамоҳангсозии баррасиҳо барои кафолати истифодабурии дурусти захираҳо, дарки нисбатан дақиқ ва васеъ аз ҳолати СРДПИ ва барои пешгирӣ аз беҳуда таҳмил кардани аҳолӣ бо баррасиҳои тақаллубӣ зарур мебошад.
- Ташкилотҳо пеш аз ҳама бояд бояд муайян кунанд, ки кадом баррасиҳо иҷро шудаанд ва иттилооти дастрасро баррасӣ намоянд (масалан, роҳандозӣ кардани баррасии корӣ, гузориш додан ба дигар ташкилотҳо, баррасии иттилооти мавҷудбуда дар бораи кишвар, аз он ҷумла адабиёт ва иттилооти алоқаманди қаблан вуҷуддоштаи этнографӣ

дар бораи системаи солимии равонӣ). Онҳо бояд баррасиҳои соҳавии минбаъдаро танҳо дар ҳолати зарурӣ тарҳрезӣ кунанд.

• Ташкилотҳо бояд гурӯҳи ҳамоҳангиро (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 1.1*) дар бораи масъалаҳое, ки онҳо баррасӣ кардан мехоҳанд, аз он ҷумла дар куҷо ва чӣ тавр омода ва мутобиқ кардани баррасиҳои худ дар ҳолати зарурӣ ва барои додугирифти иттилоот огоҳ намоянд.

• Дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда, гурӯҳҳои гуногун (Идораҳои ҳукуматӣ, ташкилотҳои СММ, ТҒҲ ва ғ.) иттилоотро дар бораи паҳлӯҳои гуногуни СРДПИ (ҳамон тавре ки дар ҷадвали саҳ. 40-41 зикр шудааст) ва дар як ҳудуди минтақаҳои ҷуғрофӣ ҷамъоварӣ мекунанд. Гурӯҳи ҳамоҳангӣ бояд оид ба он ки кадом ташкилотҳо кадом намуди иттилоотро дар куҷо ҷамъоварӣ мекунанд, кӯмак намоянд ва то ҳадди имкон тасдиқ намоянд, ки ҳамаи иттилооти пешниҳодшуда дар ҷадвал барои минтақаҳои зарардида дастрас мебошад. Он бояд ба ташкилотҳо имкони ба таври мувофиқ ва ҳамоҳанг иҷро кардани инро фароҳам намояд (масалан, тавассути стандартикунонии воситаҳои асосӣ). Ин иттилооти баррасӣ бояд ба таври доимӣ дар байни ташкилотҳои гуногуни амалкунанда ҷамъоварӣ, таҳлил ва мубодиа гардад.

• Ҷанбаъҳои махсуси иҷтимоӣ бояд дар баррасиҳои амалишаванда дар ҳамаи соҳаҳо ворид карда шавад, аз он ҷумла хизматрасониҳо ба ҷомеа, ҳифз, тандурустӣ, таълиму тарбия, паноҳгоҳ, ғизо ва об ва ҳолати санитарӣ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти алоқаманд барои ҳар бахш/соҳа*).

## 2. Ҷамъоварӣ ва таҳлили асосии иттилооти алоқаманд ба солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ.

Ҷадвали зерин иттилооти асосиеро пешниҳод мекунад, ки бояд барои ташкилотҳои амалкунанда дар соҳаи СРДПИ дастрас бошад (қобили тазаккур аст, ки ташкилотҳои алоҳида ба ҷанбаҳои махсуси алоқаманд ба кори онҳо таваҷҷӯҳ менамоянд).

• Баррасӣ бояд то ҳадди имкон иттилоотро мувофиқ ба синну сол, ҷинсият ва маҳалли ҷойгиршавӣ ҷамъоварӣ намоянд. Ин шиносоии гурӯҳҳои ба хатар ҳассос дар ҷомеа ва талабот/имкониятҳои махсуси онҳоро дар бар мегирад. Гурӯҳҳои ба хатар ҳассос асосан дар фасли 1 шарҳ дода шудаанд.

• Муайянкунии ҳам талабот ва ҳам захираҳои бахшҳои гуногуни аҳолии зарардида, аз одамони таҳти фишор то онҳое, ки аз сабаби мушкилоти равонӣ фаъолият намекунанд.

минбаъдаро танҳо дар ҳолати зарурӣ тарҳрезӣ кунанд.

| Намуди иттилоот | Аз он ҷумла |
|---|---|
| Иттилоъ дар бораи демография ва ҳолат | • Шумораи аҳолӣ ва андоза (ва дар ҳолати зарурӣ маҳалли ҷойгиршавӣ)и зергурӯҳҳои аҳолие, ки метавонанд бо хатари махсус рӯбарӯ шаванд (ниг. Фасли 1)<br>• Марги одамон ва таҳдид ба марг<br>• Дастрасӣ ба эҳтиёҷоти аввалия (масалан, ғизо, паноҳгоҳ, об ва ҳолати санитарӣ, ҳифзи саломатӣ) ва таълиму тарбия<br>• Риоя нашудани чорчӯбаи ҳуқуқи инсон ва меъёрҳои муҳофизатӣ (ниг. Лавҳаҳои фаъолияти 3.1, 3.2 ва 3.3)<br>• Сохторҳо ва равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, динӣ ва иқтисодӣ (масалан, амният ва масъалаҳои даргирӣ, аз он ҷумла нажодӣ, динӣ, синфӣ ва фарқгузории ҷинсӣ дар дохили ҷомеаҳо)<br>• Тағйирот дар фаъолиятҳо ва тарзи зиндагии рӯзмарраи ҷомеа<br>• Иттилооти асосии этнографӣ дар бораи захираҳои фарҳангӣ, меъёрҳо, нақшҳо ва муносибатҳо (масалан, равишҳои азодорӣ, муносибатҳо нисбати мушкилии равонӣ ва дар асоси зӯроварии ҷинсӣ, рафтори талаби кӯмак) |
| Таҷрибаи ҳолати фавқулодда | • Таҷрибаҳои одамон аз ҳолати фавқулодда (қабули ҳодисаҳо ва аҳамияти онҳо, дарки сабабҳо, оқибатҳои пешбинишуда) |
| Солимии рӯҳӣ ва мушкилоти равонӣ | • Нишонаҳои мушкилоти равонӣ ва иҷтимоӣ, аз он ҷумла мушкилоти рафторӣ ва эҳсосотӣ (масалан, хушунат, маҳрумияти иҷтимоӣ, мушкилоти хобравӣ) ва нишондиҳандаҳои маҳаллии фишори равонӣ<br>• Нишонаҳои иҷрои нодурусти вазифаҳои рӯзмарра<br>• Барҳам хӯрдании ҳамбастагии иҷтимоӣ ва дастгирии механизмҳо (масалан, барҳам хӯрдании дастгирии нақшҳои иҷтимоӣ, даргириҳои оилавӣ, зӯроварӣ, сустшавии арзишҳои ҳамҷоя)<br>• Иттилоот дар бораи одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин (масалан, тавассути системаҳои иттилоотии хизматрасониҳо дар соҳаи тандурустӣ) (барои тафсилот ниг. Лавҳаи фаъолияти 6.2) |

| | |
|---|---|
| Захираҳои мавҷудбуда оид ба солимии рӯҳӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ | • Роҳҳое, ки одамон ба худ ва дигарон кӯмак мекунанд, барои мисол роҳҳои мубориза бо фишор/табобат (масалан, эътиқодҳои динӣ ё сиёсӣ, ҷустуҷӯи дастгирӣ аз оила/дӯстон)<br>• Роҳҳое, ки дар он аҳолӣ шояд қаблан бо бадбахтӣ рӯбарӯ шуда бошад<br>• Намудҳои дастгирии иҷтимоӣ (шиносоии нафарони кӯмакрасони ботаҷриба ва боваринок дар ҷомеа) ва захираҳои ҳамбастагии ҷомеа (масалан, идомаи фаъолиятҳои оддии ҷомеа, тарзи тасмимгирии дуруст, гуфтугӯ/эҳтироми байни наслҳо, дастгирии гурӯҳҳои аз имтиёзҳо маҳрум ё ба хатар майл дошта) |
| Имкониятҳо ва фаъолиятҳои ташкилотӣ | • Сохтор, маҳалли ҷойгиршавӣ, кормандон ва захираҳои барномаҳои кӯмаки равонӣ дар таълиму тарбия ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъсири ҳолати фавқулодда ба хизматрасониҳо<br>• Сохтор, маҳалли ҷойгиршавӣ, кормандон ва захираҳо барои нигоҳубини солимии равонӣ дар соҳаи тандурустӣ (аз он ҷумла сиёсатҳо, дастрасии маводҳои доруворӣ, нақши хизматрасониҳои аввалияи тиббӣ ва беморхонаҳои равонӣ ва ғ. – ниг. Атласи солимии равонии ТУТ барои иттилооти асосӣ дар бораи 192 кишвари ҷаҳон) ва таъсири ҳолати фавқулодда ба хизматрасониҳо<br>• Ба нақша даровардани маҳоратҳои психологиву иҷтимоии фаъолони ҷомеа (масалан, кормандони ҷомеа, роҳбарони динӣ ё мушвирон)<br>• Банақшагирии шарикони асосӣ, меъёр ва сифат/мӯҳтавои омӯзиши қаблии СРДПИ<br>• Банақшагирии барномаҳои ҳолати фавқулоддаи СРДПИ |
| Барномарезии талабот ва имкониятҳо | Тавсияҳо аз ҷониби саҳмдорони гуногун<br>Меъёре ки дар он амалиётҳои асосии гуногуни шарҳ додашуда дар ин роҳнамои КДБА иҷро шудаанд<br>Фаъолнокии системаҳои муроҷиатӣ дар байни ва дохили соҳаҳои тандурустӣ, иҷтимоӣ, таълиму тарбия, ҷомеа ва динӣ |

**3. Ҷорӣ намудани таҳқиқот мувофиқ ба одобу рафтор ва бо усули иштироки ҷонибҳо.**

- Таҳқиқотҳо дар асоси иштирок бояд то ҳадди имкон як раванди ширкаткунӣ бо саҳмдорони алоқаманд бошад, аз он ҷумла ҳукуматҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ташкилотҳои шаҳрвандӣ ва динӣ, аз он ҷумла одамони гирифторшуда. Таҳқиқот аввалин марҳила дар гуфтугӯ бо одамони гирифторшуда мебошад, ки дар ҳолати хуб иҷро гардидан натанҳо иттилоотро пешниҳод мекунад, балки ҳамчунин барои ҳифзи ҳолати одамон бо шиносоии мушкилот, захираҳо ва роҳи ҳалли асосӣ ба онҳо кӯмак менамояд (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.1 ва 5.2). Барқарории алоқа дар бораи натиҷаҳо ва раванди баррасӣ бояд аз иштирокчиён дарёфт гардад. Аҳолии зарардида бояд ҳамчунин дар муайянунии некӯаҳволӣ ва душвориҳо ҳамроҳ карда шавад.
- **Фарогир будан.** Таҳқиқот бояд бахшҳои гуногуни аҳолии зарардидаро дар бар гирад, аз он ҷумла кӯдакон, ҷавонон, занон, мардон, Куҳансолон ва гурӯҳҳои гуногуни динӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Ҳадафи он бояд шомил сохтани роҳбарони ҷомеа, омӯзгорон ва кормандони бахши тандурустӣ ва маишӣ на барои тақвият бахшидан, балки бароиислоҳи нақшҳои асосӣ бошад.
- **Ташхис.** Таҳқиқотҳо бояд ҳолатро бо як равонасозӣ ба шиносоии афзалиятҳо барои фаъолият ва танҳо барои ҷамъоварӣ ва гузоришдиҳии иттилоот ташхис намояд.
- **Таваҷҷӯҳ ба даргирӣ.** Ҳангоми амалиёт дар ҳолатҳои даргирӣ, масъулон бояд аз тарафҳои гирифтори даргирӣ ва ҷараёни онҳо бохабар бошанд. Нигоҳубин бояд барои ҳифзи якпорчагӣ ва новобастагӣ ва пешгирӣ аз рух додани фишор/даргирӣ ё таҳти хатар қарор додани аъзоён ё кормандони ҷомеа иҷро гардад. Таҳқиқот бо иштироки ҷонибҳои дахлдор дар баъзе ҳолатҳое, ки пурсидани савол метавонад хабарнигорон ё хабардиҳандагонро бо хатар рӯбарӯ менамояд, тавсия дода намешавад.
- **Мутобиқати фарҳангӣ.** Равишҳои баррасӣ (аз он ҷумла нишондиҳандаҳо ва воситаҳо) бояд аз лиҳози фарҳангӣ ва мӯҳтавоӣ ҳассос ва алоқаманд бошанд. Гурӯҳи баррасӣ бояд шахсони ошно бо ҷузъиёти маҳаллӣ ва касоне ки то ҳадди имкон шинохташуда, боваринок ба гузоришдиҳандагон ва ба анъанаҳои фарҳангӣ ва оинҳои маҳаллӣ эҳтиром мегузоштаро дар гирад. Ҳадафи баррасиҳо бояд барои пешгирӣ кардани истифодаи истилоҳҳое, ки дар мӯҳтавои фарҳанги маҳаллӣ барои пешгирӣ аз бадномсозӣ бошад.
- **Принсипҳои ахлоқӣ.** Бехатарӣ, махфӣ будан ва хоҳишҳои беҳтарини гузоришдиҳандагон бояд эҳтиром карда шавад. Дар мувофиқа бо қоидаи 'зарар нарасонидан', нигоҳубин бояд барои пешгирии густариши пешбиниҳои ғайриоддӣ дар давоми баррасиҳо амалӣ гардад (масалан, гузоришдиҳандагон бояд фаҳманд, ки агар масъулон маблағгузорӣ дарёфт накунанд, бар намегарданд). Саволпурсии берун аз

боварӣ бояд пешгирӣ карда шавад. Ташкилотҳо бояд барои муайян кардани он, ки иштироки аъзоёни ҷомеа дар баррасӣ сирфан ба таври ихтиёрӣ аст, ҳарчӣ бештар талош намоянд. Шахсоне, ки аз кӯдакон ё дигар гурӯҳҳои дорои талаботи махсус гузориш мегиранд (аз он ҷумла наҷотёфтагони зӯровариҳои заминаи ҷинсидошта) бояд маҳоратҳо ва таҷрибаи мувофиқ дошта бошанд. Дар ҳолати зарурӣ кӯмак бояд ба посухдиҳандагони эҳтиёҷманд ба дастгирӣ оид ба хизматрасониҳои дастраси СРДПИ пешниҳод гардад.

• **Гурӯҳҳои баррасӣ.** Масъулони арзёбӣ бояд дар замина принсипҳои ахлоқии дар боло зикршуда машқ бинанд ва маҳорати гузоришгирии асосӣ ва байнишахсӣ дошта бошанд. Гурӯҳҳои баррасӣ бояд тавозуни ҷинсии мувофиқ ва маълумот дар бораи СРДПИ ва мӯҳтавои маҳал дошта бошанд.

• **Равишҳои ҷамъоварии иттилоот.** Равишҳои алоқаманд ва босифати ҷамъоварии иттилоот ва баррасии адабиёт, фаъолиятҳои гурӯҳӣ (масалан, баҳсҳои гурӯҳӣ), гузоришҳои асосии иттилоотӣ, мушоҳидаҳо ва боздиди панохгоҳҳоро дар бар мегирад. Равишҳои миқдорӣ, аз он ҷумла саволномаҳои кӯтоҳ ва баррасиҳои иттилооти мавҷудбуда дар системаҳои тандурустӣ ҳам метавонанд фоидаовар бошанд. То ҳадди имкон, якчанд захираҳои иттилоот барои санҷиши ҳаматарафа ва тасдиқи иттилоот/ташхис бояд истифода шавад. Назарсанҷиҳое, ки барои муайян кардани таҳияи меъёри мушкилоти равонии вобаста ба ҳолати фавқулодда (баррасиҳои равонӣ-эпидемиологӣ) гузаронида мешаванд, майл ба додугирифт ва таъмини манбаъ доданд ва ҳамчунин зуд-зуд тағйир меёбанд – зеро онҳо фаротар аз аксуламали ҳадди ақал ҳастанд (ниг. ба саҳ. 45). Истифодаи иттилооти мавҷудбуда аз адабиёт барои лоиҳакашии эҳтимолӣ метавонад ба таври алтернативӣ фоидаовар бошад (масалан лоиҳакашиҳои дар ин роҳнамо овардашуда ниг. *Лавҳаи фаъолияти 6.2*).

• **Пойдорӣ ва саривақт будан.** Баррасиҳо бояд ҳарчӣ зудтар анҷом дода шаванд, зеро натиҷаҳои онҳо бояд ба таври таъсиргузор дар банақшагирии барномарезии ҳолати фавқулодда истифода мешаванд. Он аксаран барои доштани пойдорӣ, раванди баррасии марҳилавии мувофиқ мебошад, масалан дар ду марҳила:

1. *Баррасиҳои ибтидоӣ ('зудҳангом')* асосан мутамарказ шудан ба фаҳмидани таҷрибаҳо ва ҳолати ҷории аҳолии зарардида, якҷоя бо имкониятҳо ва фарқиятҳои барномарезӣ. Он бояд ба таври оддӣ дар давоми 1–2 ҳафта амалӣ карда шавад.

2. *Баррасиҳои муфассал:* Аксарияти баррасиҳои бодиққат роҳандозишуда барои муайянкунии масъалаҳои гуногуни зикршуда дар ҷадвали боло ҳамчун ошкоркунандаи ҳолати фавқлода амалӣ карда мешаванд.

**4. Амалӣ ва паҳн кардани натиҷаҳои баррасӣ.**

• Ташкилотҳо бояд натиҷаҳои баррасиҳои худро дар замони мувофиқ ва ба таври дастрас бо мардум, гурӯҳи ҳамоҳангӣ ва дигар ташкилотҳои вобаста додугирифт намоянд. Иттилооте, ки сиррӣ мебошад ва метавонад шахсияти одамон ва ҷоамеаҳои махсусро ошкор намояд ё аъзоёни аҳолии зарардида ё ҳаёти кормандонро бо хатар рӯбарӯ кунад, набояд ба ҳама ошкор карда шавад. Чунин иттилоъ бояд танҳо бо мақсади ҳифзи одамони зарардида ё аъзоёни кормандон ва баъдан бо ташкилотҳои дар ин самт фаъол расонида шавад.

• Гурӯҳи ҳамоҳангӣ бояд ба ҳамаи саҳмдорон натиҷаҳои баррасиро ҳуҷҷатгузорӣ, татбиқ, таҳлил ва паҳн намояд (масалан, баррасиҳои минбаъда дар бораи интернет ва роҳандозӣ кардани ҷаласаҳои барқарории алоқа бо мардум).

• Фаъолони СРДПИ бояд баррасиҳоро ҳамчун як манбаъ ва роҳнамо барои банақшагирӣ, мониторинг ва баҳогузории барномарезӣ истифода баранд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.2*).

## Захираҳои асосӣ


1. Иттиҳодияи фаъолияти якҷоя бо калисоҳо (ФЯК), *Лузерҳҷалпен*, Кӯмаки калисои норвегӣ ва хизматрасониҳои зидди офати табиии Присбетерӣ (2005). Баррасиҳои ҷамъиятии талабот ба кӯмаки равонӣ. Фасли 6, Хизматрасониҳои равонӣ ва иҷтимоӣ аз тарафи ҷомеа: роҳнамои ташвиқотӣ.

http://www.svenskakyrkan.se/tcrot/lutherhjalpen/psychosocialservices/pdf/psychosocialservices.pdf

2. Шабакаи омӯзишии фаъол оид ба масъулият ва омодагӣ дар фаъолиятҳои башардӯстона (ALNAP) (2003). Иштироки одамони зарардида аз бӯҳрон дар фаъолияти башардӯстона: Роҳнамо барои таҷрибаомӯзон. Баррасиҳо, Фасли 3.

http://www.odi.org.uk/ALNAP/publications/gs_handbook/gs_handbook.pdf

3. Болтон Р. (2001). Баррасии байнифарҳангии бемории равонии вобаста ба осеби равонӣ (Марҳилаи II). СЕРТИ, Донишгоҳи Ҷон Ҳопкинс, Дидгоҳи ҷаҳонӣ.

http://www.certi.org/publications/policy/ugandafinahreport.htm

4. Табибони бемарз (2005). Баррасиҳои соҳавӣ. Фасли 1, Қисми III, Роҳнамои солимии равонӣ: Китоби роҳнамо барои амалӣ намудани барномаҳои солимии равонӣ дар минтақаҳои гирифтори зӯроварии умумӣ.

http://www.msf.org/source/mentalhealth/guidelines/MSF_mentalhealthguidelines.pdf

5. Сиволе Д., Маникавасагар В., Бейкер К., Маусири М., Соарез М., Де Карвалио Ф., Сорез А. ва Фонсека Амирал З. (2004). ‘Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ бар байни аввалин иштирокчиёни хизматрасонии соҳаи

солимии равонӣ дар ҳолати фақулода дар минтақаи баъдиҷангии Тимори шарқӣ: баррасии кашфиётӣ. Маҷаллаи равондармонии Австралия ва Зеландияи нав. 38:929-32.
http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html
6. Лоиҳаи соҳавӣ (2004). Низомномаи башардӯстона ва стандартҳои ҳадди ақал дар амалҳои ҷавобӣ ба офати табиӣ. Баррасии ибтидоӣ, саҳ. 29-33.
http://www.sphereproject.org/handbook/
7. Идораи ЮНИСЕФ дар Осиёи шарқӣ ва Уқёнусия ва шабакаи минтақавии кӯмаки равонӣ ва иҷтимоӣ дар ҳолати фавқулодда (2005). Китоби роҳнамо оид ба баррасии психологию иҷтимоӣ барои кӯдакон ва мардум дар ҳолати фавқулодда.
http://www.crin.org/docs/Handbook%20new%20update.pdf
8. Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (2005). Атласи солимии равонӣ.
http://www.who.int/mental_health/evidence/atlas/

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Ташкилотҳо баррасиҳои худро бо дарназардошт ва мутобиқи иттилооте, ки аллакай аз ҷониби дигар ташкилотҳо ҷамъоварӣ шудааст, тарҳрезӣ мекунанд.
- Иттилооти баррасӣ дар бораи СРДПИ, ки аз ҷониби ташкилотҳои гуногун таҳия шудааст (ҳамон тавре ки дар ҷадвали саҳифаҳои 40- 41 зикр шудааст) омода ва нашр мегардад (масалан аз ҷониби гурӯҳи ҳамоҳангӣ).

**Назарсанҷиҳои эпидемиологии мушкилии равонӣ ва фишори равонӣ**

Назарсанҷиҳои эпидемиологӣ дар аҳолии умумӣ метавонад: (а) таъмини меъёрҳои аҳолӣ дар сатҳи мушкилоти гуногуни равонӣ ва нишонаҳои фишори равонӣ ва (б) Шиносоии омилҳои алоқаманд бо хатар (масалан, зан будан), омилҳои ҳифзи иҷтимоӣ (масалан, кор доштан), меъёрҳои таҳияи хизматрасонӣ ва омилҳои таъсиргузор ба ҷустуҷӯи кӯмак. Чунин назарсанҷиҳо, агар дуруст роҳандозӣ шаванд, метавонанд барои банақшагирии барнома, ҳифз, густариш додани далели асосии беҳтар барои барномаҳо ва пешбурди дониши илмӣ истифода шаванд. Илова бар ин, агар такрор шаванд, онҳо метавонанд мониторинг кунанд, ки оё беҳбудёбии табиӣ (беҳбудии худбахудӣ, бе дахолати пешбинишуда) дар аксарияти одамон дар аҳолӣ рух медиҳад ё не.

Ба ҳар ҳол, дар роҳандозӣ кардани назарсанҷиҳои фоидаовар ва расмӣ дар ҳолатҳои фавқулодда мушкилиҳои зиёд мавҷуданд. То имрӯз, аксарияти чунин назарсанҷиҳо дар ташхиси байни мушкилоти равонӣ ва мушкилоти ғайрипатологӣ номуваффақ буданд. Воситаҳои истифодашуда дар чунин назарсанҷиҳо асосан танҳо дар берун аз ҳолатҳои фавқулодда дар аҳолии ниёзманд ба кӯмак, одамони дар клиника буда, барои касоне ки фишори равонӣ, нишонаи бемории равонӣ ба ҳисоб меравад ва аз нафарони дигар дар ҷомеа ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда фарқ мекунад, расмӣ шудаанд. Дар натиҷа, аксарияти чунин назарсанҷиҳо ҳамчун доштани сатҳи баланди мушкилии равонӣ ба ҳисоб мераванд ва ба таври нодуруст пешниҳод мекунад, ки қисмати асосии аҳолӣ аз нигоҳубини клиникии психологӣ ё психиатрӣ фоида мебинанд. Ҳамин тавр, воситаҳои истифодашуда дар аксарияти назарсанҷиҳои гузашта, дар фарҳанге, ки истифода шудаанд, ба расмият шинохта нашуданд, ки минбаъд дар тарзи тафсири натиҷаҳо нодуруст мебароянд.

Таҷриба нишон додааст, ки барои таъсири дурусти барномаҳо ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда, он ба ташхиси дақиқ барои роҳандозӣ кардани назарсанҷиҳои равонии садоӣ ба таври зудҳангом ниёз дорад. Ҳарчанд ки назарсанҷиҳои равонии хуб роҳандозишуда метавонанд қисми як аксуламали умумӣ бошанд, чунин назарсанҷиҳо ба аксуламали ҳадди ақале, ки дар ин роҳнамо ҳамчун аксуламали зарурӣ ва афзалиятнок, ки бояд ҳарчӣ зуддар дар ҳолати фавқулодда амалӣ шаванд, мутобиқ нестанд (ниг. Фасли 1).

Агар назарсанҷиҳои равонии эпидемиологӣ дар мӯҳтавои таҳти таъсири ҳолати фавқулодда амалӣ шаванд, ба мавридҳои зерин бояд таваҷҷӯҳи махсус дода шавад: (а) қонунӣ кардани воситаҳо барои ҳолати маҳаллӣ (ниг. Манобеи асосии 3 дар боло) ва (б) аз он ҷумла баррасии нишондиҳандаҳое, ки шадидан бо мушкилоти шадиди солимии равонӣ алоқаманд ҳастанд (масалан, майл ба худкушӣ; нотавонӣ дар таъмини зиндагӣ ва нигоҳубини худ/оила; рафтори ғайриоддӣ; хатарнок будан барои дигарон; ва нишондиҳандаҳои аз лиҳози маҳаллӣ муайяншуда оид ба нотавонии шадид дар иҷрои вазифаҳои рӯзмарра: ниг. Захираҳои асосии 5).

## *Лавҳаи фаъолияти 2.2*

### Ташкили системаҳои мониторинг ва баҳогузорӣ дар иштироки якҷоя

**Соҳа:** Баррасӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Баррасӣ, барномарезӣ, мониторинг ва баҳогузорӣ қисми ягонаи давраи барнома мебошанд. Мониторинг дар ҳолатҳои фавқулодда раванди систематикии ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот барои огоҳ намудани тасмимгирии башардӯстонаи алоқаманд бо фаъолиятҳои ҷорӣ ё нисбатан нав мебошад. Арзёбӣ ташхиси алоқамандӣ ва таъсиргузории фаъолиятҳи ҷории анҷомёфтаро дар бар мегирад. Ба таври хулоса, ҳадаф аз мониторинг ва баҳогузорӣ (МвБ) дар ҳолатҳои фавқулодда барои беҳбуд бахшидани фаъолияти башардӯстона тавассути ҷамъоварии иттилоот дар бораи иҷро шудан ва таъсири кӯмак ва истифодаи он барои роҳнамоии беҳбудёбии барнома ба ҳолати тағйирёбанда мебошад.

МвБ бояд асосан ба равишҳои иштирок мутобиқат намояд (ниг. Захираҳои асосӣ дар поён). Ин маънои онро дорад, ки ҷомеаҳои гирифтор бояд дар ҳамаи паҳлӯҳои раванди МвБ то ҳадди имкон иштирок намоянд, аз он ҷумла мавриди баҳс қарор додани натиҷаҳо ва мафҳуми онҳо (барои шарҳи ҳамроҳкунии сатҳҳои гуногуни ҷомеа ниг. *Лавҳаи фаъолияти 5.1*).

*Лавҳаи фаъолияти 2.1* ба таҳқиқот равона шудаат, намуди иттилоотеро, ки ҳамчун қисми баррасии ибтидоӣ бояд ҷамъ шаванд, шарҳ медиҳад. Ин Лавҳаи фаъолият ба фаъолиятҳои минбаъдаи мониторинг ва баҳогузорӣ равона гардидааст.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайян кардани маҷмӯаи нишондиҳандаҳо барои мониторинг, тибқи ҳадафҳо ва фаъолиятҳои муайяншуда.**

- Интихоби дақиқи нишондиҳандаҳо ба ҳадафҳои барнома оид ба чизҳои муҳим ва имконпазир дар ҳолати фавқулодда вобаста аст.
- Коркард, муваффақият ва натиҷаи нишондиҳандаҳо бояд бо мӯҳтавои ҳадафҳои пешбинишуда мутобиқат намояд.
- Нишондиҳандаҳои раванд фаъолиятҳоро шарҳ дода сифат, миқдор, тавоноӣ ва истифодабарии хизматрасонӣ ва барномаҳоро дар бар мегирад (масалан, маҷлисҳои миқдори кӯмак ба худ).
- Нишондиҳандаҳои муваффақият розигии аҳолии зарардида бо

фаъолиятро шарҳ медиҳад (масалан, шумораи одамоне, ки ақидаи манфӣ, бетараф ва мусбат ба барнома доранд). Нишондиҳандаҳои муваффақият ҳамчун зернамуди нишондиҳандаи раванд ба ҳисоб меравaнд.

- Нишондиҳандаҳои паёмад тағйирот дар зиндагии аҳолӣ тибқи ҳадафҳои пешбинишударо шарҳ медиҳад. Ҳадафи ин нишондиҳанда шарҳ додани меъёре мебошад, ки дар он дахолат як навъ муваффақият ё шикаст буд. Ҳарчанд ки нишондиҳандаҳои паёмади дақиқ дар аксарияти ҳолатҳо маъно доранд (масалан, сатҳи иҷрои вазифаи рӯзмарра), тасмимгирӣ оид ба фаҳмиши маънои «муваффақият» дар як барномаи психологию иҷтимоӣ бояд қисми иштирокии баҳсҳо бо аҳолии зарардида бошад.

Ҳарчанд ки раванд ва нишондиҳандаҳои муваффақият воситаҳои фоидаовар барои омӯзиш ва таҷриба мебошанд, нишондиҳандаҳои паёмад барои амалиёти огоҳона иттилооти бештарро фароҳам менамояд.

- Ҷамъоварӣ иттилоот дар бораи нишондиҳандаҳо ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда иттилоот асосиро на танҳо барои аксуламали ҳадди ақал (аз он ҷумла онҳое, ки дар ин ҳуҷҷат зикр шудаанд), балки ҳамчунин барои фаъолияти башардӯстонаи дарозмуддат ва васеъ пешниҳод менамояд.
- Нишондиҳандаҳо бояд махсус, андозашаванда, датрас, алоқаманд ва замонавӣ (МАДАЗ) бошанд.
- Ба таври оддӣ, танҳо каме аз нишондиҳандаҳо метавон бо гузашти замон ба таври амалӣ мониторинг намуд. Бинобар ин нишондиҳандаҳо бояд тибқи қоидаи «кам, вале қавӣ» интихоб шаванд. Онҳо бояд ба тавре муайян шаванд, ки ба осонӣ таъйин шавад ва ба кори гурӯҳ ё ҷомеа халал нарасонанд.
- Иттилоот дар бораи нишондиҳандаҳо бояд то ҳадди имкон ба синну сол, ҷинсият ва маҳалли ҷойгиршавӣ ҷудо карда шавад.

## 2. Роҳандозӣ кардани баррасиҳо ба таври мувофиқ.

- Барои мониторинг ва баҳогузорӣ, принсипҳои андозагирии ягонаи баррасӣ истифода мешаванд. Барои мубоҳисаи муфассали масъалаҳои алоқаманд бо иштирок, шомилшавӣ, ташхис, ҳолатҳои дастгирӣ, мутобиқати фарҳангӣ, принсипҳои ахлоқӣ, гурӯҳҳои баррасӣ ва равишҳои ҷамъоварии иттилоот, аз он ҷумла эпидемиологияи равонӣ ниг. Фаъолияти асосии 3 дар Лавҳаи фаъолияти 2.1.
- Барои мониторинг ва баҳогузории фаъолиятҳо ва дидани тағйироти ҳосилшуда нишондиҳандаҳо пеш аз ва баъд аз фаъолиятҳо бояд андозагирӣ шаванд.

Ба ҳар ҳол, барои муайян кардани фаъолиятҳое, ки боиси тағйирот шудаанд, бояд тарҳрезии дақиқ анҷом дода шавад. Чунин тарҳрезиҳо фаротар аз аксуламали ҳадди ақал мераванд ва дар ин ҳуҷҷат ҳамчун

аксуламали зарурӣ ва афзалиятноке, ки бояд ҳарчӣ зудтар амалӣ шаванд, муайян шудаанд.

• Иттилооти миқдорӣ бояд бо иттилооти сифатии алоқаманд такмил гардад (масалан, тавсияҳои таҷрибаҳои дахолати одамон).

### 3. Истифодабарии мониторинг барои инъикос намудан, омӯзиш ва тағйирдиҳӣ.

• Иттилоот дар бораи нишондиҳандаҳои интихобшуда ба таври доимӣ, аз аввал то охири ҳолати фавқулодда, бо идомати минбаъда дар моҳҳо ва соли оянда ҷамъоварӣ шуда метавонанд. Масалан, агар як намуди махсуси баррасӣ ва ташхис ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда роҳандозӣ шавад, ҳамон раванд метавонад такроран дар давраҳои замонии оянда (масалан, дар 6, 12 ва 18 моҳ) барои амалӣ намудани тағйирот ва кӯмак ба саҳмдорон оид ба такрори фаъолиятҳо ба таври зарурӣ иҷро шавад.

• Хулосабарории асосӣ аз мониторинг ва баҳогузорӣ бояд ба ҳамаи саҳмдорони алоқаманд, аз он ҷумла ҳукумат, мақомоти ҳамоҳангӣ ва аҳолии зарардида таҳия гардад. Иттилоот барои аҳолии зарардида бояд дар шакли дастрас (масалан ба забонҳои маҳаллӣ ва фаҳмо барои одамони сатҳи саводашон паст) таҳия гардад.

• Барои осонсозии инъикос намудан, омӯзиш ва тағйирдиҳӣ, муколамаҳо бо иштироки ҳамҷоя ҳамчун як воситаи бозгашт ба ақиб ва инъикоси маънои иттилоот ва тарзи осонсозии фаъолиятҳо оид ба чизҳои омӯхташуда фоидаовар мебошад.

### Захираҳои асосӣ


1.Фаъолияти кӯмаки байналмилалӣ. Ташхиси осебпазирии иштирок: Роҳнамои муқаддамотӣ барои кормандони соҳавӣ.
http://www.actionaid.org.uk/wps/content/documents/PVA%20final.pdf

2. Шабакаи омӯзишии фаъол оид ба масъулият ва омодагӣ дар фаъолиятҳои башардӯстона (ALNAP). Фасли 6: 'Мониторинг'; Фасли 7: 'Арзёбӣ'. дар Иштироки аҳолии гирифтори бӯҳрон дар фаъолияти башардӯстона: Китоби роҳнамо барои таҷрибаомӯзон, саҳ. 193-227.
http://www.globalstudyparticipation.org/index.htm

3. Болтон Р. ва Танг А.М. (2002). «Равиши алтернативӣ барои баррасии вазифаҳои байнифарҳангӣ». Равоншиносии иҷтимоӣ ва эпидемиологияи равонӣ. 37:537-43.
http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html

4. Брагин М. (2005). «Абзори арзёбии иштироки ҷомеа барои барномаҳои психологию иҷтимоӣ». Дахолат: Маҷаллаи байналмилалии солимии равонӣ, Кор ва машваратдиҳии психологию иҷтимоӣ дар минтақаҳои даргирии мусаллаҳона 3, 3-24.
http://www.interventionjournal.com/downloads/31pdf/03_24%20Bragin%20.pdf

5. Коҳен Р. Н. (2004). Муаррифии мутолиаҳои таҳқиқӣ: Роҳнамо оид ба иҷрои мутолиаҳои таҳқиқӣ дар барномаҳои давраи кӯдакии зудҳангом (бо забонҳои англисӣ ва испанӣ). Фонди Бернард ван Леер.
http://www.bernardvanleer.org/publications/Browse_by_series/publications_results?getSerie=Books%20and%20Monographs
6. Муассисаи байналмиллӣ оид ба муҳити зист ва рушд (МБМР). Омӯзиш ва фаъолият бо иштироки ҳамҷоя (замимаҳои PLAs). http://www.iied.org/NR/agbioliv/pla_notes/backissues.html (ниг. махсусан замимаҳои 31 ва 42, ки мониторинг ва баҳогузориҳои PRA-ро дар бар мегирад)
7. Гурӯҳҳои кории психологияю иҷтимоӣ (2005). Инъикоси шиносоии ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳо дар барномарезии психологияю иҷтимоӣ.
http://www.forcedmigration.org/psychosocial/papers/PWG_OI_.pdf
8. Перез-Салес П. (2006). Repensar Experiencas. Evaluación de programas psicosociales y de salud mental. Metodologías y técnicas'. Ed Popular. (www.psicosocial.net) (Бозандешии таҷрибаҳо. Арзёбии барномаҳои равонӣ ва солимии равонӣ. Равишҳо ва механизмҳо. Умумӣ. ба забони испанӣ)

---

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Раванди МАДАЗ ва нишондиҳандаҳои ниҳоӣ барои барномаҳои солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ муайян шудаанд.

• Нишондиҳандаҳо то ҳадди кофӣ ба таври доимӣ муайян мешаванд.

• Саҳмдорони асосӣ, аз он ҷумла аҳолии зарардида, дар ҳамаи паҳлӯҳои раванда МвБ, аз он ҷумла мубоҳисаи натиҷаҳо ва амалӣ намудани онҳо иштирок мекунанд.

---

**Мисол: Сан Салвадор, 2001**

• Мақомоти маҳаллӣ ва як гурӯҳи ҷамъиятии психологияю иҷтимоӣ аз донишгоҳи маҳаллӣ ва як ТҒҲ-и байналмилалӣ системаи МвБ-ро дар паноҳгоҳи 12,000 нафараи одамони аз заминҷунбӣ зарардида таҳия намуданд.

• Система иттилооти миқдорӣ ва сифатиро оид ба дастгирии дуҷониба, иттиҳод, амният, иттиҳодияи роҳбарон, равандҳои тасмимгирӣ, дастрасӣ ба иттилооти навсозишуда, тасдиқи мақомот, ҷои корӣ, фаъолиятҳои оддисозӣ, дарки иттиҳоди ҷомеа ва дарки оянда ҷамъоварӣ намуд. Система баррасии асосиеро бо такрори доимии семоҳа дар намунаи тасодуфии 75 хайма дар бар гирифт. Дар бораи ҳар кадоми онҳо аз ҷониби панҷ довталаб дар давоми давраи 24 соата иттилоот ҷамъоварӣ гардид.

• Баъд аз се моҳ, системаи МвБ коҳишёбии назаррасеро оид ба дастгирии дучониба ва иттиҳоди ҳосилшуда муайян намуд. Меъёрҳои мувофиқ ҷорӣ шуданд (масалан, батартибдарории таҳияи хайма ва воситаҳои хӯрокпазӣ, фаъолиятҳои гурӯҳӣ). Баъд аз се моҳ баррасӣ афзоиши боварӣ ба иттиҳодияи роҳбарон ва равандҳои тасмимгирӣ, муайянкунии тасдиқи тамоюл ба назар расид.

## *Лавҳаи фаъолияти 3.1*
## Истифодабарии чорчӯбаи ҳуқуқи инсон дар солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ

**Соҳа:** Стандартҳои ҳифз ва ҳуқуқи инсон
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Зӯровариҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда вуҷуд доранд. Аксариятии хусусиятҳои маънogии ҳолатҳои фавқулодда – тағйири макон, шикаст дар оила ва сохторҳои иҷтимоӣ, норасоии дастрасӣ ба кӯмаки башардӯстона, нестшавии системаҳои баҳогузории анъанавӣ, масъалаҳои зӯроварӣ, идоракунии заиф, набудани масъулият ва норасоии дастрасӣ ба хизматрасонии соҳаи тандурустӣ – боиси зӯровариҳо нисбати ҳуқуқҳои инсон мешавад. Нодида гирифтани стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар баъзе ҳолатҳо сабабгори даргириҳои мусаллаҳона мебошад. Ҳамчунин, поймолкунии ҳуқуқи инсон  ва идоракунии заиф оқибатҳои ҳодисаҳои табииро бештар мураккаб мегардонад. Гурӯҳҳое, ки метавонанд дар ҳолатҳои фавқулодда ба хатар ҳассос бошанд, дар Фасли 1 зикр шудаанд ва одамони таҳти таъсири сабабҳои сиёсиро дар бар мегиранд. Чунин одамон аз таҳқири ҳуқуқ ва дучор шудан бо хатарҳои фишори эмотсионалӣ, мушкилоти психологиву иҷтимоӣ ва вайроншавиҳои равонӣ азоб мекашанд.

Дар ҳолатҳои фавқулодда, байни густариш додани солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ ва ҳифзу густаришдиҳии ҳуқуқи инсон алоқамандии зич мавҷуд аст. Ҳимоят кардан аз иҷро шудани стандартҳои ҳуқуқҳои инсон аз он ҷумла ҳуқуқ ба саломатӣ, таълиму тарбия ё озодӣ аз фарқгузорӣ боиси эҷод гардидани муҳити ҳифозатӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 3.2) ва ҳифзи қонунӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 3.3) мегардад. Ривоҷдиҳии стандартҳои байналмилалии ҳуқуқҳои инсон боиси ба вуҷуд омадани масъулият ва меъёрҳо барои хотима бахшидан ба табъиз, муносибатҳои бад ва зӯроварӣ мегардад. Амалӣ намудани марҳилаҳо барои ривоҷдиҳӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон таъсири хатарро барои одамони гирифтори ҳолати фавқулодда коҳиш медиҳад.

Ҳамзамон бо ин, кӯмаки башардӯстона барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои гуногун ба одамон кӯмак мекунад ва зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсонро коҳиш дода метавонад. Фаъол кардани гурӯҳҳои

ба хатар ҳассос, масалан, барои дастрасӣ ба хона ё об ва ҳолати санитарӣ имконияти таҳияи ғизоро барои онҳо афзоиш медиҳад, солимии онҳоро беҳбуд мебахшад ва хатари гирифтории онҳо ба фарқгузорӣ ва бадрафториро коҳиш медиҳад. Ҳамчунин, таъмини кӯмаки равонӣ, аз он ҷумла малакаҳои зиндагӣ, таъмини ашёи рӯзғор ба занон ва духтарон, хатари интихоби стратегияҳои наҷот, аз он ҷумла танфурӯширо, ки онҳоро бо хатарҳои иловагии зӯроварии ҳуқуқи инсон рӯбарӯ менамояд, метавонад коҳиш диҳад. Нигоҳубин бояд ба ҳар ҳол барои пешгирӣ аз таҳқиршавии гурӯҳҳои осебпазир бо ҷиҳатнок кардани кӯмак танҳо ба онҳо амалӣ шавад.

Зеро ривоҷдиҳии ҳуқуқҳои инсон дар баробари ривоҷдиҳии солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ амалаӣ мешавад ва кормандони соҳаи солимии равонӣ ва дастгирии психологию иҷтимоӣ масъулияти дугона доранд. Якум, ҳамон тавре ки дар амалиёти асосии 1¬-3, дар поён зикр мешавад, онҳо бояд мутмаин шаванд, ки барномаҳои солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ ҳуқуқҳои инсонро дастгирӣ мекунад. Дуюм, ҳамон таворе ки дар фаъолиятҳои 4–5 дар поён зикр мешавад, онҳо бояд ӯҳдадориҳои ҳама кормандони кӯмакрасонии байналмилалиро новобаста аз соҳа, барои ривоҷ додани ҳуқуқҳои инсон ва барои ҳифзи одамони гирифтори хатари таҷовуз ва истисморро қабул намоянд.

**Амалҳои калидӣ**

### 1. Тарафдорӣ кардан барои мутобиқат бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон дар ҳама шаклҳои солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда.

- Ривоҷ додани пешниҳоди хизматрасонии хуб ва ғайритафриқавӣ, пешгирӣ кардан аз ҷойгиркунии шахсони мушкилоти равонӣ дошта ба муассисаҳои буду боши доимӣ ва эҳтиром ба озодии ақида, виҷдон ва дин дар ҳифзи солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ.
- Кӯмак ба дарёфткунандагони солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ одиди дарки ҳуқуқҳои худ.
- Ҳама вақт эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқи наҷотёфтагон оид ба махфӣ будан ва бо ризояти огоҳона, аз он ҷумла ҳуқуқи табобатшавӣ.
- Ҳифзи наҷотёфтагони зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон аз хатари таҳқиршавӣ бо ҳамроҳ кардани онҳо дар барномаҳои ҳошиявӣ.

**2. Амалӣ намудани кӯмакҳо баҳри солимии равонӣ ва дастгирии психолоиву иҷтимоие, ки ҳуқуқҳои инсонро ривоҷ дода ҳифз мекунанд.**

- Табдил додани ҳуқуқҳои инсон ба як ченаки ҳамгирошуда барои тарҳрезӣ, иҷро шудан, мониторинг ва арзёбии солимии равонӣ ва барномаҳои психологию иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, махсусан барои одамоне, ки дар хатар мемонанд. Фарогир намудани масъалаҳои ҳуқуқи инсон дар барномаҳои психологию иҷтимоӣ.
- Бо саҳмдорон дар самтҳои гуногун (оила, ҷомеа, ташкилотҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ, миллӣ ва ҳукумат) кор кардан барои боварӣ аз он, ки онҳо ӯҳдадориҳои худро медонанд.
- То ҳадди имкон, муайянунии истифодаи баҳсҳои ҳуқуқҳои инсон ҳамчун як воситаҳои фаъолсозии ҷомеаҳо барои дарки ҳуқуқҳояшон ва барои мустаҳкамкунии дастгирии иҷтимоии ҷомеа (ниг. мисол дар саҳ. 55).
- Таҳлили таъсири барномаҳо дар бораи зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон дар ҳоли ҳозир ё оянда.
- То ҳадди имкон, муайян кардани додугирифти иттилоот аз ин барномаҳо бо ташкилотҳои ҳуқуқи инсон. Ин метавонад додугирифти ихтиёрӣ ва шаҳодати махфии бозмондагонро бо мақсади ҳифз дар бар гирад. Он барои муайянкунии хатарҳо ва фоидаҳо ва барои кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ ва барои тарафдорӣ аз стандартҳои махфӣ будан, ҳифзи иттилоот, маҳрамона будан ва ризояти огоҳона зарурӣ мебошад.

**3. Илова намудани масъалаҳои таваҷҷӯҳ ба ҳуқуқи инсон ва ҳифз дар омӯзиши ҳамаи кормандони ба ин соҳа дахлдор.**

- Таъмини омӯзиш барои кормандони соҳаи кӯмакрасонии маҳаллӣ ва байналмилалӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва барои кормандони соҳаи саломатӣ ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, ки хар хизматрасониҳои қаблӣ фаъолият мекарданд, ҳамчунин барои мақомоти ҳукуматӣ, аз он ҷумла милитсия ва артиш.
- Ба вуҷуд овардани ҳуқуқи бунёдии аҳолии зарардида, мӯҳтавои асосии омӯзиши кормандон оид ба низомномаи роҳандозӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 4.2).
- Ривоҷ додани воридсозии таъсири равонии зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон ба наҷотёфтагони дар омӯзиши кормандони ташкилотҳои ҳуқуқи инсон ва барои мақомоти ҳукуматӣ. Аҳамият додан ба талаботи равишҳои гузоришгирии мувофиқ, ки бозмондагонро эҳтиром намуда таъсири равоншиносии ҳодисаҳоро дар назар мегирад.
- Тарафдорӣ кардани ташкилотҳои ҳуқуқи инсон оид ба талабот ба кӯмаки равонӣ барои бозмондагон ва таъмини онҳо бо иттилоот дар бораи сохторҳои дастгирии дастрас.

**4. Дар дохили мӯҳтавои башардӯстона ва хадамоти қаблан вуҷуддошта таъсис додани механизмҳо барои мониторинг ва гузориш додан доир ба ҳолатҳои таҷовуз ва истисмор.**

- Таваҷҷӯҳи махсус намудан ба одамоне, ки бештар бо хатар рӯбарӯ мешаванд.
- Барои роҳнамоӣ ниг. *Лавҳаи фаъолияти 4.2.*

**5. Тарафдорӣ ва таъмини тавсияи махсус ба ҳолатҳо дар бораи таҳияи қонунгузорӣ, сиёсатҳо ва бароңомаҳои миллии алоқаманд, дар мутобиқат бо стандартҳои байналмилалӣ ва дар бораи густариши мутобиқат бо ин стандартҳо тавассути мақомоти ҳукуматӣ (муассисаҳои будубоши умумӣ, милитсия, артиш ва ғ.).**

Дар ҳолати фавқулодда ҳифз бояд ҳарчӣ зудтар оғоз ёбад ва барои пешгирии зӯроварӣ ва таҷовуз ва барои мутмаин шудан аз масъулияти ҳуқуқи зӯроварӣ талаботи меъёрҳо бояд дар назар гирифта шаванд. Сиёсатҳое, ки ҳуқуқро ба самти ҳақиқат, адолат ва бозсозӣ ҳидоят мекунанд, бояд ташвиқ шаванд. Нуқтаҳои этимолӣ барои ҳифз иборатанд аз:

- Хотима додани ҳамла ба беморхонаҳо, мактабҳо ва бозорҳо;
- Хотима додан ба фарқгузории гурӯҳҳои ақалият;
- Пешгирӣ аз ҷалб намудани кӯдакон дар қувваҳои мусаллаҳ ё гурӯҳҳои мусаллаҳ;
- Озодсозии кӯдакон аз гурӯҳҳои мусаллаҳ ё боздошти ғайриқонунӣ;
- Пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба зӯроварии ҷинсӣ (аз он ҷумла истисмори ҷинсӣ ва хариду фурӯши одамон);
- Мусоидат ба дастрасии кӯмаки башардӯстона барои дастгирӣ ва барқароршавӣ.

Муайянкунии тарзи беҳтарини амалҳои ҷавобӣ ба зуровариҳои ғайрииродӣ ва ҷиддӣ бо бардоштани масъалаҳои тарафҳои шомилшуда дар сатҳи байналмилалӣ ё тавассути расонаҳои хабарӣ, мутавозун кардани таъсири асосии ҳаргуна дахолат бо хатарҳо барои одамон ва кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ.

## Захираҳои асосӣ

Воситаҳои умумиҷаҳонии алоқаманд ба ҳуқуқҳои инсон

1. Маълумоти муфассал ба воситаҳои ҳуқуқи инсони умумиҷаҳонӣ, аз он ҷумла матнҳои пурра ва иттилоот дар бораи ҳолати тасдиқи онҳо, дар вебсайти зерин мавҷуд астt:

http://www.ohchr.org/enlish/law/index.htm. Вебсайт иборат аст аз:

- Муоҳидаи байналмилалии СММ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ (1966)

• Муоҳидаи байналмиллии СММ дар бораи ҳуқуқҳои **шаҳрвандӣ ва** сиёсӣ (1966)

• Гузориши умумӣ  дар бораи ҳуқуқ ба баландтарин стандарти дарбаргирандаи саломатӣ аз ҷониби Кумитаи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳуқуқҳо дар моҳи майи соли 2000 (E/C.12/2000/4, CESCR санаи 4 июли соли 2000)

• Принсипҳои СММ барои ҳифзи шахсони гирифтори бемории равонӣ ва таъмини нигоҳубини солимии равонӣ (1991)

• Конвенсияи Женева (1949) ва протоколҳои иловагӣ ба Конвенсия (ICRC, 1977)

• Қатъномаи Румии Додгоҳи криминалии Байналмилалӣ (1998)

• Конвенсияи СММ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак (1989) ва протоколҳои асосӣ ба Конвенсия (2000)

• Конвенсияи СММ вобаста ба ҳолати муҳоҷирон (1951)

• Конвенсияи СММ барои пешгирии ҳамаи намудҳои фарқгузории нажодӣ (1965)

• Конвнсияи СММ дар бораи пешгирии ҳамаи намудҳои фарқгузорӣ бар зидди занон (1979) ва протоколи асосӣ ба Конвенсия (1999).

## Роҳнамо ва низомномаҳо


2. Авфи умумии байналмилалӣ, Стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон ва ташкилотҳо, дар роҳнамои ҳамкорӣ, Фасли 6, www.amnesty.org/resources/pdf/campaigning-manual/chapter6.pdf. (Барои дастрасӣ ба роҳнамои пурра: http://web.amnesty.org/pages/campaigning-manual-eng )

3. Маълумот оид ба саломатӣ ва ҳуқуқҳои инсон. http://www.hhri.org

4. OCHA (минбаъда). Густариш додани стратегияи дифои башардӯстона ва нақшаи фаъолият: Роҳнамои қадам ба қадам.

5. Слим Ҳ. ва Бонвик А. (2005). Ҳифз: Роҳнамои ALNAP барои созмонҳои башардӯстона. http://www.odi.org.uk/ALNAP/publications/protection/alnap_protection_guide.pdf

6. Теарфанд. Стандарти танзимот: Равиши умумӣ барои ҳифзи кӯдак дар муассисаҳои будубоши умумии ғайридавлатӣ. http://tilz.tearfund.org/webdocs/Tilz/Topics/Child%20Protection%20Policy.pdf

7. Принсипҳои роҳнамои СММ дар бораи муҳоҷирати дохилӣ (1998). http://www.unhchr.ch/html/menu2/7/b/principles.htm

8. ЮНИСЕФ ва иттиҳод барои манъи истифодабарии кӯдакон дар амалиёти ҳарбӣ (2003). Роҳнамо барои протоколи ихтиёрӣ дар бораи кӯдакон дар даргирии мусаллаҳона. http://www.UNICEF.org/publications/files/option_protocol_conflict.pdf

9. ЮНИСЕФ. Равиши асосӣ оид ба фаъолияти башардӯстона, омӯзиши электронӣ. www. UNESCO.org/path

---

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Барномаҳои солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мутобиқат карда, бо як дидгоҳ барои ҳифзи аҳолӣ бар зидди зӯрварӣ, таҷовуз ва истисмор омода гардидааст.

• Омӯзиш барои кормандони барномаҳои соҳаи психологию иҷтимоӣ ва солимии равонӣ масъалаҳои ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегирад.

• Механизмҳои мувофиқ барои мониторинг ва гузориш додани шиддати таҷовуз ва баҳрабардории шаҳрвандон таъсис ёфтааст.

---

**Мисол: Минтақаи ишғолии Фаластин, 2000**

• Агентии СММ семинари омӯзишиеро дастгирӣ кард, ки дарo он ҷавонон нақши худро дар ҷомеа, бар зидди даргириҳои ҷорӣ баҳс мекарданд, ки ин муноқиша ҳуқуқи онҳоро ба таҳсил, тандурустӣ, иштирок ва ҳифз шудан аз зӯроварб ва дигар ҳуқуқҳои онҳоро зери суол мебарад.

• Аксарияти ҷавонон умедвор буданд ва баъзеи онҳо фикр мекарданд, ки зӯроварӣ ягона интихоб мебошад, дар ҳоле ки дигарон дар бораи роҳҳои берун аз зӯроварӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳояшон сухан мегуфтанд.

• Ҷавонон мехостанд, ки форуми ҷавононро барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ дар якҷоягӣ бо масъулони фаластинӣ истифода баранд; расонаҳои хабариро барои шарҳ додани ҳолатҳо, ҳуқуқҳо ва нуқтаҳои назарашон оид ба корҳои пешбинишуда истифода баранд; дар муассисаҳои саломатӣ ҳамчун ихтиёриёни ботаҷриба кор кунанд; фаъолиятҳои дилхуширо барои кӯдакони синну соли хурдтар роҳандозӣ намоянд; ва системаи дастгирии ҳамаҷонибаро ташкил намоянд.

• Бо таъмини имконоти муайян ба ҷавонон барои кӯмак ба ҷомеаи онҳо барои ҳифзи ҳуқуқҳояшон, ин барномаҳо як ҳисси хоҳиш, ташкили иттиҳод ва умедворӣ ва сафарбаркунии ҷавонон ба самти нақшҳои намунавии мувофиқ дар ҷомеаро таъмин мекунад.

---

# *Лавҳаи фаъолияти 3.2*

## Муайянсозӣ, мониторинг, пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба хатарҳо ва нокомиҳо тавассути низоми ҳифзи иҷтимоӣ

**Соҳа:** Стандартҳои ҳифз ва ҳуқуқҳои инсон
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Дар ҳолатҳои фавқулодда, байни хатарҳо ва солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ як дахолати омехта рух медиҳад. Наҷотёфтагон аксаран гузориш медиҳанд, ки бузургтарин фишори равонии онҳо аз хатарҳо ба вуҷуд меояд, аз он ҷумла ҳамла ва шиканҷа, муҳоҷирати маҷбурӣ, зӯроварии ҷинсӣ, ҷудошавӣ аз оила ё рабудашавии аъзоёни оила, камбизоатии шадид, истисмор ва муносибати бад. Чунин мушкилоти ҳифз шудан дарҳол мушкилотро ба вуҷуд меорад ва бо барқарорсозии шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳисси шаҳрвандӣ, ки ҳарду барои ҳифзи солимии равонӣ лозиманд, метавонад фарқ кунад. Ҳолатҳои фавқулодда ҳамчунин метавонанд фарқиятҳо дар қувваҳоро дар дохили аҳолии зарардида шиддат бахшида, осепазирии аҳолии маҳрумшударо афзоиш диҳанд.

Бе таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои ҳифз, СРДПИ метавонад танҳо ба оқибатҳо таваҷҷӯҳ кунад ва ҳамзамон сабабҳои ба вуҷуд омадани онро нодида гирад. Пас, ривоҷдиҳии як муҳити муҳофизатӣ як қисми интегралии кӯмаки равонӣ мебошад. Масъалаҳои психологию иҷтимоӣ ва солимии равонӣ ҳамчунин метавонад аз хатарҳои ҳифзшавӣ мусоидат намояд. Масалан, кӯдаконе, ки оилаҳои худро гум кардаанд ва онҳое, ки шадидан нороҳатанд бо хатарҳои зиндагӣ дар хиёбонҳо, маҷбуран кор фармудан, ё дар баъзе ҳолатҳои фвқулода ҳамроҳ шудан ба гурӯҳҳои мусаллаҳ рӯбарӯ мешаванд. Илова бар ин, одамони гирифтори нотавониҳои шадиди равонӣ шояд мехоҳанд, ки худро ба хатар рӯбарӯ созанд, ки аксарияит одамон аз онҳо ҳазар мекунанд.

Ҳифз ҳам ба механизмҳои қонунӣ ва ҳам иҷтимоӣ ниёз дорад. Ҳифзи қонунӣ аз воситаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 3.1*) ва қонунҳои байналмилалӣ ва миллӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 3.3*) истифода мекунад. Ҳифзи иҷтимоӣ, ки меҳвари лавҳаи фаъолияти мазкур мебошад, асосан бо фаъолсозӣ ва мустаҳкамкунии шабакаҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои иҷтимоӣ ба амал меояд, ки хатарҳоро коҳиш дода, талаботи ҳатмиро қонеъ мегардонад. Ҳифз як масъулияти умумии кишварҳо, одамони

гирифтор ва ташкилоти башардӯстона мебошад (ниг. Низомномаи роҳандозӣ барои амалиёти байналмилалии Салиби сурх ва Ҳилоли аҳмар ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ барои бартарафсозии офати табиӣ).

Кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона, ҳам аз аҳолии зарардида ва ҳам аз агентиҳо ё ҳарду, метавонанд барои ҳифз бо роҳҳои гуногун мусоидат намоянд. Яке аз марҳилаҳои зарурӣ таҳияи кӯмак дар соҳаҳои гуногуни асосӣ мебошад (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 9.1, 10.1 ва 11.1) ба тавре, ки таъмини одамони осебпазир шаъну шарафро ҳифз намуда, барои барқарорсозии шабакаҳои иҷтимоӣ кӯмак менамояд. Аксарияти ҳифзи иҷтимоии таъсиргузор замоне рух медиҳад, ки худи одамони маҳаллӣ хатарҳои ҳифзро муайян мекунанд, бинобарин ба вуҷуд овардани як ҳисси тавонмандсозӣ ва имконпазирии механизмҳои қобили таҳаммул барои ҳифз ҳосил мешавад. Такмилдиҳии ин кори ғайриҳирфавӣ аз ҷониби мутахассисони соҳаи ҳифз амалӣ мегардад. Масалан, кормандони ботаҷрибаи соҳаи ҳифзи кӯдак бояд осебпазирии махсуси кӯдаконро муайян кунанд ва кормандони муҳфизати махсус гардонидашуда ҳамчунин бояд имкониятҳои маҳаллиро барои ҳифз эҷод намоянд. Ин лавҳаи фаъолияти ҳам барои мутахассисон ва ҳам нафарони мутахассис набуда омода гардидааст.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Омӯзиш аз баррасиҳои ҳифзи махсусгардонидашуда оид ба замон ва тарзи ҷамъоварии иттилоот дар бораи хатарҳои ҳифз.**

Аксарияти фаъолиятҳои баррасии ҳифз бояд аз ҷониби мутахассисони соҳаи ҳифз, яъне касоне ки таҷрибаи техникӣ ва дарки мӯҳтавои маҳалро доранд бояд гузаронида шавад. Нафароне ки мутахассис нестанд бояд ҷорӣ намудани баррасиҳо оид ба масъалаҳои ҳассос аз он ҷумла зӯроварӣ, шиканҷа ё боздоштро пешгирӣ намоянд. Ба ҳар ҳол як нақши муҳим дар кори нафарони ғайримутахассис аст. Масалан, омӯзгорон бояд дар бораи хатарҳое, ки ба кӯдакон таҳдид мекунад ва тарзи таълиму табияи бехатар маълумот гиранд. Бинобарин кори нафароне, ки мутахассис нестанд, бояд таҳти роҳбарии мутахассисони соҳаи ҳифз иҷро гардад, аз он ҷумла:

- Донистани хатарҳои муайяншуда барои муҳофизат шудан;
- Сӯҳбат кардан бо мутахассисони соҳаи муҳофизатӣ пеш за саршавии фаъолиятҳои ҳифзи иҷтимоӣ;
- Донистани воситаҳои мавҷудбуда барои гузориши масъалаҳои ҳифз;
- Муайян кардани ҳаргуна хатарҳои (барои хабарнигорон, гузоришдиҳандагон, кормандони кӯмакрасон, мардуми маҳаллӣ)

алоқаманд бо пурсидани саволҳо. Пурсидани гузоришдиҳандагони асосии боваринок зергурӯҳҳо ё тарафҳои гуногун:

• Барои пурсиши бехатар чӣ иҷозат дода шудааст?

• Кай ва дар куҷо пурсидани саволҳо бехатар аст?

• Тарзи пешгирии расонидани зарар.

Пеш аз гирифтани маълумот аз наҷотёфтагони шиканҷа, пурсидан аз ҳолати таҳдидомези дигар аъзоёни оилаи онҳо; яъне касоне ки гирифтани гузоришро беҳтар иҷро мекунанд; дар куҷо ва кай гирифтани гузориш; ва кадом хатарҳо ҷуброни пас аз гузориш барои наҷотёфтагон мебошанд.

## 2. Роҳандозӣ кардани таҳқиқот бо иштироки ҷонибҳои дахлдор бисёрсоҳавӣ оид ба хатарҳо ва имкониятҳо

•Роҳандозӣ кардани як ҳолати ташхиси ҳифз иборат аст аз:

• Барои роҳнамоӣ оид ба ҷорӣ намудани баррасиҳо ба таври этикӣ ва мувофиқан  дурусти иштирок, ниг. ба лавҳаи фаъолияти 2.1.

• Ҳамроҳ кардани аъзоёни гурӯҳи зарардида ба даста, яъне касоне ки омӯзишдида ва дастгиришуда, таъминшуда ҳастанд ва ҷудонопазир ба назар мерасанд ҳамроҳ кардани ҳамаи онҳо бехатар аст.

• Муайян кардани он, ки оё баҳс дар бораи масъалаҳои ҳассоси оид ба ҳифз намудан бо шахсони инфиродӣ гузаронида шавад ё бо ҳамаи гурӯҳ.

• Муайянсозӣ дар як ҳудуди ҳолатҳо (масалан, паноҳгоҳҳо, роҳҳои ҳаракати одамоне ки об ё ҳезум ҷамъоварӣ мекунанд, ҷойҳои таҳсили ғайрирасмӣ, бозорҳо) хатарҳои ҳифз аз он ҷумла зӯроварӣ дар асоси ҷинсият (ЗАҶ), ҳамла ба шаҳрвандон, муҳоҷирати иҷборӣ, дуздидан, ба кор қабул кардани ҷавонон, хариду фурӯши инсон инсон, истисмор, корҳои хатарнок, минаҳои заминӣ, гирифторшавӣ ба ВМНО/АМНБ ва бепарвоии одамон дар муассисаҳои будубоши умумӣ. Ҳамчунин, пешгирӣ аз истифодаи равиши рӯхати интихобӣ ки шояд масъулини арзёбиро дар ташхиси ҳаргуна хатарҳои ҳифз «нобино» мекунад.

• Талош барои пешгирии расонидани зарар дар мавриди пурсидани саволҳо аз он ҷумла:

• Кадом омилҳо боиси зӯроварӣ мешаванд ва кӣ ин амалро содир мекунад?

• Оё содиркунандагон ҳоло ҳам мавҷуданд ва оё онҳо мардуми маҳаллиро, ки фаъолиятҳои муҳофизатӣ анҷом медиҳанд, метарсонанд?

• Оё ҷудошавии оила рух додааст? Ҳоло ҳам идома дорад?

• Кӯдакони ҷудошуда ё танҳо дар куҷо ҳастанд?

• Ба одамони кӯҳансол/нотавон чӣ рух дод?

• Ба онҳое, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ ё беморхонаҳо зиндагӣ мекунанд чӣ рух дод?

• Масъалаҳои ҷории бехатарӣ/амният кадомҳоянд?

•Таҳлили имкониятҳои маҳаллӣ барои ҳифз шуда, пурсидани саволҳо тимсоли:

• Дар гузашта гурӯҳҳои ҷомеа тавр бо хатарҳои ҳифз мубориза мебурданд, аз он ҷумла онҳое, ки ҳоло ҳам ҳастанд ва дар ҳоли ҳозир одамон чӣ кор мекунанд?

• Чӣ тавр бӯҳрон ба системаҳои ҳифз ва механизмҳои мубориза бо фишор, ки қаблан фаъол буданд, таъсир расонд?

• Онҳое, ки ба таври муқаррарӣ муҳофизатро таъмин мекарданд, куҷо шуданд?

• Оё баъзе захираҳои барои ҳифз пешбинишуда, аз он ҷумла милитсия, сарбозон ё таъминкунандагони сулҳ ё мактабҳо хатарҳои ҳифз эҷод кардаанд?

• То ҳадди имкон ҷамъоварии иттилоот бо ҷудокунӣ аз рӯи синну сол ва ҷинсият.

• Таъсис додани протоколҳо/роҳнамои вобаста ба ризояти огоҳона ва барои ҳуҷҷатгузорӣ, нигоҳдорӣ ва додугирифтии иттилооти маҳрамона.

• Огоҳ кардани ҳамаи гурӯҳҳои соҳавӣ ва байнисоҳавии баррасӣ ва механизмҳои ҳамоҳангӣ оид ба нигарониҳои ҳифзии муайяншуда.

**3. Фаъол кардан ё таъсис додани механизмҳои ҳифзи иҷтимоӣ, дар ҳолати зарурӣ эҷод кардани имкониятҳои ҳифзи маҳаллӣ.**

• То ҳадди кофӣ дар мӯҳтаво фаъол кардани одамоне, ки дар ҳоли ҳозир ё дар гузашта дар ташкили нигоҳубин ё ҳифз дар сатҳи ҷомеа нақш доштанд, ҳосил кардани боварӣ ба он, ки занон ва дигар гурӯҳҳои асосии ба хатар ҳассос намояндагӣ мекунанд.

• Баланд бардоштани сатҳи огоҳии маҳаллӣ дар бораи тарзи гузориш додани зӯровариҳои ҳифз.

• То ҳадди имконпазир таъсис додани як гурӯҳи кории ҳифз (ГКҲ), ки дар ҳолати зарурӣ пешниҳодоти мавҷудбударо таҳия мекунад, байни фаъолони гуногун ҳамкорӣ ба вуҷуд меорад (аз он ҷумла ташкилотҳои ҳуқуқи инсон) ва ҳамчун як ташкилоти ҳамоҳангӣ оид ба ҳифз барои фаъолони кӯмаки башардӯстона амал мекунад. ГКҲ-ҳо барои мониторинг ва амалҳои ҷавобӣ ба масъалаҳои ҳифз кӯмак мекунанд ва барои деҳаҳо, паноҳгоҳҳо ё дигар минтақаҳои васеи ҷуғрофӣ танзим шаванд. Онҳо бояд нақшҳои муайян дошта бошанд, аз он ҷумла ҳаллу фасл намудани масъалаҳои ба ҳифз шудан рабтдошта ва пешниҳод кардани таҷрибаҳои беҳтарин.

• Ташкил намудани омӯзиш тавассути мутахассисони ҳифз барои эҷод кардани ГКҲ-и дорои имконият дар ҳолати зарурӣ, аз он ҷумла мавод дар бораи хатарҳое, ки одамони гирифтори нотавониҳои равонӣ рӯбарӯ мешаванд.

• То ҳадди имкон, пайваст кардани ГКҲ бо дигар механизмҳои ҳифз дар минтақаҳои ҳамсоя, ташкили шабакаҳои ҳифзии минтақавие, ки

иттилоотро дар бораи хатарҳо додугирифт мекунанд.

• Таъмини дастрасӣ ба таълиму тарбия ҳамчун меъёри ҳифз (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 7.1), Боварӣ ба он, ки кормандони соҳаи маориф тарзи таълиму тарбияи бехатарро медонанд.

**4. Мониторинги хатарҳои ҳифз, додугирифти иттилоот бо агентиҳои алоқаманд ва саҳмдорони ҳифз.**

• Пайгирии хатарҳои ҳифз шуда ва тағйирдиҳии хусусият, шиддат, тавоноӣ ва диққат додан ба ҷойҳои гуногун, аз он ҷумла мактабҳо ва бозорҳо.

• Дар якҷоягӣ бо ГКҲ-ҳо ва ташкилотҳои фаъол оид ба масъалаҳои ҳифз, ба таври доимӣ додугирифт кардани иттилоот бо саҳмдорони ҳифз, дар ҳама ҷо эҷод кардани пойгоҳи иттилоотии дастрас ба ҳамаи агентиҳо ва таҳияи иттилоот бо дарназардошти фарқият аз рӯи синну сол ва ҷинсият.

• Ташкил кардани ҷойҳо барои додугирифти иттилооти (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 8.1) алоқаманд ба масъалаҳои хатарҳои ҳифз ва амният дар бораи он, ки кадоме аз аъзоёни аҳолии зарардида ва кормандони сохторӣ иттилоотро таъмин карда метавонад ва ҳамин тавр коҳиш додани густариши овозаҳои беҳуда.

• Ҳифзи махфӣ будан ва додугирифти иттилоот ва риояи роҳнамои пешниҳодшуда аз ҷониби ГКҲ.

**5. Амалҳои ҷавобӣ ба хатарҳои ҳифз бо иҷрои амалиёти мувофиқ барои роҳнамоии ҷомеа.**

• Боварӣ аз он, ки фаъолиятҳо дар асоси машваратҳо иҷро шудаанд ва то ҳадди имкон ташкили иштироки аҳолии зарардида.

• Таълим додан ва таъмини муваффақият дар сатхи ҷомеа оид ба амалҳои ҷавобӣ ба таҳдидҳо ва то ҳадди имкон нашр кардани стратегияҳое, ки ҷомеа (ё як бахши ҷудогонаи мардум) барои ҳифзи худ густариш додааст.

Ташкил намудани аксуламали мувофиқи ҳифзи иҷтимоӣ, аз он ҷумла:

• Ташкили ҷойҳои бехатаре, ки (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.1) кӯдакон метавонанд бозӣ кунанд ва калонсолон метавонад бо ҳам вохӯрда, оид ба марҳидлаҳои афзоиш додани сатҳи ҳифз ва некӯаҳволӣ сӯҳбат кунанд;

• Ташкил намудани системаҳо барои муайянсозӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, пайгирӣ, муттаҳидсозӣ ва тартиботи нигоҳубини доимии кӯдакони ҷудошуда (дар захираҳои асосӣ дар поён ниг. Роҳнамои байни сохторӣ оид ба кудакони танҳо ва ҷудошуда);

• Таъмини дастгирии ҳолати фавқулодда дар ҷойҳои бехатар, марказҳо ё минтақаҳои пешбинишуда барои шахсон/ оилаҳои шадидан осебпазир;

• Фаъолсозии равандҳои маҳаллии ҳалли ихтилоф;

• Фаъолсозии равандҳои маҳаллӣ барои расонидани кӯмак ба одамоне,

ки тахти таъсири бештар ҳастанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.2);

• Таҳияи грантҳои хурд, то ҳадди имкон, барои бартарафсозии таҳдидҳои иқтисодӣ ба некӯаҳволӣ;

• Таъмини фаъолияти маҳаллӣ барои коҳиш додани хатарҳои пешбинишуда аз минаҳои заминӣ, маводҳои таркандаи натаркида ва хуб ҳифзнашуда;

• Пешгирии рабудани ятимон, ҷавонони танҳо, занон ё дигар шахсони ба хатар ҳассос аз ҷониби гурӯҳҳои хориҷӣ.

• Ташкил намудани дастгирӣ барои наҷотёфтагони таҷовуз, ки гирифтори фишори равонии вазнин ҳастанд (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.2 ва 6.1).

• Пешгирӣ кардани танҳо гузоштан ё мавриди ҳадаф қарор додани зергурӯҳҳои махсус барои кӯмакрасонӣ, ҳатто агар пешгирии зарари минбаъда хатарнок бошад. Кӯмакҳои муттаҳидшуда барои коҳиш додан фарқгузорӣ мусоидат намуда алоқамандии иҷтимоиро метавонад ба вуҷуд орад. Масалан, таъмини гурӯҳҳои занон бештар аз гурӯҳҳое, ки дар онҳо занон мавриди зӯроварӣ қарор мегиранд.

Муттаҳидсозии ҳифз барои ҳамаи соҳаҳои кӯмаки башардӯстона, аз он ҷумла:

• Таҳияи минбаъдаи мониторинги кӯмаки ғизоӣ барои боварӣ ба он, ки он ба кӯдакон ва дигар нафарони эҳтиёҷманд мерасад;

• Мониторинги барномаҳои паноҳгоҳ барои боварӣ аз он, ки нафарони ниёзманди кӯмаки махсус барои ба даст овардани паноҳгоҳи мувофиқ дастгирӣ меёбанд;

• Боварӣ аз он, ки имконоти ҳолати санитарӣ ба минтақаи маҳалли зисти одамон наздиканд ва онҳо барои занон ва кӯдакон мувофиқ ва бехатар ҳастанд;

• То ҳадди имкон густариш додани стратегияи байнисоҳавӣ оид ба ЗАҶ.

## 6. Пешгирӣ кардани хатарҳои ҳифз тавассути як комбинатсияи барномарезӣ ва ҳифз.

• Амалӣ намудани низомномаи роҳандозӣ барои кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона, ки кӯдаконро ҳифз намуда, аз истисмори ҷинсӣ ва таҷовуз пешгирӣ мекунад (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 4.2).

• Рушди як стратегияи ҳифз дар ҳамкорӣ бо одамони маҳаллӣ ва гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии алоқаманд, муайянкунии масъалаҳои асосӣ, аз он ҷумла:

• Меъёрҳо барои ҳифзи бехатарии ҷисмӣ ва амнияти мардуми маҳаллӣ;

• Талабот ба сармоягузории мувофиқ ва дарозмуддат барои амалҳои ҷавобӣ ба таҳдидҳои гуногун ва тағйирёбанда;

• Тартибдиҳии нигоҳубини мувофиқ барои кӯдакони дар ятимхонаҳо ва муассисаҳои будубоши умумӣ ҷойгиршуда.

• Таъсис додани равандҳои вобаста ба дастрасии расонаҳои хабарӣ ба

одамони гирифтори хатар, тасдиқи он, ки таваҷҷӯҳ ба расонаҳои хабарӣ метавонад боиси (а) ҳамлаҳои бартарафсозанда бар зидди кӯдакони қаблан дар амалиёти ҳарбӣ ширкатдошта ё наҷотёфтагони таҷовуз; (б) фишори равонии бо поймолшавии принмипи махфият, гирифтани якчанд гузориш ё истифодабарии саволҳои номуносиб; ва (в) стигма барои танҳо мондан гардад.

• Маълумотдиҳӣ ба тавре, ки одамон метавонанд фаҳманд, мусоидат ба онҳо барои гузаронидани баҳсҳои огоҳона дар бораи масъалаҳои асосӣ ҳифз (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 8.1).

## Захираҳои асосӣ


1. Шабакаи омӯзишии фаъол оид ба масъулият ва омодагӣ дар фаъолиятҳои башардӯстона (ALNAP) (2005). Ҳифз: Роҳнамои ALNAP барои созмонҳои башардӯстона.
http://www.alnap.org/publications/protection/index.htm

2. ҚДБА (2002). Парвариши дарахти паноҳгоҳ: Ҳифзи ҳуқуқҳо тавассути фаъолияти башардӯстона.
http://www.icva.ch/files/gstree.pdf

3. ҚДБА (2005). Роҳнамо оид ба дахолат ба зӯроварии ҷинсӣ дар ҳолатҳои башардӯстона. Женева: ҚДБА.
http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/subsidi/tf_gender/gbv.asp

4. ҚДБА (2006). Ҳифзи шахсони таҳти таъсири офатҳои табиӣ: Роҳнамои амалиётии ҚДБА дар бораи ҳуқуқҳои инсон ва офатҳои табиӣ.
http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/products/docs/IASC%20Operational%20Guidelines%20final.pdf

5. ИСРС, IRC, Наҷоти кӯдакон БК, ЮНИСЕФ, КОПСММ ва дидгоҳи ҷаҳонӣ (2004). Роҳнамои байни сохторӣ оид ба кудакони танҳо ва ҷудошуда . Наҷоти кӯдакон БК.
http://www.unhcr.org/cgi-bin/texis/vtx/protect/opendoc.pdf?tbl=PROTECTION&id=4098b3172

6. IFRC ва ICRC (1994). Низомномаи амалиётӣ барои амалиётии байналмилалӣ Салиби сурх ва Ҳилоли аҳмар ва ТҒҲ (Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ) дарбартарафсозии офати табиӣ.
http://www.ifrc.org/publicat/conduct/index.asp

7. Амалиёти муштарак (2004). Таваҷҷӯҳи махсус ба ҳифз: Муттаҳидсозии ҳифз ва Кӯмаки башардӯстона.
http://www.interaction.org/campaign/protection_paper.html

Калимаи ‘кормандон’ дар ин лавҳаи фаъолият барои нафароне, ки маош мегиранд ва ихтиёриён, кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ, аз он ҷумла ронандагон ва тарҷумонҳое, ки дар ташкилоти кӯмакрасон ба кор ҷалб шудаанд, истифода мешавад. Меъёрҳои дастгирӣ бояд асосан барои кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ баробар бошад. Ба ҳар ҳол, баъзе фарқиятҳои сохторӣ байни ин ду гурӯҳ вуҷуд дорад.

Масалан, кормандони маҳаллӣ аксаран аз минтақаи бӯҳронзада ба меҳнат ҷалб шуда бештар бо ҳодисаҳо ва шароитҳои фишори равонии шадид рӯбарӯ мешаванд. Илова бар ин, онҳо ва оилаи онҳо аксаран имконияти тарк кардани минтақаи бӯҳрониро дар ҳолати бадтар шудани вазъияти амниятӣ надоранд, яъне дар муқоиса бо кормандони кӯмакрасони байналмилалӣ, ки дастрасии беҳтар ба амалиётӣ тарки минтақаро доранд. Аз тарафи дигар, барои

кормандони байналмилалӣ омилҳои таъсиргузор ҷудошавӣ аз маҳалли асосии дастгирии онҳо, фарҳанги мухталиф ва мутобиқат бо шароитҳои душвори зиндагиро дар бар мегирад. Ин ва дигар фарқиятҳо дар системаҳои дастгирии кормандон аксаран фаромӯш ё номуайян мондаанд. Ташилотҳои башардӯстона бояд барои беҳбуд бахшидани омодагӣ барои дастгирии кормандон ва коҳиш додани таҷрибаҳои фарқкунандаи дастгирӣ барои кормандони маҳалӣ ва байналмилалӣ талош намоянд.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайянсозии дастрасии як нақшаи муайян барои ҳифз ва ривоҷ додани некӯаҳволии кормандон барои ҳолатҳои фавқулоддаи махсус.**

- Ҳангоме, ки аксарияти агентиҳо як сиёсати умумӣ оид ба некӯаҳволии кормандон дар ҳолатҳои фавқулодда доранд, барои ҳар ҳолати фавқулоддаи махсус онҳо бояд ҳамчунин як нақшаи муайян барои тақвият бахшидани дастгирии кормандон дошта бошанд. Фаъолиятҳо дар дохили нақша бояд қисми умумии буҷети ҳолати фавқулоддава мутобиқи мавридҳои дар поён зикршуда бошанд.

**2. Омода кардани кормандон ба шуғли онҳо ва барои мӯҳтавои ҳолати фавқулодда.**

- Боварӣ аз он, ки кормандони маҳаллӣ ва байнамилалӣ иттилоотро дар бораи (а) шуғли худ дарёфт мекунанд (ниг. Фаъолияти асосӣ 4 дар поён) ва (б) муҳити умумӣ ва шароитҳои амниятӣ дар чунин шароитҳо дар оянда тағйир меёбад. Ба кормандони байналмилалӣ (ва дар ҳолати зарурӣ ба кормандони маҳалӣ) пешниҳод кардани иттилоот дар бораи мӯҳтавои маҳаллии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таърихӣ, аз он ҷумла:
- Маълумоти асосӣ оид ба бӯҳрон ва ҷаҳонбинии аҳолии зарардида;
- Иттилооти асосӣ дар бораи равишҳо ва мувофиқатҳои маҳаллии фарҳангӣ ва системаҳои иҷтимоии ташкилот;
- Иттилооти асосӣ дар бораи рафтори кормандон, ки ба мӯтавои маҳалии иҷтимоӣ-фарҳангӣ осеб мерасонад.
- Боварӣ аз он, ки ҳамаи кормандон омӯзиши мувофиқро дар бораи бехатарӣ ва амният аз худ кардаанд.
- Боварӣ аз он, ки ҳама кормандон дар бораи шиносоии фишорӣ равонӣ (аз он ҷумла, аз ҳодисаи фишори равонӣ, ки фақат бо ин маҳдуд нест) ва равишҳои идоранамоии фишори равонӣ ва дар бораи ҳар гуна сиёсати ташкилотии мавҷудбуда барои кӯмаки равонӣ ба кормандон огоҳӣ доранд.
- Боварӣ аз он, ки кормандони ботаҷрибаи соҳавӣ дастрас ҳастанд.

**3. Таъмини муҳити кории солим.**

- Иҷрои сиёсати дастгирии кормандони ташкилот, аз он ҷумла таъмини шароити истироҳат ва сиҳатёбӣ (ИвС). Вақте ки муҳит барои фаъолиятҳои берун аз кор ягон хел имконият фароҳам намекунад, пас бояд як навъ имкониятҳои сатҳи баландтари ИвС бояд таъмин шавад.
- Боварӣ аз он, ки барои кормандон ғизои мувофиқ ва шароити гигиенӣ бо таваҷҷӯҳ ба дин ва фарҳанги онҳо таъмин гардидааст.
- Муайянкунии равишҳои зиндагии нисбатан носолим, аз он ҷумла истифодабарии беш аз ҳадди нӯшокии спиртӣ аз ҷониби кормандон.
- Таъмини танҳоии нисбӣ дар маҳалли зист (масалан, то ҳадди имкон, таъмин бо кор ва маҳалли истиқоматии ҷудо).
- Муайян кардани соатҳои корӣ ва мониторинги замонӣ. Кӯшиш кардан барои тақсими сарбории корӣ дар байни кормандон. Агар дар аввалин ҳафтаи ҳолати фавқулодда намуди кори 24 соата ва ҳафт рӯз дар ҳафта зарурӣ бошад, пас кормандон бояд аз рӯи басти корӣ иваз шаванд. Реҷи кории ҳаштсоата беҳтар аст, вале агар он номумкин бошад, реҷаҳои корӣ набояд бештар аз 12 соат бошанд. Дар давоми ҳолати фавқулодда реҷаи кории 12 соат кор ва 12 соат истироҳат барои як ҳафта ё ду ҳафта таҳаммулпазир мебошад, вале як истироҳати нимрӯзаи иловашуда ба ҳар панҷ рӯзи корӣ зарур мешавад. Дар муҳити гармтар ё хунуктар, ё дорои фишори равонии нисбатан шадид истироҳат бояд бештар бошад.
- Осонсозии робитаи байни кормандон ва оилаи онҳо ва механизмҳои дастгирии дигари қаблан вуҷуддошта.

**4. Муайянкунии омилҳои асосии фишори равонии вобаста ба кор.**

- Боварӣ аз тавзеҳоти дақиқ ва навсозишудаи шуғл:
- Муайян кардани ҳадафҳо ва фаъолиятҳо;
- Тасдиқ бо кормандон, ки нақшҳо ва вазифаҳои онҳо дақиқ ҳастанд;
- Боварӣ аз хатҳои дақиқи идорасозӣ ва робитанамоӣ.
- Арзёбӣ кардани мӯҳтавои амниятии рӯзмарра ва дигар захираҳои асосии фишори равонӣ ки аз вазъият ба вуҷуд меоянд.
- Боварӣ аз дастгириҳои кофӣ барои амнияти кормандон (сипари зидди тир, таҷҳизоти иртиботӣ ва ғ.).
- Боварӣ аз баробарӣ дар байни кормандон (маҳаллӣ, байналмилалӣ, идоранамоии пасттар ва баландтар) оид ба тасмими шахсӣ барои қабули хатарҳои амниятии ҷойдошта. Маҷбур накардани кормандони маҳаллӣ барои иҷрои корҳои хатарноке, ки кормандони хориҷӣ барои иҷрои он иҷозат дода намешаванд ё намехоҳанд.
- Ташкил намудани маҷлис ва нишастҳои доимӣ барои кормандон ё гурӯҳ.
- Боварӣ аз мониторинги техникии аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ (масалан, мониторинги клиникӣ) барои кормандони соҳаи солимии

равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (Ҳамчунин ниг. Лавҳаи фаъолияти 4.3).

- Ташкилдиҳии гурӯҳҳо, осонсозии муттаҳидшави байни кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ ва муайянкунии мухолифатҳои дохилигурӯҳӣ ва дигар равандҳои манфии гурӯҳ.
- Таъмин будани чораҳои логистикӣ ва маводҳои лозима.
- Боварӣ аз он, ки аъзоёни олии идоранамоӣ аз лоиҳаҳои соҳавӣ ба таври доимӣ боздид ба амал меоранд.

### 5. Боварӣ аз дастрасӣ ба ҳифзи саломатӣ ва кӯмаки равонӣ барои кормандон.

- Машқ додани баъзе кормандон дар таъмини дастгирии аввалия, аз он ҷумла идоранамоии умумии фишори равонӣ ва аввалин кӯмаки равонии асосӣ (АКР) (барои шарҳи асосии АКР, ниг. Лавҳаи фаъолияти 6.1).
- Барои кормандони маҳаллӣ, ки минтақаҳои ҳолати фавқулоддаро тарк карда наметавонанд, ташкил намудани дастрасӣ ба солимии рӯҳии аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ (аз он ҷумла равонӣ) ва кӯмаки равонию ҷисмӣ дар ҳифзи саломатӣ.
- Боварӣ аз доимӣ будан ва бозгашти мутахассисон барои ҳодисаҳои фаврии равонӣ дар кормандон (аз он ҷумла касоне, ки майл ба худкушӣ доранд, бемориҳои рӯҳӣ, фишори равонии вазнин ва аксуламалҳои шадиди изтиробӣ, ки ба фаъолияти рӯзмарра таъсир мерасонанд, аз даст додани мониторинги ҳиссиёт ва ғ.). Таъсири стигмаро (муносибатҳои қолабӣ) дар асоси хоҳиши кормандон ҷиҳати дастрасӣ ба кӯмаки солимии равонӣ ва таъминоти моддии мувофиқ ба назар гиред (масалан, кормандони байналмилалӣ шояд тарсанд, ки агар чунин кӯмак талаб намоянд, шояд ба хонаашон баргардонида мешаванд).
- Боварӣ аз он, ки кормандон бо пешгирии бемориҳо таъмин ҳастанд, аз он ҷумла эмгузорониҳо ва доруҳои зидди вараҷа, рифолаҳо ва (то ҳадди имкон) дастрасӣ ба пешгирии баъд аз гирифторшавӣ ба беморӣ ва боварӣ аз дастрасии мувофиқи маводи доруӣ барои бемориҳои ҷисмии роиҷ дар байни кормандон.
- Боварӣ аз он, ки хориҷсозии тиббӣ (аз он ҷумла солимии равонӣ) ё равандҳои муроҷиатӣ вуҷуд доранд, аз он ҷумла кормадони ботаҷрибаи мувофиқ барои амалиёти тарки маҳал.

### 6. Таъмини дастгирӣ барои кормандоне, ки гирифтори ҳодисаҳои шадид (ҳодисаҳои бӯҳронӣ, ҳодисаҳои нисбатан зараровар) шудаанд ё таҷриба кардаанд.

- Барои ҳамаи наҷотёфтагони ҳодисаи изтирорӣ, фавран дастрас намудани аввалин кӯмаки равонии (АКР) (барои шарҳи асосии АКР, ниг. Лавҳаи фаъолияти 6.1). Ҳамчун қисми АКР, муайян кардан ва ташхиси

талаботи асосӣ ва нигарониҳои наҷотёфтагон. Ҳарчанд ки имкониятҳои табиӣ барои додугирифт дар байни наҷотёфтагон бояд таъмин карда шавад, вале набояд барои шарҳ додани ҳодисаҳо ё ҷузъиёти онҳо маҷбур карда шаванд ва набояд барои додугирифт ё шунидани тафсилоти таҷрибари дигар наҷотёфтагон маҷбур шаванд. Равишҳои мубориза бо фишори мавҷудбуда (мусбат ва манфӣ) бояд муайян шаванд ва истифодаи нӯшокии спиртӣ ва моводи доруворӣ ҳамчун як роҳи мубориза бо фишор бояд комилан пешгирӣ карда шавад, зеро наҷотёфтагон аксаран гирифтори сатҳи баланди хатари афзоиши вобастагӣ ба маводҳо қарор доранд.

- Дастрас намудани маводҳои мувофиқ барои ҳифзи худ (барои роҳнамоӣ оид ба рушддиҳии истифодаи дурусти маводҳо ниг. *Лавҳаи* фаъолияти 8.2). Маводҳо бояд иттилооти тамосиро оид ба мутахассиси ҳифзи саломатӣ кормандон ва солимии рӯҳии онҳоро барои наҷотёфтагон дар бар гирад, зеро онҳо дар ҳар марҳилаи дарду ранҷ кӯмак талаб мекунанд.
- Агар нороҳатии наҷотёфтагон хеле шадид бошад, ки онҳо вазифаи асосии худро анҷом дода натавонанд (ё ин, ки онҳо барои худашон ё дигарон хатарнок бошанд), онҳо бояд кор карданро қатъ намуда таҳти нигоҳубини фаврӣ ва таҳти мониторинги мутахассиси ботаҷриба оид ба солимии равонӣ қарор гиранд ва пас аз ҳодисаи фишори равонӣ дармони мувофиқ дарёфт кунанд. Шояд хориҷшавии муштараки тиббӣ зарур бошад.
- Боварӣ аз он, ки мутахассиси соҳаҳои солимии равонӣ бо ҳамаи аъзоёни кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ (аз он ҷумла тарҷумонҳо, ронандагон, ихтиёриён ва ғ.), яъне касоне, ки пас аз гузаштани як то се моҳ аз ҳодиса аз садамаи ваҳшатнок наҷот ёфтаанд, тамос мегирад. Мутахассис бояд тарзи кор, эҳсосот ва муроҷиат ба дармони клиникии шахси наҷотёфтаро, яъне онҳое, ки мушкилии ҷиддӣ доранд ва бо гузашти замон сиҳат нашудаанд муайян намояд.

## 7. Дастрас намудани дастгирӣ баъд аз амалиёт/шуғл.

- Аъзоёни кормандон бояд аз як саволпурсии техникӣ ва арзёбии шуғлӣ аз ҷониби кормандони баландмартабаи идора гузаранд.
- Аъзоёни кормандон бояд аз санҷиши умумии тандурустӣ, аз он ҷумла як баррасии фишори равонӣ гузаранд.
- Механизмҳои дастгирии кормандон бояд тибқи дархост дастрас карда шавад.
- Барои кӯмак кардан ба одамон оид ба фаҳмидан ва идоранамоии фишори равонӣ бояд маводҳои иттилоотии васеъ таҳия карда шаванд. Ин мавод бояд рӯйхати мутахассисони соҳаи солимии равониро ба таври навсозишуда дар бар гирад, аз он ҷумла имкониятҳо барои дастгирии қавӣ.

**Захираҳои асосӣ**

1. Амалиёти бемарз /Idealist.org (2004). Вебсайт бо захираҳо дар бораи идоранамоии фишори равонӣ барои оилаҳои кормандони кӯмакрасон, мудирон ва кормандон.
http://www.psychosocial.org
2. Фонди Антарес (2005). Идоранамоии фишори равонӣ дар кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона. Роҳнамо барои таҷрибаи хуб. Амстердам: Фонди Антарес.
www.antaresfoundation.org
3. Донишкадаи Ҳедингтон (2005). Захираҳои гуногун ва модулҳои омӯзишии ройгони онлайн дар бораи фаҳмидан ва мубориза бо фишори алоқаманд бо фаъолияти башардӯстона.
http://www.headington-institute.org
4. МакФарлан С. (2004). 'Танзими кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона'. Маҷаллаи Австралияву Осиёгии омӯзишҳои офати табиӣ ва осеби равонӣ. ISSN: 1174-4707, Ҷилди 2004-1.
http://www.massey.ac.nz/~trauma/issues/2004-1/mcfarlane.htm
5. Шабакаи миллии нороҳатии фишори равонӣ дар кӯдак ва маркази миллӣ барои МПФР (2006). Аввалин кӯмаки равонӣ: Роҳнамои амалиёти соҳавӣ (Чопи дуюм).
http://www.ncPTSD.va.gov/ncmain/ncdocs/manuals/PFA_2ndEditionwithappendices.pdf (Маҳдудияти асосии ин манбаъ ба таври васеъ рушд ёфтани он дар ҳолатҳои офати табиӣ дар кишварҳои ғарбӣ мебошад. Роҳнамо шакли пешрафтаи аввалин кӯмаки равониро шарҳ медиҳад, зеро он барои истифода аз ҷониби мутахассисони аз пеш таҷрибадоштаи соҳаи солимии равонӣ рушд ёфта буд.)
6. Одамон дар кӯмак (2003). Кодекси таҷрибаи хуб дар идоранамоӣ ва дастгирии кормандони кӯмакрасон.
http://www.peopleinaid.org/pool/files/code/code-en.pdf.

---

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Ташкилот барои ҳифз ва ривоҷ додани некӯаҳволии кормандон дар ҳолати фавқулодда нақшаҳоеро сармоягузорӣ намуд.
- Кормандоне, ки аз ҳодисаи фавқулодда наҷот ёфта буданд, ба аввалин кӯмаки равонии фаврӣ дастрасӣ доранд.
- Кормандони аз ҳодисаи фавқулодда наҷотёфта дар давоми як то се моҳ пас аз ҳодиса барои муайянсозии мушкилоти солимии равонӣ аз ташхис гузаштанд ва дастгирии мувофиқ дар ҳолати зарурӣ таҳия гардид.

---

**Мисол: кишвари номуйян, 1999**

• Баъд аз як ҳолати гаравгонгирии ваҳшатноки кормандони ТҒҲ-и байналмилалӣ, ҳамаи кормандони маҳаллӣ ва байналмиллӣ аз саволпурсии амалиётӣ гузаштанд ва дар бораи кай ва дар куҷо дарёфт намудани дастгирӣ аз ҷониби духтур ё корманди соҳаи тандурустии равонии маҳаллӣ ё хориҷӣ дар ҳар замони дилхоҳ, иттилоот ба даст овараданд.

• Чанд рӯз пас аз ҳодиса, мушовири кормандон барои муайянсозии вазъияти кормандон ду маҷлис баргузор намуд. Нигоҳубин (ва эвакуатсияи тиббӣ) барои як нафари гирифтори мушкилии изтироби шадид пешниҳод гардид.

• Пас аз як моҳ, як ихтиёрии ботаҷриба барои санҷидани некӯаҳволии одамон ва таъмини дастгирӣ др ҳолати зарурӣ, бо ҳамаи кормандони маҳаллӣ ва байналмилалӣ шахсан вохӯрӣ гузаронд.

## *Лавҳаи фаъолияти 5.1*

Осонсозии шароитҳои сафарбарнамоии ҷомеа оид ба азхудкунӣ ва мониторинги ҳолати фавқулодда ва амалҳои ҷавобӣ дар ҳамаи бахшҳо

**Соҳа:** Сафарбарсозии ҷомеа ва кӯмак
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Раванди амалҳои ҷавобӣ ба ҳолати фавқулодда бояд то ҳадди имкон аз ҷониби аҳолии зарардида азхуд гардида, мониторинг карда шавад ва онҳо бояд сохторҳои дастгирии худро истифода баранд, аз он ҷумла сохторҳои ҳукумати маҳаллӣ. Дар ин роҳнамо, истилоҳи 'фаъолсозии ҷомеа' ба талошҳое гуфта мешавад, ки ҳам аз дохил ва ҳам аз хориҷи ҷомеа барои ҳамроҳ кардани аъзоёни он (гурӯҳҳои одамон, оилаҳо, хешовандон, ҳамкорон, ҳамсояҳо ё дигар дигар нафароне, ки алоқамандии мушбеҳ доранд) дар ҳама баҳсҳо, тасмимгириҳо ва фаъолиятҳое, ки ба онҳо ва ояндаи онҳо таъсир мерасонанд, ҷалб карда шудаанд. Дар ҳолати бештар ҷаб шудани одамон, онҳо умедвории бештар пайдо мекунанд ва ба барои муқобилият бештар талош намуда, барои барқарорсозии зиндагии худ ва ҷомеа бештар фаъол мешаванд. Дар ҳар марҳила, талошҳо барои бартарафсозӣ бояд ба таври муштарак дастгирӣ шавад ва ба он чизҳое, ки одамони маҳаллӣ барои кӯмак ба худашон анҷом медиҳанд ва пешгирӣ кардан аз он чизҳое ки одамони маҳаллӣ барои худашон анҷом дода метавонанд такя карда мешавад.

**Сатҳи иштироки ҷомеа гуногун мебошад:**

- Ҷомеа бо меъёри баланд раванди кӯмакро мониторинг намуда, оид ба аксуламали кӯмакрасонӣ бо ҳукумат ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ барои таъмини ҳифз ва дастгирии мустақим тасмим мегирад.
- Ҷомеа ё намояндагони он дар ҳамаи тасмимгириҳо ва фаъолиятҳои иҷрошаванда дар ҳамкорӣ бо мақомоти гуногуни ҳукуматӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва фаъолони ҷомеа нақши ҳамкории баробар дорад.
- Ҷомеа ё намояндагони он дар бораи ҳамаи тасмимҳои асосӣ машварат мекунанд.
- Ҳангоми тасмимгириҳои асосии қабулгардида аз ҷониби ҳукумат ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҷомеа ҳамчун шарики иҷро амал мекунад (масалан, ҳифзи таъмини ғизо ё фаъолиятҳои кӯмак ба худ).
- Аъзоёни ҷомеа дар тарҳрезӣ шомил намешаванд ва танҳо ба миқдори кам дар иҷрои фаъолиятҳои бартарафсозӣ иштирок мекунанд.

**Марҳилаҳои муҳим дар фаъолсозии ҷомеа**

- Тасдиқ аз ҷониби аъзоёни ҷомеа, ки нигаронии ҳамсон доранд ва дар ҳолати якҷоя кор кардан таъсиргузории онҳо бештар мешавад (барои мисол «Барои ҳалли ин масъала мо ба ҳамкорӣ ниёз дорем»).
- Рушди ҳисси масъулият ва азхудкунӣ, ки бо ин тасдиқ ҳосил мешавад ('Ин бо мо рух дода истодааст ва мо барои он коре карда метавонем').
- Шиносии захираҳо ва маълумоти дохилии ҷомеа ва маҳорат ва тавоноиҳои шахсӣ ('Кӣ карда метавонад, ё аллакай карда истодааст, чӣ; Мо кадом намуди маноберо дорем; Мо боз чӣ кор карда метавонем?').
- Шиносоии масъалаҳои асосӣ ('Чизе, ки мо аз он нигарон ҳастем, ин…').
- Фаъолиятҳои банақшагирӣ ва идоранамоии аъзоёни ҷомеа бо истифода аз захираҳои дохилии онҳо.
- Афзоиши имконияти аъзоёни ҷомеа барои идома ва афзоиш додани таъсиргузории ин фаъолият.

Тақриз аз Донаҳуе ва Виллиамсон (1999), Фаъолшавии ҷомеа барои коҳиш додани таъсирҳои ВМНО/АМНБ, Фонди кӯдакони овора ва ятимон.

Қобили зикр аст, ки ҷомеаҳо барои шомил сохтани якчанд зергурӯҳҳо тамоюл доранд, ки онҳо дар навбати худ талаботҳои гуногун доранд ва аксаран барои таъсир ва қувва бо ҳам мубориза мебаранд. Мусоидат ба иштироки густурдаи ҷомеа ба дарки сохтори қувваи маҳаллӣ ва нақшҳои дастгирии ҷомеа, кор бо зергурӯҳҳои гуногун ва дурӣ аз бартарӣ доштани гурӯҳҳои дорои ниёзи махсус.

Ҷанбаҳои сиёсӣ ва ҳолати фавқулоддаи вазъият меъёри иштирокро, ки аксаран мувофиқ аст, муайян мекунад. Дар яксарияти ҳолатҳои изтирорӣ ва хатарнок, шояд таъмини хизматрасониҳо бо иштироки ҳадди ақали ҷомеа лозим меояд. Ҳамроҳ кардани ҷомеа ҳангоми мавҷуд будани омилон ва қурбониёни нохостаи дугона, шояд боиси рух додани террор ва одамкушӣ шавад (масалан, ҳамон тавре, ки дар бӯҳрони Грейт Лейк дар соли 1994 рух дод). Ба ҳар ҳол, дар аксарияти ҳолатҳо, сатҳҳои баландтари иштирок ҳам эҳтимолӣ ва ҳам мувофиқ мебошанд. Таҷрибаҳои қаблӣ пешниҳод мекунанд, ки шумораи хеле зиёди аъзоёни ҷомеа хубтар иҷро шудани вазифаҳоро мехоҳанд, ки он барои доштани нақши асосӣ дар ташкили вазифаҳои бартарафсозӣ буда, аксарияти онҳо барои иҷрои фаъолиятҳои бартарафсозӣ кӯмак карда метавонанд. Ҳарчанд ки Созмонҳои кӯмакрасони хориҷӣ мегӯянд, ки онҳо барои сӯҳбат бо аҳолӣ вақт надоранд, онҳо

барои сӯҳбат кардан ва омӯзиш додани одамони маҳаллӣ вазфадор ҳастанд, вале аксаран барои ин амалҳо вақти кофӣ вуҷуд надорад.

Бо вуҷуди ин, равиши фаврӣ зарур мебошад. Равандҳои хориҷӣ аксаран ҷомеаҳоро барои мутобиқат бо нақшаи кории ташкилотҳои кӯмакрасон ташвиқ мекунанд. Ин як мушкилӣ аст, махсусан вақте ки агентиҳо хориҷӣ ба таври ноҳамоҳанг кор мекунанд. Масалан, як сол баъд аз сунамии соли 2004 дар Осиёи ҷанубу шарқӣ, як ҷамъияти иборат аз 50 оила дар шимоли Шри Ланка аз баррасии равониву иҷтимоии саволпурсии хона ба хона гузаштанд ва маълум гардид, ки 27 ТҒҲ кӯмакрасониҳоро пешниҳод ё таъмин мекунанд. Дар як гузориш чунин омадааст: ‘Мо дар ин ҷо ҳеҷ гоҳ роҳбар надоштем. Аксарияти одамон бо ҳам хешовандӣ доранд. Вақте ки касе бо мушкилӣ рӯбарӯ мешавад, ҳамсоҳо ба кӯмакаш меоянд. Вале акнун баъзе одамон оид ба музокираҳои кӯмакҳои молӣ ҳамчун роҳбар амал мекунанд. Хешовандон дигар ба ҳамдигар кӯмак намекунанд.’

Аз ин мисол бармеояд, ки агар иштироки ҷомеа беш аз ҳад аз ҷониби агентиҳо ва намояндаҳои худии онҳо барои расонидани кӯмак ташвиқ шавад, метавонад ба ҳолати хатарнок, нест шудани алоқаи қавӣ ё дарки ҷомеа оварда расонад. Осонсозии шароитҳое, ки дар он мардум худашон аксуламали кӯмакрасониро ташкил мекунанд, нисбат ба маҷбур кардани ҷомеа ба итоати намояндаи хориҷӣ хеле беҳтар аст.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Ҳамоҳанг кардани талошҳо барои фаъол кардани ҷомеаҳо.**

- Шиносоии фаъол ва ҳамоҳанг кардан бо равандҳои мавҷудбудаи фаъолсозии ҷомеа (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 1.1). Одамони маҳаллӣ аксаран роҳбарони расмӣ ва ғайрирасмӣ ва сохторҳои ҷамъиятие доранд, ки шояд дар ҳамоҳангӣ фодаовар бошанд, бо вуҷуди он боварӣ ҳосил намудан лозим аст, ин амал одамони алоҳидаро аз имкониятҳо маҳрум намесозад.
- Дар ҳолати мавҷуд будани хизматрасониҳои дастгирикунандаи давлатӣ, фаъолият дар ҳамкорӣ бо ҳукумати маҳаллӣ хеле муҳим аст.

**2. Муайян кардани муҳити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва амниятӣ дар марҳилаи ибтидоии эҳтимолӣ.**

Илова бар ин баррасӣ ва ҷамъоварии иттилооти умумӣ дар бораи мӯҳтаво (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1):

- Таҳлил ва гуфтугӯи ғайрирасмӣ бо намояндагони гуногуни одамони гирифторшуда;

• Муайянсозӣ ва сӯҳбат бо иттилоотдиҳандагони мард ва зан (аз он ҷумла роҳбарон, мураббиҳо, табобатшавандагон ва ғ.), ки дар бораи (а) масъалаҳои қувва, ташкилот ва равандҳои тасмимгирӣ дар ҷомеа, (б) риояи қоидаҳои фарҳангӣ ва (в) мушкилот ва хатарҳое, ки бояд ҳангоми фаъолсозии ҷомеа аз онҳо огоҳ бошанд, иттилооти заруриро фароҳам карда метавонанд.

**3. Гуфтугӯ бо иттилоотдиҳандагони гуногуни асосӣ ва гурӯҳҳои расмию ғайрирасмӣ, омӯзиш дар бораи он, ки одамони маҳаллӣ чӣ тавр созмон меёбанд ва чӣ тавр агентиҳои гуногун дар кушиҳои бартарафсозӣ иштирок карда метавонанд. Ҷомеаҳо зергурӯҳҳоеро дар бар мегирад, ки дар дидгоҳ ва қувва аз ҳам фарқ мекунанд ва ин зергурӯҳҳо бояд дар ҳамаи марҳилаҳои фаъолсозии ҷомеа бояд дар назар гирифта шаванд. Аксаран беҳтар аст, ки бо зергурӯҳҳои муайян мутобиқи меъёрҳои динӣ ва нажодӣ, дидгоҳи сиёсӣ, ҷинсият ва синну сол ё қабилавӣ ва синфҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таври ҷудогона вохӯрӣ анҷом дода шавад. Пурсидани саволҳо гурӯҳҳо аз он ҷумла:**

• Дар ҳолатҳои фавқулоддаи қаблӣ одамони маҳаллӣ чӣ тавр бо бӯҳрон мубориза бурданд?

• Дар ҳоли ҳозир одамон чӣ тавр ба ҳамдигар ёрӣ медиҳанд?

• Дар ин ҷо одамон чӣ тавр дар аксуламали ҳолати фавқулодда иштирок карда метавонанд?

• киҳо одамон ё гурӯҳҳои асосӣ мебошанд, ки таъмини тандурустӣ, таъмин бо паноҳгоҳ ва ғайра кӯмак карда метавонанд?

• Чӣ тавр ҳар минтақаи паноҳгоҳ ё деҳа ҷои худро «муайянсозӣ» мекунад?

• Оё фаъол кардани сохторҳои аз қабл мавҷудбуда ва равандҳои тасмимгирӣ фоидавовар ҳастанд? Агар ҳа, барои фаъол намудани одамон дар танзимоти паноҳгоҳ барои тшакили гурӯҳҳо чӣ кор бояд кард (масалан, аз ҷониби деҳа ё қабила)?

• Агар барои захираҳо ва имконот мубориза вуҷуд дошта бошад, ҷомеа онро чӣ тавр коҳиш дода метавонад? Раванд барои танзими фарқиятҳо кадом аст?

**4. Ба роҳ мондани иштироки одамони аз имкониятҳо маҳруммонда.**

• Огоҳ будан аз масъалаҳои қувва ва ноадолатии иҷтимоӣ.

• Шомил намудани шахсони аз имкониятҳо маҳрумшуда дар барномарезӣ ва таҳияи кӯмак.

• Ташкили баҳсҳо дар бораи роҳҳое, ки ба гурӯҳҳои аз имкониятҳо

маҳрумшуда рӯҳия бахшида таҳқиршавӣ ё фарқгузориро пешгирӣ менамояд ё коҳиш медиҳад.

• То ҳадди имкон ҳосил кардани боварӣ аз он, ки чунин баҳсҳо сохторҳои мақомоти мавҷудбуда, аз он ҷумла сохторҳои ҳукумати маҳаллиро ба инобат мегирад.

• Ташвиқ кардани ҷавонон, онҳое, ки аксаран ҳамчун мушкилӣ ба ҳисоб меравананд, вале метавонанд манбаи арзишманде барои амалҳои ҷавобӣ ба ҳолати фавқулодда бошанд, зеро онҳо аксаран хеле зуд ва бо боварӣ ба ҳолатҳои тағйирёбандаи фаврӣ мутобиқ мешаванд.

**5. Ташкил намудани ҷойҳои бехатар ва кофии зудҳангом барои дастгирии баҳсҳои барномарезӣ ва паҳн намудани иттилоот.**

Ҷойҳои бехатар, ки метавонанд ҳам пӯшида ва ҳам кушода бошанд, иҷозат додан ба гурӯҳҳо барои вохӯрӣ ва банақшагирии тарзи иштирок дар аксуламали ҳолати фавқулодда ва роҳандозӣ кардани фаъолиятҳои кӯмак ба худ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 5.2*) ё фаъолиятҳои динӣ ва фарҳангӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 5.3*). Ҷойҳои бехатар ҳамчунин барои нигаҳдорӣ ва ҳифзи кӯдакон (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти 3.2 ва 5.4*), барои фаъолиятҳои омӯзишӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 7.1*) ва барои додугирифти иттилооти асосӣ бо аъзоёни ҷомеа (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти 8.1 ва 8.2*) истифода мешаванд.

**6. Ривоҷ додани равандҳои фаъолсозии ҷомеа.**

• Шароитҳои бехатар барои баргузории баҳсҳо оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ ва сабабҳои бӯҳрон. Таъмини эҳсоси ҳадафҳо метавонад манбаи қавии кӯмаки равонӣ бошад.

• Осонсозии шароитҳо барои як инъикоснамоии умумии раванд, аз он ҷумла фаъолони асосӣ, гурӯҳҳои ҷомеа ё тамоми ҷомеа оид ба

• Осебпазириҳое, ки дар ҳоли ҳозир бояд муайян шаванд ва осебпазириҳое, ки дар оянда пешбинӣ мешаванд;

• Имкониятҳо ва қобилиятҳо барои фаъол кардан;

• Сарчашмаҳои муқовиматҳои ҷойдошта, ки аз ҷониби гурӯҳ муайян шудааст;

• Механизмҳое, ки дар гузашта барои муқобилият бо бадбахтӣ, зӯроварӣ ва нотавонӣ ба аъзоёни ҷомеа кӯмак кардаанд;

• Ташкилотҳо (масалан, гурӯҳҳои маҳаллии занон, гурӯҳҳои ҷавонон ё мутахассисон, кормандон ё ташкилотҳои сиёсӣ), ки дар раванди таҳияи кӯмак иштирок карда метавонанд;

• То кадом андоза ҷомеаҳо дар давоми бӯҳронҳо бомуваффақият амал кардаанд.

• Яке аз фаъолиятҳои асосии раванди фаъолсозӣ бо иштироки ҳамҷоя

ин кӯмак ба мардум барои барқарор кардани алоқаҳо байни корҳое, ки ҷамъият қаблан анҷом медод, аъзоёни он ҳоло дар куҷоянд, онҳо ба куҷо рафтан мехоҳанд ва роҳу воситаҳои дастёбӣ ба онҳо кадоманд, ба ҳисоб меравад. Осонсозии ин раванд ба маънои эҷод кардани шароитҳо барои одамон барои то ҳадди имкон ноил шудан ба ҳадафҳои онҳо ба таври ғайримустақим ва номуайян мебошад. Дар ҳолати зарурӣ ташкил намудани фаъолиятҳо фоидаовар мебошад (масалан, дар асоси услубҳои маъмулии таълиму тарбия), ки гуфтугӯи натиҷабахш ва мубодилаи афкорро осон менамояд. Чунин раванди ифодасозӣ дар ҳолати имконият барои нашр ва таҳия ба дигар ташкилотҳое, ки дар заминаи фаъолсозии ҷомеа кор мекунанд, бояд сабт шавад.

• Раванди дар боло номбаршуда бояд боиси ҳаллу фасли ҳолати фавқулодда шавад, яъне 'нақшаҳои фаъолият', ки бо дарназардошти афзалиятҳои муайяншуда ва имконоти фаъолиятҳо, онҳоро ҳамоҳанг намуда, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳоро ҳамоҳанг мекунад. Барномарезӣ ҳамчунин метавонад сенарияҳои дарозмуддатро пешбинӣ кунад ва фаъолиятҳои нисбатан муонсибро дар роҳандозӣ муайянсозӣ намояд. Бояд муайян карда шавад, ки оё фаъолият ӯҳдадории худи ҷомеа аст ё аз намояндагони хориҷӣ (аз он ҷумла кишвар). Агар масъулият бар ӯҳдаи ҷомеа бошад, бояд нақшаи кории мардумӣ рушд ёбад. Агар масъулият бар ӯҳдаи намояндаҳои хориҷӣ бошад, пас нақшаи ҳифзи ҷомеа бояд амалӣ карда шавад.

## Захираҳои асосӣ


1. Фаъолият дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак. Фаъолсозии ҷомеа.
http://www.savethechildren.net/arc/files/f_commmob.pdf

2. Шабакаи омӯзишии фаъол оид ба масъулият ва омодагӣ дар фаъолиятҳои башардӯстона (ALNAP) (2003). Иштироки аҳолии гирифтори бӯҳрон дар фаъолияти башардӯстона: Китоби роҳнамо барои таҷрибаомӯзон.
http://www.odi.org.uk/ALNAP/publications/gs_handbook/gs_handbook.pdf (Англисӣ);
http://www.psicosocial.net (Испанӣ)

3. Донаҳуе Ҷ. ва Виллимсон Ҷ. (1999). Фаъолсозии ҷомеа барои коҳиш додани таъсирҳои ВМНО/АМНБ. Фонди кӯдакони овора ва ятимон.
http://pdf.dec.org/pdf_docs/pnacj024.pdf

4. Консули муҳоҷирони Норвегия/Лоиҳаи идоранамоии паноҳгоҳ (2004, ислоҳшуда 2007). Қуттии абзори идоранамоии ҷомеа.
http://www.flyktninghjelpen.no/?did=9072071

5. Тасмими кӯмаки равонии минтақавӣ (ТКРМ) (2006). Саргзашти зиндагӣ – коргоҳи ҷамъиятӣ барои дастгирии кӯдакон.
http://www.repssi.org/home.asp?pid=43

6. Сегерструм Э. (2001). 'Иштироки ҷомеа' дар Таҷрибаи муҳоҷир,

Маркази омӯзиши муҳоҷирони Оксфорд.
http://earlybird.qeh.ox.ac.uk/rfgexp/rsp_tre/student/commpart/com_int.htm
7. Лоиҳаи соҳавӣ (2004). Низомномаи башардӯстона ва стандартҳои ҳадди ақал дар амалҳои ҷавобӣ ба офати табиӣ, Стандарти умумӣ 1: иштирок, саҳ. 28-29. Женева: Лоиҳаи соҳавӣ.
http://www.sphereproject.org/handbook/index.htm
8. КОПСММ (2002). Роҳнамо оид ба барномарезии паноҳгоҳ (фаслҳо дар бораи иштироки ҷомеа ва ташкили ҷомеа).
http://www.unhcr.org/cgi-bin/texis/vtx/home/opendoc.pdf?tbl=partners&id=3c4595a64 (Англисӣ);
http://www.acnur.org/index.php?id_pag=792 (испанӣ)
9. КОПСММ (2006). Воситаи баррасии иштирок дар амалҳо.
http://www.unhcr.org/publ/PUBL/450e963f2.html

---

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Ҷойҳои бехатар таъсис ёфта барои баргузории маҷлисҳо ва додугирифти иттилоот истифода мешаванд.

• Одамони маҳаллӣ оид ба тарзи ташкил намудан ва иҷрои амалҳои ҷавобӣ ба ҳолати фавқулодда маҷлисҳои доимӣ баргузор мекунанд.

• Мардон, занон ва ҷавонони маҳаллӣ – аз он ҷумла онҳое, ки аз гурӯҳҳои аз имкониятҳо маҳрумшуда – барои тасмимгириҳои асосӣ дар ҳоати фавқулодда шомил шуданд.

---

**Мисол: Мехико, 1985**

• Дар соли 1985, пас аз як забинҷунбии харобиовар дар шаҳри Мехико, ки дар он ҷо ташкилотҳои ҷамъиятӣ хеле қавӣ ва аз қабл мавҷуд буданд, одамони маҳаллӣ барои бартарафсозии ҳолати фавқулодда талош карданд.

• Одамони маҳаллӣ дар аксарияти корҳои тозакорӣ, таъмини ғизо ва дигар кӯмакҳо, ташкили паноҳгоҳи муваққатӣ ва тарҳрезии минтақаҳои истиқоматӣ иштирок карданд.

• Аксуламали маҳаллӣ ба ҳолати фавқулодда ба як ҳаракати иҷтимоӣ мубаддал гардид, ки ба одамон ба муддати панҷ сол кӯмак расонида шуд.

• Омӯзишҳое, ки се то панҷ сол пас аз заминҷунбӣ роҳандозӣ шуданд, гузориш доданд, ки афзоиш дар мушкилоти солимии равонӣ ба назар намерасад.

## *Лавҳаи фаъолияти 5.2*

### Осонсозии равиши худкӯмакрасонӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ

**Соҳа:** Сафарбарнамоии ҷомеа ва кӯмак
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Ҳамаи ҷомеаҳо кӯмакҳои равонии худбахудии таъсиргузор ва захираҳои мубориза бо фишор ва мутобиқшавиро доранд. Тақрибан ҳамаи гурӯҳҳои одамони гирифторшуда ба ҳолати фавқулодда кӯмакрасонҳоеро дар бар мегиранд, ки одамон барои дарёфти кӯмаки равонӣ дар ҳолати зарурат муроҷиат мекунанд. Дар оилаҳо ва ҷомеаҳо, ин марҳилаҳо бояд бо дарназардошти имкониятҳои ибтидоӣ барои фаъолсозӣ ва мустаҳкамсозии дастгириҳои маҳаллӣ ва тақвияти рӯҳияи кӯмак ба худи ҷомеа амалӣ шаванд.

Равиши кӯмак ба худ ҳаётӣ мебошад, зеро доштани як меъёри мониторинг ба баъзе паҳлӯҳои зиндагӣ боиси беҳтар шудани солимии равонӣ ва дастгирии психологиву равонии одамон дар натиҷаи таҷрибаҳои ҷорӣ мегардад. Гурӯҳҳои одамони ба таври оддӣ сохторҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ доранд, ки тавассути онҳо барои таъмини талаботи умумӣ худро омода мекунанд. Ҳатто агар ин сохторҳо вайрон шаванд ҳам, онҳоро дубора ҳамчун қисми раванди фаъолсозии таъсиргузори амалҳои ҷавобӣ ба ҳолати фавқулодда эҳё кардан мумкин аст. Мустаҳкамкунӣ ва такя ба системаҳо ва сохторҳои дастгирии маҳаллии мавҷудбуда боиси ба вуҷуд омадани аксуламали ҷамъиятии пойдор ва аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ мешавад. Дар чунин як равиш, нақши агентиҳои хориҷӣ барои таъмини хизматрасониҳои мустақим камтар аз осонсозии кӯмакҳои равонӣ мебошад, ки имкониятҳои маҳалли захираҳои дастрасҳо ба вуҷуд меорад.

Мусоидат ба дастгирии иҷтимоии ҷомеа ва кӯмак ба худ ба мизони ҳассосият ва фикри дақиқ ниёз дорад. Ҷомеаҳо аксаран зергурӯҳҳои гуногун ва муборизавиро бо барномаи корӣ ва сатҳҳои нерӯии гуногунро дар бар мегиранд. Он барои мустаҳкамкунии зергурӯҳҳои муайян ҳангоми ба ҳошия рондани дигарон ва барои ривоҷ додани ҷалби одамоне ки аксаран ноаён ҳастанд ё аз фаъолиятҳои гурӯҳӣ берун мондаанд, зарурӣ мебошад.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайянсозӣ захираҳои инсонӣ дар ҷомеаи маҳаллӣ.**

Мисолҳо барои чунин захираҳо шахсони обрӯманд, роҳбарони ҷомеа (аз он ҷумла роҳбарони ҳукумати маҳаллӣ), табибони мардумӣ, пешвоёни динӣ/гурӯҳҳо, мураббиҳо, кормандони соҳаи тандурустӣ ва солимии равонӣ, кормандони иҷтимоӣ, ҷавонон ва гурӯҳҳои занон, гурӯҳҳои дар ҳамсоягарӣ қарордошта, роҳбарон иттиҳодиявӣ ва роҳбарони тиҷоратӣ мебошанд. Стратегияи арзишманд банақшагирии захираҳои маҳаллӣ мебошад, ки (Ҳамчунин ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.1*) тавассути пурсидани аъзоёни ҷомеа дар бораи одамоне, ки онҳо барои дастгирӣ дар давоми бӯҳрон муроҷиат кардаанд. Номҳои махсус ва ё гурӯҳҳои одамон ва муайянсозии кӯмакрасонҳои асосӣ дар дохили аҳолии зарардида бояд ба таври доимӣ гузориш дода шавад.

• Мулоқот ва гуфтугӯ бо кӯмакрасонҳои асосӣ ва шиносоишуда, аз он ҷумла онҳое, ки аз гурӯҳҳои ба ҳошия рондашуда ҳастанд ва пурсидани омодагии онҳо барои кӯмакрасонӣ.

• Шиносоии гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё механизмҳое, ки пеш аз ҳолати фавқулодда фаъол буданд ва дар ҳолати таъмини фаврии эҳтиёҷот барқарор мешаванд. Инҳо метавонанд гурӯҳҳои ёрии дастаҷамъӣ, гурӯҳҳои кӯмак ба худ, пасандозҳо ва маблағҳои гардишӣ ва гурӯҳҳои қарзӣ, ҷамъиятҳои маросимҳои дафн ва гурӯҳҳои ҷавонон ва занон бошанд.

**2. Осонсозии раванди шиносоии ҷамъиятии фаъолиятҳои афзалиятнок тавассути арзёбӣ бо иштироки мардуми деҳот ва дигар равишҳои ба иштирок намудан рабтдор.**

• Шиносоии дастгириҳои дастраси ғайрикасбӣ ё касбӣ, ки фавран фаъол ё мустаҳкам мешаванд.

• Ривоҷ додани раванди умумии инъикосдиҳӣ дар бораи гузашта, ҳозир ва ояндаи одамон, ки барномарезиро осон менамояд. Бо дарёфти саҳми таъминоте, ки дар гузашта мавҷуд буданд, вале акнун дар ҳолати фавқулодда нест шудаанд, одамон барои дубора фаъол кардани дастгириҳои фоидаовар метавонанд интихоб намоянд. Бо инъикос намудани он, ки онҳо дар давоми чандин сол дар куҷо будан мехоҳанд, онҳо ояндаи худро пешбинӣ карда барои ноил шудан ба дигоҳи худ тасмимгирӣ намоянд.

• Баҳс бо фаъолони асосӣ ё гурӯҳҳои ҷомеа:

• Ташкилотҳое, ки қаблан барои мубориза бо бӯҳрон кор мекарданд ва дар ҳолати дубора фаъол шудан метавонанд фоидаовар бошанд;

• Механизмҳо (расму оинҳо, маросимҳо, баҳсҳои гурӯҳии занон ва ғ.), ки дар гузашта барои мубориза бо бадбахтӣ, зӯроварӣ ё нестшавӣ ба аъзоёни ҷомеа кӯмак кардаанд;

• Чӣ тавр вазъияти ҷорӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои мубориза

бо фишорро вайрон кардааст;

• Чӣ тавр одамон таҳти таъсири бӯҳрон қарор гирифтаанд;

• Барои ҳаракат ба самти мавқеи минбаъдаи худ одамон бояд ба кадом афзалиятҳо такя намоянд;

• Кадом фаъолиятҳо ба одамон барои дастрасӣ ба ҳадафҳои афзалиятнокашон кӯмак мекунанд;

• Кадом таҷрибаҳои бомуваффақияти ташкилотҳо дар ҷомеаҳои ҳамсояи онҳо ба назар мерасанд.

• Додугирифти натиҷаҳои раванди муайянсозӣ бо гурӯҳи ҳамоҳанг (ниг. Лавҳаҳои фаъолияти 1.1 ва 2.1).

## 3. Дастгирии тасмимҳои ҷомеа, фаъолона ташвиқ кардани онҳое, ки таъмини дастгирии оила ва ҷомеаро барои ҳамаи аъзоёни одамони гирифтори ҳолати фавқулодда ривоҷ медиҳанд, аз он ҷумла касоне, ки таҳти таъсири бештар ҳастанд.

• Муайян кардани он, ки кадом аъзоёни аҳолии зарардида аллакай ба худашон ва якдигароашон кӯмак расонида истодаанд ва дар пайи ёфтани роҳҳо барои тақвият бахшидани талошҳои худ ҳастанд. Масалан, агар сокинони маҳаллӣ фаъолиятҳои таълимиву тарбиятӣ ташкил намоянд вале ба захираҳои асосӣ, аз он ҷумла коғаз ва воситаҳо барои навиштан ниёз дошта бошанд, дастгирӣ намудани фаъолиятҳои онҳо бо расонидани кӯмаки таъмини маводҳои зарурӣ (ҳангоми тасдиқи мушкилии эҳтимолии эҷод шудани вобастагӣ). Ба таври доимӣ муайян кардани он, ки барои дастгирии талошҳои маҳаллӣ чӣ метавон кард.

• Дастгирии тасмимҳои ҷомеа, ки то ҳадди кофӣ аз ҷониби аъзоёни ҷомеа дар давоми баррасии иштирок доштан пешниҳод шудаанд.

• Тақвиятбахшии замони мувофиқ барои ташкилдиҳии гурӯҳҳо, махсусан онҳое, ки барои роҳандозӣ кардани фаъолиятҳои гуногун ва кӯмак ба худ ва барномарезӣ гурӯҳҳои аз қабл мавудбударо созмон медиҳанд.

## 4. Тақвият ва дастгирии фаъолиятҳои иловагие, ки дастгирии оила ва ҷомеаро барои ҳамаи аъзоёни дучоршуда бо ҳолати фавқулодда ва махсусан одамоне, ки таҳти таъсири бештар ҳастанд, ривоҷ медиҳанд.

Илова бар тасмимҳои ҳифзи худи ҷомеа, як ҳудуди тасмимҳои иловагии алоқаманд ба чашм мерасанд. Ба роҳ мондани саҳми ҷомеа дар (а) интихоб дар дастгирии фаъолятҳо, (б) тарҳрезӣ, иҷро ва мониторинги фаъолиятҳои интихобшуда ва (в) ҳифз ва мусоидат ба равандҳои муроҷиатӣ. Мисолҳои фаъолятиҳои нисбатан алоқаманд дар қутии зерин пешниҳод шудаанд.

Мисолҳо барои фаъолиятҳои иловагие, ки дастгирии оила ва ҷомеаро

барои ҳамаи аъзоёни ба ҳолати фавқулодда дучоршуда ва махсусан одамоне, ки таҳти таъсири бештар ҳастанд, ривоҷ медиҳанд

- Баҳсҳои гурӯҳӣ дар бораи тарзи кӯмаки ҷомеа ба гурӯҳҳои ба хатар ҳассос, ки дар баррасӣ ҳамчун эҳтиёҷманд ба ҳифз ва дастгирӣ муайян шудаааанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1);
- Кумитаҳои ҷамъиятии ҳифзи кӯдакон, ки кӯдакони гуруҳи ба хатар ҳассосро муайян мекунанд, хатарҳоро мониторинг мекунанд ва дар ҳолати зарурӣ дахолат намуда, мавридҳоро барои ҳифз ё таъмини хизматрасониҳо ба мақомот пешниҳод мекунанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 3.2);
- Дар ҳолати зарурӣ ташкили нигоҳубини ятимхонаҳо ба таври сохторӣ ва мониторинг барои ятимон ва кӯдакони ҷудошуда (ниг. *Лавҳаи* фаъолияти 3.2);
- Пайгирии оила ва ҳамроҳшавӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 3.2);
- Ҳифзи кӯдакони хиёбонӣ ва кӯдаконе, ки қаблан бо қувваҳои муқобили ҳам ва гурӯҳҳои мусаллаҳ алоқаманд буданд ва муттаҳидшавии онҳо дар дохили ҷомеа;
- Фаъолиятҳое, ки шомилшавии шахсони дурафтодаро (ятимон, занҳои бевамонда, марди занаш вафоткарда, куҳансолон, одамони гирифтори мушкилот ё нотавонии шадиди равонӣ ё онҳое, ки оила надоранд) ба шабакаҳои иҷтимоӣ осон менамоянд;
- То ҳадди имкон дастгирии занон ва гурӯҳҳои худфаъолият;
- Барномаҳои эҳтиёткории волидон;
- Чорабиниҳои арзишӣ, маҳфилҳои ҷавонон ва дигар фаъолиятҳои дилхушӣ, масалан, барои ҷавонони дар хатари сӯиистифода тавассути мавод ё дигар мушкилоти иҷтимоӣ ва рафторӣ қарордошта;
- Барқарорсозии фаъолятҳои оддии фарҳангӣ ва динӣ барои ҳама (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.3);
- Баҳсҳои ҷории гурӯҳӣ дар бораи солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоии аъзоёни ҷомеа;
- Таъсис додани шабакаҳое, ки ҷомеаҳои гирифторро бо кӯмаки агентиҳо, ҳукумат ва хизматрасониҳои гуногун пайваст мекунанд;
- Равишҳои табобати иҷтимоӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.3);
- Дигар фаъолиятҳое, ки ба аъзоёни ҷомеа барои ба даст овардан ё дубора ба даст овардани мониторинг ба зиндагияшон кӯмак мекунанд;
- Фаъолиятҳое, ки дастгирии мониторинги ғайрихушунатомезро ривоҷ медиҳанд, масалан, баҳсҳо, намоишнома ва сурудҳо, фаъолиятҳои муштарак тавассути аъзоёни тарафҳои муқобили ҳам ва ғ.;
- Фаъолиятҳои сохторӣ барои кӯдакон ва ҷавонон (аз он ҷумла таҳсили ғайрирасмӣ, дар ҷойҳои дӯстдоштаи кӯдакон : ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 7.1);
- Ташкили дастрасӣ ба иттилоот дар бораи ҳодисаҳои ҷорӣ, хизматрасониҳо, шахсони гумшуда, амният ва ғ. (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 8.1);

• Ташкили дастрасӣ ба паноҳгоҳ ва хизматрасониҳои асосӣ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 9.1, 10.1 ва 11.1).

**5. То ҳадди имкон пешниҳод намудани ҷаласаҳои омӯзшии кутоҳ ва бо усули фаъол (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 4.3), дар якҷоягӣ бо дастгирии минбаъда.**

Дар ҷойҳое, ки ситемаҳои дастгирии маҳаллӣ пурра нестанд ё хеле заиф ҳастанд барои ноил шудан ба ҳадафҳо тамрини кормандони ҷомеа, аз он ҷумла ихтиёриён барои омода намудани вазифаҳо фоидаовар мебошад, масалан:

- Муайянсозӣ ва посух ба ниёзҳои махсуси аъзоёни ҷомеа, ки вазифаҳояшонро хуб иҷро намекунанд;
- Густаришдиҳӣ ва ба таври мувофиқ таъмин кардани таъминот;
- Таъмини дастгирии асосӣ, барои мисол кӯмаки аввалини равонӣ, барои онҳое, ки баъд аз дучоршавӣ бо омилҳои фишори шадиди равонӣ сахт азоб мекашанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.1);
- Эҷод кардани гурӯҳҳои модару кӯдак барои мубоҳиса ва таъмини ангеза барои кӯдакони хурдтар (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.4);
- То ҳадди имкон мусоидат кардан ба оилаҳо бо стратегияҳои ҳалли мушкилӣ ва маълумот дар бораи тарбияи кӯдак;
- Муайянсозӣ, ҳифз ва итминон аз нигоҳубини кӯдакони ҷудошуда;
- Аз он ҷумла одамони маъюб дар фаъолиятҳои гуногун;
- Ҳифзи наҷотёфтагони зӯроварии ҷинсӣ;
- Мусоидат ба беҳбудёбӣ ва муттаҳидшавии писарон ва духтарони алоқаманд бо қувваҳои муҳорибавӣ ва гурӯҳҳои мусаллаҳ;
- Ташкил намудани гурӯҳҳои худкӯмакрасон;
- Ҷалб кардани ҷавонон, масалан, дар иттиҳодияи роҳбарони мусбат, ташкили маҳфилҳои ҷавонон, фаъолиятҳои варзишӣ, даргирӣ гуфтугӯи қатъномавӣ, таълиму тарбия дар бораи солимии бозтавлид ва дигар омӯзишҳои маҳоратҳои зиндагӣ;
- Аз он ҷумла калонсолон ва ҷавонон дар фаъолятҳои дақиқ, ҳадафманд ва бо ақидаҳои якхела масалан, созмондиҳӣ/ташкили паноҳгоҳ, ташкили фаъолиятҳои пайгирии оила, таъмини ғизо, хӯрокпазӣ, ҳолати санитарӣ, ташкили эмгузарониҳо, омӯзиш додани кӯдакон;
- Муроҷиат кардани одамони зарардида ба хизматрасониҳои алоқаманди қонунӣ, тандурустӣ, тарзи зиндагӣ, озуқа ва иҷтимоӣ, дар ҳолати мувофиқ ва дастрас будани онҳо.

**6. Дар ҳолати зарурӣ, дар дохили ҷомеа ва берун аз он тарафдорӣ кардан аз одамони аз имкониятҳо маҳрумшуда ва таҳти хатар қарордошта.**

Ба таври оддӣ, онҳое, ки пеш аз оғозии як бӯҳрон аллакай аз имкониятҳо маҳрум шудаанд, ҳам дар давоми бӯҳрон ва ҳам баъд аз он кам ба назар

гирифта мешаванд ва ноаён ва дистгиринашуда боқӣ мемонанд. Кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона метавонанд ин мушкилиро бо алоқаманд намудани худ ба адолати иҷтимоӣ, сӯҳбат кардан ба ҷои одамоне, ки аз назар дур мондаанд ва сафарбаркунии одамони аз имкониятҳо маҳрумшуда барои байни таъсиргузории онҳо муайян намоянд.

## Захираҳои асосӣ


1. КДБА (2005). Роҳнамо оид ба фаъолиятҳо ба зӯровариҳои ҷинсӣ дар ҳолатҳои фавқулодда. Женева: КДБА.

http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/products/docs/tfgender_GBVGuidelines2005.pdf

2. IFRC (2003). 'Ривоҷдиҳии худкӯмакрасонӣ дар ҷомеа', дар Дастгирии равоншиносии ҷомеа: китоби роҳнамои омӯзишӣ, саҳ. 57-65. Женева: Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби сурх ва Ҳилоли аҳмар. Дастрас ба забонҳои англисӣ, арабӣ, фаронсавӣ ва испанӣ дар: http://psp.drk.dk/sw2995.asp

3. Консули муҳоҷирони Норвегия/Лоиҳаи идоранамоии паноҳгоҳ (2004, revised 2007). Қутти абзори идоранамоии ҷомеа. http://www.flyktninghjelpen.no/?did=9072071

4. Претти Ҷ.Н. ва Водоҳе Д.С. (1997). 'Истифодаи доимӣ ё арзёбии иштироки мардуми деҳот'. ФАО: Ню Йорк. http://www.fao.org/docrep/W5830E/w5830e08.htm

5. Маркази омӯзиши муҳоҷирон ва ЮНИСЕФ (2002). 'Муайянкунии талаботи кӯдакон, оилаи онҳо ва ҷомеаҳо', дар кор бо кӯдакон дар ҳолатҳои нопойдор– Принсипҳо ва мафҳумҳо барои фаъолиятҳои психологию иҷтимоӣ (лоиҳа), саҳ. 47-79.

http://psp.drk.dk/graphics/2003referencecenter/Doc-man/Documents/1Disaster-general/WorkWithChild.UnstableSitua.pdf

6. Тасмими кӯмаки равонии минтақавӣ (ТКРМ) (2006). Маҷаллаи зиндагӣ (коргоҳҳои омӯзишии огоҳӣ ва фаъолият). http://www.repssi.org/

7. Наҷоти кӯдакон (1996). Ривоҷдиҳии солимии равонӣ дар байни кӯдакони гирифтори даргирии мусаллаҳона ва тағйири макон: Принсипҳо ва равишҳо.

http://www.savethechildren.org/publications/technical-resources/emergencies-protection/psychsocwellbeing2.pdf

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Марҳилаҳо барои муайянсозӣ, фаъол кардан ва мустаҳкамкунии захираҳо, ки солимии равони ва дастгирии психологиву иҷтимоиро дастгирӣ мекунанд, иҷро шудаанд.

• Равандҳо ва тасмимҳои ҷамъиятӣ одамонеро, ки таҳти таъсири хатари бештар ҳастанд дар бар гирифта, дастгирӣ мекунанд.

• Дар ҳолати зарурӣ, барои ташкили дастгириҳои имконияти маҳаллӣ омӯзиши васеъ гузаронида шуда.

**Мисол: Босния, даҳсолаи 1990**

• Дар Босния, дар давоми ҷанги солҳои 1990-ум, аксарияти занон дар минтақаҳои деҳотӣ, ки аз таҷовуз ба номус ва талафот наҷот ёфта буданд, ба кӯмаки равонӣ эҳтиёҷ доштанд, вале бо равоншиносон ва равонпизишкон сӯҳбат кардан намехостанд, зеро эҳсоси шарм ва таҳқир доштанд.

• Дар давоми як таҷриба, ки пеш аз ҷанг вуҷуд дошт, занонон дар гурӯҳҳои сӯҳбати ҷудогона барои сӯҳбат ҷамъ шуда қаҳва менӯшиданд ва ҳамчунин ба якдигар кӯмак мекарданд.

• Агентиҳои хориҷӣ бо таъмини сармоягузориҳои хурд барои бофандагӣ ва густаришдиҳии дастгириҳои мурочиатӣ нақши асосиро бозиданд.

## *Лавҳаи фаъолияти 5.3*

### Осонсозии шароитҳои мувофиқи фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ барои таҷрибаҳои барқарорсозӣ

**Соҳа:** Сафарбарсозии ҷомеа ва кӯмак
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Дар ҳолатҳои фавқулодда, одамон шояд фишорҳои умумии фарҳангӣ, маънавӣ ва диниро таҷриба намоянд, ки ба таваҷҷӯҳи махсус эҳтиёҷ доранд. Таъминкунандагони кӯмак аз хориҷи фарҳанги маҳаллӣ бештар дар бораи ба истилоҳҳои аломатҳо ва аксуламалҳои шахсӣ фикр мекунанд, аз он ҷумла фишори равонӣ ва осеби равонӣ, вале аксарияти наҷотёфтагон, махсусан ҷомеаҳои ғайриғарбӣ бештар азоби маънавӣ, динӣ, оила ё ҷамъиятиро аз сар мегузаронанд.

Наҷотёфтагон аз сабаби нотавонӣ дар амалӣ намудани расму оинҳои бахоксупорӣ шояд фишори равонии шадидро аз сар гузаронанд, махсусан дар ҳолатҳое, ки ҷасадҳо барои ба хок супоридан мувофиқ нестанд ё сармояи кофӣ ё макони шахсӣ барои анҷом додани чунин маросимро надоранд. Ҳамин тавр, одамон баъзан фишорҳои равонии доимиро эҳсос намоянд, зеро шояд онҳо имконияти амалӣ намудани маросимҳои оддии динӣ, маънавӣ ва фарҳангиро надошта бошанд. Ин лавҳаи фаъолияти бештар дар бораи дастгириҳои умумии ҷамъиятии динӣ ва фарҳангӣ (аз он ҷумла маънавӣ) барои гурӯҳҳои одамоне, ки ба қадри кофӣ кӯмак дархост намекунанд, пешбинӣ шудааст, дар ҳолате ки Лавҳаи фаъолияти 6.4 бештар дар бораи нигоҳубини анъанаии шахсон ва оилаҳои эҳтиёҷманд мебошад.

Фишорҳои умумии ба инҳо монанд бештар тавассути дастрасии ҷорӣ намудани равишҳои мувофиқи фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ муайян мегардад. Роҳандозӣ кардании маросими азодорӣ ва бахоксупорӣ фишори равониро коҳиш дода, ғаму ғуссаро кам менамояд. Дар баъзе ҳолатҳо, маросимҳои поксозӣ ва табобат барои беҳбуд ёфтан ва барқароршавӣ мусоидат мекунанд. Барои мардуми диндор, имон ё равишҳое ба монанди намозгузорӣ дар ҳолатҳои душвор ба одамон рӯҳия ва боварӣ мебахшанд. Фаҳмиш ва то ҳадди кофӣ, дастрас намудан ё ҳифзи равишҳои фарҳангии табобат метавонад солимии равонии аксарияти наҷотёфтагонро беҳбуд бахшад. Рад кардани чунин равишҳои табобат, аз тарафи дигар, метавонад фишори равониро тӯлонӣ намояд ва шадидан

боиси зарар аз ҷониби ба ҳошия рондашвии равишҳои фоидаовари мубориза бо фишор гардад. Дар аксарияти ҳолатҳо, кор бо роҳбарони динӣ ва захираҳо қисми зарурии кӯмаки равонӣ дар ҳолати фавқулодда мебошад.

Ҷалб кардан бо дин ё фарҳанги маҳаллӣ боиси бархӯрди кормандони ғайримаҳаллӣ бо ҷаҳонбинии нисбатан фарқкунандаи аз худи онҳо мешавад. Зеро баъзе равишҳои маҳаллӣ боиси зарар мешаванд (масалан, дар ҳолатҳое, ки маънавият ва дин сиёсӣ шудаанд), Кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона бояд дар фикри идомаи дастгирии равишҳои маҳаллӣ мутобиқ намудани онҳо бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон бошанд.

**Амалҳои калидӣ**

### 1. Равиши роҳбарони динӣ ва маънавии маҳаллӣ ва дигар роҳнамои фарҳангӣ барои омӯзиши дидгоҳҳои онҳо оид ба зарар дидани одамон ва равишҳое, ки аҳолии зарардидаро дастгирӣ мекунанд.

Марҳилаҳои фоидаовар инҳоянд:

• Баррасии омӯзишҳои мавҷудбуда (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1) барои пешгирӣ кардани хатари саволпурсии такрорӣ;

• Равиши роҳбарони динӣ ва маънавии маҳаллӣ, бештар тавассути воситаҳои гузоришгирии гурӯҳҳои нажодӣ ё динӣ якхела, барои омӯзиш бештар дар бораи дидгоҳҳои онҳо (ниг. Фаъолияти асосӣ 3 дар поён). Агар дар аҳолии зарардида гурӯҳҳо ва ҷиҳатгириҳои гуногун вуҷуд дошта бошанд, истифодабарии равишҳои ҳами гурӯҳҳо ва ҷиҳатгириҳои асосӣ хеле муҳим аст. Амали пурсидани кӯмакҳо барои масъалаҳои маънавӣ ва динӣ ва чизҳои омӯхташуда чӣ тавр истифодаи кӯмак барои дастгирии захираҳои маҳаллиро барои беҳбуд бахшидани некуаҳволӣ роҳнамоӣ мекунанд.

### 2. Таҷриба намудани ҳассосияти ахлоқӣ.

Дар ҳолати зарурӣ истифодабарии як тарҷумони ботаҷриба, кор бо забони маҳаллӣ, пурсидани саволҳое, ки роҳнамои фарҳангӣ (маълумоти шахс оид ба фарҳанги маҳаллӣ) онҳоро мувофиқ меҳисобад. Барои наҷотёфтагон шояд додугирифти иттилоот дар бораи дин ва маънавияти онҳо бо хориҷиҳо душвор бошад, махсусан дар ҳолатҳои генотсид ва даргирии мусаллаҳона, ки дар онҳо эътиқодҳои динӣ ва/ё ҳуввияти нажодии онҳо таҳқир карда мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки агар кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона эҳтиром ва муомилаи хуби худро ба намоиш гузоштан мехоҳанд ва ҳадафи онҳо фақат омӯзиши тарзи беҳтари дастгирии одамони зарардида ва пешгирӣ кардан аз равишҳои хатарнок бошад,

беҳтар аст, ки онҳо бо роҳбарони динӣ ва маънавӣ мулоқот намоянд. Дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда, роҳбарони динӣ ва маънавӣ шарикони асосӣ дар омӯзишдиҳии кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона дар бораи тарзи дастгирии одамони зарардида будаанд. Мизони ҳассосияти ахлоқӣ ҳамчунин барои он лозим аст, ки баъзе равишҳои маънавӣ, фарҳангӣ ва динӣ (масалан, таҷрибаи таҳқири занони бевамонда) боиси зарар мешаванд. Ҳифзи дурнамои махсус, ҳифзи равишҳои фарҳангӣ, динӣ ва маънавӣ равишҳо танҳо дар ҳолати мутобиқати онҳо бо стандартҳои ҳуқуқҳои инсон муҳим аст. Сафарбарсозии расонавии равишҳои маҳаллӣ метавонад шояд душвор бошад ва бояд танҳо бо шомил намудани аъзоёни ҷомеа иҷозат дода шавад.

**3. Омӯзиш дар бораи дастгириҳои фарҳангӣ, динӣ ва маънавӣ ва механизмҳои мубориза бо фишор.**

Дар ҳолати баргузор шудани гузоришгирӣ, пурсидани саволҳо, аз он ҷумла:

- Ба фикри Шумо таъсирҳо ва сабабҳои маънавии ҳолати фавқулодда кадомҳоянд?
- Чӣ тавр одамон аз лиҳози фарҳангӣ ва маънавӣ зарар дидаанд?
- Вақте ки одамон мемиранд, чӣ ҳодиса рух медиҳад?
- Оё расму оинҳо ва равишҳои фарҳангие мавҷуданд, ки бояд роҳандозӣ карда шаванд ва замони мувофиқ барои онҳо кай аст?
- Кӣ беҳтар аз ҳама метавонад оид ба тарзи амалӣ намудани расму оинҳо ва иҷрои маросимҳои ба хок супоридани ҷасадҳо роҳнамоии беҳтарро таъмин кунад?
- Кӣ дар ҷомеа аз равишҳои мувофиқи маросимҳо ва расму оинҳои муқаррарӣ фоидаи бештар мебинад ва чаро?
- Оё Шумо ба кормандони байналмилалии дар минтақа ҳузурдошта дар бораи тарзи фаъолият ва аз лиҳози маънавӣ дастгирӣ намудани одамон ва пешгирӣ кардани зарари маънавӣ маслиҳат додан мехоҳед?

Дар ҳолати имкон доштан баргузор намудани вохӯриҳои такрорӣ барои ба вуҷуд овардани боварӣ ва омӯзиши бештар дар бораи равишҳои динӣ ва фарҳангӣ. Ҳамчунин, то ҳадди имкон, тасдиқ намудани иттилооти ҷамъоваришуда бо мубоҳисаи он бо антропологҳои маҳаллӣ ё дигар роҳнамоёни фарҳангӣ, ки маълумоти васеъ оид ба фарҳанг ва равишҳои маҳаллӣ доранд.

**4. Паҳн намудани иттилооти ҷамъоваришуда дар байни фаъолони кӯмаки башардӯстона дар соҳа ва ҷаласаҳои ҳамоҳангӣ.**

Додугирифти иттилооти ҷамъоваришуда бо ҳамкорони соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар маҷлисҳои ҳамоҳангсозии байнисоҳавии СРДПИ ва дигар сатҳҳо, барои баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи масъалаҳо ва равишҳои фарҳангӣ ва динӣ. Муайян намудани зарари асосии расида аз бахоксупории дастаҷамъона бе гузаронидани маросим ё таҳияи ғизо ё дигар маводҳое, ки аз дидгоҳи динӣ манъ карда шудаанд.

**5. Осонсозии шароитҳо барои равишҳои мувофиқи табобат.**

Нақши кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона осонсозии истифодабарии равишҳое мебошад, ки барои одамони зарардида муҳим ҳастанд ва бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мутобиқат мекунанд.

Марҳилаҳои асосӣ иборатанд аз:

- Кор бо роҳбарони интихобшуда барои шиносоии тарзи дастрас намудани равишҳои мувофиқ;
- Шиносоии монеаҳо (масалан, норасоии захираҳо) ба роҳандозӣ кардани ин равишҳо;
- Бартараф кардани монеаҳо (масалан, таъмини ҷой барои расму оинҳо ва захираҳо, аз он ҷумла ғизо барои меҳмонон маросими хоксупорӣ ва маводҳо барои ба хок супоридан);
- То ҳадди имкон қабул кардани равишҳои омехтаи мавҷудбуда (масалан, маҳаллӣ ва ғарбишуда).

**Захираҳои асосӣ**


1. PAHO/ТУТ (2004). 'Ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ'. Дар: Идоранамоии ҷасадҳои мурдагон дар ҳолатҳои офати табиӣ, саҳ. 85-106. Вашингтон: PAHO.
http://www.paho.org/English/DD/PED/DeadBodiesBook.pdf

2. Гурӯҳҳои кории психологию иҷтимоӣ (2003). Фаъолиятҳои равонӣ ва иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавкулоддаи омехта: Чорчӯбаи меъёрӣ.
http://www.forcedmigration.org/psychosocial/papers/Conceptual%20Framework.pdf

3. Лоиҳаи соҳавӣ (2004). Низомномаи башардӯстона ва стандартҳои ҳадди ақал дар амалҳои ҷавобӣ ба офати табиӣ. Равонӣ ва иҷтимоӣ паҳлӯҳои саломатӣ, саҳ. 291-293. Женева: Лоиҳаи соҳавӣ.
http://www.sphereproject.org/handbook/index.htm

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Дастгириҳои маҳаллӣ фарҳангӣ, динӣ ва маънавӣ муайян шудаaанд ва иттилоот бо кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона додугирифт шудааст.

• Монеаҳо ба роҳандозӣ кардани равишҳои мувофиқ муайянсозӣ шудаанд ва бартараф ё коҳиш дода шуданд.

• Марҳилаҳо барои амалӣ намудани истифодабарии равишҳо ичро шуданд, ки аз ҷониби одамони зарардида баҳогузорӣ шуданд ва бо стандартҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон мутобиқат мекунанд.

**Мисол: Ангола, 1996**

• Як нафар собиқ сарбоз гуфт, ки фишори равониро эҳсос кардааст ва тарсидааст, зеро рӯҳи одаме, ки ӯ кушта буд шабҳангом ба наздаш омад. Мушкилӣ то замоне ки оила ва мардум ба наздаш омаданд, идома меёфт ва сипас онҳо робитаи нохоста ва тарсноки ӯро бо рӯҳ бартараф карданд.

• Кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона бо табибони маҳаллӣ машварат гузарониданд ва онҳо гуфтанд, ки метавонанд бо истифодабарии як маросими поксозӣ он рӯҳи хашмгинро дур созанд ва писар розӣ шуд.

• Як ТҒҲ¬¬-и байналмилалӣ маводи ғизоӣ ва ҳайвоноти заруриро барои қурбонӣ кардан таъмин кард ва табиб як маросимеро баргузор кард, ки тиқби он бояд писар пок шуда ҷомеаро ҳифз мекард. Пас аз чанд муддат писар ва ҷомеа аз беҳбудии вазъият гузориш доданд.

## Лавҳаи фаъолияти 5.4

### Осонсозии пуштибонии кӯдакони хурдсол (0-8 сола) ва парасторони онҳо

**Соҳа:** Сафарбарсозии ҷомеа ва кӯмак
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Давраи ибтидоии кӯдакӣ (0–8 солагӣ) дар зиндагии инсон барои рушди ҷисмӣ, маърифатӣ, эмотсионалӣ ва иҷтимоӣ давраи ниҳоят муҳим ба ҳисоб меравад. Дар давоми ин давра рушди босуръати мағзи сар рух медиҳад ва ба ҳифзи мувофиқ, барангехтан ва нигоҳубини таъсиргузор вобаста аст. Талафоти неогаҳонӣ (масалан, марги яке аз волидон), дучоршавӣ бо зӯровариҳои ҷисмӣ ё ҷинсӣ ва дигар ҳодисаҳои дарднок метавонад онро халалдор намуда, рушди солими иҷтимоӣ ва эмотсионалиро ба муддати дароз коҳиш медиҳад. Ба ҳар ҳол, аксарияти кӯдакон аз чунин таҷрибаҳо ба хуби солим бадар меоянд, махсусан агар онҳо нигоҳубин ва дастгирии мувофиқ дарёфт намоянд.

Дар ҳолатҳои фавқулодда, некӯаҳволии кӯдакони хурдсол ба як меъёри бузург дар бораи ҳолатҳои оила ва ҷомеаи онҳо алоқаманд аст. Агар онҳо модарон ё сарпарстони дурафтода, хаста ё афсурда дошта бошанд, ки аз лиҳози ҷисмӣ ё эмотсионалӣ имконияти таъмин кардани нигоҳубин ва дастгириро надошта бошанд, некӯаҳволии онҳо шояд бад шавад. Кӯдаконе, ки аз волидонашон ҷудо шудаанд метавонанд таҳти нигоҳубинӣ муваққатӣ қарор гиранд, ки номуваффақ аст. Дар ҷомеа, ҳам волидон ва ҳам кӯдакон аз сабаби хизматрасониҳои тиббии нокофӣ, ғизодиҳии номуносиб ва меъри хатарҳои нигоҳубин шояд дар хатар қарор дошта бошанд.

Дар ҳолатҳои фавқулодда, барномаҳои давраи ибтидоии кӯдакӣ бояд ҳамоҳанг (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 1.1*) ва огоҳона ва бо баррасиҳои мувофиқ бошанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.1*), аз он ҷумла иттилоот дар бораи шумора ва синну соли кӯдакони аз ҳаштсола хурдтар, шумораи занони ҳомила ва шумораи занони кӯдакони тифли навзоддошта. Барномаҳои давраи ибтидоии кӯдакӣ бояд нигоҳубини кӯдакони хурдсолро аз ҷониби оилаҳо ва дигар парасторони онҳо дастгирӣ намоянд. Фаъолиятҳои давраи ибтидоии кӯдакӣ бояд ангеза, осонсозии ғизодиҳиро дастгирӣ намуда (дар ҳолатҳои норасоии шадиди ғизо), ҳифз ва ривоҷ додани алоқамандӣ байни тифлон ва парасторонро дастрас намоянд. Ҳадаф аз чунин фаъолиятҳо таъмини талаботи асосии кӯдакон ва

кӯмак ба коҳиш додани сатҳи фишори равонии ҳосилшуда аз ҳолати фавқулодда ба таври ҷанбаъвӣ ва сохторӣ буда ба парасторон барқарорсозӣ мебахшанд.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Нигоҳ доштани кӯдакон бо модарон, падарон, оила ё дигар наздикони парастори онҳо.**

(а) Пешгирӣ аз ҷудошавӣ. Дар ҳолатҳои фавқулодда, ки ҳаракати аҳолӣ зиёд аст, дастгирии ҷомеаҳо ва оилаҳо барои густариш додани равишҳои аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ барои пешгирӣ кардан аз ҷудошавӣ.

- Бартарӣ додан ба нигоҳдории якҷояи модарони бо пистон ширдиҳанда ва кӯдакон.
- Ба кӯдакони калонтар ёд додани сурудҳое, ки номи оила, деҳа ва иттилооти тамоси онҳоро бар бар мегиранд.
- Аломатгузории  (нишона кардан) кӯдакон барои ба ҳадди ақал расонидани ҷудошавӣ.

(б) Дубора якҷоя кардани кӯдакон ва волидон (ниг. Лавҳаи фаъолияти 3.2). Агар кӯдакон ҷудо шуда бошанд:

- Тамосгирӣ бо ташкилоти вазифадор барои дубора якҷоя кардан.
- Осонсозии равандҳои пайгирӣ ва пайвастшавӣ. Сабти таърихи рӯз ва ҷоҳое, ки кӯдакони ҷудошуда ёфт шуданд ва ҷамъоварии иттилоот аз худи кӯдакон, истифодабароии равишҳои мувофиқ ба синну сол, аз он ҷумла аз онҳо талаб кардани тасвир намудани ҷойҳое, ки онҳо зиндагӣ мекарданд ё нақл кардан дар бораи худи онҳо.
- Нигоҳ доштани либосҳо бо кӯдак, ҳамчун яке аз воситаҳои асосӣ барои муайянсозӣ ва муттаҳидсозии кӯдакони ҷудошуда бо волидони онҳо.

(в) Осонсозии тартиботи алтернативии нигоҳубин. Ҳангоми бӯҳронҳо ва ҳолатҳои фавқулодда, ки дигар имконоти нигоҳубин дастрас нестанд, ташкил намудани марказҳои муваққатӣ барои ҳифзи кӯдакони ҷудошуда то пайдо шудани роҳи ҳалли дарозмуддат зарурӣ мебошад. Ҳангоми интизоршавии якҷояшавӣ бо оилаҳояшон, кӯдакони ҷудошуда аз ҷониби шахс ё нафаре, ки нигоҳубин ва ҳифзи мувофиқро таъмин карда метавонанд, парасторӣ карда шаванд. Ятимхонаҳо бояд ҳамчун охирин роҳи ҳал ба ҳисоб раванд, зеро онҳо дастрасии мувофиқро таъмин карда наметавонанд.

- Тасмимгирӣ дар бораи тартиби нигоҳубин тибқи Кӯдак дар дохили вазъияти фарҳангии маҳаллӣ чиро мехоҳад.
- То ҳадди имкон нигоҳ доштани кӯдак дар дохили оила ва/ё ҷомеаи васеъ ва пешгирӣ кардани ҷудошавии хоҳару бародар аз якдигар.
- То ҳадди имкон, муайян кардани як оилаи парваришдиҳандаи доимӣ, дурӣ ҷустан аз якчанд оилаҳои парваришдиҳанда.

• Барои навзодоне, ки модаронашонро гум кардаанд ё з волидони худ ҷудо шудаанд, таъмин кардани талаботи асосӣ, аз он ҷумла ғизо, либос ва нигоҳубин ва бояд ба инобат гирифта шавад, ки дар баъзе фарҳангҳо кӯдакони духтар бештар дар хатари бетаваҷҷӯҳӣ қарор мегиранд.

Агар кӯдакон аллакай дар ятимхонаҳо ё дигар муассисаҳои будубоши умумӣ ҷойгир шуда бошанд, бояд баррасии зудҳангом барои шиносии шароити онҳо гузаронида шавад ва марҳлаҳои эҳтимолӣ барои ривоҷ додани фаъолиятҳои рушддиҳандаи давраи ибтидоии кудакӣ пешниҳод карда шаванд.

**2. Ривоҷ додани идомаи синамаконӣ.**

Ширдиҳӣ бо пистон барои некӯаҳволии ҷисмӣ, психологию иҷтимоӣ ва маънавии тифлон ва кудакони хурдсол муҳим мебошад. Ширдиҳӣ бо пистон рушди маънавии кӯдакро тастгирӣ мекунад, ба кӯдаки роҳат мебахшад, барои алоқаи наздики модару кӯдак хуб аст ва анҷом додани он осон, ройгон ва маъмулан бехтар мебошад (вобаста ба меъёрҳои бехатарӣ, ниг. ЮНИСЕФ (2002) таҳти захираҳои асосӣ барои роҳнамоӣ оид ба ширдиҳӣ бо пистон ва ВМНО/АМНБ).

• Тақвияти ширдиҳӣ бо пистон тавассути дастгирии шахсӣ ва робитаҳои умумӣ.

• Машваратдиҳии модарони навзодон (ва хешовандон) оид ба нигоҳубини навзод, бо такя ба аҳамияти ширдиҳӣ бо пистон, молиш додан ва гарм кардани бадани онҳо, оббозӣ доронидан ва тозагӣ.

• Пешгирӣ кардан аз истифодаи васеи шири хушк, зеро онҳо ширдиҳӣ бо пистонро заиф мекунанд.

• Бартарӣ додани таҳияи ғизодиҳии иловагӣ барои занони ҳомила ва ширдеҳ.

• Пешгирӣ кардани беш аз ҳад маҷбур кардани модарон барои ширдиҳӣ бо пистон. Модароне, ки аз ширдиҳӣ бо пистон дурӣ меҷӯянд ва онро душвор меҳисобанд ё бо пистон шир дода наметавонанд бояд дастгирӣ шаванд.

**3. Осонсозии бозӣ кардан, нигоҳубин ва дастгирии иҷтимоӣ.**

Дар давоми ҳолатҳои фавқулодда бояд фаъолиятҳои гуногуни таълимӣ роҳандозӣ карда шаванд. Ин фаъолиятҳо метавонанд омӯзиши волидон, мулоқотҳои хонагӣ, нигоҳубини умумии кӯдак ва гурӯҳҳои умумӣ барои бозӣ кардан, 'ҷойҳои бехатар', китобхонаҳои бозичагӣ ва ҷамъшавии ғайрирасмии волидон дар ҷойҳои бехатарро дар бар гиранд (ниг. Лавҳаи фаъолияти 5.1).

• Ташкил намудани имкониятҳои аз лиҳози маҳаллӣ мувофиқ барои фаъолиятҳои бозӣ карданд, барангехтан ва воридшавӣ ба ҷомеа. Инҳо

таъсири манфии равонии ҳолатҳои бӯрониро коҳиш медиҳанд.

• Омехтасозии фаъолиятҳо ба синну сол, ҷинсият ва фарҳанги кӯдакон. Барои ба ҳадди ақал расонидани азоб, кӯдакон ба ҳисси ошкор ва иштирок дар фаъолиятҳои оддисозӣ ниёз доранд, ки бояд фаъолиятҳои оддии рӯзмарраи онҳоро инъикос намоянд (масалан, як кӯдаке, ки дар гузашта дар шароити кӯчманчигӣ зиндагӣ мекард ва ҳеҷ гоҳ дар мактаб набуд омӯзиши расмиро оддӣ ва мувофиқ намеҳисобад). Дар банақшагирии барнома ва иҷро кардан, истифодабарии меъёрҳои мувофиқи рушди равонӣ, аз он ҷумла маросимҳои баргузории расму оинҳо, ки нисбат ба модели рушди равонии ғарбӣ бештар мувофиқ бошанд.

• Баргузор намудани фаъолиятҳо дар ҷойҳои бехатар (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти 5.1 ва 7.1*), ки махсусан кӯдакони хеле хурдро дастгирӣ мекунанд. Дар ҳолати фароҳам будани шароитҳо, ташкил намудани гурӯҳҳои фаъолият бо дарназардошти синну сол/марҳилаи рушди кӯдакон: 0–12/18 моҳа (пеш аз ба гап даромадан, роҳгардиро наомӯхта), 12/18 моҳа то се сола ва 3–6 сола. (фаъолиятҳо барои кӯдакони 6–8 сола дар *Лавҳаи фаъолияти 7.1* пешниҳод шудаанд). Машқ додани волидон, хоҳару бародарон, бобову бибиҳо ва ҷавонон барои кор бо кормандони мувофиқ ва ҳамчунин омӯзищдиҳии хонагӣ барои оилаи онҳо дар бораи тарзи кӯмак кардани онҳо ба рушди солими кӯдакони хурдсол. Ҷалб кардани занҳои калонсол ва ҷавони боваринок ҳамчун ихтиёриён дар ҷойҳои бехатар.

• Муайянсозии истифодаи бозиҳои машҳур, сурудҳо ва рақсҳо ва ҳамчунин бозичаҳои дастсохт, зеро инҳо дар ҳолати фавқулодда хеле роиҷ ҳастанд.

• Шомил намудани минтақаи нигоҳубин ва бозӣ кардан ва амалиёти муштарак дар ҳамаи хизматрасониҳо барои кӯдакони синну соли хурдтар, аз он ҷумла барномаҳои озуқа табобатӣ, беморхонаҳо ва клиникаҳо, аз он ҷумла дар минтақаҳо барои таҳияи маводҳои ғизогӣ ва ғайриғизоӣ.

• Осонсозии фаъолиятҳо барои кӯдакони хурдсол, ки ташаккулёбии ҷамъиятҳои иҷтимоӣ ва ба зӯроварӣ гирифторшуда ё таъҳти таъсири он қароргирифтаро ривоҷ медиҳанд.

• Шомил намудани кӯдакони талаботи махсус дошта дар фаъолиятҳои нигоҳубин, бозиҳо ва дастгирии иҷтимоӣ дар сатҳи ҷомеа.

• Барои роҳнамоии махсус дар бораи сафарбарсозии кӯдакони хурдсол дар бӯҳронҳои ғизоӣ, ниг. Муроҷиати ТУТ (2006) оид ба захираҳои асосӣ.

## 4. Нигоҳубини парасторон.

Дар ҳолатҳои фавқулодда, баргузор намудани маҷлисҳое, ки дар онҳо парасторони кӯдакони хурдсол дар бораи гузашта, замони ҳозира ва оянда баҳс карда тавонанд ва роҳи ҳалли мушкилиҳоро додугирифт намоянд ва барои нигоҳубини кӯдаконашон дастгирӣ пешниҳод кунанд,

хеле муҳим мебошад.

• Дар ҷойҳои бехатар (ниг. Лавҳаҳои фаъолияти 5.1 ва 7.1), ташкил намудани дастгирии гурӯҳҳое, ки дар он волидон/модарон дар бораи мушилоти шахсии худ сӯҳбат карда тавонанд.

• Тавсия додан ба волидон барои дар назди кӯдаконашон дар бораи ҷузъиёти ҳодисаҳои ваҳшатнок сӯҳбат накардан.

• Дар давоми фаъолиятҳои хурди гурӯҳӣ барои оилаҳо ва кӯдакони хурдсоли онҳо, волидон барои ба даст овардани маълумот дар бораи фаъолиятҳои дигарон бо кӯдаконашон имконият доранд. Вақте ки амалиёти муштараки мусбат байни волидон ва кӯдакон рух медиҳад, зикр кардани онҳо ва ташвиқ кардани дигар волидон барои ҳамин тавр мувофиқат кардан бо кӯдаконашон бисёр мувофиқ аст.

• Волидони кӯмакрасон ва парасторон барои фаҳмидани тағйирот дар давоми як бӯҳрон ба кӯдаконашон нигоҳ мекунанд. Шарҳ додани чунин рафтор ҳамчун тарси аз ҳад зиёд аз дигарон ва гурехтан, ё бадхашмии беш аз ҳад бо дигар кӯдакон, аксуламалҳои асосии фишори равонӣ ва инъикос намудани шикаст нахӯрдани тарафи парасторон.

• Додугирифти иттилоот бо волидон ва парасторон дар бораи тарзи шиносоии мушкилот ва дастгирии психологиву иҷтимоии солимии кӯдакони онҳо, аз он ҷумла тарзи мониторинг, танзим ва тағйир додани рафтори ҳамлагарона аз ҷониби кӯдакон тавассути ва танзими тартибот ва маҳдудияти бенуқсон.

• Шиносоии аксуламали зараровар ба фишори равонии кӯдак, аз он ҷумла задан, танбеҳ додан ё таҳқир кардан ва пешниҳод кардани стратегияҳои алтернативӣ ба волидон ва роҳбарони ҷомеа.

• Волидоне, ки аз сабаби мушкилоти вазнини солимии равонӣ дар нигоҳубини кӯдаконашон мушкилӣ доранд бояд барои ба даст овардани дастгириҳои мувофиқ ба кормандони соҳаи хизматрасонии тандурустӣ муроҷиат намоянд (агар дар ҳифзи солимии равонӣ таҷриба дошта бошанд; ниг. Лавҳаи фаъолияти 6.2). Баъзан, фишори равонии вазнин қобилияти нигоҳубини кӯдаконро заиф мегардонад.

## Захираҳои асосӣ


1. Фонди Бернард ван Леер (2005). Масъалаҳои давраи ибтидоии кӯдакон. Боби 104: мувофиқат бо кӯдакони хурдсол пас аз ҳолатҳои фавқулодда.
http://www.bernardvanleer.org/publication_store/publication_store_publications/Early_Childhood_Matters_104/file

2. Гурӯҳи машваратӣ оид ба нигоҳубин ва рушд дар давраи ибтидоии кӯдакӣ (1996). Кӯдакон ҳамчун минтақаҳои сулҳ: Кор бо кӯдакони гирифтори зӯроварии мусаллаҳона.
http://www.ecdgroup.com/docs/Children_as_Zones_of_Peace;_Working_with_Children_Affected_by_Armed_Violence-13_05_2001-13_53_24.pdf

3. Шабакаи онлайни озуқа дар ҳолати фавқулодда (2006). Ғизодиҳии навзод дар ҳолатҳои фавқулодда.

http://www.ennonline.net/ife/index.html
4. Консули таҳқиқотии улуми инсонӣ дар Африкаи ҷанубӣ (КТУИА). Захираҳои кӯмаки равонӣ: Девидс Д. (Фонди Ҳеспериан), Китоби рафтори эҳсосотӣ.
http://www.hsrc.ac.za/research/programs/CYFD/UNICEF/other_resources.html
5. ICRC, IRC, Наҷоти кӯдакони БК, ЮНИСЕФ, КОПСММ ва Дидгоҳи ҷаҳонӣ (2004). Роҳнамои байнисохторӣ оид ба кудакони танҳо ва ҷудошуда. Наҷоти кӯдакони БК.
http://www.unhcr.org/cgi-bin/texis/vtx/protect/opendoc.pdf?tbl=PROTECTION&id=4098b3172
6. Гузоришҳои INFO/Мактаби тандурустии ҷамъиятии Ҷонс Ҳопкинс Блумберг (2006).
Ширдиҳӣ бо пистон саволҳо ва ҷавобҳо: як роҳнамо барои таъминкунандагон.
http://www.infoforhealth.org/inforeports/breastfeeding/inforpt5.pdf
7. Наҷоти кӯдакони БК (2006). Роҳнамои ECD барои ҳолатҳои фавқулодда – Кишварҳои Балкан.
http://www.savethechildren.org.uk/scuk/jsp/resources/details.jsp?id=4174&group=resources&section=policy&subsection=details&pagelang=en
8. ЮНЕСКО ва IIEP (2006). Китоби роҳнамо барои барномарезии таълиму тарбия дар ҳолатҳои фавқулодда ва барқарорсозӣ.
http://www.unicef.org/iiep/eng/focus/emergency/guidebook.htm
9. ЮНИСЕФ ва Максоуд М. (2000). Расонидани кӯмак барои ҳифзи кӯдакони гирифтори фишорҳои ҷангӣ: Низомнома барои волидон ва мураббиҳо.
http://www.UNICEF.org/publications/files/Helping_Children_Cope_with_the_Stresses_of_War.pdf
10. ЮНИСЕФ (2002). вируси СПИД ва ғизодиҳии навзод.
http://www.UNICEF.org/publications/files/pub_hiv_infantfeeding_en.pdf
11. ТУТ (2006). Солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ дар байни кӯдакони гирифтори ҳолатҳои норасоии шадиди ғизогӣ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/nmh/publications/msd_MHChildFSS9.pdf
12. Комиссияи занон барои занон ва кӯдакони муҳоҷир (2005). Роҳнамои соҳавӣ барои муттаҳид кардани нигоҳубини зоймон дар ҳолати фавқулодда барои барномаҳои башардӯстона.
http://www.womenscommission.org/pdf/EmOC_ffg.pdf

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Роҳнамои байниагентӣ оид ба кудакони танҳо ва ҷудошуда амалӣ шуданд.

• Фаъолиятҳои давраи ибтидоии рушди кӯдакон (ДРИК) барои духтарон ва писарони хурдсол (0–8 сола) ва парасторони онҳо муайян шудааст.

• Ширдиҳӣ бо пистон ташвиқ карда шудааст.

• Парасторон дар ҷойҳои бехатар барои ҳалли мушкилот ва барои дастгирии якдигар вохӯрданд.

**Мисол: Ангола, 1999–2000**

• Кӯдакони хурдсол дар паноҳгоҳҳои IDP ба фаъолиятҳо дастрасии кам доштанд ва волидон барои мувофиқат бо кӯдакони хурдсол вақти кам сарф мекарданд.

• Пас аз муайянсозӣ кардани калонсолоне, ки онҳоро мардуми маҳаллӣ барои додани машварат ва кӯмак барои кӯдакони хурдсол интихоб карда буданд, як ТҒҲ омӯзишеро дар бораи тарзи ташкил намудани фаъолиятҳои мувофиқ ба синну сол ва ҷинсият барои баланд бардоштани ангеза ва тақвияти мусбати амалиёти муштараки иҷтимоӣ роҳандозӣ намуд.

• Ҳарчанд ки дар он ҷо ягон мактаб ё дигар марказҳо набуданд, иштирокчиёни маҳаллӣ фаъолиятҳоро дар зери дарахтон гузарониданд ва модаронро дар фаъолиятҳо барои кӯмакрасонии махсус ба талаботи кӯдакон ташвиқ карданд. Чунин фаъолиятҳо ба чандин ҳазор модарону кӯдакон фоида бахшид.

# Лавҳаи фаъолияти 6.1

## Шомил сохтани равишҳои махсуси психологӣ ва иҷтимоӣ барои таъмини солимии умумӣ

**Соҳа:** Хизматрасониҳои тиббӣ
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

### Пешгуфтор

Дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда байни кӯмакҳои солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (СРДПИ) ва ҳифзи солимии ҷомеа фарқият вуҷуд дорад. Ба ҳар ҳол, равише ки дар он ҳифзи саломатӣ таъмин карда мешавад аксаран ба солимии равонии одамони гирифтори ҳолати фавқулодда таъсир мерасонад. Нигоҳубини меҳрубонона ва аз лиҳози эмотсионалӣ эҳтиёткорона вазъияти хуби наҷотёфтагонро ҳифз мекунад, дар ҳоле ки табобати беэҳтиётона ё робитаи нодуруст ба шарафи онҳо таҳдид намуда, боиси он мегардад, ки одамони ниёзманд ба ҳифзи саломатӣ нисбати масъулони дармон ҳисси бадбинӣ дошта бошанд, аз он ҷумла оид ба бемориҳои ба марг таҳдидкунанда ба мисли ВМНО/АМНБ. Мушкилоти ҷисмӣ ва солимии равонӣ аксаран якҷоя ва махсусан дар байни наҷотёфтагони ҳолати фавқулодда рух медиҳанд. Ба ҳар ҳол, робатаи қавии байни иҷтимоӣ, равонӣ ва ҷисмии паҳлӯҳои саломатӣ ба таври умумӣ дар як талоши ташкил ва таъмини ҳифзи саломатӣ рад карда мешаванд.

Аксаран ҳолатҳои ҳифзи солимии умумӣ – аз он ҷумла ҳолатҳои ҳифзи солимии ибтидоӣ (ҲСИ) – аввалин нуқтаи тамос барои расонидани кӯмак ба одамони гирифтори солимии равонӣ ва мушкилоти равониро пешниҳод мекунад. Таъминкунандагони ҳифзи солимии умумӣ зуд зуд бо масъалаҳои ҳиссиётии наҷотёфтагон оид ба дармони бемориҳо ва захмҳо мувофиқат мекунанд, махсусан дар дармони оқибатҳои саломатӣ дар зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон аз он ҷумла шиканҷа ва зӯроварӣ. Баъзе шаклҳои дастгирии психологӣ (барои мисол аввалин кӯмаки равонии хеле асосӣ) барои одамони гирифтори азоби шадиди равонӣ ба маълумоти муфассал ниёз надорад ва ба онро ба осонӣ метавон ба касоне ки маълумотӣ пешакӣ оид ба солимии равонӣ надоранд ёд диҳанд.

Лавҳаи фаъолияти мазкур ҷанбаъҳои психологӣ ва иҷтимоии умумиро оид ба таъмини ҳифзи солимии умумӣ дар ҳоалтҳои фавқулодда дар бар мегирад. Лавҳаи фаъолияти 6.2 идоранамоии мушкилиҳои равонии шадид дар ҳолатҳои фавқулоддаро шаҳ

медиҳад. Фаъолиятҳои дар поён зикршуда барои хизматрасониҳои солимии аз қабл мавҷудбуда ва вобаста ба ҳолати фавқулодда истифода мешаванд.

**Амалҳои калидӣ**

### 1. Ҷанбаъҳои махсусро оид ба таъмини ҳифзи солимии ҷомеа дар бар мегирад.

Рушди ҳифзи солимии баробар, мувофиқ ва дастраси мутобиқ бо стандартҳои ҳадди ақали соҳавӣ дар бораи саломатӣ барои ҳифзи зиндагии шоиста. Ҷанбаъҳои иҷтимоии зерин иборатанд аз :

- Ба ҳадди аксар расонидани иштироки аҳолии мард ва зани зарардида дар тарҳрезӣ, иҷро шудан, мониторинг ва арзёбии ҳаргуна хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ дар ҳолати фавқулодда (барои роҳнамоӣ, ниг. Муроҷиат ба ALNAP таҳти захираҳои асосӣ ва Лавҳаҳои фаъолияти 2.1, 2.2 ва 5.1).
- Ба ҳадди аксар расонидани дастрасӣ ба ҳифзи саломатӣ бо ҷойгиркунии ҳаргуна хизматрасониҳои нав дар фосилаи наздики бехатар дар дохили ҷомеа. Гузоштани мақсад барои ба тавозун даровардани ҷинсият ва ҳамроҳ намудани ақалиятҳои асосӣ ва гурӯҳҳои забонӣ дар байни кормандони соҳаи тандурустӣ барои ба ҳадди аксар расонидани дастрасии наҷотёфтагон ба хизматрасонии соҳаи тандурустӣ. Истифодабарии тарҷумонҳо дар ҳолати зарурӣ.
- Ҳифз ва ривоҷ додани ҳуқуқҳои беморон барои:
- Ризояти огоҳона (барои ҳарду ҷинс: мард ва зан) пеш аз амалиётҳои тиббӣ ва ҷарроҳӣ (додани тафсилоти муфассал оид ба амалиёт замоне зарурӣ мебошанд, ки ҳифзи саломатӣ дар ҳолати фавқулодда аз ҷониби кормандони байналмиллӣ таъмин карда шавад, чунки шояд равиши тиббии гуногун доранд);
- Махфӣ будан (то ҳадди имкон – масалан, гузоштани парда дар атрофи минтақаи машваратдиҳӣ);
- Махфӣ будани иттилооти алоқаманд бо ҳолати тандурустии беморон. Огоҳӣ оид ба иттилооти вобаста ба зӯровариҳо дар ҳуқуқи инсон (масалан, озордиҳӣ, зӯроварӣ) махсусан зарурӣ мебошад.
- Истифодабарии доруҳои зарурии мутобиқ бо рӯйхати намунавии доруҳои зарурии ТУТ барои осонсозии нигоҳубини мувофиқ ва қобили таҳаммул. То ҳадди имкон истифода бурдани маводи дорувории аз лиҳози маҳаллӣ дастрас ва умумӣ.
- Сабт кардан ва таҳлили иттилооти вобаста ба ҷинсият ва синну сол дар системаҳои иттилоотии соҳаи тандурустӣ.
- Дар иртибот қарор додани иттилооти соҳаи тандурустии вобаста ба ҳолати фавқулодда ба аҳолии зарардида (ниг. Лавҳаи фаъолияти 8.1).

**2. Таъмини шаҳодатномаҳои таваллуд ва марг (дар ҳолати зарурӣ).**

Шаҳодатномаи марг барои даъвоҳо муҳим мебошад (аз он ҷумла даъвоҳои меросӣ) аз ҷониби аъзоёни наҷотёфтаи оила. Шаҳодатномаи таваллуд асосан барои таъйини шахсият ва даъвоҳои шаҳрвандӣ ва ҳамчунин барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ (масалан таълиму тарбия) ва ҳамчунин барои ҳифз аз фарзандхондагии ғайриқонунӣ, корфармоии маҷбурӣ ва қочоқи инсон зарур мебошад. Агар мақомоти расмӣ ин ҳуҷҷатҳоро таъмин карда натавонанд, масъулони соҳаи ҳифзи тандурустӣ бояд онҳоро пешниҳод намоянд.

**3. Осонсозии муроҷиат ба захираҳои асосии берун аз системаи тандурустӣ, аз он ҷумла барои:**

- Хизматрасониҳо ва таъминот ва механизмҳои ҳифзи аз лиҳози маҳаллӣ дастрас дар ҷомеа (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 3.2, 3.3 ва 5.2);
- Кӯмаки қонунӣ ва/ё хизматрасониҳои шаҳодатдиҳӣ барои наҷотёфтагони зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон, ба таври амалӣ ва мувофиқ;
- Фаъолияти пайгирикунандаи агентиҳо барои онҳое, ки хешовандони гумшудаашонро ёфта наметавонанд.

**4. Мақсаднок кардани кормандони соҳаи тандурусти ҷомеа ва кормандони соҳаи солимии равонӣ ба самти ҷузъиёти психологии ҳифзи саломатӣ дар ҳолати фавқулодда.**

Барои роҳнамоӣ оид ба ташкили ҷаласаҳои шиносоӣ ҳамчунин ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 4.3. Баргузор кардани семинарҳои нимрӯза ё беҳтар аз ҳама якрӯза ҷаласаҳои шиносоӣ барои кормандони соҳаи тандурустии миллӣ ва байналмилалӣ. Ҷанбаъи зерин шарҳ медиҳад:

- Иттилооти таълиму тарбиявӣ, равонӣ ва умумӣ, аз он ҷумла:
- Аҳамияти дармони наҷотёфтагони офати табиӣ бо эҳтиром ба ҳифзи шаъну шарафи онҳо;
- Иттилооти асосӣ дар бораи чизҳое, ки оид ба солимии равонӣ ва таъсири равонии ҳолатҳои фавқулодда маълуманд (ниг. фасли 1), аз он ҷумла фаҳмиши аксуламали равонӣ-иҷтимоии маҳаллӣ ба ҳолати фавқулодда;
- Хулосабарории асосии ҳосилшуда аз баррасиҳои маҳаллии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1);
- Пешгирӣ аз беморшавӣ/табобатшавии номуносиб (барои мисол ташхиси мушкилии ғайрипатологӣ аз мушкилоти равонӣ, ки ба дармон ва/ё муроҷиати клиникӣ ниёз дорад);
- Доштани маълумот оид ба ҳаргуна ҳифзи солимии рӯҳии дастрас дар минтақа барои амалӣ гардонидани ташхиси мувофиқ барои одамони

гирифтори мушкилоти равонии вазнин (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.2);

• Доштани маълумот оид ба механизмҳои таъмини иҷтимоӣ ва ҳифзи аз лиҳози маҳаллӣ дастрас дар ҷомеа барои амалӣ намудани ташхисҳои мувофиқ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.2 ва 3.2);

• Барқарор кардани иртибот бо беморон, додани иттилооти дуруст ва дақиқ дар бораи ҳолати солимии онҳо хизматрасониҳои вобаста аз он ҷумла оид ба фаъолиятҳои пайгирии оила. Таҳлили барқарор кардани робитаи эҳтиёткорона метавонад иборат бошад аз:

• Шинидани фаъол;

• Маълумоти асосӣ оид ба усули ба таври эҳтиёткорона пешниҳод намудани хабари бад;

• Маълумоти асосӣ оид ба тарзи муносибат бо беморони хашмгин, хеле тарсида, ба худкушӣ майлдошта, асабӣ ё нороҳат;

• Маълумоти асосӣ оид ба тарзи амалҳои ҷавобӣ ба додугирифти ҳодисаҳои нисбатан хусусӣ ва эмотсионалӣ, аз он ҷумла зӯроварии ҷинсӣ;

• Тарзи дастгирии идоранамоии мушкилӣ ва тавонмандсозӣ тавассути расонидани кӯмак ба одамон барои бартарафсозии мушкилоти онҳо, пешниҳоди фикру ақидаи якҷоя дар бораи роҳҳои мубориза бо фишор, шиносоии интихобҳо ва баҳогузории арзишҳо ва оқибатҳои интихобҳо;

• Равишҳои асосии идоранамоии фишори равонӣ, аз он ҷумла маҳаллӣ (анъанаӣ) Равишҳои барқарорсозӣ;

• Идоранамоии ғайритабобатӣ ва муайянкунии шикоятҳои ҷисмонии аз лиҳози тиббӣ бешарҳ, баъд аз сабабҳои ҷисмии фаврӣ (ниг. Форуми таҳқиқот ва рушди мурочиат ба захираҳои асосӣ).

**5. Дастрас намудани дасттирии психологӣ барои наҷотёфтагони омилҳои осебрасони шадид (аз он ҷумла омилҳои фишори равонӣ)**.

• Аксарияти одамоне, ки нороҳатии шадиди равониро баъд аз дучоршавӣ бо ҳодисаҳои ба ҳолати равонӣ таъсиррасонанда аз сар мегузаронанд, бе моводи доруворӣ беҳтар дармон мешаванд. Ҳамаи кормандони соҳаи кӯмакрасонӣ ва махсусан кормандони соҳаи тандурустӣ, бояд аввалин кӯмаки равонии (АКР) нисбатан асосиро таъмин карда тавонанд. АКР аксаран ба таври иштибоҳ ҳамчун дахолати клиникӣ ё таъҷилии равонӣ дар назар гирифта мешавад. Аксаран он, як шарҳи инсонӣ ва аксуламали ёрирасон ба нафаре мебошад, ки дар ҳолати нороҳатӣ ба дастгирӣ ниёз дорад. АКР аз саволпурсии равоншиносӣ хеле фарқ мекунад, зеро он ба таври зарурӣ баҳси ҳодисаи боиси нороҳатӣ шударо дар бар намегирад. АКР дар бар мегирад:

• Ҳифз аз зарари минбаъда (дар ҳолатҳои гуногун, шахсони хеле нороҳат шояд тасмимҳое гиранд, ки онҳоро бо хатари бештари зарари

минбаъда рӯбарӯ менамояд). То ҳадди имкон, огоҳ кардани наҷотёфтагони ҳодисаи нороҳаткунанда оид ба ҳуқуқи онҳо барои пешниҳод ва баҳси ҳодисаҳо бо масъулони кӯмакрасон ё хабарнигорони дигар;

- Таъмини имконият барои наҷотёфтагони барои сӯҳбат дар бораи ҳодисаҳо, вале бе фишор. Эҳтироми хоҳиши гап назадан ва пешгирӣ аз талаб кардани иттилоти бештаре, ки шахс барои гуфтани онҳо омода аст;
- Ба таври шоиста ва бе мубоҳиса оромона гӯш кардан;
- Мувофиқати бошафқати ҳақиқӣ;
- Шиносоии талаботи асосии таҷрибавӣ ва боварӣ аз иҷро шудани онҳо;
- Пурсидан дар бораи нигарониҳои одамон ва кӯшиш барои муайян кардани он;
- Бартараф кардани роҳҳои муборизаи манфӣ бо фишор (махсусан бартараф кардани мубориза бо фишор тавассути истифодабариии нӯшокии спиртӣ ва маводҳои дигар, фаҳмонидани он, ки одамони гирифтори нороҳатии вазнин бештар бо мушкилии истифодабарии васеи маводҳои зараровар рӯбарӯ мешаванд);
- Сафарбарнамоии иштирок дар барномаҳои оддии рӯзмарра (то ҳадди имкон) ва истифодабариии воситаҳои мусбати мубориза бо фишор (масалан, равишҳои оромшавии аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ, дастрасӣ ба дастгириҳои аз лиҳози фарҳангӣ ва маънавӣ фоидаовар);
- Ташвиқ кардан, вале маҷбур накардани ҷамъияти иборат аз як ё яъзои оила ё дӯстон;
- То ҳадди кофӣ, пешниҳод кардани эҳтимолияти бозгашт барои дастгирии минбаъда;
- То ҳадди кофӣ, муроҷиат кардан ба механизмҳои дасгирии аз лиҳози маҳаллӣ дастрас (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.2) ё ба мутахассисони ботаҷрибаи клиникӣ.
- Дар баъзе ҳолатҳо, вақте ки нороҳатии шадид иҷрои вазифаи асосиро маҳдуд мекунад, шояд дармони клиникӣ лозим бошад (барои роҳнамоӣ, ниг. Вақте ки дар захираҳои асосӣ мутахассиси равоншинос нест). То ҳадди имкон, роҳнамоӣ кардани бемор ба як мутахассиси клиникии соҳибтаҷриба ва таҳти мониторинг барои расонидани кӯмак ба одамони гирифтори мушкилоти равонӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.2). Дармони клиникӣ бояд дар якҷоягӣ бо (дигар) кӯмакҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ таъмин карда шавад (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.2).
- Бо назардошти табобати клиникии нороҳатии шадид, дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда бензодиазепинҳо беш аз ҳад тавсия дода мешаванд. Ба ҳар ҳол, ин доруҳо барои як муддати кӯтоҳ ҳангоми мушкилоти дақиқ ва махсуси клиникӣ (масалан, мушкилоти бехобӣ) бояд тавсия дода шавад. Бо вуҷуди ин, оид ба истифодабаррии бензодиазепинҳо бояд огоҳӣ дода шавад, зеро ба он зуд вобастагӣ ба вуҷуд меояд, махсусан дар байни одамони рӯҳафтода. Ҳамчунин, мутахассисони гуногун ба тавофуқ

расидаанд, ки бензодиазепинҳо раванди барқароршавиро пас аз дучоршавӣ бо омилҳои фишори шадиди равонӣ коҳиш диҳанд.

- Дар аксарияти ҳолатҳо, нороҳатии шадид ба таври табиӣ, бе дахолати берунӣ ва бо гузашти замон коҳиш меёбад. Ба ҳар ҳол, дар баъзе ҳолатҳо, вазъияти хроникӣ ё мушкилии изтироб (аз он ҷумла вайроншавиҳои стрессии баъдиосебӣ) афзоиш меёбад. Агар ноҳинҷорӣ шадид бошад, пас ин бояд аз ҷониби мутахассиси клиникии ботаҷриба ҳамчун қисми аксуламали ҳадди ақал дар ҳолати фавқулодда табобат карда шавад (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.2). Агар ноҳинҷорӣ шадид набошад (масалан, шахс вазифаашро иҷро карда тавонад ва ба нороҳатӣ тоқат карда тавонад), пас шахс бояд нигоҳубини мувофиқеро ҳамчун қисми аксуламали кӯмаки васеъ дарёфт намояд. То ҳадди имкон, дастгирӣ барои ин ҳолатҳо бояд аз ҷониби масъулони ботаҷриба ва аз лиҳози клиникӣ мониторингшудаи соҳаи тандурустии (масалан, кормандони иҷтимоӣ, мушвирон) вобаста ба хизматрасонии соҳати тандурустӣ.

## 6. Ҷамъоварӣ иттилоот оид ба солимии равонӣ аз муассисаҳои аввалияи тиббӣ.

Ҳамаи кормандони муассисаҳои аввалияи тиббӣ бояд мушкилоти солимии равониро дар маълумоти омории бемориҳо бо истифода аз категорияҳои содда ва фаҳмо ҳуҷҷатгузорӣ намоянд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.2, Фаъолияти асосӣ 1 барои роҳнамоии муфассал).

### Захираҳои асосӣ


1. Шабакаи омӯзишии фаъол оид ба масъулият ва омодагӣ дар фаъолиятҳои башардӯстона (ШОФМО) (2003). Иштирок ва барномаҳои тандурустӣ. Дар: Иштироки аҳолии гирифтори бӯҳрон дар фаъолияти башардӯстона: Китоби роҳнамо барои таҷрибаомӯзон, саҳ. 315-330. http://www.globalstudyparticipation.org/index.htm
2. Форуми таҳқиқот ва рушд (2006). Идоранамоии беморони дорои аломатҳои аз лиҳози тиббӣ номаълум: Нақшаи роҳнамо. Коломбо: Форуми таҳқиқот ва рушд. http://www.irdsrilanka.org/joomla/
3. Табибони бемарз (2005). Роҳнамои солимии равонӣ. Амстердам: ТФ. http://www.msf.org/source/mentalhealth/guidelines/MSF_mentalhealthguidelines.pdf
4. Шабакаи миллии нороҳатии фишори равонӣ дар кӯдак ва маркази миллӣ барои МПФР (2006). Аввалин кӯмаки равонӣ: Роҳнамои амалиёти соҳавӣ (Нашри дуюм). http://www.ncPTSD.va.gov/ncmain/ncdocs/manuals/PFA_2ndEditionwithappendices.pdf

(Маҳдудияти аз ҳад зиёди ин манбаъ боис гардид, ки он бештар дар танзими офатҳои табиӣ дар кишварҳои ғарбӣ рушд ёбад. Роҳнамо шакли пешрафтаи кӯмаки аввалини равониро шарҳ медиҳад, зеро он барои истифодаи мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи солимии равонӣ таҳия шудааст.)

5. Пател В. (2003). Дар ҷое, ки равоншинос нест. Низомнома оид ба ҳифзи солимии равонӣ. Колеҷи шоҳаншоҳии равоншиносон.
http://www.rcpsych.ac.uk/publications/gaskellbooks/gaskell/1901242757.aspx

6. Лоиҳаи соҳавӣ (2004). Низомномаи башардӯстона ва стандартҳои ҳадди ақал дар амалҳои ҷавобӣ ба офати табиӣ. Стандатҳои ҳадди ақал дар хизматрасонии соҳаи тандурустӣ, саҳ. 249-312. Женева: Лоиҳаи соҳавӣ.
http://www.sphereproject.org/handbook/index.htm

7. ТУТ/UNHCR/UNFPA (2004). Идоранамоии клиникии наҷотёфтагони зӯроварӣ: Густаришдиҳии протоколҳо барои истифода бо муҳоҷирон ва оворагони дохилӣ (нашри ислоҳдаровардашуда). Женева: ТУТ/UNHCR.
http://www.who.int/reproductive-health/publications/clinical_mngt_survivors_of_rape/

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Кормандони соҳаи тандурустии ҷомеа тарзи ҳифз ва ривоҷ додани ҳуқуқҳои беморони худ ба самти шаъну шараф бо ризояти огоҳона, махфятро медонанд.
- Кормандони соҳаи тандурустии ҷомеа аввалин кӯмаки равониро (АКР) ба беморони худ ҳамчун қисмате аз нигоҳубин таъмин карда метавонанд.
- Кормандони соҳаи тандурустии ҷомеа таваҷҷӯҳи махсусро барои (а) дастгириҳои иҷтимоии ҷомеа берун аз ситемаи тандурустӣ, (б) кормандони ботаҷриба ва аз лиҳози клиникӣ мониторингшуда ва (масъулони кӯмак, мушвирон) барои хизматрасониҳои соҳати тандурустӣ ӯҳдадор (дар ҳолати дастрас будан) ва (в) мутахассисони клиникии ботаҷриба ва мониторингшуда дар табобати мушкилоти солимии равонӣ аҳамият медиҳанд.

**Мисол: Македония, 1999**

• Шумораи зиёди муҳоҷирон аз Косово дар паноҳгоҳҳои муваққатӣ ҷамъ шуда буданд. Кормандони соҳаи тандурустии аҳолӣ (КСТА) дар бораи шиносоии (аз лиҳози тиббӣ ва иҷтимоӣ) ҳолатҳои хатарнок ва ба куҷо фиристодани онҳо омӯзши васеъ аз худ намуданд. Омӯзиш маълумоти асосӣ оид ба идоранамоии фишори равониро дар бар гирифт.

• КСТА таҳти мониторинги кормандони мутахассиси соҳаи дастгириҳои ҲСИ дар ҳолати фавқлода кор карданд. Онҳо аз байни одамони маҳаллӣ ва муҳоҷир ба меҳнат ҷалб шуда буданд ва барои мониторинг, шиносоии одамони ҳассос дар паноҳгоҳ, фиристодани чунин одамон ба ташкилотҳои тиббӣ ва иҷтимоӣ, маълумот дар бораи ҳолатҳои тиббӣ/солимии равонӣ (дастнорас) ва пешниҳоди иттилоот ба нафароне, ки нав омадаанд, ё барои мониторинги мардуми муҳоҷири маҳаллии ба меҳнат ҷалбшуда ӯҳдадор буданд.

• Хизматрасониҳои соҳаи солимии равонӣ (дастгирии равонӣ дар бӯҳронӣ шадид) ба хизматрасониҳои ССР илова шуда буданд ва муроҷиаткунандагон аз ҷониби кормандони ССР муайян мешуданд. Вақте ки ҳолати фавқулодда бартараф шуд, КСТА омӯзиши васеъро оид ба мониторинг гузашта, мушовирони паноҳгоҳ таъин шуданд.

# Лавҳаи фаъолияти 6.2

## Таъмини дастрасӣ ба нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти шадиди равонӣ

**Соҳа:** Хизматрасониҳои тиббӣ
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

### Пешгуфтор

Мушкилоти равонӣ сабаби асосии аз даҳ чор ҳиссаи нотавониҳо дар тамоми ҷаҳон ба ҳисоб меравaнд, вале солимии равонӣ дар байни аксарияти соҳаҳои ҳифзи саломатӣ камтар дастгирӣ меёбад. Фақат баъзе кишварҳо талаботи клиникии солимии равониро дар замони мувофиқ ва танҳо дар ҳолати фавқулодда таъмин мекунанд. Он хизматрасониҳои соҳаи солимии равонии клиникие, ки дар кишварҳои сатҳи даромадашон миёна мавҷуданд, асосан дар шаҳрҳои калон ва дар беморхонаҳо ҷойгир буда, барои аксарияти аҳолӣ дастрас нестанд.

Пешбинӣ шудааст, ки дар ҳолатҳои фавқулодда, асосан фоизи одамони гирифтор ба мушкилиҳои шадиди равонӣ (масалан, психоз ва ҳолати равонии ногувор ва мушкилии изтироб) ба миқдори 1 фоиз ва ҳадди нисоби 2–3 фоиз афзоиш меёбад. Илова бар ин, фоизи одамон бо мушкилоти равонии мӯътадил ва пешрафта, аз он ҷумла аксарияти ҳолати равонии ногувор ва мушкилоти изтироб (аз он ҷумла вайроншавиҳои стрессии баъдиосебӣ ё ВСБО) метавонад то 5–10 бо ҳадди нисоби 10 фоиз афзоиш ёбад (ниг. ТУТ, 2005 аз захираҳои асосӣ). Дар аксарияти ҳолатҳо барқароршавии табиӣ бо гузашти замон (барои мисол табобат бе дахолати берунӣ) барои аксарият, вале на ҳамаи одамони наҷотёфта аз мушкилоти мӯъадил ва пешрафта рух медиҳад.

Ин лавҳаи фаъолияти аксуламали ҳадди ақали башардӯстонаи заруриро барои ҳифзи мушкилоти равонии шадид шарҳ медиҳад. Ҳарчанд ки забони истифодашуда бештар барои ҳифзи мушкилоти равонии вазнин такя мекунад, вале бояд қайд намуд, ки аксариятии фаъолиятҳои тавсияшуда ҳамчунин барои ҳифзи мушкилоти асабии интихобшуда дар кишварҳое, ки табобати чунин мушкилот ба ӯҳдаи кормандони соҳаи солимии равонӣ мебошад, истифода мешаванд.

Мушкилоти вазнини зикршуда дар ин лавҳа метавонанд қаблан вуҷуддошта ё таҳти таъсири ҳолати фавқулодда бошанд ва ҳолатҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Ҳама намуди бемориҳои рӯҳӣ;
- Зоҳиршавии нотавонии шадиди ҳолат ва мушкилии изтиробҳо (аз он ҷумла зоҳиршавии нотавонии шадиди ВСБО);
- Мушкилоти равонии вазнин аз сабаби истифодабарииии нӯшокии спиртӣ ё дигар маводи ба психика осебрасон (барои роҳнамоӣ дар бораи мушкилоти алоқаманд бо истифодаи мавод ниг. *Лавҳаи фаъолияти 6.5*);
- Мушкилоти вазнини рафторӣ ва эмотсионалӣ дар байни кӯдакон ва ҷавонон;
- Мушкилоти вазнини қаблан вуҷуддоштаи нотавониҳои рушди равонӣ;
- Мушкилоти асабиву равонӣ аз он ҷумла эпилепсия (саръ), ҳазёнгӯӣ ва камақлӣ, мушкилоти равонии дар натиҷаи осеби мағзи сар ё дигар шароитҳои тиббии ҷорӣ бавуҷудомада (масалан, маводҳои заҳролудкунанда, инфексияҳо, бемории системаи мубодилаи моддаҳо, варамҳои мағзи сар, бемориҳои сироятӣ);
- Ҳаргуна мушкилии вазнини солимии равонӣ, аз ҷумла (а) мушкилоти вазнини муайяншудаи маҳаллӣ, ки дар системаҳои таснифотии байналмилалӣ мавҷуд нестанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 6.4*) ва (б) рафторҳои хатарноки алоқаманд бо мушкилии равонӣ (масалан, майл ба худкушӣ, кушиши расонидани зарар ба худ).

Одамони гирифтори мушкилоти равонӣ шояд аввал дар имконоти ҳифзи солимии ибтидоӣ (ҲСИ) барои дархости кӯмак бо шикоятҳои номаълуми ҷисмонӣ ҳозир шаванд. Ба ҳар ҳол, одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин шояд аз сабаби дурафтодагӣ, тарс, бепарвоӣ, нотавонӣ ё дастрасии заиф дар ҳама ҳолат ҳозир шуда натавонанд. Ин одамон дучанд осебпазир ҳастанд, ҳам аз сабаби мушкилоти вазнини худ ва ҳам аз сабаби он, ки ҳолати фавқулодда дастрасии онҳо ба таъминотро, ки пеш дарёфт мекарданд, душвор мекунад. Оилаҳои гирифтори фишори равонӣ ва таҳқир аксаран аз ҷониби масъулони нигоҳубин мешаванд. Ин ҳолат чунин шахсонро дар хатари беш аз ҳадди танҳоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда ва тарки макон қарор медиҳад. Вақте ки онҳо муайянсозӣ шуданд, ба ҳар ҳол, қадамҳо барои таъмини ҳифз ва барқарорсозии бахшии инфиродӣ ва барои дастгирии нигоҳубин амалӣ мешаванд. Онҳое, ки таҳти хатари бештар қарор доранд ё дар ҷойҳое зиндагӣ мекунанд, ки номусу шараф ва ҳуқуқҳои инсонии онҳо поймол мешаванд, ё ҷойҳое ки таъмини иҷтимоӣ заиф аст ва аъзоёни оилаҳо аз камбизоатӣ азоб мекашанд, бояд дар мадди аввал қарор гиранд.

Дармон ва дастгирии одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин ба таври оддӣ ба як комбинатсияи фаъолиятҳои биологӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ ниёз дорад. Ҳам табобати нодуруст ва ҳам

табобати беш аз ҳадро метавон бо омӯзишдиҳӣ ва мониторинги кормандон пешгирӣ намуд. Ба таври оддӣ, одамоне, ки аз офати табиӣ ва фишори равонии зерклиникӣ азоб мекашанд набояд маводи доруворӣ дарёфт кунанд, вале ба аввалин кӯмаки равонӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.1) ва ба дастгирии инфиродию иҷтимоии ҷомеа (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.2) аксуламали хуб нишон медиҳанд. Илова бар ин, баъзе мушкилоти равонӣ танҳо бо фаъолиятҳои равонии амалӣ хеле хуб дармон мешаванд ва ҳатто агар чунин фаъолиятҳои муваффақ нашаванд ҳам, маводи доруворӣ набояд истифода шаванд.

Ҳангоми фаъолиятҳои зикршуда дар поён аксуламали ҳадди ақали зарурӣ барои муайянкунии талаботи одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин дар ҳолатҳои фавқулодда мебошанд, онҳо ҳамчунин метавонанд аввалин марҳилаҳоро дар аксуламали умумии бештар фароҳам намоянд. Онҳо барои мақомоти маҳаллии соҳаи тандурустӣ, кормандони соҳаи нигоҳубини тиббӣ ва ташкилотҳои тиббии маҳаллӣ ва байналмиллалӣ пешбинӣ шудаанд Агар дар дурнамо зербино имконияти маҳаллии соҳати тандурустӣ вуҷуд надошта бошад, ташкилотҳои хориҷӣ бояд хизматрасониҳои соҳаи солимии равониро дар ҳолати фавқулодда таъмин намоянд. Ба ҳар ҳол, хизматрасониҳо бояд ба тавре ташкил карда шаванд, ки воситаҳои мавҷудбудаи иттилоотӣ ва иҷтимоии табобат ва мубориза бо фишорро тағйир надиҳанд ва ба тавре ки дар оянда бо хизматрасониҳои ҷоринамудаи ҳукумат ҳамроҳ шуда тавонанд.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайянсозӣ. Муайян кардани баррасиҳои иҷрошуда ва иттилооти дастрас. Дар ҳолати зарурӣ тарҳрезӣ кардани баррасиҳои минбаъда. Барои роҳнамоӣ дар бораи раванди баррасӣ ва талаботи муайяншаванда, ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1. Дар робита бо лавҳаи фаъолияти ҷорӣ, то ҳадде бояд мавридҳои зерин амалӣ шаванд:**

- Муайян кардани сохторҳо, маҳалли ҷойгиршавӣ, кормандон ва захираҳои мавҷудбудаи ҳифзи солимии равонӣ дар соҳаи тандурустӣ (аз он ҷумла сиёсатҳо, дастрасии маводи доруворӣ, нақши беморхонаҳои ҳифзи солимии ибтидоӣ ва равонӣ ва ғ.) ва хизматрасониҳои иҷтимоии алоқаманд (барои иттилооти бештар оид ба захираҳои расмии ҳифзи солимии равонӣ дар ҳама кишварҳои ҷаҳон ниг. Атласи ТУТ оид ба солимии равонӣ);

- Муайян кардани таъсири ҳолати фавқулодда ба хизматрасониҳои қаблан вуҷуддошта;
- Муайян кардани нақшаи мақомоти маҳаллӣ ва ҷомеа барои муайянкунии талаботи одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, ки таҳти таъсири ҳолати фавқулодда қарор доранд ва муайян кардани корҳое ки метавон анҷом дод ва кадом намуди таъминот зарурӣ ҳастанд;
- Ошкор намудани одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин ва ниёзманд ба кӯмак тавассути:
- Пурсидани ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва ғайриҳукуматии вобаста (махсусан таъминкунандагони саломатӣ, паноҳгоҳ, идоранамоии паноҳгоҳ ва ҳифз) ва роҳбарони ҷомеа барои огоҳ кардани таъминкунандагони ҳифзи саломатӣ ҳангоми ба кор ҷалб шудан ва огоҳ шудани онҳо дар бораи одамоне, ки асабонӣ ва нотавон ё идораи ҳаракат надошта ба назар мерасанд, ақидаҳои аҷиб, рафтори ғайриоддӣ доранд ё ба худ кӯмак карда наметавонанд ва барои ақайдгирии чунин одамон;
- Боздид ва то ҳадди имкон, ҳамкорӣ бо табибони маҳаллии мавҷудбуда. Онҳо акаран аз маҳалли ҷойгиршавии мардуми азятдида хуб огоҳ ҳастанд ва иттилооти фарҳангиро ба мутахассисони хориҷӣ таъмин карда метавонанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.4);
- Боздид аз ҳаргуна муассисаи расмӣ ва ғайрирасмӣ барои муайян кардани талабот ва ҳосил кардани боварӣ аз ҳуқуқҳои одамони таҳти дармон қарордошта (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.3);
- Омӯзиш додани кормандони миллӣ ва байналмилалии соҳаи хизматрасонии аввалияи тиббӣ барои ҳуҷҷатгузории мушкилоти солимии равонӣ ва иттилоот дар бораи хизматрасонии аввалияи тиббӣ, истифодаи категорияҳои оддӣ, ки ба муқаддимаи кам барои тасдиқ ниёз доранд. Масалан, корманди умумии соҳаи солимии ибтидоӣ ба омӯзиши кам барои истифодаи 4 категорияи зерин ниёз дорад:
- Шикоятҳои ҷисмонии аз *лиҳози* тиббӣ номаълум
- Фишори равонии эмотсионалии вазнин (масалан, нишонаҳои ғаму ғуссаи беш аз ҳад ё фишори равонии шадид)
- Рафтори ғайриоддии шадид (дар формаи хизматрасонии аввалияи тиббӣ мафҳуми "аз ақл берун" нишон дода шудааст)
- Нӯшокии спиртӣ ва сӯиистифода аз мавод.
- Додугирифти натиҷаҳои баррасиҳо бо гурӯҳи ҳамоҳангсозии солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 1.1 ва 2.1) ва бо гурӯҳи ҳамоҳангсозии умумии соҳаи тандурустӣ.

## 2. Боварӣ аз таъмини мувофиқи доруҳои зарурии психиатрӣ дар ҳамаи қисмҳои доруворӣ дар ҳолати фавқулодда.

- Таъмини ҳадди ақал иборат аст аз маводи дорувории умумӣ бар зидди бемории равонӣ, бар зидди паркинсон (барои дармони таъсирҳои пирамидагии изофагӣ), бар зидди ташаннуҷ ё бар зидди саръ, бар зидди

фишори равонӣ ва бар зидди изтироб (барои истифода ҳангоми вобастагии шадид ба мавод ва ташаннуҷ), ки ҳамаашон дар шакли ҳаб ва тибқи рӯйхати намунавии маводҳои доруворӣи ТУТ омода шудаанд.

• Воситаи солимии байниагентӣ дар ҳолати фавқулодда (ТУТ, 2006) маводҳои зеринро дар бар намегирад (а) дору бар зидди ташаннуҷ дар шакли ҳаб, (б) бар зидди изтироб дар шакли ҳаб, (в) бар зидди бемории паркинсон ва (г) бар зидди фишори равонӣ. Тартиби харидорӣ намудани ин чор намуди маводи доруворӣи истеҳсоли маҳаллӣ ё аз хориҷ воридшуда дар ҳолати зарурати истифода воситаи муҳим аст.

• Ба таври умумӣ, маводи доруворӣи умумӣ аз рӯйхати намунавии ТУТ тавсия дода мешаванд, зеро онҳо ҳам таъсиргузор ва ҳам фоидабахш ҳастанд ва доруҳои навтарин ба ҳисоб меравнд, ки нисбатан арзон буда, қобилияти таҳаммули барномарезиро баланд мебардоранд.

3. Ҳадди ақал ба як аъзои гурӯҳи КАТ-ро (Куӯмаки аввалияи тиббӣ) дар ҳолати фавқулодда барои таъмини ҳифзи солимии равонии пешбинишуда кӯмак менамояд. Механизмҳои эҳтимолӣ барои амалӣ намудани он иборатанд аз:

• Мутахассисони миллӣ ё байналмилалии соҳаи солимии равонӣ, ки худашонро бо гурӯҳҳои КАТ давлатӣ ва/ё ТҒҲ шомил мекунанд. Кормандони байналмилалӣ бояд ба фарҳанг ва шароитҳои маҳаллӣ таваҷҷӯҳ намоянд (ниг. *Лавҳаҳои* фаъолияти 4.3 ва 6.1) ва бояд бо тарҷумонҳои ботаҷриба кор кунанд;

• Омӯзиш ва мониторинги кормандони КАТ-и маҳаллӣ барои муттаҳид кардани ҳифзи солимии равонӣ, аз он ҷумла истифодабарии мувофиқи маводҳои психотропӣ, бо риояи таҷрибаи муқарраррӣ ва додани онҳо дар замони таъиншуда (ниг. Фаъолияти асосии 4 дар поён ва *Лавҳаи* фаъолияти 4.3);

• Омӯзишдиҳӣ ва мониторинги як аъзои гурӯҳи КАТ (як духтур ё як ҳамшира) барои таъмини нигоҳубини солимии равонии ҳамзамон ва дар якҷоягӣ бо хизматрасониҳои КАТ (ниг. Фаъолияти асосии 4 дар поён ва *Лавҳаи* фаъолияти 4.3).

4. Омӯзишдиҳӣ ва мониторинги кормандони дастраси соҳаи КАТ дар самти дармони мушкилли шадиди равонӣ (Ҳамчунин ниг. *Лавҳаи* фаъолияти 4.3).

• Омӯзишдиҳӣ бояд ҳам назария ва ҳам таҷрибаро дар бар гирад ва метавонад ҳангоми рух додани ҳолати фавқулодда оғоз ёбад ва аз ҷониби мониторингсии миллӣ ё байналмиллалии соҳаи солимии равонӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти маҳаллии соҳаи тандурустӣ амалӣ гардад. Ин омӯзиш бояд ҳамчун қисми асосии асуламали умумӣ дар давоми ҳолати фавқулодда идома ёбад. Омӯзиш бояд ҳамаи маҳоратҳои дар фаъолияти асосии 4 ва *Лавҳаи* фаъолияти 6.1 зикршударо дар бар гирад, ҳамчунин:

• Дармони ҳамаи истифодабарандагони хизматрасонӣ ва сарпарасони онҳо бо эҳтиром қавӣ;

• Санҷиши ҳолати равонӣ;

• Тасдиқ ва дар сархат қарор додани идоранамоии ҳамаи мушкилоти вазнини дар қисми пешгуфтор рӯйхатшуда;

• Таъмини роҳнамо ва протоколҳо барои мавридҳои дар боло зикршуда (ниг. Захираҳои асосӣ);

• Маҳоратҳои идоранамоии замон, тамаркуз дар бораи тарзи муттаҳидсозии кор дар соҳаи солимии равонӣ бо кори клиникии оддӣ;

• Фаъолиятҳои психологии оддии таҷрибавӣ, ба тавре ки дар «Дар ҷое, ки равоншинос нест» зикр шудааст (ниг. Захираҳои асосӣ);

• Нигоҳдории сабтҳои вобастаи клиникӣ. То ҳадди имкон додани нусхаҳо ба парасторон, то ин ки аҳолӣ фаъол бошад;

• Ҳифзи махфият. Вақте ки махфият аз сабабҳои амниятӣ бояд вайрон карда шавад, муайянкунии парасторӣ, масъалаҳои тиббӣ, қонунӣ ва огоҳ кардани истифодабарандагони хизматрасониву ва парасторон;

• Ба танзим даровардани хатҳои мувофиқи муроҷиатӣ барои таъминот дар ҷомеа (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти 5.2 ва 6.4*) ва барои хизматрасониҳои дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа дар ҳолати маҷуд ва дастрас будани онҳо.

• Барои кормандони таъиншуда оид ба истифодабарии маводҳои доруворӣ дар кишвари зарардида, равишҳои мувофиқи тавсияшаванда иборатанд аз:

• Истифодабарии мувофиқи маводҳои дорувории зарурӣ дар ҳолатҳои фавқулодда, тибқи роҳнамо оид ба Доруҳои зарурӣ дар психиатрия ва мутобиқи «Дар ҷое, ки равоншинос нест» (ниг. Захираҳои асосӣ);

• Тарзи осонсозии идомаи дастрасӣ ва вобастагӣ барои маводҳои дорувории зикршуда барои одамони гирифтори мушкилоти музмин (масалан, психозҳои хроникӣ, эпилепсия (саръ));

• Тарзи пешгирӣ кардани эмгузаронии моводи дорувории равонӣ барои одамони таҳти таъсири офати табиӣ, азоби ғайрипатологӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 6.1*) бо густариш додани стратегияҳои безарар барои идоранамоии фишори равонӣ;

• Тарзи пешгирӣ кардани эмгузаронии маводҳои дорувории ғайритабиӣ барои шикоятои ҷисмонии аз лиҳози тиббӣ номаълум;

• Дарки хатар ва манфивтҳои бензодиазепинҳо, махсусан хатари вобастагӣ аз эмгузаронии дарозмуддат;

• Тарзи коҳиш додани эмгузаронии нодаркори якчанд маводҳои доруворӣ.

• Идоранамоӣ ва дастгирӣ барои шахсони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, ки баста шудаанд ва ё аз ҷониби парасторон нигоҳубин шудан манъ шудааст, иборат аст аз:

• Якум, ба роҳ андохтани воситаҳои нигоҳубини равонӣ ва иҷтимоӣ масалан, таъмин бо моводи дорувории мувофиқ, оила ва таълиму тарбия.

• Ривоҷ додани шароитҳои зиндагонии инсонӣ.

• Дуюм, аз баста озод шуданиро ба назар гиред. Ба ҳар ҳол, дар баъзе ҳолатҳое, ки шахс дар гузашта рафтори хушунатомез дошт, боварӣ ҳосил намоед, ки барои дигарон ин амал амн аст.

**5. Пешгирӣ кардани аз ҳад зиёд таълим додани кормандони соҳаи КАТ бо якчанд дарсҳои омӯзишӣ.**

• Таҷрибаомӯзон бояд вақти кофӣ барои мутобиқ кардани омӯзиши солимии равонӣ ба таҷрибаҳои рӯзмарраи худро дошта бошанд, то ин ки аз ӯҳдаи таъмини солимии равонӣ бароянд.

• Таҷрибаомӯзон бе барномарезии тарзи мутобиқсозӣ ва истифодабарии маҳоратҳо набояд дар минтақаҳои гуногуни таҷрибавӣ омӯзиш бинанд (масалан, солимии равонӣ, беморини сил, вараҷа, машваратдиҳӣ оид ба ВМНО).

• Омӯзиши назариявӣ дар ҷаласаҳои кӯтоҳмуддат лозим нестанд ва метавонанд боиси фаъолиятҳои зараровар шаванд. Он ҳамеша бояд тибқи мониторинги васеи корӣ қарор гирад (ниг. Лавҳаи фаъолияти 4.3 ва мисол дар саҳ. 131).

6. Ташкили нигоҳубини солимии равонӣ дар нуқтаҳои дастрасии иловагӣ ва мантиқӣ.

Истифодабарии меъёрҳои умумии ҷамъиятӣ оид ба саломатӣ (масалан, тавононии аҳолӣ, қатъ гардидани хизматрасонии пешбинишуда барои истифодабарандагони гирифтори мушкилоти вазнин, пойдории қавии хизматрасониҳо) барои муайян кардани маҳалли таъсис додани нигоҳубини солимии равонӣ. Гурӯҳҳои сайёри КАТ ё ҷамъиятии солимии равонӣ шояд равиши таъсиргузор барои ташкил намудани нигоҳубин дар ҳолати фавқулодда, нигоҳубин дар ҷойҳои гуногун дар дохили як минтақа бошанд. Мисолҳои нуқтаҳои мантиқии дастрасӣ иборатанд аз:

• Ҳуҷроаҳо ҳолати фавқулодда;

• Клиникаҳои дар муассисаҳои сатҳи дуввум ва сеюм;

• Марказҳои ташхиси солимии равонӣ;

• Бахшҳои умумии беморхона бо зиёдшаввии беморон дар робита ба ҳолатҳои фавқулодда;

• Боздиди хонагӣ (аз он ҷумла вохӯриҳо дар хайма, марказҳои ҷамъиятӣ, хобгоҳҳои кормандон ё ҳаргуна ҷойҳои истиқоматӣ);

• Мактабҳо ва ҷойҳои дӯстдоштаи кӯдакон.

**7. Кӯшиш барои пешгирӣ аз эҷодшавии хизматрасониҳои ҳамзамони соҳаи солимии равонӣ бо тамаркуз ба ташхиси махсус (масалан, ВСБО) ё дар гурӯҳҳои заиф (масалан, занҳои бевамонда). Он метавонад боиси хизматрасониҳои ҷудогона ва ғайри қобили таҳаммул ва идомаи бетаваҷҷӯҳӣ ба одамоне**

**гардад, ки ба категория ё гурӯҳи махсус дохил намешаванд. Он ҳамчунин метавонад боиси ба вуҷуд омадани стигма ва таҳқиршавии одамони махсус гардад. Он барои эҷоди монеа дар дастрасии бахши асосии мардум намешавад (аз он ҷумла клиникаҳои дастрас барои кӯдакон дар мактабҳо) ҳамчун қисми иттиҳодияи хизматрасонӣ.**

**8. Огоҳ кардани аҳолӣ дар бораи дастрасии нигоҳубини солимии равонӣ.**

- Ташвиқ кардан бо истифодаи манбаҳои иттилоотии алоқаманд, аз он ҷумла радио (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 8.1).
- Боварӣ аз он, ки ҳама паёмҳо ба таври дуруст таҳия шудаанд ва боиси ба самти манфӣ тағйир ёфтани нуқтаи назари одамони дорои рафтор ва аксуламалҳои муътадил нисбати фишори равонӣ ҳамчун мушкилии равонии шадид.
- Огоҳ кардани роҳбарони ҷомеа ва то ҳадди имкон милитсияи маҳаллӣ оид ба дастрасии нигоҳубини солимии равонӣ.

**9. Кор бо сохторҳои маҳаллии ҷомеа, барои баҳс дар бораи боздид ва кӯмак кардан ба одамон гирифтори мушкилоти равонии вазнин (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.2 ва 6.4).**

**10. Ҳамроҳ шудан дар ҳама намуди ҳамоҳангиҳои байниагентӣ оид ба солимии равонӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 1.1). Пайгирии равандҳои барномарезии стратегии дарозмуддат оид ба хизматрасониҳои соҳаи солимии равонӣ. Ҳолатҳои фавқулодда тақвиятдиҳандагони қавӣ барои дигаргуниҳо дар соҳаи солимии равонӣ мебошанд ва беҳбудӣ хеле зуд ба назар мерасад.**

## Захираҳои асосӣ


1. Форуми таҳқиқот ва рушд. (2006). Идоранамоии беморони дорои аломатҳои аз лиҳози тиббӣ номаълум: Нақшаи роҳнамо. Коломбо: Форуми таҳқиқот ва рушд.
http://www.irdsrilanka.org/joomla/

2. Табибони бемарз (2005). 'Дармон ва дастгирии инфиродӣ'. дар Роҳнамои солимии равонӣ, саҳ. 40-51. Амстердам: ТФ.
http://www.msf.org/source/mentalhealth/guidelines/MSF_mentalhealthguidelines.pdf

3. Пател В. (2003). Дар ҷое, ки равоншинос нест. Низомнома оид ба ҳифзи солимии равонӣ. Колеҷи шоҳаншоҳии равоншиносон.

http://www.rcpsych.ac.uk/publications/gaskellbooks/gaskell/1901242757.aspx
4. ТУТ (1993). Маводҳои дорувории зарурӣ дар психиатрия.
http://whqlibdoc.who.int/hq/1993/WHO_MNH_MND_93.27.pdf
5. ТУТ/UNHCR (1996). 'Мушкилоти равонии умумӣ' дар солимии равонии муҳоҷирон, саҳ. 39-61. Женева: ТУТ/UNHCR.
http://whqlibdoc.who.int/hq/1996/a49374.pdf
6. ТУТ (1998). Мушкилоти равонӣ дар кӯмаки аввалия: бастаи омӯзишии ТУТ. Женева: ТУТ.
http://whqlibdoc.who.int/hq/1998/WHO_MSA_MNHIEAC_98.1.pdf
7. ТУТ (2001). Таъсиргузории хизматрасониҳои соҳаи солимии равонӣ ба кӯмаки аввалия: Дидгоҳ аз ҷаҳони дар ҳоли рушд. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/mental_health/media/en/50.pdf
8. ТУТ (2003), Солимии равонӣ дар ҳолатҳои фавқулодда: Ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии солимии мардуми гирифтори фишори равонии шадид. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/mental_health/media/en/640.pdf
9. ТУТ (2005a). Мусоидат ба солимии рӯҳии мардуми таҳти таъсири сунами дар Осиё.
http://www.who.int/mental_health/resources/sunami/en/index.html
10. ТУТ (2005b). Атласи солимии равонӣ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/mental_health/evidence/atlas/
11. ТУТ (2005c). Рӯйхати намунавии доруҳои зарурӣ. Женева: ТУТ.
www.who.int/medicines/publications/essentialmedicines/en/
12. ТУТ (2006). Воситаи солимии байниагентӣ дар ҳолати фавқулодда: Маводи доруӣ ва асбобҳои тиббӣ барои 10,000 нафар барои тақрибан 3 моҳ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/medicines/publications/mrhealthkit.pdf

---

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Шумораи кофии кормандони ботаҷриба ва мониторингшудаи ҲСИ, миқдори соатҳои омӯзиш, шумораи ҷаласаҳои мониторингӣ дар ҷои кор мавҷуданд.
- Маводҳои доруворӣи зарурии психотропӣ категорияи дармонӣ (бар зидди асабоният, зидди паркинсон, зидди афсурдагӣ, зидди изтироб, зидди саръ) харидорӣ шуда шабакаҳои таъмини мувофиқ таъсис ёфтаанд.
- Миқдор ва намудҳои мушкилоти солимии равонии дар клиникаҳои КАТ ва дигар хизматрасониҳои соҳаи солимии равонӣ мушоҳидашуда.
- Шумораи муроҷиаткунандагон барои нигоҳубини махсуси солимии равонӣ омода шудаанд.

---

**Мисол: Акеҳ, Индонезия, 2005**

- Як ТҒҲ пас аз машварат бо мақомоти вобаста, идораҳои ҳамоҳангӣ ва ташкилотҳои миллӣ ва байналмилалӣ дар КАТ нигоҳубини солимии рӯҳиро ташкил намуд.
- Кормандони миллии соҳаи КАТ аз клиникаҳои собит ва сайёр оид ба солимии равонӣ омӯзиш дида, таҳти мониторинг қарор гирифтанд. Як нафар ҳамшираи омӯзишдида ва мониторингшудаи маҳаллӣ ба ҳар гурӯҳи КАТ барои иҷрои хизматрасонии солимии равонӣ ҳамроҳ карда шуд. Барои фаъолияти бемониторинги кормандон шаш моҳ омӯзиш лозим буд. Омӯзиш ва мониторинг баъд аз марҳилаи шадиди ҳолати фавқулодда як сол пас идома ёфт.
- ТҒҲ дар барномарезии стратегӣ оид ба солимии равонии вилоят фаъол гардид. Сипас стратегияи солимии равонии вилоят намунаи омӯзиши ҳамшираҳои соҳаи солимии равониро барои ҳамроҳшавӣ дар имконоти КАТ фаъол намуд.

## Лавҳаи фаъолияти 6.3

### Ҳифз ва нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти шадиди равонӣ ва дигар мушкилиҳои равониву асабӣ, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд

**Соҳа:** Хизматрасонии тандурустӣ

**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Одамоне, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд, бештар аз дигар одамони ҷомеа осебпазир ҳастанд ва дар ҳолатҳои фавқулодда онҳо махсусан таҳти хатар қарор мегиранд. Нобасомонии муҳити ҳолати фавқулоддаи ба осебпазирии умумии онҳо илова мешавад. Одамон дар муассисаҳои будубоши умумӣ баъзан аз ҷониби кормандон тарк карда мешаванд ва аз таъсирҳои офати табиӣ ё даргирӣ ҳифзнашуда мемонанд.

Мушкилии равонии шадид аксаран бо таҳқир ва тассуб ҳамроҳ аст, ки дар натиҷа боиси бетаваҷҷӯҳӣ, танҳоӣ ва зӯровариҳои ҳуқуқи инсон мешавад. Зиндагӣ дар як муассиса одамонро аз ҳифз ва дастгирии асосии оила дурафтода мекунад, ки шояд барои наҷот дар ҳолати фавқулодда зарурӣ бошад. Баъзе одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд, барои ба осонӣ ҳал кардани мушкилот дар давоми ҳолати фавқулодда (хеле) вобаста ҳастанд. Вобастагии умумӣ ба нигоҳубини муассисавӣ боиси дар оянда эҷод гардидани изтироб, ташвиқ ё ҳатто танҳоии комил гардад. Мушкилӣ дар аксуламали мувофиқ ба ҳолатҳои фавқулоддаи зуд тағйирёбанда ҳифзи шахсӣ ва механизмҳои наҷотро маҳдуд мекунанд.

Мутахассисони маҳаллӣ бояд то ҳадди имкон дар ҳолати фавқулодда амалҳои ҷавобӣ нишон диҳанд. Дахолат бояд ба ҳифз, барқароршавӣ ва нигоҳубини қаблан вуҷуддошта тамаркуз намояд. Нигоҳубии асосӣ ва шараф сару либос, озуқа, паноҳгоҳ, ҳолати санитарӣ, солимии ҷисмӣ ва дармони асосиро (аз он ҷумла маводи доруворӣ ва кӯмаки равонӣ) дар бар мегирад. Ба сатҳҳои ҳифзи қаблан вуҷуддошта бояд таваҷҷӯҳи махсус дода шавад, ки аз стандартҳои тиббӣ ва ҳуқуқи инсон поёнтар қарор доранд. Дар чунин ҳолатҳо, дахолати ҳолати фавқулодда бояд на ба барқароршавии ҳифзи қаблан вуҷуддошта тамаркуз кунад, балки ба ёфтани стандартҳои умумии ҳадди ақал ва равишҳои нигоҳубини равонӣ тамаркуз кунад. Дар аксарияти кишварҳо, ҳангоми ба охир расидани марҳилаи бадтарини ҳолати фавқулодда, дахолати асосӣ густариш додани хизматрасониҳои солимии равонии ҷомеаро дар бар мегирад.

Ин лавҳаи фаъолияти бештар ба талаботи вобаста ба ҳолати фавқулоддаи одамони гирифтори мушкилии равонӣ, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ зиндагӣ мекунанд, тамаркуз менамояд. Қобили зикр аст, ки ба ҳар ҳол, ин муассисаҳо на танҳо одмони гирифтори мушкилии равонии вазнин, балки инчунин одамони гирифтори дигар намуди нотавониҳои асабӣ ва равонии музмин ва шадидро дар бар мегиранд, ки ин лавҳаи фаъолият ба онҳо диққати махсус медиҳад. Илова бар ин, аксариятии талаботи мушобеҳ ва фаъолиятҳои тавсияшуда дар ин лавҳа барои одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин ё дигар нотавониҳои равонӣ ва асабии музмин ва шадид истифода мешавад, ки дар зиндонҳо, муассисаҳои будубоши умумии ҳифзи иҷтимоӣ ва муассисаҳои будубоши умумии истиқоматӣ, аз он ҷумла муассисаҳои будубоши умумие, ки аз ҷониби табибони анъанаӣ роҳандозӣ шудаанд, зиндагӣ мекунанд (Ҳамчунин ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.4).

**Амалҳои калидӣ**

**1. Боварӣ аз он, ки ҳадди ақал як агентии шомилшуда дар ҳифзи саломатӣ масъулиятро барои нигоҳубини ҷорӣ ва ҳифзи одамоне, ки дар муассисаҳои будубоши умумӣ ҳастанд, қабул менамояд.**

- Масъулияти асосӣ дар ин мавзӯъ бар ӯҳдаи ҳукумат аст, вале дар ҳолати мавҷуд будани фарқият дар амалҳои ҷавобӣ, гурӯҳи ҳамоҳангсозии солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 1.1) ва гурӯҳи ҳамоҳангсозии саломатӣ/гурӯҳи саломатӣ бояд барои шиносоии як агентии соҳаи тандурустӣ кӯмак намояд.
- Нақшаҳои фаъолияти ҳолати фавқулодда бояд тибқи амалиёти асосии 2– 4, ки дар поён омадааст, рушд ёбад. Агар ин нақшаҳо пеш аз ҳолати фавқулодда рушд наёбанд, пас онҳо бояд то ҳадди кофӣ дар давоми ҳолати фавқулодда амалӣ шаванд.

**2. Агар кормандон бар муассисаҳои будубоши умумии равонӣ роҳ дода нашаванд, фаъол кардани захираҳои инсонӣ аз ҷомеа ва системаи тандурустӣ барои нигоҳубини одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, ки дурафтода ҳастанд. Дар ҳолати мусоид будани шароити бемор, нигоҳубин бояд берун аз муассиса таъмин карда шавад.**

- Баҳс кардан бо роҳбарони ҷомеа оид ба ӯҳдадориҳои ҷомеа дар таъмини як шабакаи эҳтиёткорона ва ҳифзӣ. Гурӯҳҳои зерин метавонанд фаъол шаванд:

• Мутахассисони соҳаи тандурустӣ ва, то ҳадди имкон, мутахассисони соҳаи солимии равонӣ;

• Дар ҳолати мувофиқ таъминкунандагони ҳифзи солимии ғайриаллопатикии маҳаллӣ (масалан, роҳбарони динӣ, табибони анъанаӣ: ниг. *Лавҳаи фаъолияти 6.4*);

• Кормандони иҷтимоӣ ва дигар механизмҳои вобаста ба ҷомеа (масалан, гурӯҳҳои занон, Ташкилотҳои масрафкунандаи солимии равонӣ);

• Аъзоёни оила.

• Таъмини асосӣ омӯзиш дар бораи мавзӯҳо, аз он ҷумла мстифодабарии ахлоқии протоколҳои пешгирӣ, идоранамоии бӯҳрон (аз он ҷумла таҷовуз), нигоҳубини ҷорӣ ва роҳҳои осон барои беҳбуд бахшидани идоранамоии худии беморон.

• Боварӣ аз амалишавӣ, мониторинги наздики онҳое, ки барои таъмини нигоҳубини асосӣ ва таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар бораи тарзи нигоҳ доштан солимии эмотсионалии худ фаъол шудаанд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 8.2*).

3. Ҳифзи ҳаёт ва шарафи одамони дар муассисаҳои будубоши умумии равонӣ сукунатдошта.

• Ҳифзи беморон бар зидди зарар ба худ ё таҷовуз аз ҷониби дигарон (масалан, боздидкунандагон, кормандон, дигар беморон, ғоратгарон, тарафҳои муқобили ҳам). Муайянкунии масъалаҳои зӯроварии ҷинсӣ, бадрафторӣ, истисмор (масалан, хариду фурӯши одамон, кори маҷбурӣ) ва дигар зӯровариҳои ҳуқуқҳои инсон дар сатҳҳои мувофиқ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти 3.1 ва 3.3*).

• Боварӣ аз он, ки талаботи асосии ҷисмии беморон таъмин шудаанд. Ин талаботи асосӣ иборатанд аз оби ошомиданӣ, тозагӣ, ғизои мувофиқ, паноҳгоҳ, ҳолати санитарӣ ва дастрасӣ ба дармон барои мушкилоти ҷисмӣ.

• Мониторинги ҳолати умумии солимии беморон ва иҷро кардан ё мустаҳкамкунии ҳуқуқҳои наҷотёбии инсон. Ин бояд аз ҷониби мақомоти баррасикунандаи хориҷӣ (дар ҳолати дастрас будан), ташкилотҳои ҳуқуқи инсон ё мутахассисони соҳаи ҳифз амалӣ карда шавад.

• Боварӣ аз он, ки нақшаҳои эвакуатсия барои беморон дар дохил ё берун имконот вуҷуд доранд ва кормандон оид ба равандҳои эвакуатсия омӯзиш дидаанд. Агар муассиса имконот ё хуҷраҳои қулфшуда дошта бошад, ташкил намудани ӯҳдадориҳои асосӣ барои калидҳо, барои ҳосил кардани боварӣ аз он, ки дарҳо дар ҳар замони дилхоҳ кушода мешаванд.

• Дар ҳолати эвакуатсия кардан, беморон то ҳадди имкон бо оилаҳояшон нигоҳ дошта шаванд. Агар ин кор номумкин бошад, огоҳ кардани оилаҳо ва парасторон оид ба самти ҳаракати одамон. Сабт кардани он.

**4. Дастрас намудани солимии асосӣ ва ҳифзи солимии равонӣ дар давоми ҳолати фавқулодда.**

- Таҳия намудани ташхисҳои доимии тиббӣ (ҷисмӣ ва равонӣ).
- Таъмини дармон барои мушилоти ҷисмӣ.
- Таъмини маводи асосӣ барои ҳифзи солимии равонӣ:
- Боварӣ аз он, ки маводҳои дорувории зарурӣ, аз он ҷумла маводи психотропӣ, дар давоми ҳолати фавқулодда ба миқдори кофӣ дастрас мебошанд. Идомаи нодурусти ногаҳонии маводҳои психотропӣ метавонад зараровар ва хатарнок бошад. Боварӣ аз он, ки маводи доруворӣ ба таври мувофиқ бо дарназардошти муқаррароти дору ва ба таври доимӣ тавсия шудаанд (ҳадди ақал ҳар ҳафта).
- Боварӣ аз бехатарии захираи маводи доруворӣ.
- Осонсозии дастрасии кӯмакҳои равонӣ.
- Худдории ҷисмӣ ва дурафтодагӣ қатъиян тавсия дода намешаванд, ин шароитҳо дар аксарияти муассисаҳои будубоши умумӣ зуд зуд рух медиҳанд. Иҷрои як протоколи танзимии мониторинги доимӣ, озуқа, дармон ва арзёбии доимии заруратҳои ҷудошавӣ.

**Захираҳои асосӣ**


1. ТУТ (2003). ‘Беморхона ва ҳабсхонаҳо дар ҳолатҳои даргирӣ’. Женева: ТУТ.

http://www.who.int/mediacentre/background/2003/back4/en/print.html

2. ТУТ (2003–2006). ТУТ Сиёсати солимии равонӣ ва бастаи роҳнамои хизматрасониҳо. Женева: ТУТ.

http://www.who.int/mental_health/policy/en/. (Ин баста ба аксуламали пас аз ҳолати фавқулодда алоқаманд аст. Ба таври ҷузъӣ, ниг. Модули ‘Ташкилоти хизматрасониҳо барои солимии равонӣ’.)

http://www.who.int/mental_health/resources/en/Organization.pdf

3. ТУТ/КБСС (2005). ‘Солимии равонӣ дар зиндонҳо: Лавҳаи иттилоот. Женева: ТУТ/КБСС.

http://www.who.int/mental_health/policy/mh_in_prison.pdf


---

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Муайянкунии талаботи асосии ҷисмии одамон дар муассисаҳои будубоши умумии равонӣ идома дорад.
- Одамон дар муассисаҳои будубоши умумии равонӣ ҳоло ҳам нигоҳубини асосии саломатӣ ва солимии равониро дарёфт мекунанд.
- Ҳуқуқҳои инсон барои онҳое, ки дар муассисаҳои будубоши умумии равонӣ ҳастанд, мониторинг ва қадрдонӣ карда мешаванд.
- Эвакуатсияи мувофиқ ва нақшаҳои ҳолати фавқулодда мавҷуданд.

---

**Мисол: Сиерра Леон, 1999**

• Ҳангоми рух додани даргирӣ, ҳамаи кормандон дар як муассисаи равонӣ ба ғайр аз ду ҳамшираи соҳаи солимии равонӣ маҳалро тарк карданд. Бино қисман осеб дида буд ва беморон ба хонаҳои мардум мерафтанд ва баъзеи онҳо шабона барои хоб рафтан бармегаштанд. Беморон ҳамчун дар рафти муҳорибаи мусаллаҳона барои барои қочоқи маводи ғизоӣ истифода мебурданд.

• Роҳбарони ҷомеа барои ҳалли ин масъала ҷамъ шуда буданд. Мардум барои кӯмак ба шиносоии беморон бо ду ҳамшираи соҳаи тандурустии равонӣ ба тавофуқ расиданд. Таъмини ғизои доимӣ ҳам барои мардум ва ҳам муассиса роҳандозӣ карда шуд.

• Як ТҒҲ¬-и тиббии байналмилалӣ азназаргузаронии тиббии беморонро ба ӯҳда гирифт ва таъмини маводи доруворииро ҳифз намуд.

• Аъзоёни оилаи беморон барои кӯмак ба дастгирии онҳо таҳти мониторинги ҳамшираҳо ва кормандони ТҒҲ-и соҳаи тандурустӣ тасмим гирифтанд.

• Баъзе барқарорсозиҳои асосӣ анҷом дода шуданд ва нақшаи ҳолати фавқулодда дар ҳолати минбаъд мавриди ҳамла қарор гирифтани муассиса омода карда шуд.

## Лавҳаи фаъолияти 6.4

### Гирифтани маълумот аз системаҳои тиббии маҳалливу анъанаӣ ва дар ҳолатҳои мувофиқ ҳамкорӣ намудан бо онҳо

**Соҳа: Хизматрасониҳои тиббӣ**

**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Нигоҳубини аллопатикии солимии равонӣ (истилоҳе мебошад, ки дар ин ҷо барои нигоҳубини нисбатан ғарбӣ ва биотиббӣ истифода шудааст) ба беморхонаҳои марказонидашуда, клиникаҳо ва нисбатан ҷомеа гароиш дорад. Он тавассути кормандони ботаҷрибаи соҳаи тиб, рафтордармонӣ ва равондармонии расмӣ ё кори иҷтимоӣ таъмин карда мешавад. Ба ҳар ҳол, ҳамаи ҷомеаҳо системаҳои ҳифзи тандурустии ғайриаллопатикиро барои мисол дар сатҳи маҳаллӣ, ғайрирасмӣ, анъанавиро дар бар мегиранд, ки хеле муҳим буда метавонанд. Масалан дар Ҳиндустон, Аюрведа, як системаи анъанавии тиббӣ мебошад, ки машҳур буда, хеле хуб рушд ёфтааст (аз он ҷумла колеҷҳои тиббӣ барои таълим додани таҷрибаомӯзон), дар Африкаи ҷанубӣ бошад, табибони анъанаӣ аз лиҳози қонунӣ ба расмият шинохта шудаанд. Дар ҷомеаҳои ғарбӣ, новобаста ба асоси илмии хеле заиф аксарияти одамон маводи доруворӣ мукаммалро, аз он ҷумла равондармонии ғайриортодоксӣ ва дигар дармонҳо (масалан, тибби сӯзанӣ, гомеопатия, табобати динӣ, ҳамаи намудҳои худдармонӣ) истифода мебаранд. Дар аксарияти ҷомеаҳои деҳотӣ ҷомеаҳо дар ҷамъиятҳои сатҳи даромадашон паст, системаҳои ғайрирасмӣ ва анъанаӣ равиши асосии таъмини ҳифзи саломатӣ буда метавонанд.

Ҳатто вақте ки хизматрасониҳои аллопатикии тандурустӣ дастрас ҳастанд, мардуми маҳаллӣ шояд муроҷиат ба кӯмакҳои маҳаллӣ ва анъанаиро барои масъалаҳои тандурустии равонӣ ва ҷисмӣ беҳтар шуморанд. Чунин кӯмак метавонад арзонтар, нисбатан дастрас, аз лиҳози иҷтимоӣ қабулшуда ва на он қадар таҳқиромез бошад ва дар баъзе ҳолатҳо таъсири хеле хуб дорад. Он аксаран намунаи сабабшавиро истифода мебарад, ки аз лиҳози маҳаллӣ фаҳмо ҳастанд. Чунин равишҳо табобат аз ҷониби роҳбарони динӣ, истифодаи дуогӯӣ ё зикрхониро дар бар мегиранд; аз он ҷумла табибони мутахассиси таъиншуда аз ҷониби ҷомеаи динӣ бо истифода аз равишҳои ҳамсон; ё табобат аз ҷониби табибони ботаҷрибае, ки дар дохили чорчӯбаи фарҳанги маҳаллӣ амал мекунанд. Он метавонад истифодабарии гиёҳҳо ё дигар

маводи тиббӣ, маҳс ё дигар намуди манипулятсияи ҷисмӣ, расму оинҳо ва/ё ҷодугарӣ, аз он ҷумла расму оинҳои алоқаманд бо рӯҳҳоро дар бар гирад.

Ҳарчанд ки баъзе роҳбарони динӣ шояд ба он таваҷҷӯҳ накунанд ё ба таври фаъол пеши роҳи чунин равишҳоро гиранд, вале чунин табибони маҳаллӣ аксаран машҳур ҳастанд ва баъзан муваффақ ҳам мешаванд. Дар баъзе фарҳангҳо чунин эътиқодҳо ва равишҳо бо дини асосӣ омехта шудаанд. Илова бар ин, дорухонаҳои маҳаллӣ метавонанд ҳифзи саломатиро ҳам бо таҳияи маводҳои дорувории аллопатикӣ ва ҳам табиӣ таъмин кунанд. Баъзе гурӯҳҳои динӣ шояд табобати эътиқодиро пешниҳод намоянд.

Бояд қайд намуд, ки баъзе равишҳои табобати анъанаӣ зараровар ҳастанд. Онҳо метавонанд, барои мисол, маълумотдиҳии хато, задан, рӯзадории дурудароз, буридан, худдории ҷисми дурудароз ё баргузории расму оинҳои иҷтимоии хориҷ кардани ‘ҷодугарон’ аз ҷомеаро дар бар гиранд. Илова бар ин баъзе расму оинҳо шадидан гаронқимат ҳастанд ва дар гузашта баъзе табибон ҳолатҳои фавқулоддаро барои ба дин ҷалб кардан ва суиистифодаи мардуми осебпазир истифода мебурданд. Роҳи ҳал дар чунин ҳолатҳо ёфтани равишҳои таъсиргузор ва мувофиқ барои муайянкунии равишҳои зараровare мебошад, ки дар муҳити ҳолати фавқулодда аз воқеият дур ҳастанд. Пеш аз ҳифз ё ҳамкорӣ бо тозакунии анъанаӣ ё равишҳои табобат, муайян кардани мӯҳтавои равишҳо ва нисбатан фоидаовар, зараровар ё мӯътадил будани ин равишҳо мебошад.

Оё равишҳои табобатии анъанаӣ аз лиҳози клиникӣ таъсиргузор ҳастанд ё не, мулоқот бо табибони анъанаӣ боиси ба даст овардани натиҷаҳои мусбат шаванд, аз он ҷумла:

- Дарки баланди равиши фишори равонӣ ва бемории равонӣ шарҳ ва муайян гардида (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.1*) як тасвири нисбатан васеи намуд ва сатҳи фишори равонӣ дар аҳолии зарардида пешниҳод шудааст;
- Системаҳои муроҷиатии беҳтар;
- Идомаи доштани алоқа бо табибоне, ки аксарияти одамон барои дарёфти кӯмак ба онҳо муроҷиат мекунанд;
- Дарки баланди фоидаҳои маънавӣ, психологӣ ва иҷтимоии ҷаҳонӣ;
- Қабули бештари хизматрасониҳои нав аз ҷониби наҷотёфтагон;
- Шиносоии имкониятҳо барои талошҳои ҳамкории қавӣ дар табобат ва бинобарин афзоиш додани шумораи дармонҳои дастраси ба аҳолӣ ниҳоят таъсиргузор;

- Ташкил намудани он намуди хизматрасониҳои аллопатикӣ, ки аз лиҳози фарҳангӣ бештар мувофиқ ҳастанд;
- Имкониятҳои асосӣ барои мониторинг ва муайянкунии рух додани ҳаргуна бадрафториҳои ҳуқуқи инсон дар дохили системаҳои нигоҳубини анъанавӣ.

Баъзе табибони анъанавӣ аз таҷрибаомӯзони аллопатикӣ каме «фосилаи» рамзии ҷисмӣ доштан мехоҳанд ва шояд аз ҳамкорӣ даст кашанд. Ҳамзамон бо ин, кормандони соҳаи тандурустие, ки дар тибби аллопатикӣ таҷриба омӯхтаанд, шояд ба равишҳои анъанавӣ ҳисси нохушнудӣ ё душманӣ дошта бошанд ё онҳоро рад кунанд. Ҳарчанд ки дар баъзе ҳолатҳо ҳифзи як фосила беҳтарин интихоб бошад, амалиёти асосии зикршуда дар ин лавҳаи фаъолияти шояд барои барқарорсозии як пули ҳамкорӣ байи системаҳои соҳаи тандурустӣ истифода шавад.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайян кардан ва ба нақша гирифтани таъмини тандурустӣ.**

Шиносоии системаҳои табобатии асосии маҳаллӣ ва аҳамияти онҳо, қабул ва нақши он дар ҷомеа. Иттилоот ба таври фаврӣ ихтиёриёна пахш намешавад, махсусан вақте ки одамон аз инкори хориҷиҳо тарс дошта бошанд ё ҷанбаъи равишҳо махфӣ бошад ё танҳо барои онҳое, ки аз ҷониби мардум интихоб шудаанд, дастрас бошад. «Ихтиёриёни» байналмилалӣ ва маҳаллӣ бояд равиши ғайримаҳкумкунанда ва эҳтиромонаро интихоб кунанд, ки барои фаҳмиши эътиқодҳои динӣ ва маънавии маҳаллӣ аҳамияти ҷиддӣ дода бо роҳи ҳалҳои маҳалии қавӣ ҳамкорӣ мекунанд.

Ҳолатҳои фавқулодда ҳеҷ гоҳ набояд барои ривоҷ додани эътиқодҳои динӣ ва маънавии «ихтиёриён» истифода шавад.

- Пурсидани намояндагони мардуми маҳаллӣ, аз ҳурду ҷинсият, ки онҳо барои ҳалли мушкилот ва дарёфти дастгирӣ ба кӣ муроҷиат мекунанд.
- Пурсидани таъмингарони ҳифзи солимии ибтидоӣ ва ҳамшираҳо, ки кадом системаҳои анъанавӣ мавҷуданд.
- Боздид аз дорухонаҳои маҳаллӣ барои муайян кардани он, ки кадом маводи доруворӣ ва воситаҳои дармон мавҷуданд ва таъминот чӣ тавр амалӣ мешавад.
- Пурсидани одамони эҳтиёҷманд дар нуқтаҳои хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ, ки чӣ тавр онҳо табиат ва манбаи мушкилоти худро мефаҳманд ва дар ҳоли ҳозир ё гузашта онҳо барои дарёфти кӯмак ба кӣ муроҷиат мекунанд.
- Пурсидани роҳбарони динии маҳаллӣ дар бораи он, ки оё онҳо дар таъмини хизматрасониҳои тандурустӣ иштирок мекунанд ва боз киҳо дар ҷомеа ин корро мекунанд.

- Пурсидани ҳар кадоме аз мавридҳои дар боло зикршуда дар бораи он, ки оё онҳо ба табибони маҳаллӣ кӯмак мекунанд ва маҷлис мегузаронанд.
- Дар хотир доштани он, ки шояд зиёда аз як системаи ғайрирасмӣ мавҷуд аст ва таҷрибаомӯзон дар як система аз дигарон огоҳӣ надоранд ё онҳоро намедонанд.
- Огоҳ будан аз он, ки табибони маҳаллӣ шояд барои «беморон» мусобиқа кунанд ё барои равишҳои мувофиқ муноқиша кунанд. Ин маънои онро дорад, ки равандҳои дар боло зикршуда ба такрори доимӣ ниёз доранд.
- Сӯҳбат бо антропологҳо, ҷомеашиносони маҳаллӣ ё онҳое, ки дар бораи эътиқодҳои маҳаллӣ маълумот доранд ва адабиёти лозимаро дар бораи он харидорӣ ё дастрас мекунанд.
- Мушоҳида. Пурсидани иҷозат барои тамошои як сессияи табобат ва боздид аз зиёратгоҳҳои маҳаллӣ ё ҷойҳои динии барои табобат истифодашаванда. Шояд дар он ҷо системаҳои нигоҳубини муассисавӣ мавҷуд бошанд, аз он ҷумла онҳое, ки беморонро дар ҳабс нигоҳ медоранд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.3).
- Боздид аз ҷойҳои ибодат, ки сессияҳои табобатиро роҳандозӣ мекунанд ва иштирок дар хизматрасониҳо.
- Ба назар гиритфани дидгоҳҳои беморон оид ба иштирок дар раванди бемрӣ ва табобат.
- Муайян кардани он, ки оё равишҳои анъанаӣ меъёрҳоеро дар бар мегирад, ки зараровар ва ғайри қобили қабул бошанд.
- Додугирифти натиҷаҳои баррасиҳо бо гурӯҳи ҳамоҳанг (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 1.1 ва 2.1).

**2. Омӯзиш дар бораи сиёсати миллӣ оид ба табибони анъанаӣ. Бояд дар назар дошт, ки:**

- Баъзе ҳукуматҳо ва/ё мақомоти тиббӣ барои ҳамкории таъминкунандагони кӯмаки тиббӣ бо табибони анъанаӣ мусоидат мекунанд ё онро манъ мекунанд;
- Дигар ҳукуматҳо ҳамкориро тшвиқ карда, шӯъбаҳои махсус доранд, ки барои омӯзиши расмии табибон пешбинӣ шудаанд, аз он ҷумла дар таҳқиқот ва арзёбии тибби анъанавӣ. Чунин як шӯъба манбаи хуби фоидаовар буда метавонад.

**3. Таъсис додани алоқа бо табибони муайяншуда.**

- Мулоқот бо табиб, беҳтараш дар ҷамъи гурӯҳи боваринок (бемори қаблӣ, роҳбари динӣ ҳамкорикунанда, мақомоти маҳаллӣ, аз он ҷумла як раис ё дӯст).
- Муаррифии якдигар; шарҳ додани нақши ҳар нафар ва хоҳиши кӯмак кардан ба ҷомеа.

• Эҳтиром кардани нақши табиб ва пурсидани он, ки оё онҳо кори худро шарҳ дода метавонанд ва он ба ҳолати фавқулодда чигуна таъсир мерасонад (масалан, оё шумораи беморон зиёд шудааст, ё мушкилот аз сабаби норасоии маводи зарурӣ ё аз даст додани имконот пеши роҳи корро мегиранд?). Баъзе табибон шояд аз шарҳи ҷузъиёти корҳояшон нигарон бошанд ва барои ба даст овардани боварии оҳно вақти кофӣ лозим бошад.

• То ҳадди имкон, аҳамият додан ба раванди ташкил намудани як алоқамандии муштарак ва додугирифти дуҷонибаи ақидаҳо.

## 4. Тақвияти иштироки табибони маҳаллӣ дар додугирифти иттилоот ва ҷаласаҳои омӯзишӣ.

• Даъват кардани табибон ба маҷлисҳои иттилоотии ҷомеа ва ҷаласаҳои омӯзишӣ.

• Ҷанбаъи нақши табибон дар омӯзиш, масалан, тавассути шарҳ додани фаҳмиши онҳо оид ба он, ки беморӣ чӣ тавр рух дод ва онҳо дар бораи беморӣ чӣ ақида доранд. Дар мавридҳое, ки ҳамроҳ шудани он бо равишҳои маҳаллӣ ё ташкилотҳои байналмилалӣ дар ҳолати фавқулодда ғайри қобили қабул бошад, фаҳмиши модели табибони маҳаллӣ барои нигоҳубини хуби беморон шояд зарурӣ бошад, зеро он боиси дарки беморон аз мушкилоташон мегардад.

• Кӯшиш кардан барои ёфтани нуқтаҳои муштараки ҳамдигарфаҳмӣ ва баҳс дар бораи имкониятҳо барои муроҷиати умумӣ (ниг. Фаъолияти асосӣ 5 дар поён).

• Огоҳ будан аз он, ки аксарияти табибони анъанаӣ дар аксарияти кишварҳо хонда ва навишта наметавонанд.

## 5. То ҳадди имкон, роҳандозӣ кардани хизматрасониҳои муштарак.

• Ҳамкории фаъол (барои додугирифти осони иттилоот, ҳамон тавре ки дар боло зикр шуда) фоидаовар аст, агар:

• Системаҳои анъанаӣ барои аксарияти аҳолӣ нақши асосӣ дошта бошанд;

• Системаҳо зараровар набошанд. (Ба ҳар ҳол, дар ҳолати истифодаи равишҳои зараровар, барои омӯзиш ва тағйир додан як гуфтугӯи мусолиматомез лозим аст)

• Шаклҳои фоидаовари ҳамкорӣ метавонанд инҳо бошанд:

• Даъват кардан барои машварат;

• Муроҷиати дуҷониба (масалан, мушкилоте ба мисли фишори равонӣ, изтироб, маҳрумият, аксуламалҳои тағйирёбӣ ва фишори равонии мавҷудбуда шояд аз ҷониби табибони анъанаӣ беҳтар табобат шаванд, дар ҳоле ки табибони аллопатикӣ мушкилоти равонии шадид ва эпилепсия (саръ)-ро беҳтар табобат мекунанд);

• Баррасиҳои муштарак;

• Клиникаҳои муштарак;

• Нигоҳубини дастаҷамъона: масалан, табибон барои омӯзиши тарзи мониторинги беморони аз ақл бегона бо истифодаи маводҳои доруворӣ ба муддати дароз ва барои бо ҷой таъмин кардани беморон барои истодан ҳангоми дарёфти дармони мувофиқ метавонанд омодагӣ бинанд. Равишҳои истироҳати анъанаӣ ва масҳ бо таҷрибаи аллопатикӣ якҷоя буда метавонад.

## Захираҳои асосӣ

1. Маркази ҷаҳонии таҳқиқоти бумӣ. www.cwis.org

2. Равонпизишкии байналмилалӣ, Боби 8, 2005, саҳ. 2-9. Ҳуҷҷатҳои мавзӯӣ дар бораи тибби анъанаӣ дар равондармонӣ. http://www.rcpsych.ac.uk/pdf/ip8.pdf

3. Наҷоти кӯдакон (2006). Дахолат дар ҷодугарии кӯдакон дар Ҷумҳурии демократии Конго: Дармони иҷтимоӣ, Тиҷорати динӣ ва мушкилоти волидон будан дар фарҳанги маҳаллӣ. http://www.savethechildren.org.uk/scuk_cache/scuk/cache/cmsattach/3894_DRCWitches1.pdf

4. ТУТ/UNHCR (1996). 'Тибби анъанаӣ ва табибони анъанаӣ', саҳ. 89-99, Солимии равонии Муҳоҷирон. Женева: ТУТ/UNHCR. http://whqlibdoc.who.int/hq/1996/a49374.pdf

5. ТУТ (2003). Тибби анъанаӣ: *Лавҳаи далелҳо.* http://www.who.int/mediacentre/factsheets/fs134/en/

6. ТУТ (2006). Тибби анъанаӣ. http://www.who.int/medicines/areas/traditional/en/index.html

---

## Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ

• Баррасиҳои асосии маҳаллии системаҳои табобат роҳандозӣ гардида бо мақомоти ҳамоҳангсозии кӯмакрасон додугирифт карда шуданд.

• Нақши табибони ғайриаллопатикӣ дар ҷаласаҳои омӯзишии соҳаи солимии равонӣ муайян карда шуд (То ҳадди имкон дар сатҳи маҳаллӣ).

• Шуморе аз табибони ғайриаллопатикӣ дар ҷаласаҳои омӯзишии соҳати солимии равонӣ иштирок мекунанд.

---

**Мисол: Чади шарқӣ, 2005-06**

- Як ТҒҲ-и байналмилалӣ, ки барои таъмини нигоҳубини солимии равонӣ дар дохили хизматрасонии ибтидоии соҳаи тандурустӣ фаъолият мекард, бо табибони анъанаии аҳолии Дарфур дар паноҳгоҳҳои гурезагон кор кард.
- Кормандони ТҒҲ барои баҳс бо табибон вохӯрданд, ки дар он ҷо табибон тавоноии ТҒҲ-ро санҷиданд. Сипас, табибон (а) мушкилоти худро оид ба иҷрои кор аз сабаби набудани китобҳои динӣ ва гиёҳон шарҳ доданд; (б) маҳали ҷойгиршавии одамони гирифтори бемории вазнини равониро, ки дар банд буданд, муайян карданд; (в) тақсимбандӣ ва фаъолиятҳояшонро барои одамони гирифтори мушкилоти эҳсосотӣ ё бемории равонӣ шарҳ доданд; ва (г) шарҳ доданд, ки аксарияти муҳоҷирон ба таври ҳамзамон аз хизматрасониҳои анъанаӣ ва аллопатикӣ барои ҳифзи саломатӣ истифода мебаранд.
- Семинарҳои омӯзишӣ баргузор шуданд, ки дар он маълумот ва маҳоратҳо додугирифт шуданд.
- Дар давоми як давраи шашмоҳа, табибон ба таври доимӣ бо кормандони ТҒҲ вохӯрӣ гузаронида, дар бораи мубодилаи дуҷонибаи фаҳмишҳо дар бораи вазъияти занон, ҷанбаҳои тиббии рӯзадорӣ, озуқа ва ширдиҳӣ бо пистон, фишори равонии эмотсионалӣ, осеби равонӣ ва аксуламалҳои пас аз ҳодиса, мушкилоти ҷиддии равонӣ, нотавониҳои омӯзишӣ ва эпилепсия (саръ) баҳсҳо гузаронданд.

## Лавҳаи фаъолияти 6.5

### Ба ҳадди ақал расонидани зарари алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодаи дигар маводҳо

**Соҳа:** Хизматрасониҳои тиббӣ
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Даргирӣ ва офатҳои табиӣ ҳолатҳоеро эҷод мекунанд, ки дар он одамон шояд мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳоро аз сар гузаронанд. Он муҳофизати дастнорас, мушкилоти психологию иҷтимоӣ, солимии равонӣ, тиббӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро дар бар мегирад.

- Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо шояд ҳангоми ҳолати фавқулодда барои одамони гирифтори чунин ҳолат барои кӯшиши муқобилият бо фишори равонӣ бештар шавад. Чунин ҳолат боиси истифодабарии зароровар ё вобастагӣ шавад.
- Ҷомеаҳо замоне дучори мушкилии бартараф кардани таъсирҳои фавқулодда мешаванд, ки:
- Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо намегузорад, ки одамон ва ҷомеа мушкилотро муайян кунанд;
- Захираҳои маҳдуд дар оилаҳо ва ҷомеаҳо барои мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо сарф шаванд;
- Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо бо зӯроварӣ, истисмор, беэътиноӣ нисбати кӯдакон ва дигар хатарҳои ҳифз алоқаманд аст.
- Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо бо рафтори ба саломатӣ хатарнок, аз он ҷумла алоқаи ҷинсии хатарнок ҳангоми заҳролудшавӣ бо нӯшокии спиртӣ алоқаманд аст ва он гузариши беморији вируси СПИД ва дигар бемориҳои сироятии тавассути роҳҳои ҷинсӣ гузарандаро афзоиш медиҳад. Додугирифти таҷҳизоти эмгузаронӣ воситаи асосии гузаштани беморији СПИД ва дигар вирусҳо аз тариқи хун мебошад.
- Ҳолатҳои фавқулодда метавонад таъмини маводҳо ва дармони ҳаргуна мушкилоти қаблан вуҷуддошти мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳоро халалдор кунад ва боиси ба таври ногаҳонӣ ба хатар гирифтор шудани одамони вобаста ба маводҳо шавад. Дар баъзе ҳолатҳо, махсусан ҳолатҳои алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ, чунин манъкуниҳо боиси ҳифзи зиндагӣ мешавад. Илова бар ин, норасоии дастрасии мувофиқ ба маводҳои доруворӣ

боиси гузариш ба истифодабарии эмгузаронии маводи доруворӣ ҳамчун роҳи ҳалли беҳтарро афзоиш медиҳад ва боиси истифодабарии хатарноки эмгузаронии маводи доруворӣ мешавад.

Зарари алоқаманд бо мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо ҳамчун масъалаи муҳими солимии умумӣ ва ҳифзи он ба ҳисоб рафта дар ҳолати фавқулодда ба як навъ аксуламали бисёрсоҳавӣ ниёз дорад.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Ҷорӣ намудани баррасии зудҳангом.**

- Ҳамоҳанг кардани талошҳои баррасӣ. Фароҳам намудани иттилооти дастраси баррасии мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо ва шиносоии сохторӣ ё агентиҳои ӯҳдадор барои тарҳрезӣ ва ҷорӣ намудани саривақтии минбаъда, баррасиҳои иштирокии зарурӣ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 1.1 ва 2.1).
- Ҳамчун қисми баррасиҳои минбаъда, шиносоии маводҳои истифодашаванда; зарарҳои алоқаманд бо истифодаи онҳо; омилҳои густаришдиҳӣ ё маҳдудкунии ин зарарҳо; ва таъсири барҳам хӯрдани таъминот, таҷҳизот ва фаъолиятҳо дар натиҷаи ҳолати фавқулодда (ниг. ба ҷадвал дар саҳ. 159–160).
- Такроран муайян кардани интервалҳои ҳолат. Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо бо гузашти замон ва тағйирот дар дастрасии маводҳо ва/ё захираҳои молӣ тағйир меёбанд.
- Додугирифти натиҷаҳои баррасиҳо бо гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии алоқаманд.

**2. Пешгирии истифодабарии зараровар ва вобастагии ба нӯшокии спиртӣ ва дигар маводҳо.**

- Иттилоъ доштан аз ҳамаи иттилооти баррасӣ (Ҳамчунин ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1), тарафдорӣ кардан аз иҷро шудани як аксуламали бисёрсоҳавӣ– масалан, ҳамон тавре ки дар ҷадвал (фасли 2) нишон дода шудааст – барои муайянкунии омилҳои алоқаманд бо фишори равонӣ оид ба истифодабарӣ ва вобастагии зараровар.
- Ҳарчӣ зудтар таъсис додани ҳимоя ё осонсозии фаъолиятҳои таълимиву тарбиявӣ ва дилхушӣ ва имкониятҳои ба нӯшокии спиртӣ ва афзоишдиҳандаи даромад алоқанадошта (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 1.1, 5.2 ва 7.1).
- Ташвиқ кардани ҳам мардон ва ҳам занон дар ҷомеа, аз он ҷумла аъзоёни ҳаргуна гурӯҳҳо ё истифодабарандагони қаблии ҷамъиятҳо оид ба пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ бар зидди мушкилоти вазнини

алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.1 ва 5.2).

• Омӯзиш додан ё мониторинги кормандони соҳаи тандурустӣ, мураббиҳо, кормандони ҷомеа ва дигар захираҳо дар бораи:

• Муайян кардани зудҳангоми фаъолиятҳои васеъ (ниг. Захираҳои асосӣ 6 ва 9) барои муайянсозӣ ва сафарбаркунии одамони дар хатар оид ба зарар ва истифодаи вобаста барои коҳиш додани мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо.

• Равишҳои ғайритиббӣ барои дармони нороҳатиҳои шадид (аввалин кӯмаки равонӣ: ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.1).

• Омӯзиш додан ва мониторинги кормандони соҳаи тандурустӣ дар бораи:

• Тавсиядиҳии мувофиқи бензодиазепинҳо ва (то ҳадди имкон ва мувофиқ) истифодабарии маводи дорувории алтернативии коҳишдиҳандаи вобастагӣ;

• Муайянсозии мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо, ки хатарнок, зараровар ва вобастакунанда ҳастанд;

• Муайянсозӣ, дармон ва таъини одамони гирифтори мушкилоти равонии вазнин, ки дар сатҳи баланди мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо қарор доранд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 6.2).

• Баҳс кардан дар бораи мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо дар омӯзиши идоранамоии фишори равонии саломатӣ ва дигар кормандон (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 4.4 ва захираҳои асосӣ дар поён барои роҳнамоӣ дар бораи стратегияҳои кӯмак ба худ).

• Омӯзиш додан ва мониторинги кормандони ҷомеа барои шиносӣ ва мавриди ҳадаф қарор додани гурӯҳҳои ба хатар ҳассос барои дастгирии иловагӣ (масалан, наҷотёфтагони зӯроварӣ, оилаҳои истифодабарандагони вобасташуда), ҳангоми пешгирии ҷорӣ намудани хизматрасонии мушобеҳ (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 4.3 ва 5.2).

## 3. Осонсозии фаъолиятҳои коҳишдиҳандаи зарар дар ҷомеа.

• Боварӣ аз дастрасӣ ба иттилоот дар бораи истифодабарии дурусти рифолаҳо дар ҷойҳое, ки одамон барои ҳалли мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо ҷамъ шудаанд (аз он ҷумла нуқтаҳои фурӯши нӯшокии спиртӣ) (ниг. Роҳнамои КДБА барои дахолатҳои ВМНО/АМНБ дар ҳолатҳои фавқулодда).

• Ҳамкорӣ кардан бо мақомоти ӯҳдадор ва гурӯҳҳои ҷомеа барои ба ҷои дигар кӯчонидани нуқтаҳои фурӯши нӯшокии спиртӣ барои ба ҳадди ақал расонидани нобасомонӣ дар ҷомеа.

• Маълумотдиҳии коҳишдиҳандаи хатар барои гурӯҳҳои махсус (масалан, вобаста ба истифода аз эмгузаронии маводи доруворӣ, истифодабарии нӯшокии спиртӣ ё алоқаи ҷинсии хатарнок).

• Боварӣ аз дастрасии бехатар ба таҷҳизоти эмгузаронии истифодабарандагони маводи доруворӣ, дар ҳолати муайян шудан дар баррасӣ.

• Роҳандозӣ кардани ҷаласаҳои огоҳкунанда оид ба то ҳадди кофӣ коҳиш додани зарари мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо дар байни роҳбарони ҷомеаи зан ва мард. Масалан, дар баъзе ҳолатҳо фаъолиятҳо барои коҳиш додани зарар аз истифодабарии беш аз ҳадди нӯшокии спиртӣ иборатанд аз омӯзиш додани равишҳои бехатари маҳаллии дамдиҳӣ, маҳдудсозии соатҳои фурӯш, талаб кардани пардохт ҳангоми хизматрасонӣ ва таъин кардани маҳдудият дар истифодаи аслиҳа дар ҷойҳое, ки нӯшокии спиртӣ фурӯхта ё масраф карда мешавад.

## 4. Идоранамоии дуршавӣ ва дигар мушкилоти шадид.

• Таҳияи протоколҳо барои клиникаҳо ва беморхонаҳо дар бораи идоранамоии дуршавӣ, заҳролудшавӣ, истифоди вояи барзиёд ва дигар пешгириҳои дар таҳқиқот дарҷгардида.

• Омӯзиш додан ва мониторинги кормандони соҳати тандурустӣ оид ба идоранамоӣ ва дуршавии муроҷиатӣ ё дигар пешгириҳои фаврӣ, якҷоя бо таъмини кофии маводи доруворӣ, аз он ҷумла бензодиазепинҳо, барои дуршавӣ аз нӯшокии спиртӣ. Агентиҳои ҷомеа бояд оид ба муайянсозӣ, идоранамоии ибтидоӣ ва муроҷиати идоранамоии пешгириҳои шадид, аз он ҷумла дуршавӣ омӯзонида мониторинг карда шаванд.

• Дар минтақаҳое, ки вобастагӣ ба афюн хеле зиёд аст, ҷанбаи ташкил намудани дармони ҷойивазкунандаи сатҳи паст (аз он ҷумла бо метадон ё бупренорфин).

• Ҳарчӣ зудтар ташкил намудани дармони ҷойивазкунандаи қаблан вуҷуддошта.

---

**Баррасии истифодабарии нӯшокии спиртӣ ва дигар маводҳо** (Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо)

Барои роҳнамоӣ оид ба услубшиносии баррасӣ, ниг. *Лавҳаи фаъолияти 2.1* ва захираҳои асосӣ дар поён. Иттилооти алоқаманд иборатанд аз:

**А. Омилҳо мӯҳтавоӣ ва дастрасии нӯшокии спиртӣ ва дигар маводҳо**

• Меъёрҳои фарҳангии пеш аз ҳолати фавқулодда оид ба мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар

---

маводҳо ва равиши муайяншавии он аз ҷониби ҷомеа (барои мардум, мандон ва занони овора ва муқимӣ).

• Ҳаргуна иттилооти асосии дастрас дар бораи мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо ва дигар мушкилоти алоқаманди психологӣ, иҷтимоӣ ва тиббӣ, аз он ҷумла паҳншавии вируси СПИД.

• Меъёрҳои танзимкунанда ва қонунии алоқаманд.

B. Нақшаҳои ҷорӣ ва меъёрҳо оид ба мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо

• Дастрасӣ ва арзиши тақрибии маводҳои фаъокунандаи равонии пешгирикунанда ва дигар иттилооти занҷираи таъмин, аз он ҷумла барҳам хӯрдани таъминот дар натиҷаи ҳолати фавқулодда.

• Маводҳои истифодашуда ва равиши идоранамоӣ (аз он ҷумла нақшҳои тағйирёбии истифодабарӣ аз он ҷумла гузаштан аз тамокукашӣ ба эмгузаронии маводҳои нав) бо зергурӯҳҳо (масалан, синну мол, ҷинсият, шуғл (масалан, кишоварзӣ, собиқаи ҷангӣ, одамони ба танфурӯшӣ машғулбуда), нажод, дин).

## C. Мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо

• Мушкилоти алоқаманди психологию иҷтимоӣ ва солимии равонӣ (масалан, зӯроварӣ дар асоси ҷинсият ва дигар намудҳои зӯроварӣ, худкушӣ, таҷовуз ё беназорт гузоштани кӯдак; вобастагӣ ба мавод ё мушкилоти равонӣ ва рафтории (беш аз ҳад); фарқгузорӣ; афзоиши ҷиноят).

• Рафторҳои алоқаманди хеле хатарнок (масалан, рафторҳои ҷинсии хатарнок ва/ё равишҳои эмгузаронӣ).

• Мушкилоти тиббии алоқаманд (масалан, гузариши ВМНО ва дигар вирусҳои вобаста ба хун, ҳодисаҳои истифоди вояи барзиёд, синдромҳои абсистенсӣ, махсусан истифодаи нӯшокиҳои спиртии хатарнок барои зиндагӣ).

• Мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ (масалан, оилаҳое, ки маводҳои ғизоӣ ва ғайриғизоиро мефурӯшанд, қочоқи маводи мухаддир/нӯшокии спиртӣ, тиҷорати ҷинсии вобаста ба маводи мухаддир).

## D. Захираҳои мавҷудбуда (Ҳамчунин ниг. Лавҳаи фаъолияти 2.1)

• Хизматрасониҳои тандурустӣ ва психологию иҷтимоӣ ба ҷомеа (аз он ҷумла хизматрасониҳои вобаста ба нӯшокии спиртӣ ва дигар мавод, кӯшишҳои коҳишдиҳии зарар ва истифодабарандагони қаблии гурӯҳҳо ё ҷамъиятҳои кӯмак ба худ, агар бошанд). Ҳуҷҷатгузории барҳамхӯрии хизматрасониҳо аз сабаби ҳолати фавқулодда.

• Хизматрасониҳои асосӣ, аз он ҷумла ғизо, об, паноҳгоҳ.

• Фаъолияти ҷомеа ва муассисаҳои будубоши умумии фарҳангӣ.
• Ҷойҳои бехатар барои онҳое, ки дар хатари мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо ва зӯроварӣ ҳастанд (агар бошанд).
• Нигоҳубини оила ва ҷомеаҳое, ки ба мавод вобастагӣ доранд (агар бошанд).

**Захираҳои асосӣ**

1. Костиган Г., Крофтс Н. ва Рейд Г. (2003). Низомнома барои коҳиши зарари вобаста ба маводи доруворӣ дар Осиё. Мелбурн: Маркази коҳишдиҳии зарар.
http://www.rararchives.org/harm_red_man.pdf

2. Кумитаи доимии байниагентӣ (2003). Роҳнамо оид ба дахолатҳои ВМНО/АМНБ дар ҳолатҳои фавқулодда. 7.3 Таъмин бо рифолаҳо ва ташкили таъмини рифола, 7.5. Боварӣ аз нигоҳубини мувофиқи IDU, саҳ. 68-70, саҳ. 76-79. Женева: ҚДБА.
http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/products/docs/FinalGuidelines17Nov2003.pdf

3. Пател В. (2003). Дар ҷое, ки равоншинос нест. Низомнома оид ба ҳифзи солимии равонӣ. Колеҷи шоҳаншоҳии равоншиносон.
http://www.rcpsych.ac.uk/publications/gaskellbooks/gaskell/1901242757.aspx

4. WHO/UNHCR (1996). 'Мушкилоти нӯшокии спиртӣ ва дигар маводи доруворӣ'. дар солимии равонии муҳоҷирон, саҳ. 101-109. Женева: WHO/UNHCR. http://whqlibdoc.who.int/hq/1996/a49374.pdf

5. ТУТ (1998). Баррасии зудҳангом ва роҳнамои амалҳои ҷавобӣ дар бораи истифодабарии эмгузароии маводи доруворӣ (IDU-RAR). Женева: ТУТ.
http://www.who.int/substance_abuse/publications/en/IDURARguideEnglish.pdf

6. ТУТ (2001). Дахолати густарда оид ба нӯшидани хатарноква зараровар: як низомнома барои истифодабарӣ дар кӯмаки аввалия. Женева: ТУТ.
http://whqlibdoc.who.int/hq/2001/WHO_MSD_MSB_01.6b.pdf

7. ТУТ (2001). Оё фикри ондамон онҳо дар бораи вобастагӣ ба мавод чӣ медонанд: Фикрҳо ва далелҳо. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/substance_abuse/about/en/dependence_myths&facts.pdf

8. ТУТ (2002). Роҳнамои SEX-RAR: Баррасии зудҳангоми ва роҳнамо барои амалҳои ҷавобӣ оид ба истифодабарии маводҳои фаъолкунандаи равон ва рафтори хатарноки ҷинсӣ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/reproductive-health/docs/sex_rar.pdf

9. ТУТ (2003). Дахолати асосӣ оид ба истифодаи мавод: Низомнома барои истифодабарӣ дар кӯмаки аввалия. Версияи намунавӣ 1.1 барои снҷиши соҳавӣ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/substance_abuse/activities/en/Draft_Brief_Intervention_f

or_Substance_Use.pdf
10. ТУТ (2003). Тести мониторингии нӯшокии спиртӣ, тамокукашӣ ва ҳамроҳкунии мавод (ASSIST): Роҳнамо барои истифодабарӣ дар кӯмаки аввалия. Версияи намунавӣ 1.1 барои снҷиши соҳавӣ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/substance_abuse/activities/en/Draft_The_ASSIST_Guidelines.pdf
11. ТУТ (2003). Стратегияҳои кӯмак ба худ барои манъ ё қатъ кардани истифодабарии мавод: Роҳнамо. Версияи намунавӣ 1.1 барои санҷиши соҳавӣ. Женева: ТУТ.
http://www.who.int/substance_abuse/activities/en/Draft_Substance_Use_Guide.pdf
10. ТҶТ (2003). Тести назоратии нӯшокии спиртӣ, сигоркашӣ ва ҳпмроҳкунии мавод (ASSIST): Роҳнамо барои Истифодабарӣ дар кумаки аввалия. Версияи намунавӣ 1.1 барои снҷиши соҳавӣ. Женева: ТҶТ.
http://www.who.int/substance_abuse/activities/en/Draft_The_ASSIST_Guidelines.pdf
11. ТҶТ (2003). Стратегияҳои кумак ба худ барои манъ ё қатъ кардани истифодабарии мавод: Роҳнамо. Версияи намунавӣ 1.1 барои санҷиши соҳавӣ. Женева: ТҶТ.
http://www.who.int/substance_abuse/activities/en/Draft_Substance_Use_Guide.pdf

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Баррасии охирини зарарҳои алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии мавод (мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо) роҳандозӣ карда шудааст.
- Дар минтақаҳое, ки одамон гирифтори мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо ҳастанд, рифолаҳо ба таври доимӣ дастрас карда мешаванд.
- Қисми муайяни кормандони соҳати тандурустӣ барои роҳандозӣ кардани фаъолиятҳои густарда оид ба фаъолиятҳои густарда ба мушкилоти вазнини алоқаманд бо нӯшокии спиртӣ ва истифодабарии дигар маводҳо омӯзиш диданд.

**Мисол: Бом, Эрон, 2003–04**

- Дар минтақае, ки истифодабарии маводи мухаддир хеле зиёд буд, заминҷунбӣ рух дод. Ба таври ғайрирасмӣ ҳукумат бо ҳамаи беморхонаҳои кишвар тамос гирифта, тавсия намуд, ки наҷотёфтагони вобаста ба мавод, ки аз минтақа бароварда шуда буданд, дармони ҷойивазкунандаи клиникиро дарёфт намоянд.
- Баъд аз даҳ рӯз муҳаққиқони эронӣ бо дархости вазорати тандурустӣ баррасиеро роҳандозӣ карданд.
- Баррасӣ тасдиқ намуд, ки заминҷунбӣ таъминотро барои шумораи зиёди мардони вобаста ба маводи мухаддир барҳам дода, боиси дурӣ аз маводи мухаддир шудааст.
- Протоколҳои стандартии дармон барои имконоти саломатӣ оид ба идоранамоии дарди вобастагӣ ба маводи мухаддир, идоранамоии клиникии пешгирӣ ва дармони ҷойивазкунандаи вояи кам дастрас карда шуд.

# Лавҳаи фаъолияти 7.1

## Мустаҳкамкунии дастрасӣ ба таълиму тарбияи бехатар ва кӯмакрасон

**Соҳа:** Таълиму тарбия
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

### Пешгуфтор

Дар ҳолатҳои фавқулодда, таълиму тарбия яке аз фаъолиятҳои асосӣ мебошад: он як муҳити бехатар ва пойдорро барои донишомӯзон таъмин намуда, ҳисси муқаррарӣ, шараф ва умедро бо пешниҳоди фаъолиятҳои сохторӣ, мувофиқ ва эҳтиёткорона таъмин мекунад. Аксарияти кӯдакон ва волидон ба таълиму тарбия ҳамчун асоси давраи кӯдакии муваффақ нигоҳ мекунанд. Омӯзиши хуб барномарезишуда ҳамчунин ба аҳолии зарардида барои мубориза бо вазъияташон бо паҳн намудани паёмҳои наҷотии асосӣ, ҷорӣ намудани омӯзиш дар бораи ҳифзи худ ва стратегияҳои ҳифзи одамони маҳаллӣ барои муайян кардани шароитҳои ҳолати фавқулодда кӯмак менамояд. Оғози (такрории) фаъолиятҳои омӯзишии расӣ ва ғайрирасмӣ ба таври фаврӣ, бартарӣ додан ба бехатарӣ ва некӯаҳволии ҳамаи кӯдакон ва ҷавонон, аз он ҷумла онҳое, ки сатҳи баланди ҳассосӣ ба хатар доранд (ниг. Фасли 1) ё ба омӯзиши махсус ниёз доранд, хеле муҳим аст.

Аз даст додани таълиму тарбия барои донишомӯзон ва оилаи онҳо аксаран дар байни бузургтарин омилҳои фишори равонӣ ба ҳисоб меравад, ки таълиму тарбияро як масир бароиояндаи беҳтар медонанд. Таълиму тарбия метавонад як воситаи зарурӣ дар расонидани кӯмак ба ҷомеаҳо барои эҳё кардани зиндагияшон бошад. Дастрасӣ ба таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ дар як муҳити дастгирикунанда тавоноиҳои навоварӣ ва эмотсионалии донишомӯзонро ба вуҷуд меорад, дастгирии иҷтимоиро бо амалиёти муштараки мурабиён ва омӯзгорон пешниҳод намуда, ҳисси мониторинг ва таъмини худро дар донишомӯзон ба вуҷуд меорад. Он ҳамчунин маҳоратҳои зиндагиро эҷод мекунад, ки стратегияҳои мубориза бо фишорро мустаҳкам мекунад, дар оянда ёфтани шуғлро осон мекунад ва фишори равонии иқтисодиро коҳиш медиҳад. Ҳамаи амалҳои ҷавобӣ барои таълиму тарбия дар ҳолати фавқулодда бояд бо мақсади дарёфти кӯмак бошад Стандартҳои ҳадди ақал (INEE- ШҶТҲФ: Шабакаи ҷаҳонӣ барои таҳсилот дар ҳолатҳои фавқулодда) барои таълиму тарбия дар ҳолатҳои фавқулодда, бӯҳронҳои музмин ва барқароршавии зуҳангом (ниг. Захираҳои асосӣ).

Омӯзгорон – мураббиҳои расмии синфхонаҳо, танзимгарони омӯзиши ғайрирасмӣ ва тақвиятдиҳандагони фаъолиятҳои таълиму тарбиявӣ– як нақши асосӣ дар ҳифзи солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоии донишомӯзон доранд. Дар аксар мавридҳо, омӯзгорон барои бартараф кардани мушкилоте, ки онҳо ва донишомӯзони онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, аз он ҷумла мушкилоти саломати равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву равонии худи онҳо, мубориза мебаранд. Омӯзиш, мониторинг ва дастгирӣ барои ин омӯзгорон боиси дарки возеҳи нақшҳои онҳо дар рушди некӯаҳволии донишомӯзон гардида, барои ҳифз ва тақвият бахшидани рушди кӯдакон, ҷавонон ва донишомӯзони болиғ дар давоми ҳолати фавқулодда ба онҳо кӯмак менамояд.

**Амалҳои калидӣ**

**1.Ривоҷ додани муҳитҳои омӯзишии бехатар.**

Таълиму тарбия ҳамчун як нақши муҳими ҳифз бо таъмини мубодилаи иттилоъ барои ба чоп расонидани паёмҳо дар бораи маҳоратҳои ҳифзи муҳити озод аз зӯроварӣ хизмат менамояд. Марҳилаҳои фаврӣ иборатанд аз:

- Муайян кардани талабот ва имкониятҳо барои таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ, ҷанбаъи масъалаҳои ҳифз, аз он ҷумла тарзи муттаҳид кардан ва дастгирии тасмимҳои маҳаллӣ. Таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ бояд то ҳадди имкон ба таври доимӣ ва мукаммал баргузор шаванд.
- Ба ҳадди аксар расонидани иштироки одамони гирифторшуда, аз он ҷумла волидон ва мақомоти вобаста ба таълиму тарбия (масалан, то ҳадди имкон масъулони вазорати маориф) дар муайянкунӣ, барномарезӣ, иҷро, мониторинг ва баҳогузории барномаи омӯзишӣ.
- Арзёбӣ кардани масъалаҳои бехатарӣ дар маҳал ва ҷойҳои тарҳрезӣ, омӯзиши сохторҳо ё мактабҳо:
- Ҷойгир кардани мактабҳо дуртар аз минтақаҳо ё пойгоҳҳои ҳарбӣ;
- Ҷойгир кардани мактабҳо наздиктар ба марказҳои аҳолинишин;
- Таъмини ҳоҷатхонаҳои ҷудогонаи занона ва мардона дар ҷойҳои бехатар.
- Мониторинги шароитҳои бехатар дар атрофи ҷойҳои омӯзишӣ /мактабҳо (масалан, тавассути шиносоии як нуқтаи меҳварӣ дар мактаб) ва амалҳои ҷавобӣ ба таҳдидҳо барои донишомӯзон аз даргирии мусаллаҳона.
- Ташкил намудани ҷойҳои омӯзишӣ / минтақаҳои сулҳи мактабҳо:
- Пешбурди ташвиқот ба гурӯҳҳои мусаллаҳ барои пешгирӣ кардани мавриди ҳадаф қарор додани ҷойҳои омӯзишӣ /мактабҳо ва ҷилавгирӣ намудан аз сафарбар шудани кӯдакон ба гурӯҳҳои мусаллаҳ;

• Дур нигоҳ доштани аслиҳаҳо аз ҷойҳои омӯзишӣ ва мактабҳо;

• Таъмини воситаҳо барои кӯдакон ҳангоми сафар ба ё бозгашт аз фаъолиятҳои омӯзишӣ/мактаб.

• Муайян намудани хатарҳои асосии беруна ба системаи омӯзишӣ (масалан, даргирии мусаллаҳона) ва онҳое, ки дохилӣ ҳастанд (масалан, задан, танбеҳи беш аз ҳад):

• Муайян намудани хатарҳо барои ҳифз шудан дар дохили системаи омӯзишӣ, аз он ҷумла зӯроварӣ дар асоси ҷинсият (ЗАҶ), сафарбар шудани кӯдакон ба гурӯҳҳо мусаллаҳ ё зӯроварӣ дар муассисаҳои таълимӣ;

• Таъмини паёмҳо дар бораи тарзи пешгирӣ ва амалҳои ҷавобӣ ба масъалаҳои гуногуни ҳифзӣ (аз он ҷумла кӯдакони ҷудошуда ва меъёрҳои ҳифзии ҷамъиятӣ: ниг. *Лавҳаи фаъолияти 3.2*) дар раванди омӯзишӣ;

• Ташкили равандҳои мониторинги омӯзишӣ/ҳифзии кӯдакони махсус барои муайянсозӣ ва ҳимояи донишомӯзони дар хатар ё онҳое, ки хатарҳо аз ҳифз шуданро аз сар мегузаронанд;

• Истифодабарии Роҳнамои КДБА оид ба фаъолиятҳо зӯроварӣ дар асоси ҷинсият дар ҳолатҳои кӯмаки башардӯстона барои пешгирии ЗАҶ дар ва атрофи ҷойҳои омӯзишӣ ва мактабҳо.

• Ба таври доимӣ ташкил намудани омӯзиши огоҳкунанда, аз он ҷумла дар ҷойҳои дӯстдоштаи кӯдакон ва ҷавонон (Марказҳои аниматсионӣ) ё гурӯҳҳои омӯзишии ҷамъиятии ғайрирасмӣ. Аъзоёни ҷомеа, кормандони кӯмаки башардӯстона ва омӯзгорон метавонанд ба он бе ташкили зербинои физикӣ, ба мисли марказҳо ҳангоми барқароршавӣ ё эҳёшавии системаҳои омӯзишии расмӣ кӯмак намоянд. Кормандони ҷойҳои дӯстдоштаи кӯдакон бояд маҳорати устувори муносибатҳои байнишахсӣ, қобилияти истифодабароии равишҳои омӯзишии фаъол ва таҷрибаи кор дар соҳаи таҳсили ғайрирасмӣ ё барномаҳои ҷамъиятӣ дошта бошанд. Собиқаи кор дар соҳаи омӯзиши расмӣ дар ин ҳолатҳо кофӣ нестанд.

## 2. Ба таври эҳтиёткорона ва алоқаманд роҳандозӣ намудани таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ.

Таълиму тарбияи эҳтиёткорона ва алоқаманд барои рушди солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоии донишомӯзон дар давоми ҳолати фавқулодда, ё дар давоми рушди пойдор ва таъсиргузори донишомӯзон зарурӣ мебошад.

• Мутобиқ ва таъсиргузор кардани таълиму тарбия ба эмотсияҳои вобаста ба ҳолати фавқулодда, шинохт ва талаботи иҷтимоӣ ва имкониятҳои донишомӯзон. Масалан, пешниҳоди фаъолиятҳои кӯтоҳтар, дар ҳолати бо мушкилии тамаркуз дучор шудани толибилмон; пешниҳоди нақшаҳои мусоид барои пешгирӣ кардани фишори равонии

хеле зиёди толибилмон, омӯзгорон ва оилаи онҳо бо пешниҳод кардани соатҳо/бастҳои гуногун; мутобиқ кардани ҷадвали имтиҳонот барои додани вақти иловагӣ ба донишомӯзон барои омодагӣ.

• Ҳадаф гузоштан барои таъмини омӯзише, ки барои аз нав барқарор намудани сохтор кӯмак мекунад, барои кӯдакон пешбинишаванда ва оддӣ аст; имкониятҳоро барои баён, интихоб, аксуламали муштараки иҷтимоӣ ва дастгирӣ кардан ба вуҷуд меорад; ва тавоноӣ ва маҳоратҳои кӯдаконро дар зиндагӣ ба вуҷуд меорад. Масалан, барномаҳои амалиётиро пешниҳод намуда, онҳоро ба имкониятҳои омӯзишӣ/ҷойи омӯзиш таҳия мекунад; пешгирӣ кардани аз танбеҳдиҳии донишомӯзоне, ки омодагии онҳо дар синф аз сабаби солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ дучори мушкил шудааст; истифодабарии бозиҳои муштарак бештар аз бозиҳои мусобиқавӣ; афзоиш додани истифодабарии равишҳои омӯзишии фаъол ва баёнӣ; истифодабарии фаъолиятҳои сохтории аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ, аз он ҷумла бозиҳо, суруд, рақс ва намоишнома, ки маводи аз лиҳози маҳаллӣ дастрасро истифода мебаранд.

• Шомил намудани омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ва маълумотдиҳӣ дар бораи ҳолати фавқулодда. Маҳоратҳои зиндагӣ ва мӯҳтавои омӯзишие, ки махсусан бо ҳолатҳои фавқулодда алоқаманд ҳастанд, иборатанд аз рушди тозагӣ, ҳалли мушкилот аз роҳи гуфтушунид, маҳоратҳои байнишахсӣ, пешгирии ЗАҶ, пешгирӣ аз бемориҳои тавассути роҳи ҷинсӣ гузаранда (масалан, ВМНО/АМНБ), огоҳӣ дар бораи минаҳо ё маводҳои тарканда ё иттилоот дар бораи шароити феълӣ (масалан, заминҷунбиҳо, даргириҳои мусаллаҳона ва ғ.). Мӯҳтаво ва осонсозии омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ бояд бо баррасии хатарҳо ва бартарӣ додан ба талабот огоҳ карда шавад.

• Ҷорӣ намудани усулҳои фаъол барои иштирок, ки намояндагони мардум ва донишомӯзонро дар фаъолиятҳои омӯзишӣ дар бар мегиранд. Иштироки наврасон ва ҷавонон дар роҳандозӣ кардани фаъолиятҳо барои кӯдакони хурд хеле боарзиш аст. Равишҳо як ба як ҳам бояд дар назар гирифта шаванд.

• Истифодабарии таълиму тарбия ҳамчун як механизм барои фаъолсозии ҷомеа (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 5.1*). Ҳамроҳ кардани волидон дар идоранамоии омӯзиш ва таълиму тарбия ва сафарбаркунии ҷомеа дар (дубора) барқарорсозии имконоти таълиму тарбия (ки аз сохторҳои асосӣ ва/ё доимӣ ҳастанд). Ташкил намудани маҷлисҳои умумии ҳафтагӣ бо

кӯдакон/ҷавонон/намояндагони ҷомеа барои осонсозии фаъолиятҳое, ки бо мӯҳтавои маҳал мувофиқ ҳастанд ва маълумот ва маҳоратҳои маҳаллиро истифода мебаранд.

- Боварӣ аз он, ки ҳаргуна ҳамоҳангсозии омӯзишӣ ё гурӯҳи корӣ дар ҷанбаъҳои солимии равонӣ/психологию иҷтимоӣ ба инобат гирифта мешаванд. Таъини як шахси меҳварӣ барои пайваст кардани гурӯҳи ҳамоҳангсозии солимии равонӣ/психологию иҷтимоӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 1.1*) бо механизми ҳамоҳангсозии таълиму тарбия.
- Шомил сохтани имкониятҳо дар ҷойҳои дӯстдоштаи кӯдакон ва ҷавонон барои кӯдакон ва одамони ҷавон барои омӯзиши маҳоратҳои зиндагӣ ва барои иштирок, масалан, дар омӯзиши иловагӣ, омӯзиши касбӣ, фаъолиятҳои ҳунарпешагӣ, фарҳангӣ ва муҳитӣ ва/ё варзишҳо.
- Дастгирии омӯзиши ғайрирасмӣ, аз он ҷумла омӯзиши калонсолон, саводнокӣ ва омӯзиши касбӣ барои таъмини донишомӯзон бо маҳоратҳое, ки бо муҳитҳои ҷорӣ ва ояндаи иқтисодӣ алоқаманд ҳастанд ва бо имкониятҳои ҷои корӣ пайваст ҳастанд. Барои кӯдакони синну соли хурдтар аз 15 сола, таҳсили ғайрирасмӣ на ҳамчун ҷонишин барои омӯзиши расмӣ, балки бояд ҳамчун такмилдиҳӣ хизмат намояд.
- Истифодабарии ғизо барои омӯзиш барои то ҳадди имкон беҳбуд бахшидани солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ. Таъмини ғизо (дар минтақа ё ҳамчун саҳмияи-хонагӣ) дар ҳолатҳои омӯзишӣ як стратегияи қавӣ барои афзоиш додани иштирок ва таҳлил, ки худи он солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоиро беҳбуд мебахшад (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 9.1*). Илова бар ин, ғизо дар таълиму тарбия метавонад мустақиман ба солимии равонӣ, ки асосан бо баланд бардозтани тамаркуз, коҳиш додани фишорҳои иҷтимоӣ байни «бой» ва «камбағал» ва ғайра фоидаовар бошад. Барномаҳои таъмини ғизо ё озуқа дар ҳолатҳои таълиму тарбия бояд танҳо дар ҳолате таъсиргузор буда метавонад, ки ба ҳолати озуқаи донишомӯзон зарар нарасонад ва анъанаҳои иҷтимоии мавудбударо ба таври назаррас камранг нанамояд (масалан, нақши оила дар таъмини ғзодиҳии мувофиқ барои кӯдакон).

### 3. Мустаҳкамкунии дастрасӣ ба таълиму тарбия барои ҳама.

- Ба таври доимӣ афзоиш додани дастрасӣ ба таҳсили расмӣ ва ғайрирасмӣ. Он шояд ба равишҳои эҷодкорона ва мувофиқ ниёз дошта бошад, аз он ҷумла кушодани мактабҳо дар бастҳо, бастҳои дугона ё истифодаи ҷойҳои алтернативӣ.
- Ба таври назаррас осон намудани талаботи ҳуҷҷатгузорӣ барои дохилшавӣ ва мусоидат ба иштирок. Одамони гирифтори ҳолати фавқулодда шояд ҳуҷҷатҳои шаҳрвандӣ, шаҳодатномаҳои таваллуд ва синну сол, варақаҳои шахсӣ, ё гузоришҳои мактабӣ надошта бошанд. Маҳдудиятҳои синнусолӣ барои кӯдакон ва ҷавонони гирифтори ҳолати фавқулодда набояд иҷро шаванд.
- Дастгирии талаботи махсуси донишомӯзон масалан, таъмини

хизматрасониҳои нигоҳубини кӯдак барои модарони ҷавон ва хоҳару бародарон, ки барои бардошта гаштани кӯдакони синну соли хурдтар пешбинӣ шудаанд; таъмини маводҳои мактабӣ барои донишомӯзони эҳтиёҷманд.

• Дастрас ва мувофиқ кардани ҷойҳои таълиму тарбиявӣ барои гурӯҳҳои гуногуни кӯдакон, махсусан барои кӯдакони ба ҳошия рондашуда (масалан, кӯдакони маъюб ё аз лиҳози иқтисодӣ нотавон, ё ақалиятҳои нажодӣ). Рушди фаъолиятҳо ҷудогона барои наврасон ва ҷавононе, ки ба онҳо кам таваҷҷӯҳ карда мешавад.

• То ҳадди имкон, таъмини дарсҳои осон ва омӯзиши суръатнок барои кӯдакони калонтар (масалан, онҳое, ки қаблан бо қувваҳои муҳорибавӣ ё гурӯҳҳои мусаллаҳ алоқаманд буданд), ки аз таълиму тарбия дур мондаанд.

• То ҳадди имкон, роҳандозӣ кардани ҷаласаҳои бозгашт ба мактаб, ки дар он ҷомеаҳо, мақомоти соҳаи омӯзиш ва кормандони соҳаи кӯмаки башардӯстона дар дастрасии таълиму тарбия барои ҳамаи кӯдакон ва ҷавонан талош мекунанд.

## 4. Омода кардан ва ташвиқ кардани омӯзгорон ба дастгирии солимии равонии донишомӯзон.

Омӯзгорон ҳам бо равиши мувофиқати худ бо донишомӯзон ва ҳам эҷод кардани муҳити бехатар ва эҳтиёткорона ба онҳо аз лиҳози равонӣ кӯмак намоянд, ки дар он донишомӯзон эмотсияҳо ва таассуроти худро баён карда тавонанд, аз он ҷумла бо ёрии фаъолиятҳои махсуси сохтории психологию иҷтимоӣ дар омӯзиш додан/раванди омӯзиш. Ба ҳар ҳол, онҳо набояд барои роҳандозӣ кардани дармон кӯшиш намоянд, ки ба маҳорати махсус ниёз доранд. Таъмини дастгирӣ барои солимии равонии худи муаллимон як қисми аосоии ҳифзи донишомӯзон мебошад.

• Анҷом додани амалиёти муштарак бо хонандагон, аз он ҷумла:

• Муттаҳидсозии мавзӯҳои алоқаманд бо ҳолати фавқулодда дар раванди омӯзиш;

• Муайянкунии сабабҳои рафторҳои ғайриоддӣ дар синф (масалан, хашмгинӣ);

• Расонидани кӯмак ба донишомӯзон барои фаҳмидан ва дастгирии якдигар.

• Таъмини омӯзгорон бо имкониятҳои доимии омӯзишӣ ва алоқаманд ба омӯзиш ва дастгирии касбӣ барои ҳолати фавқулодда, бештар аз омӯзиши якнафара ё кӯтоҳмуддат ва бе такрорӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 4.3). Мавзӯҳои асосӣ иборатанд аз:

• Ташвиқ кардан иштироки ҷомеа ва эҷод кардани муҳитҳои омӯзишии бехатар ва ҳифзшуда;

- Таъсири таассурот ва ҳолатҳои вазнин ба солимии равонӣ ва омодагии кӯдакон, аз он ҷумла духтарон ва писарони синну соли гуногун; рафторҳои кӯмаки равонӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 4.2);
- Маҳоратҳои зиндагии алоқаманд бо ҳолати фавқулодда (барои пешниҳодҳо ниг. Фаъолияти асосӣ 2 дар боло);
- Равишҳои мувофиқи идоранамоии синфхона, ки сабаби истифода набурдани ҷазодиҳии муштаракро тавсия намедиҳад ва таъмини алтернативаҳои муайян барои истифодабарии зӯроварӣ;
- Тарзи ҳалли мувофиқи мушкилоти донишомӯзон аз он ҷумла хашм, тарс ва ғаму ғусса;
- Тарзи роҳандозӣ кардани фаъолиятҳои гурӯҳии сохторӣ, аз он ҷумла расмкашӣ, фаъолиятҳои фарҳангӣ, варзишҳо, бозиҳо ва ёфтани маҳоратҳо;
- Тарзи кор бо волидон ва ҷомеаҳо;
- Тарзи истифодабарии механизмҳои мурочиатӣ барои таъмини иловагӣ дастгирӣ барои донишомӯзоне, ки гирифтори мушкилоти вазнини солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ ҳастанд (ниг. Фаъолияти асосӣ 5 дар поён);
- Тарзи рушди нақшаҳои фаъолият барои амалӣ намудани кӯмаки равонӣ дар кори муаллимон;
- Расонидани кӯмак ба омӯзгорон барои мутобиқати беҳтар бо зиндагӣ дар давоми ва пас аз ҳолати фавқулодда, аз он ҷумла таъсири фишори равонӣ ба муаллимон, маҳоратҳои мубориза бо фишор, мониторинги эҳтиёткорона ва дастгирии гурӯҳӣ.
- Истифодабарии равишҳои иштирокии омӯзишии мутобиқ бо мӯҳтаво ва фарҳанги маҳаллӣ. Боварӣ аз он, ки омӯзгорон барои додугирифти маълумоташон ва таҷрибаи барои рушди кӯдакони маҳаллӣ ва маҳорати расонидани кӯмак имконият доранд. мувофиқ ва фоидаовар будани омӯзиш бояд ба таври домӣ баҳогузорӣ карда шавад. Дастгирии саривақтӣ, аз он ҷумла таъмин кардани омӯзгорон бо маводҳои мониторингӣ ва касбӣ.
- Фаъол кардани кӯмаки равонии дастрас барои омӯзгорон. Масалан, ҷамъ овардани омӯзгорон бо тақвиятдиҳандаи таҷриба барои оғози гуфтугӯ дар бораи гузашта, ҳолати ҳозира ва оянда, ё ҷорӣ кардани механизми дастгирии ҷомеа барои кӯмак кардан ба омӯзгорон барои паси сар кардани ҳолатҳои бӯҳронӣ.

## 5. Мустаҳкамкунии имконияти системаи таълиму тарбия барои дастгирии донишомӯзоне, ки гирифтори мушкилоти психологию иҷтимоӣ ва солимии равонӣ ҳастанд.

- Мустаҳкамкунии имконияти муассисаҳои будубоши умумии омӯзишӣ барои дастгирии донишомӯзоне, ки гирифтори мушкилоти психологию иҷтимоӣ ва солимии равонӣ ҳастанд:

•Тарҳрезӣ кардани нуқтаҳои меҳварӣ барои мониторинг ва нигоҳдории кӯдаконии махсус;

• Дар ҳолати мавҷуд будани мушовирони мактабӣ, таъмини омӯзиш дар бораи мубориза бо масълаҳои вобаста ба ҳолати фавқулодда.

• Кӯмак кардан ба кормандони мактаб, аз он ҷумла мудирон, мушвирон, мураббиҳо ва кормандони соҳати тандурустӣ оид ба ба куҷо фиристодани кӯдакони гирифтори мушкилоти вазнини солимии равонӣ ва психологию иҷтимоӣ (он метавонад кӯдаконеро дар бар гирад, ки ба таври мустақим таҳти ҳолати фавқулодда қарор нагирифтаанд, вале шояд мушкилоти аз пеш мавҷудбуда дошта бошанд) барои таъмини хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва кӯмакҳои равонии мувофиқи соҳаи солимии равонӣ дар ҷомеа (ниг. Лавҳаи фаъолияти 5.2) ва то ҳадди имкон барои хизматрасонии тандурустӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 6.2, аз он ҷумла, меъёр барои мушкилоти вазнини солимии равонӣ). Боварӣ аз он, ки донишомӯзон, волидан ва аъзоёни ҷомеа тарзи истифодабарии системаи мурочиатиро медонанд.

## Захираҳои асосӣ


1. Шабакаи фаъоли омӯзишӣ оид ба масъулият ва омодагӣ (ALNAP) (2003). Иштироки одамони гирифтор дар фаъолияти башардӯстона: Китоби роҳнамо барои таҷрибаомӯзон. Фасли 12, 'Иштирок ва Таълиму тарбия', саҳ. 331-342.

http://www.globalstudyparticipation.org/index.htm

2. Аннан Ҷ., Кастелли Л., Девреукс А. ва Локателли Е. (2003). Низомномаи таълимӣ барои мураббиҳо.

http://www.forcedmigration.org/psychosocial/papers/WiderPapers/Widerpapers.htm

3. Крисп Ҷ., Талбот С. ва Чмполонне Д. (диг.) (2001). Омӯзш барои оянда: Омӯзиши муҳоҷирон дар кишварҳои тараққиёфта. Женева: КОПСММ.

http://www.unhcr.org/pubs/epau/learningfuture/prelims.pdf

4. Салиби сурхи Дания (2004). Чорчӯба барои барномаҳои кӯмаки равонии мактабӣ: Роҳнамо барои барномаҳои ибтидоӣ.

http://psp.drk.dk/graphics/2003referencecenter/Doc-man/Documents/2Children-armed/PSPC.Final.Report.pdf

5. КДБА (2005). Роҳнамо оид ба дахолат ба зӯроварии ҷинсӣ дар ҳолатҳои башардӯстона.

http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/subsidi/tf_gender/gbv.asp

6. Шабакаи байниагентӣ оид ба таълиму тарбия дар ҳолатҳои фаҷқулода (ШБТҲФ) (2004).

Стандартҳои ҳадди ақали ШБТҲФ оид ба таълиму тарбия дар ҳолатҳои фавқулодда, Бӯҳронҳои музмин ва барқароршавии зудҳангом.

http://www.ineesite.org/minimum_standards/MSEE_report.pdf

7. Шабакаи байниагентӣ оид ба таълиму тарбия дар ҳолатҳои фаҷқулода

(ШБТҲФ) (2005). Ривоҷдиҳии таҷрибаи хуби ШБТҲФ, Роҳнамо – Ҷузъиёт ва услубшиносии таълиму тарбиятӣ.
http://www.ineesite.org/page.asp?pid=1238, сипас пайвастҳои зерин:
http://www.ineesite.org/page.asp?pid=1134
http://www.ineesite.org/page.asp?pid=1137
http://www.ineesite.org/page.asp?pid=1146
8. Максоуд М. (1993). Расонидани кӯмак барои ҳифзи кӯдакони гирифтори фишорҳои ҷанг: Низомнома барои волидон ва мураббиҳо. ЮНИСЕФ.
http://www.UNICEF.org/publications/index_4398.html
9. Николай С. (2003). Таълиму тарбия дар ҳолатҳои фавқулодда: Воситаи асосӣ барои оғоз ва идоранамоии таълиму тарбия дар ҳолатҳои фавқулодда. Наҷоти кӯдакони БК.
http://www.ineesite.org/core_references/EducationEmertoolkit.pdf
10. Наҷоти кӯдакон (1996). Солимии равонӣ дар байни кӯдакони гирифтори даргирии мусаллаҳона ва тағйири макон : Принсипҳо ва равишҳо. Женева.
http://www.savethechildren.org/publications/technical-resources/emergencies-protection/psychosocwellbeing2.pdf
11. Синклайр М. (2002). Барномарезии таълиму тарбия дар ва баъд аз ҳолатҳои фавқулодда. ЮНЕСКО: Донишкадаи байналмилалӣ оид ба барномарезии таълиму тарбиятӣ (ДББТ).
http://www.unesco.org/iiep/eng/focus/emergency/emergency_4.htm

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

- Ҳиссаи донишомӯзоне, ки ба омӯзиши расмӣ дастрасӣ доранд зиёд аст.
- Имконоти таҳсили ғайрирасмӣ барои духтарон ва писрони синну соли гуногун кушода ва дастрас ҳастанд.
- Ҳиссаи мураббиҳои омӯзищдида оид ба дарёфти дастгирии манбаъда дар бораи тарзи дастгирии солимии равонии донишомӯзон зиёд аст.
- Мураббиҳо ва дигар кормандони соҳаи омӯзишӣ кӯдакони гирифтори мушкилоти вазнини солимии равонӣ ва равонӣ иҷтимоиро ба хизматрасониҳо ва таъминти дастрас интиқол медиҳанд.

**Мисол: Минтақаи ишғолии Фаластин, 2001**

- Дар амалҳои ҷавобӣ ба “муқовимати дуюм”, нақшаи фаъолияти миллии Фаластин барои кӯдакон (ҷамъи ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ) кори ташкилотҳои миллӣ ва байналмилалиро оид ба таъмини таҳсили расмӣ ва ғайрирасмии бехатар ва эҳтиёткорона ҳамоҳанг кард.
- Ташкилотҳо ҷамъомади бозгашт ба мактабро роҳандозӣ карда, бошишгоҳҳои тобистона ва ҷойҳои дӯстдоштаи кӯдакон ва ҷавононро таъмин карданд. Раванди таълиму тарбия бештар ба таври муҳофизатӣ, алоқаманд ва эҳтиёткорона ва бо таъмини бештари имкониятҳо барои изҳор ва бо рушди маҳоратҳои зиндагӣ барои ҳифз таъмин мешуд.
- Омӯзгорон дар бораи фаҳмидан ва амалҳои ҷавобӣ ба талаботи эмотсионалӣ ва рафтории донишомӯзон омода шуданд; Барномаҳои мониторинги ҷавонон барои наврасон пешниҳод карда шуданд ва ҷаласаҳои сохтории психологию иҷтимоӣ дар мактабҳо пешниҳод карда шуданд.

## *Лавҳаи фаъолияти 8.1*

### Маълумотдиҳӣ ба аҳолии зарардида дар бораи ҳолати фавқулодда, кӯшишҳои имдодӣ ва ҳуқуқҳои онҳо

**Соҳа:** Паҳн намудани иттилоот
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Илова бар зиндагӣ ва саломатӣ, ҳақиқат ва адолат аксаран дар ҳолатҳои фавқулодда боиси норасоӣ мешаванд. Ҳолатҳои фавқулодда боиси нобасомонӣ дар шабакаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ мешаванд. Пойдевори робитаҳо вайрон мешаванд ва шабакаҳои иртиботии мавҷудбуда аз ҷониби омилҳои махсус хароб карда мешаванд, аз он ҷумла тавассути паёмҳои паҳншуда ва овозаҳои бардурӯғ, ё нақли ҳодисаҳои бофта барои рупӯш кардани вазифаҳои иҷронашуда, ки нисбати он беэътиноӣ зоҳир щдуаанд.

Овозаҳои бардурӯғ ва мавҷуд набудани иттилооти дақиқ манбаи асосии изтироби одамони гирифтори ҳолати фавқулодда мешаванд, ки дар натиҷа тааҷҷуб ва ноамниро эҳсос мекунанд. Илова бар ин, норасоии маълумот дар бораи ҳуқуқҳо метавонад боиси истисмор шудан гардад. Иттилооти дарёфтшудаи дақиқ дар як замони мувофиқ ҳамаи онро бартараф мекунад. Як механизми ӯҳдадор бояд ба таври фаъол чунин иттилооти фоидаоварро паҳн намояд.

Системаҳои иттилоот ва робита барои кӯмак ба аъзоёни ҷомеа тарҳрезӣ шуда метавонад, ки онҳо дар он барои беҳбуд ёфтани равандҳо нақш дошта бошанд ва бинобарин наҷотёфтгон бештар аз қурбониёни асосӣ фаъолтар мебошанд. Иттилоот ва технологияи робитавӣ (ИТР) ва равишҳои анъанавии робита ва таблиғот – аз он ҷумла тарҳҳо, сурудҳо ва бозиҳо – дар нашр кардани иттилоот дар бораи ҳуқуқҳои наҷотёфтагон нақши асосиро бозӣ карда метавонанд, дар ҳоле ки иттилоти дақиқ дар бораи барқарорсозӣ бахшидан ба одамони овора барои муттаҳид шудани оилаи онҳо кӯмак мекунад.

Илова бар фаъолиятҳои махсуси дар поён зикршуда, ҳосил кардани боварӣ аз ҳокимияти хуб дар давоми ҳолати фавқулодда, аз он ҷумла шаффофият, масъулият ва иштирок барои беҳбуд бахшидани дастрасӣ ба иттилоот кӯмак мекунад.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Ба роҳ мондани як гурӯҳи иттилоотӣ ва иртиботӣ.**

- Агар системаҳои иртиботии доимӣ (одамон ва инфрасохтор) хуб фаъол набошанд, кӯмак кардан барои ташкили як гурӯҳи барқаророкунандаи алоқа барои маълумотдиҳӣ дар бораи ҳолати фавқулодда, талошҳои барқарорсозӣ ва ҳуқуқӣ ва барои мустаҳкамкунии садои гурӯҳҳои аз имкониятҳо маҳрумшуда ё фаромӯшшуда. Гурӯҳро метавон аз созмонҳои расонаи хабарии маҳаллӣ, роҳбарони ҷомеа, агентиҳои ҳимоятӣ, ҳукумат ё дигар тарафҳо, ки дар аксуламали ҳолати фавқулодда шомил ҳастанд омода намуд. Худи одамони гирифтор барои нашр кардани иттилоот дар бораи хизматрасониҳо нақши асосиро бозӣ карда метавонанд.

**2. Арзёбии даврии ҳолат ва муайян сохтани холигии иттилоотӣ ва иттилои калидӣ барои паҳн намудан.**

- Омӯзиши баррасиҳои дастрас ва мушкилоте ки онҳо ба вуҷуд меоранд (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1).
- Ташхиси онҳое, ки воситаҳои робитавиро мониторинг мекунад, пурсидан дар бораи паҳн намудани иттилоот аз гурӯҳҳо махсус ба ҷои агентиҳои махсус.
- Дар ҳолати зарурӣ роҳандозӣ кардани баррасиҳои минбаъда, ки саволҳои зеринро муайян мекунанд:
- Кадом ҷомеаҳо/гурӯҳҳои одамон фаъол ҳастанд ва кадомашон амал мекунанд?
- Одамони ба хатар ҳассос киҳо ҳастанд: оё онҳо ба таври баробар гурӯҳҳои осебпазирро тасдиқ кардаанд (ниг. Фасли 1) ё онҳо нав ҳастанд?
- Оё дар бораи наҷотёфтагоне, ки фаъолияташонро аз даст додаанд гузориш дода шудааст? агар ҳа, муайянсозӣ кардани ҷойи онҳо ва аксуламали мавҷудбуда.
- Дар кадом ҷойҳо одамон худро бехатар ҷойгир карда метавонанд ва ҷойҳои хатарнок кадомҳоянд?
- Агар кӯмакҳои солимии равонӣ ва равонӣ дастрас бошанд, кӣ онҳоро таъмин мекунад? Кадом агентиҳо дар ин соҳа фаъол ҳастанд? Оё онҳо ҳамаи аҳолии гирифтор ва қисмҳои аҳолиро дар бар мегиранд? Оё қисме аз ҷомеа аз назар дур мондааст?
- Кадом имкониятҳо барои муттаҳид кардани пахши иттилоот ва робита бо дигар талошҳои ҷопӣ вуҷуд доранд?
- Сатҳи саводнокӣ дар байни мардон, занон, кӯдакон ва наврасон дар аҳолӣ то кадом андоза аст?
- Кадом воситаҳои иртиботии аз қабл мавҷудбуда фаъол ҳастанд? Кадом воситаҳо дар ҳолати ҷорӣ барои интиқоли паёмҳои алоқаманд бо ҳалати фавқулодда, талош барои барқарорсозӣ ва ҳуқуқҳо таъсиргузор буда метавонанд?

• Кадом гурӯҳҳои аҳолӣ ба расонаҳои хабарӣ дастрасӣ надоранд?
• Кадом гурӯҳҳо аз сабаби нотавонӣ (масалан одамони дорои нотавониҳои шунавоӣ ва биноӣ) ба расонаҳои хабарӣ дастрасӣ надоранд? Кадом равишҳо бояд барои дастрасии чунин одамон ба иттилоот рушд ёбанд?
• Ҷамъоварӣ ва амалӣ кардани иттилооти алоқаманд ба асосҳои рӯзмарра. Он метавонад иттилооти вобаста ба мавридҳои зеринро дар бар гирад:
• Дастрасӣ ва бехатарии маводҳои оромибахш;
• Ҳамдигарфаҳмиҳои оташбас, минтақаҳои бехатар ва дигар тасмимҳои сулҳомез;
• Рух додани ҳодисаҳои вобаста ба ҳолати фавқулодда (масалан, зӯроварӣ ё ҳолати садамотии пас аз заминҷунбӣ);
• Маҳалли ҷойгиршавӣ ва табиати хизматҳои башардӯстонаи гуногун;
• Ҷойҳои бехатар (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.1) ва хизматрасониҳои дастрас дар он ҷойҳо (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 5.1, 5.2, 5.4 ва 7.1);
• Баррасиҳои натиҷаҳои асосӣ ва тамринҳои мониторинги кӯмак;
• Тасмимҳои асосии гирифташуда аз ҷониби роҳбарони сиёсӣ роҳбарон ва мақомоти ҳамоҳангсозии башардӯстона;
• Ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳо (масалан, миқдори биринҷе, ки як шахси овора ба он ниёз дорад, ҳуқуқ ба замин ва ғ.).
• Мониторинги иттилооти алоқаманди паҳнгардида аз ҷониби ҳукуматҳо ё мақомоти маҳаллӣ, оид ба иттилооти махсуси вобаста ба масъалаҳои барқарорсозӣ.
• Пурсидани саҳмдорони гуногун дар аҳолӣ, аз он ҷумла кормандони барқарорсозӣ, дар бораи фарқиятҳои иттилооти асосӣ, ки бояд муайян шаванд (масалан, норасоии маълумот дар бораи хизматрасониҳо, ҳуқуқҳо, ҷойгиршавии аъзоёни оила ва ғ.). Кор бо наҷотёфтагон барои шиносоии намуди паёмҳое, ки бояд паҳн шаванд ва роҳҳои дурусти иҷрои он, таъсирҳои нороҳаткунандаи иҷтимоие, ки он метавонад дошта бошад.
• Шиносоии равишҳои ҷории асосии расонаҳои хабарӣ ё бадрафториҳои иттилоотие, ки бояд муайян карда шаванд. чунин равишҳо иборатанд аз:
• Паҳн намудани паёмҳои ноодилона/нафратовар;
• Пурсиши дағалонаи одамон оид ба таҷрибаҳои эмотсионалии онҳо;
• Нокомӣ дар ташкил намудани дастрасӣ ба кӯмаки равонӣ барои одамони пурсидашуда дар бораи таассуроти эмотсионалии онҳо доир ба офати табиӣ;
• Таҳқири одамон тавассути ба таври номуносиб гирифтани гузориш аз онҳо;
• Истифодабариии тасвирҳо, номҳо ё дигар иттилооти шиносоии шахсӣ бе ризояти огоҳона ё ба тавре ки наҷотёфтагонро дар хатар меандозад.

• Шиносоии равишҳои ҷории асосии расонаҳои хабарӣ, аз он ҷумла:

• Даъват кардани кормандони ботаҷрибаи соҳаи кӯмаки башардӯстона (дар минтақаи СРДПИ) барои додани тавсия тавассути расонаҳои хабарӣ;

• Таъмини тавсияи махсус тавассути пахши ахбор.

**3. Рушди робитаҳо ва нақшаи умумӣ.**

• Ба ҳадди аксар расонидани иштироки ҷомеа дар раванди рушди робитаҳо ва нақшаи умумӣ.

• Рушд додани як система барои паҳн намудани иттилооти фоидаоваре, ки фарқиятҳои шиносоишударо муайян мекунад.

• Таълим додани ташкилотҳои маҳаллии расонаҳои хабарӣ дар бораи равишҳои нисбатан фоидаовар ва нисбатан зараровар ва тарзи пешгирӣ кардани онҳо.

• Эҳтиром гузоштан ба принсипҳои махфӣ будан ва ризояти огоҳона.

**4. Эҷод кардани воситаҳо барои дастрасӣ ва паҳн намудани иттилооти дақиқ ба аҳолии зарардида.**

• Аз миёни аҳолии зарардида муайян намудани он одамон, ки дар нашр кардани иттилоот дар дохили ҷомеаҳо таъсиргузоранд.

• Ба вуҷуд овардани як идоранамоии расонаҳои хабарӣ ва робитаҳо, аз он ҷумла:

• Як рӯйхати расонаҳои хабарии маҳаллӣ бо номҳо ва ҷузъиёти тамосии асосии хабарнигороне, ки бораи саломатӣ, кӯдакон ва нияти инсонӣ маълумот ҷамъ мекунанд;

• Як рӯйхати номҳо ва ҷузъиёти тамосии рӯзноманигороне, ки доир ба ҳолати фавқулодда хабар медиҳанд;

• Як идоранамоии кормандоне, ки дар созмонҳои башардӯстонаи гуногун дар робитаҳо кор мекунанд.

• Гурӯҳҳои робитавӣ воситаҳоеро барои паҳн намудани иттилоот бо истифода аз забони маҳаллӣ эҷод карда метавонанд. Он метавонад фазои мухолифат дар истгоҳҳои пахши радио ё ҷойҳо барои лавҳаҳои таблиғотӣ дар чорроҳаҳои асосӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ё дар мактабҳо, бошишгоҳҳо ё ҷойҳои ҳоҷатхонаро дар бар гирад.

• Дар ҳолати набудани васоити ахбори омма, ба роҳ мондани механизмҳои навоварӣ, аз он ҷумла таъмин бо радио.

• Ташвиқ кардани одамони маҳаллӣ дар ҳар марҳилаи раванди робита ва ҳосил кардани боварӣ аз он, ки паёмҳо ҳамдилона (фаҳмиши ҳолати наҷотёфтагони офати табииро намоиш медиҳанд) ва фаҳмо ҳастанд (барои мисол фаҳмо барои ҷавонони маҳаллии 12 сола).

• Ташкил намудани паҳнсозии ахбор барои додани иттилоот дар бораи фаъолиятҳои махсуси башардӯстона, ки дар ояндаи наздик рух медиҳанд, барои мисол чӣ, кай, дар куҷо, кӣ фаъолиятҳоро ташкил

медиҳанд ва ғ.

• Боварӣ аз он, ки ҳодисаҳои ваҳшатноки гузашта дар расонаҳои хабарии маҳаллӣ бидуни зарурат такрор намешаванд (масалан, пешгирӣ кардани зуд зуд такроршавии видеоклипҳои лаҳзаҳои бадтарини офати табиӣ) дар хабарҳои расонаҳои хабарӣ ва боздиди минтақа. Тақвияти ташкилотҳои расонаҳои хабарӣ ва рӯзноманигорон барои пешгирӣ кардани истифодабарии тасвирҳои нодаркоре, ки ноороҳатиҳои шадидро дар байни тамошобинон ба вуҷуд меоранд. Илова бар ин, тақвияти баромади расонаҳои хабарӣ амалӣ намудани на танҳо тасвирҳо ва ҳикояҳои одамони гирифтор, балки барои чоп ва пахши тасвирҳо ва ҳикояҳои ҷаҳандагӣ ва ҳавасманд гардонидании наҷотёфтагон ба талошҳои барқарорсозӣ.

• Ба инобат гирифтани ақидаҳои расонаҳои хабарии маҳаллӣ бо бартарӣ додан ба ҷанбаъҳои гуногун, аз он ҷумла самтҳои гуногуни солимии равонӣ ва беҳбудии психологиву иҷтимоӣ, ҳикояҳои барқароршавии наҷотёфтагон, ҳамроҳ кардани гурӯҳҳои ба хатар ҳассос дар тлошҳои барқарорсозӣ ва ба тартиб даровардани тасмимҳои амалҳои ҷавобӣ.

• Нашр кардани паёмҳо дар бораи ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои наҷотёфтагон, аз он ҷумла қонун дар бораи нотавонӣ, қонун дар бораи солимии ҷомеа, ҳуқуқҳои алоқаманд бо замин барои барқарорсозӣ, бастаҳои барқарорсозӣ ва ғ.

• Ҷанбаи омодасозии паёмҳо дар бораи стандартҳои байналмилалӣ барои кӯмаки башардӯстона, аз он ҷумла стандартҳои ҳадди ақали соҳавӣ.

• Ҷанбаи таҳияи равишҳое, ки ба дастрасии одамон ба иттилоот кӯмак мекунанд (масалан, батареяҳо барои радиоҳо, насби лавҳаҳои таблиғотӣ барои рӯзномаҳои хиёбонӣ).

**5. Боварӣ аз ҳамоҳангӣ байни кормадони соҳаи алоқа, ки дар агентиҳои гуногун кор мекунанд.**

Ҳамоҳангӣ муҳим аст, барои:

• Боварӣ аз мутобиқати иттилооти нашршуда ба аҳолии зарардида;

• Осонсозии рушди платформаи иттилотии байнисохторӣ (масалан, лавҳаҳои бюлитен), яъне ҷойҳое, ки наҷотёфтагон барои ба даст овардани иттилооти зарурӣ муроҷиат карда метавонанд, аз он ҷумла иттилоот дар бораи роҳҳои мусбати мубориза бо фишори равонӣ (ниг. Лавҳаи фаъолияти 8.2).

## Захираҳои асосӣ

1. Фаъолияти кӯмаки байналмилалӣ (минбаъда) Масъалаҳои равонӣ: Аксуламали психологию иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулодда (видео).

2. КДБА (2003). Роҳнамо оид ба Дахолатҳои ВМНО/АМНБ дар ҳолатҳои фавқулодда. Лавҳаи фаъолияти 9.1: Маълумотдиҳӣ дар бораи пешгирӣ

ва табобати ВМНО/АМНБ, саҳ. 91-94. Женева: ҚДБА.
http://www.humanitarianinfo.org/IASC/content/products/docs/FinalGuidelines17Nov2003.pdf
3. OCHA (минбаъда). Густариш додани стратегияи дифои башардӯстона ва нақшаи фаъолият: Роҳнамои қадам ба қадам.
4. Идораи Котиби генералии СММ фиристодаи махсус барои барқаросозии сунамӣ (2006). Ҳуқуқ барои донистан додугирифти иттилооти умумӣ ва масъулият дар Акеҳ ва Шри Ланка. Ню Йорк: СММ.
http://www.sunamispecialenvoy.org/pdf/The_Right_to_Know.pdf
5. Лоиҳаи соҳавӣ (2004). Низомномаи башардӯстона ва стандартҳои ҳадди ақал дар амалҳои ҷавобӣ ба офати табиӣ. Женева: Лоиҳаи соҳавӣ.
http://www.sphereproject.org/handbook/index.htm
6. ЮНИСЕФ (2005). Роҳнамои ахлоқӣ барои рӯзноманигорон: Принсипҳо барои гузоришҷои ахлоқӣ дар бораи кӯдакон.
http://www.UNICEF.org/ceecis/media_1482.html
7. ЮНИСЕФ (2005). Расонаҳои хабарӣ ва ҳуқуқи кӯдакон (Чопи дуюм). Ню Йорк: ЮНИСЕФ.
http://www.UNICEF.org/ceecis/The_Media_and_Children_Rights_2005.pdf

**Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ**

• Баррасиҳо барои шиносоии вазъияти аҳолӣ оид ба дарёфти иттилооти асосӣ дар бораи ҳолати фавқулодда, талошҳо барои барқарорсозӣ ва ҳуқуқҳои онҳо роҳандозӣ карда шуданд.

• Дар ҳолати мавҷуд будани фарқиятҳо дар иттилооти асосӣ, иттилооти алоқаманд ба таври дастрас ва фаҳмо ба зергурӯҳҳои аҳолии зарардида ба чоп расидааст.

**Мисол: Заминҷубии Гуҷарат, Ҳиндустон, 2001**

• Ташкилотҳои ғайриҳукуматии маҳаллӣ ва байналмилалӣ, дар якҷоягӣ бо гурӯҳҳои фаъолияти иҷтимоии маҳаллӣ як чорабинии «Ҳуқуқҳои худро донед»-ро ташкил намуданд. Онҳо ҳамаи фармонҳои ҳукуматро риоя намуда, истилоҳҳои махсуси як гурӯҳро ба таври қонунӣ муайян карда, маводро ба осонӣ дар лавҳаҳои иттилоотӣ ба забони маҳаллӣ тарҷума карданд. Лавҳаҳо аз саволҳо ва ҷавобҳо дар бораи ҳуқуқҳои асосӣ ва меъёрҳо дар бораи тарзи истифодабарии онро иборат буданд.

• Бозиҳои хиёбонӣ, ки ҳуқуқҳои наҷотёфтагонро ба намоиш мегузоштанд, аз ҷониби ихтиёриён амалӣ карда шуд. Баъд аз ҳар бозӣ, шаклҳои барнома ҳашия карда шуданд ва барномасозон тавассути ихтиёриён дар давомӣ раванди барнома, то замоне, ки ба ҳуқуқи худ ноил мешуданд, дастгирӣ меёфтанд.

• Тамошобинон барои амалӣ намудани бақайдирии норизоятии онҳо ва барои омӯзиш додани онҳо дар бораи ҳуқуқҳояшон омода шуданд.

## *Лавҳаи фаъолияти 8.2*

### Таъмини дастрасӣ ба иттилоот дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил

**Соҳа:** Паҳн намудани иттилоот
**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

**Пешгуфтор**

Дар ҳолатҳои фавқулодда, аксарияти одамон ҳолати фишори равониро (масалан, ҳисси баланди андӯҳ, афсурдагӣ, тарс ё хашм) аз сар мегузаронанд. Дар бисёр ҳолатҳо, аксарияти шахсони зарардида бо гузашти замон худро беҳтар ҳис мекунанд, махсусан агар онҳо роҳҳои фоидаовари мубориза бо фишори равониро истифода баранд – барои мисол принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил– ва агар онҳо дастгириро аз оила ва ҷомеа дарёфт намоянд. Марҳилаи фоидаовар дар мубориза бо фишори равонӣ доштани дастрасӣ ба иттилооти мувофиқи алоқаманд бо ҳолати фавқулодда, талошҳо барои барқарорсозӣ ва ҳуқуқҳо (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 8.1*) ва дар бораи равишҳои муборизаи мусбат бо фишор мебошад.

Аз *лиҳози фарҳангӣ* дастрас намудани иттилооти омӯзишӣ метавонад як воситаи фоидаовар барои ташвиқ кардан ба равишҳои муборизаи мусбат бо фишор мебошад. Ҳадаф аз чунин иттилоот баланд бардоштани имконияти шахс, оила ва ҷомеъа барои фаҳмидани роҳҳои асосие мебошад, ки дар он аксарияти одамон барои мубориза бо омилҳои фишори равонии шадид ва барои қонеъ гардонидани таъсиргузори талаботи равонии онҳо ва дигарон тамоюл доранд. Паҳн намудани иттилоот дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил тавассути маводҳои чопшуда ё тавассути радио яке аз фаъолиятҳои асосии истифодашаванда дар ҳолати фавқулодда буда, имконияти расидан ба аксарияти одамони зарардидаро дорад.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайян кардани иттилоот дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил, ки аллакай дар байни аҳолии гирифторшуда ба офати табиӣ дастрас мебошанд.**

- Ҳамоҳангӣ бо ҳамаи ташкилотҳои алоқаманд барои муайян кардани (а) мавҷуд будани иттилооти аз *лиҳози фарҳангӣ* мувофиқ дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил ва (б) меъёре, ки ин иттилоот ба аҳолӣ расонида мешавад. Фаъолияти асоси 2-и дар поён овардашуда роҳнамоиеро дар бораи муайян кардани мувофиқ будани иттилоот дастрасро пешниҳод менамояд.

**2. Агар ягон иттилоот дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил дар ҳолати ҷорӣ дастрас набошад, рушди иттилоот ба самти равишҳои мубориза бо фишори мусбат ва аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ барои истифодабарӣ дар байни аҳолии гирифторшуда ба офати табиӣ.**

- Ҳамоҳанг кардан ва нақшаи рушди иттилоот дар бораи принсипҳои мусбати баромадан аз ҳолати мушкил бо дигар ташкилотҳо. Ҳосил кардани боварӣ аз он, ки паёмҳо барои пешгирӣ кардани нофаҳмиҳо содда ва бенуқсон ҳастанд. То ҳадди имкон, расидн ба меъёри байниагентӣ дар бораи мӯҳтавои иттилот ва то ҳадди имкон расидан ба як меъёри байнисохторӣ дар бораи мӯҳтавои иттилоот ва мувофиқат дар бораи тарзи додугирифти вазифаҳо (масалан, нашр кардан).
- Дар густариш додани мувофиқи маводҳо, шиносоии ҳудуди аксуламалҳои шахс ва ҷомеаи пешбинишуда ба омилҳои фишори равонии вазнин (масалан зӯроварӣ) ва тасдиқи роҳҳои махсуси мубориза бо фишор (масалан намозхонӣ ё расму оинҳо дар замонҳои душворӣ) хеле муҳим аст. Барои пешгирӣ кардани баррасиҳои такрорӣ, баррасӣ кардани натиҷаҳо аз баррасиҳои мавҷудбуда (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 2.1, 5.2, 5.3 ва 6.4). Норасоиҳо дар маълумот тавассути гирифтани гузориш аз одамони дорои маълумот дар бораи фарҳанги маҳаллӣ (масалан, инсоншиносони маҳаллӣ) ё тавассути роҳандозӣ кардани гурӯҳҳои мақсаднок хос пур карда мешаванд. Ҳангоми интихоби иштирокчиён барои гурӯҳҳои мақсаднок, ҳосил кардани боварӣ аз он, ки гурӯҳҳои гуногуни синнусолӣ ва ҷинсҳо дар дохили ҷомеа ба таври мувофиқ пешниҳод шудаанд. Баъзан барои шунидани дурнамоҳои гуногун шояд гурӯҳҳои ҷудогонаи мардона ва занона лозим шаванд.
- Тасдиқи равишҳои мусбати мубориза бо фишор, ки дар баъзе фарҳангҳо фоидаовар ҳастанд хеле муҳим мебошад:
- Дарёфти дастгирии иҷтимоӣ
- Ба роҳ мондани нақшаи рӯз
- Усулҳои оромшавӣ
- Фаъолиятҳои фароғатӣ
- Рӯёрӯии мардонавор бо ҳолатҳои тарснок (шояд дар якҷоягӣ бо як шарики боваринок), барои ба даст овардани мониторинги фаъолиятҳои рӯзмарра.
- Кормандон бояд худро бо равишҳои фоидаовари мубориза бо фишор ошно кунанд, яъне тавассути баррасии мисолҳои иттилооти ҳифзи худ, ки аз ҷониби дигар ташкилотҳо ё бо кӯмаки баҳсҳои гурӯҳӣ бо аъзоёни ҷомеа, ки хуб бо фишор мубориза мебаранд. Баъзан пешниҳои паёмҳо дар бораи тарзи кӯмак ба дигарон метавонад таъсиргузор бошад, зеро онҳо одамони зарардидаро барои ҳифзи дигарон ва ба таври ғайримустақим худашон ташвиқ мекунанд.

• Ҷадвали зерин роҳнамои махсусро дар бораи ‘фаъолиятҳое, ки бояд иҷро шаванд ва фаъолиятҳое, ки набояд иҷро шаванд’ барои густариш додани иттилоот барои аҳолии умумӣ дар бораи равишҳои мусбати мубориза бо фишор пешниҳод мекунад:

| Бояд иҷро шаванд | Набояд иҷро шаванд |
|---|---|
| Истифодабарии забони содда ва бурро. Ҷудо кардани вақти кофӣ барои ҳосил кардани боварӣ аз он, ки мафҳумҳо тавре талаффуз шудаанд, ки ба аҳолии маҳаллии аз 12 сола боло онро фаҳмида тавонад. Истифодабарии шеваи гуфтугӯии соддатар (масалан, истифодабарии истилоҳҳои маҳаллӣ барои калимаҳо аз он ҷумла ‘мубориза бо фишор’). | Набояд забони печида ё истилоҳоти техникӣ (масалан, истилоҳҳои рӯҳӣ/равонӣ) истифода бурда шаванд. |
| Мутамарказ шудан ба афзалиятҳои аз тарафи ҷомеа муайяншуда ва кӯтоҳ нигоҳ доштани паёмҳо, мутамарказ ва қатъӣ нигоҳ доштани паём. | Набояд дар як вақт якчанд паём истифода бурда шаванд, зеро он метавонад одамонро тааҷҷубнок ва хаста кунад. |
| Диққат кардан ба он, ки таҷрибаи фишори равонӣ баъд аз ҳодисаи хатарнок чизи оддӣ аст ва одамони таҳти таъсири як офати табиӣ дар эмотсияҳо, рафтор ва ақидаҳои худ тағйиротро ҳис мекунан. Бояд донист, ки амалҳои ҷавобӣ ба як ҳодисаи ғайриоддӣ амали муқаррарӣ аст. | Набояд рӯйхати тӯлонии аломатҳои равонӣ дар маводи барои аҳолии умумӣ пешбинишуда ворид карда шаванд (барои мисол маводҳое, ки дар ҳолатҳои клиникии беруна истифода мешаванд).* |

| | |
|---|---|
| Аҳамият додан ба равишҳои мусбати мубориза бо фишор, равишҳои ҷустуҷӯи роҳи ҳал ва пешбиниҳои мусбати барқароршавӣ ва огоҳ кардан бар зидди роҳҳои зараровари мубориза бо фишор (масалан, суиистифодаи нӯшокии спиртӣ). Мавриди ҳадаф қарор додани стратегияҳои мубориза бо фишор дар ҷомеа, оила ва шахс. | Набояд эҳтимолияти осеби психологии маводҳо барои аҳолии умумӣ сарфи назар карда шавад.* |
| Баён кардани он, ки аксарияти одамон пас аз гузаштани яканд ҳафта ва чанд моҳ худро беҳтар ҳис мекунанд. Агар фишори равонии онҳо пас аз як ҳафта кам нашавад, ё агар он бадтар шавад, онҳо бояд аз дастгириҳои умумӣ кӯмак дастрас намояд ё аз пайи кӯмаки касбӣ бошанд (ин тавсия танҳо дар ҳолати дастрас будани чунин кӯмак пешниҳод карда мешавад). Маълумотдиҳӣ дар бораи он, ки одамон чӣ тавр ва дар куҷо ин хизматрасониҳоро дастрас кард метавонанд. | Набояд доир ба дарёфти беҳбудӣ ҷадвали замонӣ пешниҳод карда шавад (масалан, «Шумо пас аз се ҳафта худро беҳтар ҳис мекунед») ва дар ҳолати дастрас набудани кӯмаки касбӣ набояд ҷустуҷӯи чунин кӯмак пешниҳод карда шавад. |
| Пурсидани аъзоёни ҷомеаи маҳаллӣ барои баррасии хуби ҳаргуна мавод. Боварӣ аз дурустии маводҳои тарҷумашуда. | Набояд маводи хаттӣ ба таври мураккаб ва забоне, ки дар навиштан истифода намешавад нашр шаванд. Ёфтани шакли ғайрихаттӣ шояд беҳтар бошад (масалан, тасвирҳо, наққошиҳо, сурудҳо, рақсҳо ва ғ.) ё тарҷума кардани маводҳо ба як забони хаттии миллӣ, ки ақалан барои як аъзои оила фаҳмо бошад. |

* Ин фаъолияте, ки 'набояд иҷро шавад" барои маводҳои ҳифзи худ нисбати аҳолии умумӣ дар ҳолатҳои клиникии беруна истифода мешавад. Рӯйхаткунӣ ва шарҳ додани аломатҳо барои маводҳо барои ҳолатҳои нигоҳубини клиникӣ ва барои онҳое, ки мушкилии равонии муайяншаванда ва аксаран мувофиқ барои дармон пешбинӣ шудаанд.

## 3. То ҳадди кофӣ мутобиқ кардани иттилоот барои муайянкунии талаботи махсуси зергурӯҳҳои аҳолӣ.

- Зергурӯҳҳои гуногун дар дохили аҳолӣ инчунин шояд равишҳои махсуси мубориза бо фишор дошта бошад, аз аҳолии умумӣ фарқ мекунанд. То ҳадди кофӣ рушд додани иттилооти ҷудогона дар бораи механизмҳои муборизаи мусбат бо фишор барои зергурӯҳҳо (масалан, мардон, занон ва (дигар) гурӯҳҳои махсуси ба хатар ҳассос: ниг. Фасли 1). Аз он ҷумла ҷанбаи махсус дар бораи 'мубориза бо фишор дар кӯдакон' ва 'мубориза бо фишор дар наврасон', ба таври хаттӣ қайд кардан, ки равишҳои муборизаи кӯтоҳмуддат бо фишор аз он ҷумла нӯшидан ё истифодаи моводи мухаддир боиси зарари дарозмуддат мешаванд.

## 4. Рушд додан ва иҷрои як стратегия барои паҳн намудани таъсиргузори иттилоот.

- Ҳарчанд ки маводҳои чопшуда (баргаҳо ва нақшаҳо) аксаран равиши муқаррарии паҳн намудани иттилоот ба ҳисоб мераванд, дигар механизмҳо аз он ҷумла радио, телевизион, расмҳо/тасвирҳо, сурудҳо, бозидани нақшҳо ё театри хиёбонӣ шояд бештар таъсиргузор бошад. Ҳамкорӣ кардан бо ҷомеа ва роҳбарони динӣ оид ба роҳҳои таҳияи иттилоти ғайрихаттӣ. Шакли аз ҳама мувофиқи таъмин ба гурӯҳи ҳадаф, сатҳи саводнокӣ ва мӯҳтавои фарҳанг вобаста аст. Масалан, маводҳои ғайрихаттӣ (масалан, китобҳои мазҳакавии намоишдиҳандаи рафтори хуб, драма) дар робита бо кӯдакон бештар таъсиргузор буда метавонанд. Як комбинатсияи равишҳои нашр барои таҳияи паёмҳои бенуқсон барои ҳадди аксар расонидани дастрасӣ ба дохили аҳолии умумӣ метавонад истифода шавад.
- Пурсидани иҷозат барои ҷойгир кардани нусхаҳои маводҳои хаттӣ дар муассисаҳои будубоши умумӣ, аз он ҷумла калисоҳо, масҷидҳо, мактабҳо ва марказҳои саломатӣ ва дар лавҳаҳои огоҳӣ ва паноҳгоҳҳо. Ҷойгир кардани маводҳо дар ҷойҳое, ки худи одамон онҳоро бо дасти худ гирифта тавонанд бештар фоидаовар аст.
- Баъзе ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ фаъмидаанд, ки сӯҳбат бо мардум ва ба онҳо пешниҳод кардани як варақа ё барга нисбат ба гузоштани варақаҳо барои ҷамъоварӣ таъсири бештар дорад, зеро аксари одамон онро намехонанд.
- То ҳадди имкон, дастрас намудани як нусхаи хаттии маводҳо дар

интернет. Ҳангоме, ки аксарияти ноҷотёфтагони офати табиӣ ба вебсайт дастрасӣ надорад, нашр кардани маводҳо бо ин равиш мубодила шудани онҳоро дар байни ташкилотҳо имконпазир намуда таҳияи онҳоро афзоиш медиҳад (Ҳамчунин ниг. Лавҳаи фаъолияти 8.1).

## Захираҳои асосӣ

1. Салиби сурхи Амрико (2004). Аз бӯҳрон ба беҳбудёбӣ, роҳ ба самти муқовимат: як роҳнамои хурди кисагӣ. Гурӯҳи равонӣ¬-иҷтимоии Салиби сурхи Амрико, Ню Деҳлӣ.

http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html

2.Комиссияи байналмилали муҳоҷирати католикӣ (КБМК) (2005). Сетелаҳ мисубаҳ (Баъд аз офати табиӣ). КБМК, Индонезия.

http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html

3. Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (2005). Баъзе стратегияҳои барои кӯмак ба оилаҳо барои мубориза бо фишори равонӣ. ТУТ, Покистон.

http://www.who.int/mental_health/emergencies/mh_key_res/en/index.html

## Нишондиҳандаи равандҳои намунавӣ

• Иттилооти ҳифзи худ, ки ба нашр расидааст, ба равишҳои мусбати мубориза бо фишор таваҷҷӯҳ дорад.

• Қисми пешбинишуда аҳолӣ ба иттилооти нашршуда дастрасӣ дорад.

• Иттилооте, ки нашр шудааст, барои аксарияти аҳолӣ фаҳмо ва аз лиҳози фарҳангӣ мувофиқ мебошад.

**Мисол: Акеҳ, Индонезия, 2005**

• Баъд аз баррасии маводҳои мавҷудбуда оид ба ҳифзи худ, кормандони маҳаллӣ аз як ТҒҲ-и байналмилалӣ барои роҳандозӣ кардани гурӯҳҳои мақсаднок барои шиносоии тарзи муомилаи одамон (аксуламали умумӣ) ва фаъолиятҳое, ки одамон барои мубориза бо фишори равонӣ истифода мебаранд, омӯзиш диданд.

• Як ҳунарпеша барои кашидани тасвирҳои нишондиҳандаи либосҳои маҳалли одамони Акеҳ ва кашидани маҳумҳое, ки одамон шинохта метавонистанд, ба таври шартномавӣ даъват шуд. Дигар маҷмӯаи тасвирҳо равиши оромшавӣ бо нафаскашии чуқурро намоиш медод.

• Брошюраҳо шарҳ дода шуда, ҳангоми ҷамъшавии мардум тақсим карда шуданд, масалан, баъд аз намози шом дар масҷид. Брошюраҳо ҳамчунин ба дигар ташкилотҳо таҳия шуданд, ки бар ивази он онҳо барномаҳои дахолатии худро пешниҳод карданд.

• Тавассути гурӯҳи ҳамоҳангсозии психологию иҷтимоӣ, агентиҳо ба таври муштарак рӯзномаҳоеро истеҳсол мекарданд, ки нигарониҳои ҷомеаи гирифтори сунамӣ ва ҷомеи шаҳрвандони маҳаллиро ба намоиш мегузоштанд. Як ТҒҲ-и маҳаллӣ таъсис ёфт ва барои идомаи истеҳсоли рузномаҳои вобаста мониторинг мешуд.

## *Лавҳаи фаъолияти 9.1*

Ворид намудани ҷанбаҳои хоси иҷтимоӣ ва психологӣ (кӯмаки бехатар барои ҳама бо назардошти таҷрибаҳои фарҳангӣ ва нақши оиладорӣ) дар таъмини ғизо ва тағзия

**Соҳа:** Амнияти ғизоӣ ва тағзия (таъмини микронутриентҳо)

**Марҳила:** Аксуламали ҳадди ақал

### Пешгуфтор

Дар аксарияти ҳолатҳои фавқулодда, гуруснагӣ ва норасоии ғизо боиси фишори равонии шадид ва осеб дидани солимии равонии аҳолии зарардида мегардад. Дар ҳоле, ки таъсирҳои равонӣ-иҷтимоии ҳолати фавқулодда метавонад ҳолати амнияти ғизоӣ ва ғизодиҳиро вайрон кунад. Дарки фаъолиятҳои муштараки байни солимии равонӣ ва амнияти ғизо/ғизоӣ (ниг. ҷадвал дар поён) ба фаъолони кӯмаки башардӯстона барои баланд бардоштани сифат ва таъсиргузории дастгирии барномаҳои кӯмаки ғизоӣ ва озуқа ва ҳифзи шарафи инсон имконият медиҳад. Рад кардани ин фаъолиятҳои муштарак ба зарар оварда мерасонад ва дар натиҷа масалан дар барномаҳое, ки одамон барои ба даст овардани ғизо соатҳои зиёд дар навбат меистанд, ба дарёфткунандагон ҳамчун ҳолати ғайриинсонӣ ва масрафкунандаи ғайрифаъол таҳдид мекунад ё шароитҳои зӯровариро ҳангоми таъмини ғизо ба вуҷуд меорад.

### Ҷадвал: Омилҳои иҷтимоӣ ва психологии алоқаманд ба кӯмаки ғизоӣ

| Омилҳои алоқаманд ба кӯмаки ғизоӣ | Намуди таъсир ва мисолҳо |
|---|---|
| Омилҳои умумии иҷтимоии (аз он ҷумла омилҳои аз пеш мавҷудбуда) алоқаманд бо амнияти ғизоӣ ва вазъияти озуқа | • Ба ҳошия рондашавиии гурӯҳҳои махсус, коҳиш додани дастрасии онҳо ба захираҳои камёб<br>• Паҳлӯҳои иҷтимоӣ-фарҳангии парҳез аз ғизо ва озуқа (эътиқодҳо доир ба ҳаром ва ҳалол ва равишҳо: кадом ғизо хӯрда шуд; ғизо чӣ тавр кишт, ҷамъоварӣ, таҳия, омода, пешниҳод ва хӯрда шуд; манъсозиҳои фарҳангӣ) |

| | |
|---|---|
| Омилҳои иҷтимоӣ ва психологиии вобаста ба ҳолати фавқулодда, ки ба амнияти ғизоӣ ва вазъияти озуқа таъсир мерасонанд | • Барҳам хӯрдани нақшҳои ҷинсият ва оила ва (масалан, марги таъминкунандаи оила)<br>• Ҷиҳатгирии нодуруст ва/ё барҳам хӯрдани асоси роҳбарони расмӣ ва ғайрирасмии ҷомеа (масалан, марги як роҳбари ҷомеа, ки кӯмакрасониро ташкил карда метавонист)<br>• Барҳам хӯрдании шабакаҳои иҷтимоии иттилоотӣ, ки ба одамони гирифтори хатар кӯмак мекарданд (масалан, ихтиёриёни таъмини нигоҳубин барои одамони бистарӣ)<br>• Норасоии амният (масалан, ҳамлаҳо ба заноне ки ҳезуми сӯзишворӣ ҷамъ мекунанд)<br>• Имконияти коҳишёфтаи шахс барои таъмини ғизо ба вобастаҳо (масалан, аз сабаби фишори равонии вазнин)<br>• Роҳгумзании шадид (дезориентатсия), ки дастрасии шахсро ба дарёфти ғизо пешгирӣ ё манъ мекунад (масалан, аз сабаби мушкилии шадиди равонӣ ё асабӣ)<br>• Тарсе, ки дастрасии шахс ё гурӯҳҳо ба дарёфти ғизоро пешгирӣ ё манъ мекунад (масалан, аз сабаби иттилооти нодуруст, шиканҷаи сиёсӣ ё эътиқодҳо ғайритабиии алоқаманд бо ҳолати фавқулодда)<br>• Аз даст додани иштиҳо (масалан, аз сабаби ғаму ғуссаи зиёд пас аз аз даст додани аъзоёни оила) |
| Таъсири гуруснагӣ ва норасоии ғизо дар бораи солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ | • Нотавониҳои ҷиддии равонӣ ё маърифатӣ, махсусан дар кӯдакони хурдсол (масалан, аз сабаби норасоии музмини ғизо, норасоии иҷтимоӣ/ангезаи эмотсионалӣ)<br>• Стратегияҳои мубориза зараровар бо фишор (масалан, фурӯхтани воситҳои муҳими рӯзгузаронӣ, танфурӯшӣ барои дарёфти ғизо, аз мактаб гирифтани кӯдакон, танҳо гузоштани аъзоёни заифи оила, аз он ҷумла кӯдакон)<br>• Вайрон кардни қонун ва муқаррарот (масалан, мубориза барои захираҳо)<br>• Аз даст додани умед ё дурнамо барои оянда (масалан, дар ҳолатҳои даргирии мусаллаҳонаи дуру дароз)<br>• Ҳиссиёти нотавонӣ ва дуршавӣ (масалан, баъд аз аз даст додани тарзи зиндагӣ)<br>• Рафтори хашмгинона (масалан, дар ҳолатҳои таъмин ё таҳияи ноодилонаи маводи ғизогӣ) |

Китоби роҳнамои соҳавӣ стандартҳои умумиро барои амнияти ғизоӣ, озуқа ва кӯмаки ғизоиро дар ҳолатҳои фавқулодда шарҳ медиҳад. Амалиёти асосии шарҳ додашуда дар поён роҳнамоеро дар бораи ҷанбаъҳои алоқаманди иҷтимоӣ ва психологӣ барои кор дар ин чунин стандартҳо пешниҳод мекунад.

**Амалҳои калидӣ**

**1. Муайян кардани омилҳои равонӣ-иҷтимоии алоқаманд бо амнияти ғизоӣ, озуқа ва кӯмаки ғизоӣ.**

- Баррасии маълумоти дастрас дар бораи ғизо ва озуқа ва дар бораи солимии равонӣ ва дастгирии психологиву иҷтимоӣ (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 2.1). Дар ҳолати зарурӣ, ташкили баррасии минбаъда дар бораи омилҳои асосии иҷтимоӣ ва психологии алоқаманд ба ғизо ва таъмини ғизо (ниг. Ҷадвали боло).
- Гузориши баррасии ғизо ва озуқа бояд бо гурӯҳҳои ҳамоҳангсозии алоқаманд мубодила шавад (ниг. *Лавҳаҳои фаъолияти* 1.1 ва 2.1) ва бояд мавридҳои зеринро дар назар гирад:
- Чӣ тавр ва то кадом андоза ноамнии ғизогӣ/норасоии ғизо ба солимии равонӣ ва беҳбудии иҷтимоиву психологӣ таъсир мерасонад ва баръакс (Ҳамчунин ниг. Стандарти умумии соҳавӣ оид ба дастгирии ғизогӣ 2 дар гурӯҳҳои ба хатар ҳассос ва баррасии соҳавӣ ва стандартҳои ташхисии 1–2 дар бораи амнияти ғизоӣ ва озуқа);
- Кадом принсипҳои психологӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд дар барномарезӣ, иҷро шудан ва раванди фаъолиятҳои кӯмаки ғизоӣ ва озуқа амалӣ шаванд.

**2. Ба ҳадди аксар расонидани иштирок дар барномарезӣ, таҳия ва таъмини кӯмаки ғизоӣ.**

- Имконпазир кардани иштироки васеъ ва маънодори ҷомеаҳои ҳадаф дар давоми баррасӣ, барномарезӣ, таҳия ва таъмин (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 5.1).
- Ба ҳадди аксар расонидани иштироки гурӯҳҳои ба хатар ҳассос, ба ҳошия рондашуда ва то ҳадде ноаён (ниг. Фасли 1).
- Бартарӣ додан ба иштироки занон дар ҳама марҳилаҳои кӯмаки ғизоӣ. Дар аксарияти ҷомеаҳои занон мудирони ғизогии оила ғизо буда, нақши мусбатро дар итминон аз беягон монеа расидани кӯмаки ғизоӣ ба ҳамаи дарёфткунандагони пешбинишуда мебозанд.
- Ҷанбаъи истифодаи кӯмаки ғизоӣ барои эҷод кардани ва/ё ҳифзи шабакаҳои иттилоотии ҳифзи иҷтимоӣ тавассути, масалан, таъмини миқдори ғизо аз ҷониби ихтиёриён дар таъмини нигоҳубини хонагӣ (Ҳамчунин ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 3.2).

**3. Ба ҳадди аксар расонидани амният ва ҳифз дар иҷро шудани кӯмаки ғизоӣ.**

- Зоҳир кардани таваҷҷӯҳи махсус ба хатаре, ки ғизо аз сабаби ҳадафҳои сиёсӣ нодуруст истифода шудааст ё, ки таҳия боиси ба ҳошия рондашавии одамони махсус мешавад ё даргириро афзоиш медиҳад.
- Пешгирӣ кардани барномарезии заиф, равандҳои бақайдгирии нодуруст ва нокомӣ дар додугирифти иттилоот, ки шояд боиси ба вуҷуд омадани фишор ва баъзан боиси рух додани зӯроварӣ ё шӯришҳо мешавад.
- Роҳандозӣ кардани ҳамаи меъёрҳои эҳтимолӣ барои ҳимоя бар зидди сӯиистифода тавассути кӯмаки ғизоӣ ва барои пешгирии зӯроварӣ, аз он ҷумла савдои ғизо барои алоқаи ҷинсӣ намудан тавассути кормандони кӯмакрасон ё шахсони дар як мавқеъ буда (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 4.2* ва *Лавҳаи фаъолияти 6.1* дар Роҳнамои КДБА оид ба фаъолиятҳо зӯроварӣ дар асоси ҷинсият дар ҳолатҳои кӯмаки башардӯстона).

**4. Ба таври мувофиқ амалӣ кардани кӯмаки ғизоӣ барои ҳифзи шахсият, тамомият ва шарафи ибтидоии саҳмдорон.**

- Эҳтиром гузоштан ба равишҳои динӣ ва фарҳангии алоқаманд бо маводи ғизоӣ ва омодасозии ғизо, таъмин кардани ин равишҳо барои эҳтироми ҳуқуқҳои инсон ва кӯмак барои ҳифзи шахсият, тамомият ва шарафи инсон.
- Пешгирӣ кардани фарқгузорӣ, тасдиқи он, ки меъёрҳо ва анъанаҳои фарҳангии маҳаллӣ баъзан ба гурӯҳҳои махсус, аз он ҷумла занон хушоянд нестанд. Шарикони кӯмаки ғизоӣ барои шиносоии фарқгузорӣ ва ҳосил кардани боварӣ аз дастрасии кӯмаки ғизоӣ ба ҳамаи дарёфткунандагони пешбинишуда ӯҳдадор ҳастанд.
- Таъмин кардани ғизои мувофиқ ва қобили қабул дар якҷоягӣ бо ҳаргуна зарфҳои хӯрокпазӣ, ки метавонанд аҳамияти махсуси фарҳангӣ дошта бошанд (Ҳамчунин ниг. Стандартҳои барномарзии соҳавии кӯмаки ғизоӣ 1–2).
- Ба таври мувофиқ додугирифт кардани иттилооти муҳим (ниг. *Лавҳаи фаъолияти 8.1*). Дар ҳолати ношинос будани воситаҳои ғизо ба дарёфткунанда, таҳия кардани тарзи дурусти омодасозии онҳо.

**5. Ҳамкорӣ кардан бо имконоти саломатӣ ва дигар сохторҳо дастгирӣ барои мурочиат.**

- Истифодабарии барномаҳои ғизо ва озуқа ҳамчун як нуқтаи воридшавии эҳтимолӣ барои шиносоии шахсон ё гурӯҳҳое, ки ба таври фаврӣ ба дастгирии иҷтимоӣ ва равонӣ ниёз доранд.
- Барои роҳанамоии махсус дар бораи мусоидат ба ангезаи кӯдакони хурдсол дар бӯҳронҳои ғизоӣ, ниг. ТУТ (2006) мурочиат ба захираҳои асосӣ.

• Боварӣ аз он, ки кормандон дар барномаҳои кӯмаки ғизо ва озуқа дар куҷо ва чӣ тавр мувофиқат кардан бо одамони гирифтори ранҷи шадиди иҷтимоӣ ва равониро медонанд.

• Баланд бардоштани огоҳӣ дар байни аҳолии зарардида ва кормандони таҳияи ғизо, дар бораи он ки норасоиҳои микроэлементҳои муайян метавонад боиси вайроншавиии рушди дарки кӯдакон шуда, метавонад ба рушди ҷанин дар батни модар зарар расонад.

• Кӯмак кардан ба кормандони соҳаи кӯмаки ғизоӣ ва озуқа барои фаҳмидани таъсири тиббии норасоии шадиди озуқа.

• Муайянсозӣ кардани хатарҳои саломатӣ ва муайян кардани одамоне, ки дар хатари пешрафта ё шадиди норасоии ғизо ба имконоти махсус қарор доранд (марказҳои ғизодиҳии таъминӣ ё дармонӣ; Ҳамчунин ниг. Стандартҳои ислоҳи соҳавии норасоии ғизо 1–3; ва *Лавҳаи фаъолияти* 5.4).

• Таваҷҷӯҳи махсус ба занони ҳомила ва ширдеҳ оид ба пешгирии норасоии микроэлементҳо.

• Ҷанбаъи нисбатан мувофиқ будани таҳияи барномаҳои ғизодиҳии мактабӣ барои муайянкунии хатари норасоии ғизо дар кӯдакон (ниг. *Лавҳаи фаъолияти* 7.1).

